Сегодня определение места Республики Таджикистан в складывающихся международных отношениях Центральноазиатского региона представляет собой достаточный научный интерес.Таджикистан, прежде всего, горная страна, расположенная на стыке Памира и Тянь-Шаня. Равнинная площадь составляет всего 7% от 142 тыс. кв. км всей пощади. Государственная граница Таджикистана имеет протяженность 4135 км, в том числе с Афганистаном на юге (включая Ваханский коридор), 495 км с КНР на востоке и северо-востоке, более 990 км с Кыргызстаном на севере и 1336 км с Узбекистаном на севере и западе. Таджикистан обладатель густой речной с 947 реками, в республике насчитывается 1300 озер. На территории Таджикистана находятся многочисленные ледники, общая площадь которых составляет 6% территории страны. На сегодняшний день в Таджикистане разведаны сотни месторождений: угля, нефти и газа, драгоценных камней, урана, золота, серебра, полиметаллов (свинец, цинк), олова, вольфрама, сурьмы, ртути и других полезных ископаемых. «Юго-Западный Таджикистан – перспективный в отношении открытия крупных месторождений углеводородов. Прогнозные запасы оцениваются в 800 млн тонн условного топлива. Таджикистан – аграрно-индустриальная страна».[3, с.341] При разработке первой Концепции внешней политики на XVIII сессии Верховного Совета Республики Таджикистан 28 декабря 1993 года председатель Верховного Совета Э. Рахмон заявил:

«Во время разработки концепции внешней политики нашей страны мы должны учесть, что Республика Таджикистан с точки зрения географического расположения, геополитического положения и своих экономических интересов входит в пять политических сегментов:

Первый сегмент - СНГ, которое, несмотря на трудности первых лет своего формирования, содержит в себе тенденцию к укреплению всесторонних связей.

Второй сегмент – Центральная Азия, которая в настоящее время стремится к экономическому и политическом единству.

Третий сегмент – пространство жизнедеятельности соседних персоязычных государств, которые хотя пока еще не пришли к какому-либо единому политическому и экономическому союзу, тем не менее притягиваются друг к другу не только историческим единством и культурными истоками, но и реальными перспективами национального развития.

Четвертый сегмент – широкий круг населенных мусульманских стран Востока, которые связаны друг с другом не только единством обычаев и духовных традиций, но также возможностями и потребностями национального развития.

Наконец, пятый сегмент – это мировое сообщество, которое, как никогда ранее, проявляет свою внешнюю и внутреннюю сплоченность и медленно, но последовательно движется в направлении единой общечеловеческой цивилизации».[3, с.347-348]

В ныне действующей Концепции внешней политики, утвержденной Указом Президента Республики Таджикистан 27 января 2015 года №332 [5], в списке национальных интересов в сфере внешнеполитической деятельности указано обеспечение энергетической независимости страны, ее продовольственной безопасности и выход из коммуникационного тупика, создание пояса безопасности и добрососедства на границах республики. Внешняя политика Республики Таджикистан определена как независимая многовекторная внешняя политика, которая основывается на безоговорочном уважении международного права и реализуется на объективной и прагматичной основе.

В Концепции внешней политики Республики Таджикистан отмечается, что приоритетным во внешней политике является выстраивание многоформатных взаимоотношений с ближайшими соседями по региону. Сотрудничество во всех сферах общественной жизни со странами ЦАР имеет важное значение для Таджикистана как суверенного государства, с точки зрения политического, экономического, военного, социального, культурного и гуманитарного развития. Это объясняется рядом причин:

- у Республики Таджикистан, как было отмечено выше, общая граница с двумя из четырех республик ЦАР: с Республикой Узбекистан и Кыргызской Республикой.

- Таджикистан является многонациональным государством, здесь наряду с таджиками живут узбеки, кыргызы и туркмены – титульные нации стран региона;

-С соседними странами региона Таджикистан связывает историческое прошлое, общность цивилизации и менталитета;

- Таджикистан, как и другие страны региона, пользуется единой транспортно-коммуникационной системой, которая включает в себя железные и автомобильные дороги, газопровод межгосударственного значения, линии электропередач и т.д.

- Таджикистан импортирует нефтепродукты, природный газ, электроэнергию ( в зимний период), муку, глинозем, машины, оборудование, механизмы и их части, средства наземного, воздушного и водного транспорта, бумагу, печатные материалы, промышленные и продовольственные товары из республик Центральной Азии.

- Таджикистан также экспортирует в страны региона первичный алюминий, хлопковое волокно, промежуточную продукцию горнорудной промышленности, электроэнергию, минеральные азотные удобрения, строительные материалы, продукты растительного происхождения, промышленные продукты.

- Таджикистан объединяет со странами региона наличие таких общих региональных проблем, как безопасность, международный терроризм, религиозный экстремизм, наркотрафик, транснациональная преступность, сепаратизм, социальные и гуманитарные вопросы, трудовая миграция, экологические проблемы, такие как высыхание Аральского моря, опасность прорыва Сарезского озера, загрязнение рек радиоактивными и токсичными отходами уранового производства и т.д.

Исходя из этого, руководство Таджикистана с первых дней обретения государственной независимости осознанно выступало за активные интеграционные процессы в регионе. Республика ратовала за создание таких региональных организаций, как ЦАЭС, а затем ЦАС, и активно принимала участие в их работе. Она поддержала вступление Республики Узбекистан в ЕврАзЭС (ЕАЭС), ШОС, куда входят все страны региона, кроме Туркменистана. Именно Таджикистан был инициатором привлечения Исламской Республики Афганистан к работе в таких региональных организациях, как ОЦАС, ЕврАзЭС и ШОС.[16, с.460]

В январе 2006 г. после вступления Узбекистана в ЕврАзЭС, ОЦАС была расформирована. И в этой связи Президент Республики Казахстан Н. А. Назарбаев вновь предложил создать сугубо региональную организацию - Союз Центральноазиатских Государств (СЦАГ). О необходимости создания специальной организации в Центральной Азии с целью укрепления и развития региональной интеграции говорил и Президент Эмомали Рахмон в своем послании в Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 30 апреля 2007 г. Дело в том, «что в регионе существуют сугубо внутренние проблемы, которые могут решить только сами центральноазиатские государства. Это вопросы

рационального и взаимовыгодного использования водных и гидроэнергетических ресурсов, водохозяйственных сооружений, создания общей инфраструктуры объединенных транспортно-коммуникационных систем, пограничные вопросы и т.д.» [16, с.462] Противники создания СЦАГ первым долгом указывают на, по их мнению, неэффективную работу таких региональных организаций, как Единое Экономическое Пространство (ЕЭП, 1994 г.), которая в 1998 г. трансформировалась в Центральноазиатское Экономическое Сообщество (ЦАЭС), ставшее, в свою очередь, в 2002 г. базой для Организации Центрально- азиатского Содружества (ОЦАС), которая была вынуждена прекратить свое существование 25 января 2006 г., в связи со вступлением Республики Узбекистан в ЕврАзЭС.

Что касается работы ОЦАС, то следует отметить, что именно в рамках этой организации в результате активной работы большинства государств-членов были разработаны концепции международных водноэнергетического, продовольственного и транспортного консорциумов, которые были одобрены решением заседания Совета Глав Государств ОЦАС от 18 октября 2005 г. В соответствии с данным решением правительствам сторон оставалось лишь разработать проекты соглашений о создании этих консорциумов. С целью выполнения этого поручения Совета Глав Государств эксперты из Казахстана, Кыргызстана и Таджикистана встречались дважды - в г. Алматы (10-11 февраля 2005 г.) и в г. Бишкеке (14-15 марта 2005 г.).[14, с.56]

Одной из основных причин того, что такие центральноазиатские региональные организации, как ЕЭП, ЦАЭС и ОЦАС не смогли стать фактором укрепления и развития интеграционных процессов, а также формирования эффективной, взаимовыгодной системы регионального сотрудничества, заключалась в несовершенстве механизмов принятия решений. Как правило, решения в этих организациях принимались консенсусом и исполнялись государствами-членами в соответствии с их национальными законодательствами, что создавало некоторым странам возможности для невыполнения или игнорирования поставленных перед ними задач.

Необходимо отметить, что Республика Таджикистан сегодня в качестве одной из задач внешней политики считает участие страны в деятельности интеграционных структур, куда входят и страны региона, таких как СНГ, ШОС, ОДКБ, ОИС, ОЭС, СВМДА. В Концепции указана общность целей и задач, стоящих перед государствами Центральной Азии, предопределена необходимость расширения и углубления отношений с Узбекистаном, Казахстаном, Туркменистаном и Кыргызстаном на основе доверия, дружбы и взаимовыгодного сотрудничества. [3, с.350] Таджикистану принадлежит 57,3 % всех гидроэнергетических ресурсов ЦА, из которых на сегодня реализованы лишь 5 %. Суммарные потенциальные гидроэнергетические ресурсы страны составляют 527 млрд. кВт/ч., что, по подсчетам таджикских экономистов, выражается в потенциальных мощностях 60 200 мВт. А с завершением строительства Рогунской ГЭС (3 600 тыс. кВт/ч.), ГЭС Сангтуда-1 (670 тыс. кВт/ч.) и Сангтуда-2 (220 тыс. кВт/ч.), а также с возведением каскада Пянджских (17 млн. кВт/ч.), Зарафшанских (18 млрд. кВт/ч.) и Вахшских (до 10 млн. кВт/ч.) ГЭС Республика Таджикистан сможет не только полностью обеспечить себя электроэнергией, но и стать потенциально самым крупным и мощным поставщиком дешевой электроэнергии в Иран, Пакистан, Афганистан, Китай, Россию, северные и северо-западные штаты Индии, а также в афроазиатские страны, что позволит ей реально влиять на развитие экономик государств ЦА.[16, с.464]

Таджикистан по удельным показателям запасов гидроэнергоресурсов занимает первое место в мире, а по абсолютным показателям (300 млрд. кВт/час в год) - восьмое.[16, с.464] Чтобы использовать эти огромные гидроэнергетические ресурсы, нужны инвестиции. Таджикистан заинтересован в проявлении интереса со стороны стран региона в этом вопросе. Интерес к ним проявил Казахстан, Узбекистан.

Таджикистан имеет все возможности стать транспортным узлом, связующим страны Центральной Азии с такими экономически мощными и стремительно развивающимися странами, как Япония, Китай, Индия, а также с государствами Юго-Восточной Азии,

Ираном, Пакистаном и др. Как обоснованно пишет автор статьи «Коммуникационные проекты Республики Таджикистан», строительство трансконтинентальной автомагистрали через Ташкент - Душанбе или Термез - Душанбе - Кульма с выходом на Каракорумское шоссе дает Республике Таджикистан возможность, с одной стороны, выйти на Китай и дальше - к Японии и странам Азиатско-Тихоокеанского региона, с другой стороны - к Пакистану, Индии и обеспечить выход к океану (порт Карачи). К тому же, если на юго-восточном направлении построить железную дорогу из Таджикистана в Китай по маршруту Орджоникидзеабад - Иркештам - Кашгар - Урумчи, которая обеспечит кратчайший путь из Центральной Азии в Китай, то это даст толчок промышленному развитию близлежащих районов этих стран. Завершилось строительство автодорог Душанбе - Айни - Бустон - Чанак, Душанбе - Куляб - Хорог - Мургаб - Кульма, Душанбе - Гарм - Джиргатал - Сариташ, туннелей «Истиклол» (Анзоб), «Шахристан», «Шаршар» и «Чормагзак». Север и юг Республики Таджикистан круглогодично связывает транспортный туннель на перевале Анзоб, который помог снизить порог транспортной и транзитной зависимости от Узбекистана. Таджикистан в развитии своей внешнеполитической деятельности в ЦАР, направленной на региональную интеграцию, исходит из того, что государства региона связывают общие границы, совместно используемые речные бассейны, энергосистема, сеть автомобильных и железных дорог, традиционный внутренний рынок, общие интересы и общие социально-экономические проблемы. Интеграция является объективной необходимостью.

Интеграция экономик центральноазиатских государств, разработка единой внешнеэкономической политики, единой таможенной и налоговой систем, создание единой региональной наземной и трубопроводной транспортной систем, проведение согласованной политики в области использования топливно-энергетических и водных ресурсов, а также формирование единой системы безопасности позволят не только преодолеть экономическую и политическую изоляцию всех центральноазиатских государств, но и превратить Центральную Азию в самостоятельный крупный центр социально-политического и экономического развития, интегрированный в мировую систему. Освоение только одной трети гидроресурсов Центральной Азии, которые в совокупности составляют 900 млрд. кВт/ч., по мнению специалистов, «позволит преобразить не только экономику, но и жизнь Центральной Азии в целом и войти по производству электроэнергии на душу населения в число ведущих государств мира».[16, с.468]

И все это бесспорно отвечает национальным интересам всех, без исключения, стран региона. Интеграция центральноазиатских государств необходима для устойчивого развития региона, а также поддержания мира и стабильности на региональном и глобальном уровне. Это - надежный способ защиты от конкуренции мирового рынка и от экономической экспансии глобализацией, ибо глобализация мировой экономики требует создания крупных объединенных рынков. Иначе государства региона в одиночку не смогут противостоять геоэкономическому нашествию крупных региональных и мировых держав. Исходя из этого, странам Центральной Азии необходимо пойти на серьезную интеграцию региона, а не оставаться вечным сырьевым придатком мировой экономики.

Сегодня государства региона являются в основном лишь поставщиками сырья - нефти и нефтепродуктов, природного газа, продукции цветной и черной металлургии, хлопка и др. Однако в процессе реальной и эффективной региональной интеграции они могут превратиться в производителей готовой продукции, конкурентоспособной на мировых рынках, что поможет им стать более мощными.

Дальнейшая интеграция центральноазиатских стран - это путь к стабильности, прогрессу, экономической и военно-политической независимости. Только так можно эффективно обеспечить безопасность, бороться с международным терроризмом и религиозным экстремизмом. Таджикистан исходит из того, что если будет на то политическая воля руководителей центральноазиатских государств, то все имеющиеся препятствия к региональной интеграции можно легко устранить. Тем более что есть

достаточное количество уже принятых документов, которые призваны были содействовать углубленной интеграции в рамках региона.

Объективные реалии сегодня таковы, что Республика Таджикистан не может нормально развиваться без остальных государств Центральной Азии, так и остальные государства региона, даже самые развитые и продвинутые, не смогут обходиться без Республики Таджикистан. Такова историческая судьба всех стран региона, который называется Центральной Азией.

Важность добрососедских широкоформатных отношений между странами региона является основополагающим фактором регионального развития и обеспечения безопасности в регионе в целом.

**Рецензент:** ***Саидов Х.С.*** **–доктор исторических наук, профессор РТСУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Алиджанова А.Х. Некоторые аспекты внешней политики Республики Таджикистан на современном этапе // Вестник ТГУПБП. 2011. №3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/nekotorye-aspekty-vneshney-politiki-respubliki-tadzhikistan-na-sovremennom-etape (дата обращения: 16.09.2021).
2. Алиева Р.Р. Формирование основополагающих принципов внешней политики Республики Таджикистан // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. 2014. №4 (41). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/formirovanie-osnovopologayuschih-printsipov-vneshney-politiki-respubliki-tadzhikistan (дата обращения: 16.09.2021).
3. Внешняя политика стран СНГ : учебное пособие для студентов вузов / М.М. Агазаде [и др.].. — Москва : Аспект Пресс, 2019. — 496 c. — ISBN 978-5-7567-1009-0. — Текст : электронный // Электронно-библиотечная система IPR BOOKS : [сайт]. — URL: https://www.iprbookshop.ru/87964.html (дата обращения: 16.09.2021).
4. Валаматзаде Т.Г. Энергетическое сотрудничество государств ЦА как основа экономического процветания региона//Научно-практическая конференция «Республика Таджикистан и государства ЦА: пути и перспективы сотрудничества» (Душанбе, 31 марта 2008 г.)
5. Концепция внешней политики Республики Таджикистан, утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 года, № 332. URL:https://mfa.tj/ru/main/view/988/kontseptsiya-vneshnei-politiki-respubliki-tadzhikistan (дата обращения 12.09.2021)
6. Международные отношения в Центральной Азии: события и документы: учеб. пособие для студентов вузов / А.Д. Богатуров, А.С. Дундич, В.Г. Коргун и др.; отв. ред. А.Д. Богатуров. - М.: Аспект Пресс, 2011. - 549 с.
7. Многовекторная дипломатия Таджикистана.(Статьи, интервью, выступления, хроника визитов и встреч). Душанбе: ООО «Офсет», 2010. 352 с.
8. Рахмон Эмомали.О современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан - Душанбе: ООО"Контраст",2019.- 222с.
9. Саидов З.Ш. (Сайидзода З.Ш.), Темуров Ф.С. К вопросу об исследовании политических аспектов межгосударственных отношений Республики Таджикистан в период становления и развития её внешней политики. – Душанбе: ООО «Контраст», 2019. – 48 с.
10. Саидов З.Ш. (Сайидзода З.Ш.) 25 лет внешней политики Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона (1992 – 2017 гг.): исторические аспекты становления и развития: Монография. - Душанбе: Контраст, 2020. – 336 с.
11. Саидов Х.С., Наимов И.Н. Новые независимые государства Центральной Азии: становление и развитие как акторов международных отношений. Учебное пособие / Х. С. Саидов, И.Н. Наимов. - Душанбе. РТСУ, 2019 - 453 с.
12. Саидов Х.С. Республика Таджикистан и Российская Федерация: стратегическое партнерство в действии. Монография /Х.С. Саидов. - Душанбе. РТСУ, 2018. - 239 с.
13. Саидов З.Ш. (Сайидзода З.Ш.) Об эволюции, характере и способах осуществления внешней политики Республики Таджикистан в период её становления // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. 2014. №3 (40). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ob-evolyutsii-haraktere-i-sposobah-osuschestvleniya-vneshney-politiki-respubliki-tadzhikistan-v-period-eyo-stanovleniya (дата обращения: 16.09.2021).
14. Центральная Азия : проблемы и перспективы (взгляды из России и Китая) : сборник статей / Под ред. К. А. Кокарева, Д. А. Александрова, И. Ю. Фролова.– Москва: Государственное научно-исследовательское учреждение - Российский институт, 2013. ISBN:978-5-7893-0170-8
15. Центральная Азия и внешние державы // Журнал «PRO et CONTRA» (ЗА и ПРОТИВ). – М.: Издательство «ARTCODEX», 2013. URL: https://carnegieendowment.org/files/ProEtContra_58_all.pdf (дата обращения 14.09.2021) ISSN 1560-8913

16. Центральная Азия: Внешний взгляд. Международная политика с центральноазиатской точки зрения. - Б.:2009. - 638 с. URL: https://bilim.akipress.org/lib/book:585/tsentralnaya-aziya-vneshnij-vzglyad-mezhdunarodnaya-politika-s-tsentralnoaziatskoj-tochki-zreniya//?f=cp

## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: САМТҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

Интиҳои асри XX бо тағйирот дар сохтори геополитикии ҷаҳон ва бо оқибатҳои мувофиқи аз он бароянда шӯҳрат ёфт. Яке аз мамлакати абарқудрат - ИҶШС – мавҷудияти худро хотима бахшида, дар қаламрави он давлатҳои нави мустақил ба миён омаданд, ки ин раванд сохтори муносибатҳои байналхалқиро куллан тағйир дода, ба оғози ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ овард. Марҳилаи ибтидоии барқароршавии истиқлолияти ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳоди шӯравӣ хеле мураккаб мегузашт. Вазъияти мураккабе, ки дар Осиёи Марказӣ баъд аз бадастории истиқлолият ба миён омад, ба сиёсати дохиливу хориҷии давлатҳои ҷавони соҳибистиқлол асаргузор гардид. Дар ин давра зиддият ва ихтилофоти зиёде ҳам дар сатҳи миллӣ байни мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳам дар муносибатҳои байнидавлатӣ ба миён омад, ки ин масоилҳоро ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, низоъҳои бепоёни Афғонистон, бавуқӯъоии аввалин низоъҳо дар муносибатҳо байни давлатҳои минтақа аз рӯи масъалаҳои сарҳадҳои давлатӣ, масоилҳои обӣ –энергетикӣ ҳамроҳӣ мекард. Имрӯз бо гузашти 30 соли барқароршавии давлатҳои нави мустақил дар Осиёи Марказӣ, тарҳҳои нави муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба хеле аниқ намудор мегарданд, ҳар як давлат самтҳои сиёсати хориҷии худро ташаккул додааст, ки ба манфиатҳои миллии мамлакатҳои худ ҷавобгӯянд. Барои он ки ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зернизоми Осиёи Марказӣ ошкор гардад, мувофиқи мақсад мебуд махсусияти самтҳои сиёсати хориҷии мамлакатҳои минтақа тавсиф ёфта, инчунин самтҳо ва мақсадҳои фаъолияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои мутақобила бо мамлакатҳои минтақа ошкор карда шавад.

**Калидвожаҳо:** сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаи Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон, муносибатҳои мутақобилаи мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, муҳити сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ, самтҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон, махсусияти вазъи сиёсии МОМ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва Осиёи Марказӣ.

## РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН В МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ ЦАР: ВЕКТОРЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ

Конец XX века ознаменовался изменениями в геополитической структуре мира с вытекающими отсюда соответствующими последствиями. Одна их великих держав - СССР - прекратила свое существование и на ее территории образовались новые суверенные государства, что коренным образом изменило структуру международных отношений и привело к началу формирования нового мирового порядка. Начальный этап становления суверенитетов бывших постсоветских стран происходил достаточно болезненно. Сложная ситуация, сложившаяся в Центральной Азии после обретения независимости, наложила отпечаток на всю внутреннюю и внешнюю политику молодых независимых государств. В этот период проявились многочисленные разногласия и противоречия как на национальном уровне среди стран ЦАР, так и в межгосударственных отношениях, которые сопровождались гражданской войной в Таджикистане, нескончаемым конфликтом в Афганистане, появлением первых трений в отношениях между государствами региона по вопросам государственных границ, водно-энергетических проблем. Сегодня, по прошествии 30-летнего периода становления новых независимых государств в Центральной Азии, достаточно четко вырисовываются контуры двусторонних и многосторонних отношений между государствами в регионе, каждым отдельным государством сформированы свои векторы внешней политики, отвечающие национальным интересам своих стран. Для того, чтобы выявить место Республики Таджикистан в региональной подсистеме Центральной Азии, представляется целесообразным охарактеризовать особенности внешнеполитических векторов стран региона, а также выявить векторы и цели внешнеполитической деятельности Республики Таджикистан во взаимоотношениях со странами региона.

**Ключевые слова:** внешняя политика Республики Таджикистан, Центральноазиатский регион во внешней политике Таджикистана, взаимоотношения стран региона Центральной Азии, политическая среда региона ЦАР, векторы внешней политики Таджикистана, специфика политической конъюнктуры ЦАР, Республика Таджикистан и Центральная Азия.

## THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE INTERNATIONAL RELATIONS OF THE CARS: VECTORS OF FOREIGN POLICY

The end of the 20th century was marked by changes in the geopolitical structure of the world with the ensuing corresponding consequences. One of the great powers, the USSR, ceased to exist and new sovereign states were formed on its territory, which radically changed the structure of international relations and led to the beginning of the formation of a new world order. The initial stage of the formation of the sovereignty of the former post-Soviet countries was rather painful. The difficult situation that has developed in Central Asia after gaining independence has left an imprint on the entire domestic and foreign policy of the young independent states. During this period, numerous disagreements and contradictions appeared both at the national level among the CAR countries and in

interstate relations, which were accompanied by the civil war in Tajikistan, the endless conflict in Afghanistan, the appearance of the first frictions in relations between the states of the region on state borders, water and energy problems. Today, after a 30-year period of the formation of new independent states in Central Asia, the contours of bilateral and multilateral relations between states in the region are quite clear, each individual state has formed its own vectors of foreign policy that meet the national interests of their countries. In order to identify the place of the Republic of Tajikistan in the regional subsystem of Central Asia, it seems appropriate to characterize the features of the foreign policy vectors of the countries of the region, as well as to identify the vectors and goals of the foreign policy of the Republic of Tajikistan in relations with the countries of the region.

**Keywords:** foreign policy of the Republic of Tajikistan, the Central Asian region in Tajikistan's foreign policy, relations between the countries of the Central Asian region, the political environment of the CAR region, vectors of Tajikistan's foreign policy, the specifics of the political situation in the CAR, the Republic of Tajikistan and Central Asia.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Негматова Шаҳноза Рӯзиевна*** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи славянии Русия ваТоҷикистон, докторанти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30. E-mail: **negmatova.sh@mail.ru**.

**Сведения об авторе*: Негматова Шахноза Рузиевна*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры международных отношений и дипломатии, докторант Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Мирзо Турсунзода 30. E-mail: **negmatova.sh@mail.ru**

**Information about the author**: ***Negmatova Shakhnoza Ruzievna*** - Russian-Tajik (Slavonic) University Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of International Relations and Diplomacy, doctoral student of the Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Mirzo Tursunzoda street 30. E-mail: **negmatova.sh@mail.ru**

**УДК:930(575.3)**

# АХБОРИ НОДИР РОҶЕЪ БА ҲОКИМИ МУҒУЛИИ МОВАРОУННАҲР – ТАРМАШИРИН ДАР «САФАРНОМА»-И ИБНИ БАТТУТА

***Ҳамза Камол***

**Инстиути,таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ**

Пиромуни ҳокими чағатоии Мовароуннаҳр, Тармаширин ва замони ҳукумати ӯ муаллифони сарчашмаҳои таърихии садаҳои миёна бо ҳам ихтилофи назар доранд. Соли охири ҳукумати ӯ, ки дар осори илмӣ соли 1334 зикр шудаст, низ суолбарангез аст. Бо иттико ба ахбори Ибни Баттута дар ин мақола кӯшиши танвире ба ин масъала хоҳад шуд. Сайёҳи мағрибӣ Шарафуддин Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Иброҳими Тунҷӣ маъруф ба Ибни Баттута (1304-1377) ба ҳангоми диданаш аз Мовароуннаҳр, ки дар баҳор ва авоили тобистони соли 1335 иттифоқ афтода буд, панҷоҳу чаҳор рӯз дар пойтахти султон Тармаширин, шаҳри Насаф таваққуф карда [8, 450], суҳбатҳои тӯлоние бо ин хони муғулии Мовароуннаҳр дошт, ки дар «Сафарнома»-и хеш зикри муфассале аз онҳо намудааст. Ибни Баттута чун шоҳиди айнӣ ахбореро роҷеъ ба Тармаширин ва ҳукумати ӯ дар рисолааш баён мекунад, ки арзиши бисёр муҳим таърихӣ дошта, дар он нукоте дар савонеҳи ҳоли Тармаширин ҷой доранд, ки усулан дар дигар манобеи таърихӣ зикр нашудаанд.

Баъди ишғоли Мовароуннаҳр аз ҷониби муғулон то нимаи дувуми асри XIII, ки зарби шамшери онҳо аз хотири сокинони ин сарзамин то он замон зудуда нашуда буд ва ҳанӯз вайронаҳои шаҳру деҳоти Мовароуннаҳр ёде аз ваҳшату даҳшати ишғоли муғулон мекард, ҳокимони муғулии ин сарзамин ва қабоили муғулие, ки шабеҳи муру малах ба Мовароуннаҳр сарозер шуда буданд, ошкоро пайравӣ аз оини бутпарастии хеш мекарданд. Ин сарзамини таърихии аҷдоди тоҷикон – Варазрӯд, ки баъди ишғоли арабҳо Мовароуннаҳр ном гирифт, чун сарзаминҳои ишғолии Ҳамфтрӯд ва Туркистони Шарқӣ шомили қаламрави зери фармони писари Чингиз – Чағатой шуда, мусаммо ба улуси Чағатой гардида, аз соли 1227 то соли 1370 Чағатой ва

чағатоиҳо дар ин кишварҳо ҳукумат карданд.

Чағатой худ душмани собитқадами ислом буд ва ба иҷрои он муқаррароти Ёсо исрор меварзид, ки бо шариати ислом мухолифат дошт [14, 55]. Баъди солҳои шастуми асри XIII эҳсоси заъфи нуфузи муғулон дар ҷомеаи Мовароуннаҳр ба назар мерасад. Баъзе хонҳои муғул зери таъсири фарҳанги тоҷикӣ ва бештар аз ҳама барои бақои қудрати худ дар Мовароуннаҳр маҷбур шуданд аз кеши бутпарастии хеш даст кашида, ислом биёваранд. Набераи Чағатой ва абераи Чингиз - Муборакшоҳ писари Қаро Ҳулоку, ки дар ҷадвали асомии ҳокимони муғулии «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ шашумин нафар аст, [13, 31] аз зумраи нахустин ҳокими муғулии Мовароуннаҳр буд, ки дар муддати ниҳоят кӯтоҳи ҳукуматаш (апрели 1265 - сентябри 1265) ошкоро дини исломро пазируфт [14, 55]. Аммо ҳанӯз ҳам ҳокимони муғулӣ наметавонистанд ва ба эҳтимоли зиёд намехостанд имтиёзе ба фарҳангу тамаддуни сокинони маҳаллӣ – тоҷикон қоил шаванд. Ин буд, ки баъди ба сари ҳокимият омадани Дуво (Даво Чичон, Туво: 1291-1306) ва писарони ӯ Кунчек (1306-1308), Эсен Буғо (1309-1318), Кебек (1318-1326) онҳо ба ойини бутпарастии хеш содиқ монданд. Кебек, бо вуҷуди ин ки то дами марг бутпараст монд, аммо пиромуни худ рӯҳониюни тоҷик ва бозаргонони онро гирди ҳам овард ва сиёсати тамаркуз бахшидан ба ҳокимиятро пеш гирифт, ки хилофи усули давлатдории муғулӣ дар ин сарзамин буд. «Кебек, -менависад Ибни Баттута, -мусулмононро икрому эҳтиром менамуд» [8, 447] ва Хондамир мегӯяд, ки «ба иттифоқи муаррихон Кепекхон мазҳари осори адлу эҳсон ва матлаи анвори лутфу имтинон буд» [7, 90].

Имтиёз бахшидан дар умури идории давлат ба тоҷикони шаҳрнишин таниши дохилии давлатро шиддат бахшид. Буҳрон замоне рух дод, ки хони навбатии чағатоии Мовароуннаҳр Тармаширин, бародари Кебек ба хотири тақвияти қудрати хеш дар Мовароуннаҳр исломро пазируфта, ба худ исми Алоуддинро гирифт, ки муҷиби муқовимати навмедкунандаи пешвоёни қабоили муғулӣ ва туркӣ гардид [8, 422-423]. Дар ин иртибот Муинуддини Натанзӣ мефармояд: «Баъд аз бародар (Тармаширин) бар сарири салтанат мутамаккин шуд, аммо қалами ёсоқ бар рақами асомии уруғ ва қиёши худ кашида, абвоби сиёсатро масдуд гардонид ва ба воситаи он халали тамом турои қоҳира роҳ ёфт ва ба ҳар гӯшае мутағаллибе сар баровард» [12, 90].

Ба ин сиёсати Тармаширин, ки ошкоро ба таври умум ба мусулмонон ва ба таври хос ба сокинони Мовароуннаҳр муносиб буд, ашрофи низомӣ-кӯчии муғул хасмона муносибат мекарданд. Бо ин ҳама Тармаширин дар Мовароуннаҳр қудрати худро ҳифз кард, аммо дар Муғулистон аз ин амали ӯ хашмгин шуданд ва дар интизори фурсати муносибе барои аз миён бардоштани ӯ менишастанд.

Аз замони гаравидани Тармаширин ба дини ислом ба баъд мазҳаби расмии хонҳои муғулии Мовароуннаҳр ва муғулони муқими он сарзамин, ки аз аҳди вазорати Масъудбек (амири Мовароуннаҳр солҳои 1238-1289) ва хонии Бароқхон (1266-1271) ба ислом тамоюл пайдо карда буданд, расман дини ислом гардид [1, 583]. Сабаби асосии ин амал чуноне ки зикр шуд, на аз муҳаббату садоқати хонҳои муғул ба ислом, балки барои пойдории ҳукумати худ дар Мовароуннаҳр онҳо аз кеши бутпарастӣ даст кашиданд, зеро медонистанд, ки мардум ба хотири оини бутпарастияшон ба онҳо ошкоро ҳам набошад, аммо дар ниҳон нафрат доранд. Бинобар ин, ба хотири таваҷҷуҳи қишри асосии ҷомеаи Мовароуннаҳро ба худ ҷалб кардан ва пояҳои иҷтимоии худро тақвият бахшидан, Тармаширин дини исломро қабул намуд ва ба худ исми султон Алоуддинро гирифт. Муҳаққиқи эронӣ Ш.Баёнӣ низ ба ин назар аст, ки «коргузорони ҷағатоӣ ба вузӯҳ дарёфта буданд, ки дин (-и ислом) пуштибони бузурге барои элхониён ва ҳамчунон барои улуси Ҷуҷӣ дар пешбурди сиёсатҳои минтақаии онон аст» [3, 280].

Ибни Баттута аз Тармаширин чун султони муаззам, подшоҳе баландқадр, неруманд, додгустар ёд мекунад, ки кишвари паҳновар ва сипоҳиёни бешумор дошт ва пас аз бародари худ Илҷукутӣ (Илчигидой) ба салтанат расид [8, 447].

Аз дидорбинии аввалини худ Ибни Баттута менависад, ки чи гуна ӯ ин хони муғулро дар хиргоҳаш дарёфтааст ва тавсифи Баттута пиромуни муқаррароти

пазироии хони муғул мунҳасир ба фард аст: «Боре дохили хиргоҳ (-и Тармаширин) рафтам ва подшоҳро дидам нишаста бар курсии минбармонанде, ки пӯшише аз абрешими зарбофт дошт. Андаруни хиргоҳро низ аз ҳамон навъ порча кашида буданд. Тоҷе мурассаъ ба ҷавоҳиру ёқут аз болои сари подшоҳ овехта буд, ки то сари подшоҳ ба андозаи як зироъ фосила дошт. Умарои бузург аз чапу рост рӯи сандалиҳо қарор доштанд ва шоҳзодагон бодбезҳо дар даст фарорӯи султон буданд. Ноиб ва вазиру ҳоҷиб ва соҳиби аломат (муҳрдор) дами дари хиргоҳ буданд, ки ҳар чаҳор тан ба вуруди ман ба пой бархостанд ва бо ҳам ворид шудем» [8, 448-449]. Дар идома Ибни Баттута менависад, ки: «Аз ин пас (яъне аз замони шиносоӣ бо Тармаширин) намозро бо султон ба ҷой меовардам ва агарчи дар он рӯзҳо сармои шадиду муҳлике ҳукмфармо буд, султон намози ҷамоатро субҳу шом тарк намекард ва пас аз намози субҳ то ҳангоми тулӯи офтоб бар саҷҷода менишаст ва авроду аскоре ба туркӣ мехонд» [8, 449].

Ибни Баттута ба ин нукта мултафит мешавад, ки баъди гузашти як садаву андаке аз ҳодисаи муғул дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр нуфузи аҳли тариқату шариат ва илми ин сарзаминҳо ба намояндагони ҳукуматгари муғулӣ ошкоро ба назар мерасад. Дар зимн ӯ ҳикояти ба намоз таъхир кардани Тармаширин ва ӯро интизор нашудани имоми масҷид хеле ҷолиб аст, ки иқтибоси он ин ҷо ба маврид аст ва далели тасдиқи суханҳои фавқуззикр роҷеъ ба зери бори нуфузи қишри мизонулҳавои ҷомеа – рӯҳонияти Мовароуннаҳр рафтани хони муғул мебошад: «Рӯзе ба ҳангоми намози аср яке гумоштагон саҷҷодаи вай (Тармаширин)-ро ба масҷид овард ва ҷилави меҳроб дар маҳалле, ки маъмули вай буд, бигустард ва ба имом Ҳисомуддини Ёғӣ (имоми ҷамоат) гуфт: «Мавлоно (яъне Тармаширин) мехост қадре мунтазири ӯ бошед, то вузӯ бисозад». Имом бархосту гуфт: «Намоз барои Худо ё барои Тармаширин?» Ва муаззинро бифармуд, то иқома бигӯяд. Султон ҳангоме фаро расид, ки ду ракъати аввал хонда шуда буд ва ночор ду ракъати охирро наздики кафшкаши масҷид бо ҷамоат хонд ва ду ракъати нахустинро худ ба таври инфиродӣ адо кард. Он гоҳ пеши имом омаду бо вай мусофиҳа кард ва бо рӯи хандон ҷилави меҳроб паҳлуи ӯ нишаст. Ман низ паҳлуи имом будам ва ӯ рӯй ба ман карду гуфт: «Вақте ба кишвари худ рафтӣ, бигӯ, ки дарвеши эронӣ бо султони турк чунин муомила мекунад» [8, 449-450].

Ибни Баттута пас аз панҷоҳу чаҳор рӯз таваққуф дар Насаф азми сафар ба ҷониби Хуросон мекунад. Дар рӯзи сафари Баттута Тармаширин ба ӯ ҳафсад динори нуқра дода, як пӯстини самур, ки ба қавли муаллиф ба сад динор меарзид, ба ӯ ҳадя мекунад. «Пӯстинро, -менависад Ибни Баттута, -ман худ барои дафъи сармо аз ӯ хостам ва чун ин изҳорро кардам, аз рӯи марҳамат ва фурӯтанӣ остинамро ба даст гирифту баъд дасти худро бӯсид ва низ ду асп бо ду шутур ба ман бахшид» [8, 450].

Нуктае, ки дар ин гузориши Ибни Баттута бисёр муҳим ба назар расид ва дар манобеи ҳамзамони ин асар ва баъди он назирашро суроғ надорем, ин ахбори ӯ роҷеъ ба Тармаширин баъди соли 1335 мебошад.

Бино ба ахбори Ибни Баттута ду сол пас аз он ки аз назди Тармаширин ба Ҳиндустон рафт, «бузургони элу умарои муғул дар ақсои нуқоти кишвари султон, ки наздики Чин аст, анҷумане карда ва писари амми (бародари падар) ӯро (Тармаширинро) бо номи Бузан уғлӣ ба салтанат бардоштанд» [8, 450]. Ибни Баттута аз Бузан, писари бародари Тармаширин – Дувотемур, чун марди баддину зиштхӯй ёд карда, сабаби барканории Тармаширинро аз ҳукумати Мовароуннаҳр дар ин сабаб мебинад: «Тармаширин аҳкоми Чингизи малъун, ҷадди муғулонро, ки билоди исломро вайрон сохт, муҷрӣ намедошт. Чингиз китобе гирд оварда буд, ки «Ясоқ» (Ёсо) номида мешуд ва муғулонро ақидат чунон аст, ки чун амире аз аҳкоми он китоб сарпечӣ намояд, халъи ӯ воҷиб аст. Аз ҷумлаи аҳкоми «Ясоқ» он аст, ки бузургони қавм соле як бор гирди ҳам оянд ва ин иҷтимоъро «тӯй» номанд, ки ба маънии рӯзи зиёфат аст. Дар он рӯз авлоди Чингиз ва умаро аз атрофу акноф ҷамъ мешаванд, хотунҳо ва бузургони лашкар низ фароҳам меоянд ва агар подшоҳ чизе аз аҳкоми «Ёсо»-ро тағйир дода бошад, бузургони қавм мавориди онро мегӯянд ва гуноҳони вай бармешуморанд ва он гоҳ дасти ӯро гирифта, аз маснади фармонравоӣ ба зер

мекашанд ва яке дигар аз фарзандони Чингизро ба ҷояш менишонанд. Ҳамчунин агар яке аз умарои бузург муртакиби гуноҳе шуда бошад, таъйини муҷозоти вай бо ҳамин иҷтимоъ (тӯй) мебошад» [8, 451].

Ибни Баттута дар идома таъкид мекунад, ки Тармаширин пушти по ба ин расм зада, суннати муғулии тӯй (қурултой)-ро ботил намуд, ки ин амал ба муғулон сахт гарон омада, алайҳи Тармаширин ба мухолифат бархостанд. Умарои муғул ба Тармаширин, бавижа ин эродро гирифтанд, ки чаҳор сол ба марзу буми аслии муғул ва ба пойтахти он Алмолиқ нарафтааст, ки он аз дерзамон аз анъанаҳои ҳокимони муғул будааст, ки ҳамасола аз он ҷо дидан кунанд ва бо вазъи мардуму сипоҳиён аз наздик ошноӣ ҳосил намоянд [8, 451].

Академик В.В.Бартолд ба ин нукта таваҷҷуҳ кардааст, ки Ибни Баттута ба ҷои вожаи «қурултой» калимаи «тӯй»-ро истифода карда ва бо иттико ба ахбори Баттута дар идома зикр мекунад, ки Тармаширин дар ин замон туйро даъват нанамуд, ки ин амал яке аз иттиҳомоте буд, ки қиёми ҳамқабилаҳояшро алайҳи ӯ тавҷеҳ мекард [4, 162-163].

Бино ба ахбори Ибни Баттута умарои муғул Бузан уғлӣ, писари бародари Тармаширин – Дувотемурро ба фармонравоӣ интихоб карданд ва ӯ ба сӯи Тармаширин лашкар кашид. Тармаширин бо понздаҳ савори хеш ба сӯи ҳокими шаҳри Ғазна, Бурунтия, ки ба қавли Баттута «маҳрами асрор ва бузургтарин сардорони ӯ буд», равона шуд. «Чун Тармаширин рӯдхонаи Ҷайҳун убур кард, -зикр мекунад Баттута, -роҳи Балх дар пеш гирифт, яке аз туркон, ки аз ҷумлаи ҳаводорони Янақӣ бародарзодаи Тармаширин (писари Кебек) буд, ӯро дид ва бишнохт. Тармаширин бародари худ Кебекро кушта буд ва Янақӣ, писари Кебек дар Балх буд. Вай чун аз ҳаракати Тармаширин ба он ҳудуд иттилоъ ёфт, бо худ андешид, ки албатта хабаре буда, ки Тармаширин гурехтааст ва ба ҳамин андеша бо гурӯҳе аз ҳаводорони худ сари роҳи Тармаширин бигирифт ва ӯро банд кард» [8, 452].

Дар иртиботи иттилои Ибни Баттута, ки Тармаширин бародари худ Кебекро ба қатл расонида, ба қудрат расидааст, ахбори Абдурраззоқи Самарқандӣ «дар ин сол (721 ҳ.қ.) подшоҳи Мовароуннаҳр Кепек ба марази табиӣ вафот ёфт» [11, 87], Хондамир, ки менависад: «дар санаи 721 ҳ.қ./1321 ба сабаби ҳулули аҷали табиӣ Кепекхон гунгу лол гашта» [7, 90] ва Натанзӣ, ки мегӯяд Кебек дар соли 721 ҳ.қ./1321 «ба марази табиӣ фурӯ рафт» [12, 90], бо он муғойират доранд. Бояд гуфт, ки Кебек соли 1326 дунёро тарк мегӯяд ва хабари Абдурраззоқи Самарқандӣ, Хондамир ва Натанзӣ дар зикри соли вафоти Кебек иштибоҳ аст. Хабари Ибни Баттута дар мавриди марги Кебек шояд бештар мутмаинтар бошад, зеро ӯ шоҳиди бевоситаи аҳволи Тармаширин буд. Дигар ин ки писари Кебек-Янақӣ шояд Тармаширинро ба хунхоҳии падараш асир карда, ба Самарқанд фиристода бошад, ки баъдан Бузан ӯро, бино ба гуфтаи Ибни Баттута «дар яке аз вайронаҳои атрофи Самарқанд ба қатл расонид ва дар ҳамон ҷо ба хокаш супурда ва шайх Шамсуддини Гарданбурида ходими турбати ӯ будааст» ва дар идома менависад, ки «вале бархе дигар кушта шудани Тармаширинро бовар надоранд» [8, 452] ва ахбори онро дар руходҳои сафараш дар Ҳиндустон дар фасле зери унвони «Зуҳури муҷаддади Тармаширин» [8, 452-454] зикр мекунад.

Хондамир дар иртиботи кушта шудани Тармаширин менависад, ки «ба таърихи 728 ҳ.қ./1327-1328 бародарзодаи Тармаширинхон ибни Бузон ибни Дувотемур ибни Дувохон аз он ҷиҳат лашкар ба Мовароуннаҳр кашид ва дар манзили Қузимундоқ бо Тармаширинхон ҳарб карда, ӯро ба шаҳодат расонид» [7, 91] ва каме баъдтар менависад, ки аз «Матлаъу-с-саъдайн» чунон ба вузӯҳ мепайвандад, ки Тармаширинхон дар санаи 727 ҳ.қ./1326-1327 дар Нахшаб мариз гашт ва он ориза иштидод ёфта, даргузашт» [7, 91]. Аммо дар «Матлаъу-с-саъдайн»-и Абдурраззоқи Самарқандӣ чунин омадааст: «Чун подшоҳ Тармаширин авохири санаи 726 ҳ.қ. /1325-1326 аз амир Ҳусайн ибни амир Чӯпон мунҳазим шуда, ба Мовароуннаҳр рафт, чунон чи мазкур шуд, дар мамолики Ҷағатоӣ ба ҳар гӯша мутаадде сар бароварда буд ва ӯро ихтиёре намонда, ногоҳ дар Нахшаб санаи 727 ҳ.қ. (1326-1327) вафот ёфт» [11, 125-126].

Мусаҳҳеҳи ин китоб Абдулҳасани Навоӣ «Матлаъу-с-саъдайн»-ро аз рӯи се нусха муқобила ва таҳия кардааст. Нусхаи аввал аз китобхонаи Исмоили Афшор (Эрон) буда, бо рамзи «ف» нишон дода шуда, «Матлаъу-с-саъдайн» аз рӯи он таҳия гардидааст, ки соли вафоти Тармаширин 727 ҳ.қ. (1326-1327) мебошад. Ду нусхаи дигари «Матлаъу-с-саъдайн», ки нусхаи аслӣ бо онҳо муқобила шудааст, аз китобхонаи Асадафандии Истамбул зери шумораҳои 2098 бо рамзи «س» ва 5125 бо рамзи «ک» буда, бино ба нусхаи 2098 санаи вафоти Тармаширин соли 738 ҳ.қ. (1337-1338) ва аз рӯи нусхаи 5125 соли 729 ҳ.қ. (1328-1329) зикр гардидааст [11, 126].

Хони Хива Абдулғозихон (1603-1664) дар рисолаи «Шаҷарату-л-атрок»-и хеш бидуни зикри сол менависад, ки Тармаширин ба дасти бародари хеш Бузанхон ба қатл мерасад [2, 12].Чуноне ки дида мешавад, муаллифони сарчашмаҳои таърихӣ роҷеъ ба санаи вафоти Тармаширин назари воҳид надоранд. Ба яқин ин ки Тармаширин соли 727 ҳ.қ. ва ё соли 729 ҳ.қ. вафот накардааст, зеро Ибни Баттута бо Тармаширин дар охири баҳор ва авоили тобистони соли 735 ҳ.қ., ки баробар ба моҳи май-июни соли 1335 аст, дар Насаф мулоқот дошт. Соли 738 ҳ.қ. /1328-1329, ки дар нусхаи 2098 «Матлаъу-с-саъдайн» соли вафоти Тармаширин омадааст, ин солест, ки ба қавли Ибни Баттута ӯро аз вазифа канор зада буданд.

Билохира ба сари матлаби ба қавли Баттута «зуҳури муҷаддаи Тармаширин» меоем. Ибни Баттута дар идомаи баёни шарҳи ҳоли Тармаширин гузориш медиҳад, ки чун Бузан ба ҳукумати Мовароуннаҳр мустақир гардид, писари Тармаширин - Башой уғул ҳамроҳи хоҳару шавҳари хоҳари худ Фирӯз ба султони Ҳинд - Муҳаммад ибни Туғлуқ (725-752 ҳ.қ./1325–1351), ки бо Тармаширин собиқаи дӯстӣ дошт, ба ҳадде ки якдигарро дар номаҳо «бародар» хитоб мекарданд, паноҳ бурданд [8, 452].

«Собиқаи дӯстие»-ро, ки Ибни Баттута миёни Тармаширин ва Муҳаммад ибни Туғлуқ зикр мекунад, дар он мебинем, ки соли 1327 Тармаширин ба ҷониби Ҳинд лашкар кашида, Мултону навоҳии атрофии онро ғорату вайрон намуда, Гуҷаротро тохта, аз вилояти Деҳлӣ ғаноим ва асирони зиёдеро ба даст овард. Тармаширин бо пардохти товони ҷанг мувофиқат кард, ки бо Муҳаммад ибни Туғлуқ сулҳ бандад [7, 90; 15, 280].

Ибни Баттута дар фасли «Зуҳури муҷаддади Тармаширин»-и «Сафарнома»-и хеш менависад, ки шахсе ба Синд омада, муддаӣ шуд, ки ман Тармаширинам. Ин сару садо то Имодулмулк - волии сарзамини Синд, ки дар Мултон, пойтахти Синд менишаст, расид. Ӯ чанд нафареро, ки бо Тармаширин ошно буданд, барои расидагӣ ва таҳқиқи ин масъала маъмур кард. Маъмурини Имодулмулк пас аз дидани ин шахс тасдиқ карданд, ки ӯ ҳамон Тармаширин аст. Имодулмулк фармон дод, то дар хориҷи шаҳр барои ӯ хайма ва хиргоҳи шоҳона ороста, ӯро бо эҳтироми зиёд он ҷо оварданд. «Имодулмулк худ ба истиқбол шитофт ва пеши ӯ аз асп фурӯд омад ва салом карду то сароча дар илтизоми ӯ буд. Тармаширин ба одати мулук савора дар дохили сароча омад ва касе тардиде дар ҳувияти ӯ накард. Имодулмулк султони Ҳиндро аз достон огоҳ сохт ва амирон ба истиқболи ӯ зиёфатҳо фиристоданд» [8, 452-453]. Дар хидмати султони Ҳинд -Муҳаммад ибни Туғлуқ табибе буд, ки собиқаи хидмат дар дарбори Тармаширин дошт ва думмали (фурункул)-и соқи ӯро табобат карда буд, хост аз ин роз парда бардорад. «Табиб, менависад Ибни Баттута, -ба дидори Тармаширин рафту зери чашме дар пойи ӯ ҳаменигарист. Тармаширин барошуфту сақаташ (дашном) гуфту пурсид: «Мехоҳӣ ҷои думмалеро, ки муолиҷа кардаӣ, бубинӣ?» Он гоҳ ҷои захм бад-ӯ бинмуд ва пизишк султонро аз ҳақиқати ҳол биогоҳонид» [8, 453]. Бино ба иттилои Баттута, вақте ба ҳақиқат исбот шуд, ки ин шахс Тармаширин аст ва чиҳил ҳазор тан аз тоифаи ӯ ва писару домодаш ин ҷо ҳастанд, вазири Муҳаммад ибни Туғлуқ -Аҳмад ибни Аёс назди султони Деҳлӣ рафта, гуфт: «Оё фикр кардаӣ, ки агар ин идда бар сари ӯ ҷамъ шаванд, чӣ иттифоқе хоҳад афтод?» [8, 453]

Ин сухан Муҳаммад ибни Туғлуқро муассир афтод ва тадбире андешида, фармуд то Тармаширинро ба наздаш биёваранд. Вақте Тармаширинро наздаш оварданд, ӯ барошуфту гуфт, ки «чи гуна ба дурӯғ муддаӣ шудӣ, ки ту Тармаширин ҳастӣ ва ҳол он ки Тармаширин кушта шуда ва инак ходими турбати вай пеши мост.

Агар нангам намеомад, туро мекуштам, аммо мегӯям, ки панҷ ҳазор динор бидиҳандат ва ба хонаи Башой уғул (писари Тармаширин) ва хоҳари ӯ бибарандат ва бигӯянд, ки ин дурӯғзан иддао мекунад, ки падари шумост. Пас Тармаширин пеши фарзандонаш омад, ки ӯро шинохтанд ва шабро назди онон ба сар бурд ва нигаҳбонон муроқиби ӯ буданд. Чун субҳ шуд, Тармаширинро аз он ҷо берун бурданд. Башой уғул ва хоҳараш бар ҷони худ тарсиданд ва шиносоии ӯро мункар шуданд. Баъд аз ин муқаддамот Тармаширинро аз Ҳиндустон табъид карданд ва ӯ роҳи Кеҷ ва Макрон дар пеш гирифт, то ба Шероз расид» [8, 453-454].

Ибни Баттута дар хотимаи саргузашти Тармаширин менависад, ки ҳокими Шероз Абуисҳоқ Тармаширинро ба эҳтиром қабул кард ва шароите барои зиндагии ӯ муҳайё сохт. Замоне ки Баттута аз Ҳиндустон бармегашт, ки ҳафт сол – солҳои 1335-1342 дар он ҷо муқим буд, шунид, ки Тармаширин ҳанӯз дар қайди ҳаёт аст ва хост бо ӯ мулоқот кунад, «лекин худдорӣ намудам, -менависад ӯ, -зеро вай дар хонае таҳти назар буд ва мулоқот бо ӯ фақат бо иҷозаи хоси султон Абуисҳоқ муяссар мешуд ва ман тарсидам, ки мулоқоти мо мояи суизанн гардад, вале баъдҳо аз ин ки ба дидори вай нарафтам, мутаассиф шудам» [8, 454].

Академик В.В.Бартолд, ки аз рӯи чаҳорчӯби замонӣ ба сари қудрат омадани намояндагони хонадони муғулӣ дар Мовароуннаҳро дар пажӯҳишаш зери унвони «Очерк истории Семиречья» [5, 23-106] тавзеҳ медиҳад, пиромуни Тармаширин бештар ба ахбори Ибни Баттута такя карда, кушта шудани Тармаширинро ба дасти Бузан зикр мекунад [5, 76], аммо ҷойи таааҷҷуб аст, ки фасли «Зуҳури муҷаддади Тармаширин»-ро, ки ахбори бисёр нодир дорад ва қатли Тармаширинро дар Самарқанд зери суол мебарад, нодида гирифтааст.

Дар аксари осори илмии таърихии ба ин замон бахшидашуда таърихи аз ҳукумати Мовароуннаҳр канор задани Тармаширин 1334 зикр шудааст [5, 76; 9, 303; 6, 462; 10, 16. 423]. Аммо он чи Ибни Баттута роҷеъ ба сарнавишти Тармаширин менависад, ҷойи андешидан дорад, зеро роҷеъ ба замони марги табиӣ ва ё қатли ӯ манобеи таърихии баъди «Сафарнома»-и Баттута ихтилофи назар доранд. Ибни Баттута чуноне ки гуфта шуд, дар охири баҳор ва авоили тобистони соли 1335 бо Тармаширин мулоқотҳо дошт, пас соли 1334 соли аз ҳукумат канор задан ва ё марги ӯ будан наметавонад. Ду сол баъд, яъне соли 1337 замоне ки Ибни Баттута дар Ҳиндустон буд, хабар медиҳад, ки Тармаширинро бародарзодааш Бузан аз ҳукумат дур кард. Аз ин рӯ маълумоти «Сафарнома»-и Ибни Баттута пиромуни солҳои ҳукумати Тармаширин дар Мовароуннаҳр чун сарчашмаи дасти аввал метавонад мавриди эътимод бошад.

## АДАБИЁТ


1. Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Таърихи муғул ва авоили айёми Темурӣ. Ҷилди аввал ва дувум. Нашри севум. Теҳрон: Моҳиманзар, 1386. -654 с.
2. Абдулгачи баядур-хан. Родословная история о татарах. Т.II. Перевод с французского. Императорская академии наук. Санкт-Петербург, 1871. -480 с.
3. Баёнӣ Ш. Муғулон ва ҳукумати Элхонӣ дар Эрон. Чопи шашум. Теҳрон, 1387. -371 с.
4. Бартольд В.В. Двенадцать лекции по истории турецких народов Средней Азии // Сочинения. Т.V. М., 1968. С.19-192.
5. Бартольд В.В. Очерк истории Семиречья // Сочинения. Т.II. Ч. 1. Москва: Изд-во Восточной литературы, 1963. С.23-106.
6. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М.:Наука, 1972.-658 с.
7. Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин Хондамир. Ҳабибу-с-сияр фи ахбори афроди башар. Зери назари М.Сиёқӣ. Чопи чаҳорум. Теҳрон: Ҳайдарӣ, 1380.-759 с.
8. Ибни Баттута. Сафарнома. Ҷилди аввал. Тарҷумаи Муҳаммадалии Муваҳҳид. Чопи шашум. Теҳрон. 1376. -639 с.
9. История таджикского народа. Т.II. Книга первая. Под редакцией Б.Г.Гафурова и А.М.Беленицкого. М.: Наука, 1964. -492 с.
10. История таджикского народа. Т. III. Душанбе: Дониш, 2013. -579 с.
11. Камолуддин Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн. Ҷилди I. Чопи аввал. Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолеоти фарҳангӣ, 1383. -443 с.
12. Муинуддини Натанзӣ. Мунтахабу-т-таворихи Муинӣ. Мусаҳҳеҳ Парвини Истахрӣ. Теҳрон: Асотир, 1383. -458 с.
13. Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Баргардонанда ба хатти кириллӣ. А.Муродзода. Душанбе: ЭР-

Граф, 2019. -488 с.
14. Саидкулов Т.С. Очерки историографии истории народов Средней Азии. Ч.I. Ташкент: Уқитувчи, 1992.-189 с.
15. Тимофеев И.В. Ибн Баттута. Серия жизнь замечательных людей. Москва: Молодая гвардия, 1983.-370 с.

## АХБОРИ НОДИР РОҶЕЪ БА ҲОКИМИ МУҒУЛИИ МОВАРОУННАҲР –ТАРМАШИРИН ДАР «САФАРНОМА»-И ИБНИ БАТТУТА

Дар манобеи таърихӣ пиромуни ҳокими чағатоии Мовароуннахр Тармаширин ва замони ҳукумати ӯ иттилооти мутаноқизе вуҷуд дорад. Дар осори илмии таърихӣ соли охири ҳукумати Тармаширин 1334 зикр шудааст, ки ҷои шак намудан дорад. Муаллифи мақола бо иттико ба ахбори Ибни Баттута, ки дар оғози баҳори соли 1335 ба қароргоҳи Тармаширин – шаҳри Насаф омада буд, ба ин масъала равшанӣ меандозад. 14 июни соли 1325 сайёҳи мағрибӣ Ибни Баттута (1304-1377), муаллифи «Сафарнома» ба сафари 30-солаи худ ба мамолики мухталиф оғоз мебахшад. Роҳи ӯ ба Мовароуннахр аз тариқи Дашти Қипчоқ буд. 6 майи соли 1334 Ибни Баттута ба Сарой – қароргоҳи ҳокими Урдаи Тиллоӣ Узбекхон, ки роҷеъ ба он дар Қоҳира бисёр шунида буд, мерасад. Ибни Баттута 10 декабри соли 1334 ба корвони хоразмиён ҳамроҳ шуда, Саройро тарк гуфт ва баъд аз як моҳ, яъне дар миёнаҳои моҳи январи соли 1335 вориди Урганч мегардад. Дар оғози баҳори соли 1335 ӯ шомили корвониёне гардид, ки ба ҷониби Бухоро роҳ гирифта буданд. Аз Бухоро Ибни Баттута озими Насаф – пойтахти ҳокими чағатоии Мовароуннаҳр, Тармаширин гардид, ки дар ин ҷо 54 рӯз таваққуф намуд. Дар ин ҷо ӯ бо Тармаширин аз наздик ошноӣ пайдо кард. Бинобар ин ахбори Ибни Баттута дар «Сафарнома»-аш пиромуни Тармаширин мустанад ва нодиранд.

**Калидвожаҳо:** Ибни Баттута, «Сафарнома», Тармаширин, Башой уғлӣ, Мовароуннаҳр, Бухоро, Насаф, Дувотемур, Кебек, Янақӣ, Абдурраззоқи Самарқандӣ, Натанзӣ, Хондамир, Муҳаммад ибни Туғлуқ, Имодулмулк, Шероз, Абуисҳоқ.

## УНИКАЛЬНЫЕ СВЕДЕНИЯ О МОНГОЛЬСКОМ ПРАВИТЕЛЕ МАВЕРАННАХРА – ТАРМАШИРИНЕ В «САФАР-НАМЕ» ИБН БАТТУТЫ

В исторических источниках о чагатаидском правителе Мавераннахра Тармаширине и периоде его правления существуют противоречивые сведения. В научных исторических трудах последним годом правления Тармаширина указывается 1334 г., что вызывает сомнение. Автор статьи, ссылаясь на сообщения Ибн Баттуты, который в начале весны 1335 г. прибыл в ставку Тармаширина- город Насаф, внесет ясность в решение данного вопроса. 14 июня 1325 г. магрибский путешественник - Ибн Баттута (1304-1377), автор «Сафар-наме» начинает свое 30-летнее путешествие по разным странам мира. Его путь в Мавераннахр пролегал через Дашт-и Кипчак. 6 мая 1334 г. Ибн Баттута прибыл в Сарай – ставку правителя Золотой Орды Узбек-хана, о котором он много слышан в Каире. Присоединившись к хорезмскому каравану 10 декабря 1334, Ибн Баттута покинул Сарай и через месяц, т.е. в середине января 1335 г. прибыл в Ургенч. В начале весны 1335 г. он присоединился к каравану, который двинулся в сторону Бухары. Из Бухары Ибн Баттута отправился в Насаф – столицу чагатайского правителя Мавераннахра, хана Тармаширина, где пробыл 54 дня. Там же он очень близко познакомился с Тармаширином. Поэтому сведения Ибн Баттуты в «Сафар-наме» о Тармаширине являются обоснованными и уникальными.

**Ключевые слова:** Ибн Баттута, «Сафар-наме», Тармаширин, Башой угли, Мавераннахр, Бухара, Насаф, Дувотемур, Кебек, Янаки, Абдурраззак Самарканди, Натанзи, Хондемир, Мухаммад ибн Туглук, Имодулмулк, Шераз, Абуисхок.

## UNIQUE INFORMATION ABOUT THE MONGOL RULER OF TRANSOXIANA TARMASHIRIN IN "SAFARNĀMA" BY IBN BATTUTA

In historical sources there are contradictory information about the Chagataid ruler of Transoxiana Tarmashirin and the period of his reign. In historical written sources, the last year of Tarmashirin's reign is indicated as 1334, which is doubtful. The author of the article, referring to the reports of Ibn Battuta, who in the early spring of 1335 arrived at the headquarters of Tarmashirin-the city of Nasaf, will clarify the solution of this issue. In June 14, 1325 Maghreb traveler Ibn Battuta (1304-1377), author of "Safarāma" begins his 30-year journey to different countries of the world. His route to Transoxiana passed through Dasht-i Kipchak. On May 6, 1334, Ibn Battuta arrived at Sarai, the headquarters of the ruler of the Golden Horde, Uzbek Khan, of whom he had heard much in Cairo. Having joined the Khorezm caravan on December 10, 1334, Ibn Battuta left Sarai and a month later, that is, in mid-January 1335, arrived in Urgench. In the early spring of 1335, he joined a caravan that moved to Bukhara. From Bukhara, Ibn Battuta went to Nasaf, the capital of the Chagatai ruler of Transoxiana, Khan Tarmashirin. There he stayed for 54 days. It was there that Ibn Battuta became intimately acquainted with Tarmashirin. Therefore, Ibn Battuta's information about Tarmashirin in the "Safarnāma" is well-based and unique.

**Key words**: Ibn Battuta, "Safarnāma", Tarashin, Bashoy ugli, Transoxiana, Bukhari, Nasaf, Duvotemur, Kebek, Yanaki, Abdurazzak Samarqandi, Natanzi, Khondamir, Muhammad ibn Tughluk, Imodulmulk, Sheroz, Abuishok.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Ҳамза Камол (Камолов Ҳамзахон Шарифович)*** – Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,

доктори илмҳои таърих, профессор, мудири шуъбаи таърихи қадим, асримиёнагӣ ва навин. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш..Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. E-mail: hamza_Kamol@mail.ru

**Сведения об авторе**: *Хамза Камол (Камолов Хамзахон Шарифович)* – Институт истории, археологии и этнографии имени А.Дониш Национальной академии наук РТ, доктор исторических наук, профессор, заведующий отделом древней, средневековой и новой истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 33. E-mail: **hamza_Kamol@mail.ru**

**Information about the author**: ***Hamza Kamol (Kamolov Hamzakhon Sharifovich)*** – A.Donish Institute of History, Archeology and Ethnography of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Historical Sciences, Professor, Head of Department of Ancient, Medieval and New History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Ave. E-mail: **hamza_Kamol@mail.ru**

**УДК: +659(575.3)**

## АҲМАДИ ДОНИШ ВА ҶОЙГОҲИ Ӯ ДАР РУШДИ ҲУНАРИ ХУШНАВИСӢ

***Эраҷи Меликиён***
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ**

Шароити фарҳангӣ ва иҷтимоии Осиёи Миёна, ки дар тӯли таърих маркази таомул ва табодули фарҳангиву сиёсии мардумони мухталиф ба шумор меравад, борҳо дучори фарозу шеб ва таҳаввулоти гуногун шудааст. Бахусус таҳаввулот дар заминаи ҳунарҳои бадеӣ (хушнависӣ, китоборой, бинокорӣ, мусиқӣ, нигоргарӣ ва ғ.), ки дар марказшаҳрҳои дерини таърихӣ (Самарқанд, Бухоро) ҳамвора бар ҳунари минтақаҳои атроф таъсиргузор будааст. Пӯшида нест, ки аз муҳимтарин ва фарогиртарин ҳунарҳои давраи оғози ислом ва асрҳои миёна дар кишварҳои Хуросону Варорӯд, ҳунари хушнависӣ ё хаттотӣ будааст ва аз он бештар дар ҳунари меъморӣ, кулолгарӣ, китобсозиву китоборой ва дигар навъи ҳунарҳо истифода мешудааст.

Асосан, ангезаи аслии пайдоиши хушнависӣ, таҳриру такмили матнҳои бадеӣ-маънавӣ ва ирофонӣ будааст. Иртиботи зичи хушнависӣ бо осори диниву ахлоқӣ ва матнҳои баргузидаю пазируфташудаи адабӣ, арзиши ин пешаро ҳатто то сатҳи ҳунарҳои нафисаи муқаддас боло бурд. Чуноне ки донишманд ва хушнависи барҷаста Ҳ. Қиличхонӣ ишора мекунад: “Ислом ва Қуръон нақши таъйинкунандае дар рушди навиштори арабӣ доштаанд. Дар ҳангоми марги паёмбар Муҳаммад (с.а.в.) 11. ҳ.қ. /632 м./ арабҳо мардуми бесаводе буданд. Онҳо аз навишторҳои сода ва номоҳирона истифода мекарданд ва теъдоди каме аз онҳо тавоноии ин корро доштанд. Тайи қарнҳои баъдӣ, бавижа пас аз истиқрори хилофати Аббосӣ (соли 750- Э.М.) дар Бағдод, хатти арабӣ дастхуши ислоҳоте шуд ва ҳунари хушнависӣ батадриҷ ҷойгоҳи шоистаи худро дар ҷаҳони ислом касб кард» [6, с. 8].

Сарзаминҳои Осиёи Миёна пас аз ҳамлаҳову юришҳои сершумори арабҳо, туркҳо ва муғулон дучори нобасомониҳову харобиҳо ва низ шукуфоиву равнақҳо дар фарҳангу ҳунар мешаванд. Рушди ҳунари хушнависӣ, ки катибанигорӣ, китоборой, нусханависӣ ва ғ.-ро дар бар мегирад, дар замони Сомониён (819-1005) ва бештар дар аҳди Темуриён (1370-1507), дар шаҳрҳои Ҳирот, Бухоро ва бахусус Самарқанд шукуфоии ин ҳунар сурат мегирад. Бар асоси андешаи эроншинос Р. Фолтз: “Темур бидуни шак яке аз муассиртарин императорсозони Осиёи Миёна буд. Писари ӯ Шоҳрух дар амал собит кард, ки пуштибони бузурги фарҳанг аст ва даврони фармонравоии ӯ (1405-1447) шоҳиди шукуфоии чашмгири адабиёт ва ҳунар буд”[13, с.152-153]. Бинобар ин, дар ин давра ҷалбу интиқоли ҳунармандону меъморону донишмандон ба пойтахтҳои фарҳангиву ҳунарии мазкур (Самарқанду Ҳирот, Э.М.) буд, ки заминаи густариши мактабҳои ҳунарӣ ва афзоиши ҳунармандонро ба вуҷуд овард.

Аз хушнависони барҷастаи Осиёи Миёна дар давраи пас аз Темуриён Мир

Алии Ҳиравӣ (ваф. 1544), Мир Убайди Бухорӣ (ваф. 1009), Мир Ҳусейн Кулангии Бухорӣ, Сайид Абдуллоҳ Бухорӣ (ваф. 1647), Ҳоҷӣ Ёдгор (ваф. 1663), Маҳмуд Исҳоқи Шаҳобӣ (ваф. 1585), Дарвеш Муҳаммади Бухорӣ (ваф. 1597), Муҳаммад Маъсуми Бухорӣ (1537-1605), Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897), Мирзо Шариф Дабир, Муқимӣ (1850–1903), Муҳаммад Юнус, Оқилмурод Мири Каттақӯрғонӣ ва дигаронро метавон ном бурд, ки дар макотиби ҳунарии Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва Фарғона фаъолият кардаанд. Аммо аз миёни ин чеҳраҳо, бузургмарди ҷомеаи Осиёи Миёнаи асри XIX - Аҳмад ибни Носири Сиддиқии Бухорӣ машҳур ба Аҳмади Дониш (1827-1897) буд, ки осори хушнависӣ, нигоргарӣ (миниатюра), тазҳиб (зарандуд) ва китобороии ӯ аз нигоҳи як "ҳунарманди хушнавис" мавриди пазириши ҷомеа қарор гирифта, ин паҳлуи фаъолияти пурбори эҷодии ӯ чандон омӯхтаву баррасӣ нашудааст. Дар ин маврид профессор А. Раҷабов, ки доир ба шахсияти Аҳмади Дониш ва осори ӯ аз зовияҳои гуногун таҳқиқот кардаанд, чунин навиштаанд: "Бояд ишора кард, ки Аҳмад Махдуми Дониш на танҳо муарриху адиб буда, дар баробари он ӯ хушнависи бузург, китоборо (китобсоз), мусаввир (наққош), меъмор-муҳандис ва дар ҳақиқат яке аз мусиқидонони барҷастаи давраи худ буд. Бавижа дар рушди ҳунари хушнависӣ ва китобороии замони худ ҳунарманди беҳамто буда, дар навишти чаҳор хат (сулс, настаълиқ, зулф, туғро) машҳур буд ва корҳои беназире тавассути ин хатҳои (сабкҳои) хушнависӣ офаридааст. Фаъолиятҳои ҳунарии А. Дониш ҳамчун як хушнавис ва китоборои бузург, то имрӯз ба таври ҷудогона таҳқиқ нашудаанд. Осори ӯ дар риштаи ҳунари хушнависӣ, бахусус дар хатти насх, таълиқ, зулф ва настаълиқ ба таври ҷудогона ва ҳирфаӣ омӯхта ва нашр нашудаанд [4].

Аҳмади Дониш соли 1841 омӯзишро дар мадраса шурӯъ кард. Дар замони таҳсил дар мадраса зебонависӣ, нависандагӣ дар лавҳаи чӯбӣ, тартиб додани ҷадвалро тамрин карда, ба зудӣ хушнависи хубу нависандаи моҳир дар лавҳаҳо мешавад [9, с. 277]. Додхудоева Л. чунин мегӯяд: "Маълум аст, ки А. Дониш дар атрофи худ озодандешони ҷавон: шоир Шамсиддини Шоҳин (1859-1893), Савдо (1823-1875), Возеҳ (ваф. 1894), Андешманд Ҳайрат (1878-1902), муаррих Азим Соми Бӯстонӣ ва дигаронро муттаҳид карда буд" [12, с. 54].

Бинобар тасдиқи Л. Ремпел, намояндагони ин қишри (хушнависону китобороён –Э.М.) иҷтимоии Бухоро ҳамроҳи Дониш дар нимаи дувуми асри XIX, дар мактаби хушнависии Домулло Бобобеки Иштибар (1784-1884), шогирди Иброҳим Девонаи Шаҳрисабзӣ гирд омада буданд [11, с. 254].

Дар робита бо хушнавис ва наққош будани Аҳмад Махдуми Дониш чанде аз донишмандон ва муҳаққиқони осори ӯ ишораҳое кардаанд, ки пеш аз ном бурдани онҳо ва суханони эшон дар бораи санъати баланди хушнависии Аҳмади Дониш, дар асараш "Наводир-ул-вақоеъ", дар бахши "Дар васиятҳои фарзандон ва баёни ҳақиқати касбҳову пешаҳо" навишта: "...Ва ба хотир дорам, ки дар овони тифлӣ ба қалам ва мидод ба деворҳои хокӣ, болои кулух хатҳо ва ба ҳандаса мувофиқ шаклҳо мекашидам ва ҳарфҳо мениҳодам... Азбаски дар иёли падар будам ва маҷбур ба таламмузи қавоиди арабия, тариқи иктисоби зарро дар китобат маҳсур дида, алалфавр ба китобати девони Абулмаонӣ-Бедил иштиғол намудам, чунки хатти ман дар ин овон (наздик ба балоғат) ба худии худ камол гирифта, аз ғайри машқ ва таълим... Якеро ба дӯстӣ гузидам ва муҳаббат овардам. Вай маро китобате ғазалиёт фармуд. Ба тавъу рағбат тамом намуда, арз кардам. Гуфт: Ин баёзро ҷадвал ва зинату лавҳ мебояд. Ман, ки ҳанӯз кучаву бозор камтар дида будам ва манзилу мақоми аҳли ин санъатро намедонистам, аз дигар шурако ва касон аҳли ин корро пурсида, ба тараддуд ва заҳмати фаровон ва рафтуои бисёр он китобатро зинат ва лавҳ фармуда, баъд аз тамомӣ оварда ба дасти маҳбуб супурдам. Бисёр мақбул омад. Он гоҳ донистам, ки илми ин санъат аз ҷумлаи лавозимот аст: ороиши китобҳоро, ки бад-он сағиру кабир муҳтоҷанд, хосса хубрӯён, он гоҳ ашроф ва подшоҳон. Пас аз абвоби духули он даромада, ба арбоби фан ихтилот намуда, ба хушомад ва нифоқ ҷустуҷӯ намуда, дар арзи як сол аз ин сӯйи ин илм даромада, аз он тараф берун

рафтам. Ва ҳар чи ба қаламу паргор санони нодиракор кунанд, карда, аз имтиҳонот баровcovарда, ҳатто қоидаҳо ва зобитаҳо дар ин фан вазъ кардам. Аз лавҳ ва ҷадвал ва нақши сақфу девору дар ва кашидани тасовири офоқӣ ва хориҷии иморот ва боғу бӯстон ва ҳайати ҳайвонот ва инсон аз мурғу моҳӣ ва тарҳи дашту саҳро ва кӯҳу дарё ала-т-тафсил бар тахта расм намудам ба ҳаракати мухталиф ва анвои муттакассир. Ва навиштани китобаҳо бар ҳошияи иморат ва тарқими сулсу райҳону зулф, ки он аз лавозими иморат аст... Султон-амир Насруллоҳ, ки А.Дониш дар дарбори ӯ аз 1849-1860 фаъолият кардааст, маро талаб дошта, ба хатти содаи китобатӣ баргузид ва китобатҳо аз тиббу масъала ва таворих мефармуд ва ба ҳар ҷузве то даҳ дирам муваззаф гардонид... Ва ба савобдиди ман меъморон ва наққошон ба шуғле мепардохтанд» [1, с. 182-196].

Ӯ дар осори худ се навъ имзо дарҷ мекард, ки ба ин сурат буд: “1 - Аҳмад махдум Дониш; 2 – Аҳмад ал-котиб, ал-мусаввир, ал-муҳандис, ал-мунаҷҷим, ал-Сиддиқӣ, ал-ҳанафӣ, ал-Бухорӣ ва 3–ум Роқимаъу Аҳмад бин Носир Сиддиқ-ул-ҳанафии Бухорӣ. Бар асоси он чи ки аз навиштаҳои Аҳмади Дониш мушоҳида мешавад, метавон ӯро фаротар аз як ҳунарманди хушнавис донист, ки маҳорати фавқулода ва тезҳушии ӯ боиси зудомӯзии ҳунарҳо ва фанҳои гуногуни замонааш шудааст.

Аз ҳамнишинон ва ё ҳамзамонони Аҳмади Дониш, ба монанди Абдулазими Шаръӣ, Садри Зиё, Ҳомидхоҷаи Савтӣ, Мирзо Абдураҳим ва дигарон будаанд, ки доир ба мусаввири моҳиру нодир ва хушнависи камназир будани ӯ суханону тавсифоти зиёде овардаанд. Аз миёни онҳо яке аз фарзандони амир Музаффархон, мусаввир, шоир ва хушнавис Мирсиддиқи Ҳашмат (1864-1932) буд, ки дар тазкираҳояш дар мавриди шоирони наздик ба дарбор ва хонаводаи амир пардохтааст. Мирсиддиқи Ҳашмат дар асари худ бо номи “Тазкират-уш-шуаро”, ки таълифаш охири солҳои 90-уми асри XIX сурат гирифтааст, дар мавриди устоди ҳунарҳои бадеӣ будани Аҳмади Дониш чунин навишта:

***Муҳандис буд, сайри собиту сайёраро мекард,***
***Мунаҷҷим буд, бо хуршеду моҳаш гарм ҷавлонӣ.***
***Ба тарроҳӣ, ба тасвиру ба тазҳибу ба таҳрираш,***
***На ҳамто буд Беҳзоду на ҳамтояш бувад Монӣ* [5].**

Пайдост, ки маҳорати хушнависиву наққошии Аҳмади Донишро дигар ҳамасронаш низ собит намудаанд. Онҳо аз чеҳраи машҳури адабию илмӣ, зебоии сабк ва оливу фавқулода будани осори ҳунарии ӯро аз наздик дида, дар осорашон сабт кардаанд, ки аз ҷумлаи эшон устоди шинохтаи хосу ом Садриддин Айнӣ (1878-1954) мебошад, ки дар навиштаҳояш сифоти ҳунарии А. Донишро басе рангину воқеъбинона қаламдод менамояд.

Садриддин Айниро метавон шогирд ва пайрави мактаби равшангароӣ ё маорифпарварии аллома Аҳмади Дониш донист, ки роҷеъ ба осор, зиндагӣ, шахсият, ҳамзамонон ва бахусус ҳунару маҳорати хушнависӣ ва тасвиргарии он шахсият, бар пояи асноди қотеъ таълиф кардааст. Устод Айнӣ дар асараш “Ёддоштҳо” навишта: “Пас аз он, ки Аҳмад махдум савод касб кард, мактабро раҳо карду ба мадраса барои омӯзиш рафт. Ин навҷавон бавижа дар хушнависӣ ва тасвиргарӣ машқ мекард. Дар муддати кӯтоҳе ӯ хушнависи фавқулода ва тасвиргари моҳире шуд.”.. Дар давраи зиндагиаш А. Дониш ба бознависии маҷмӯаи ашъор машғул буд, ки нақш ва сарлавҳаи онҳоро бисёр зебо зинат медод. Ҳеч гуна даромади дигаре надошт ва аз ҳисоби фурӯши дастнавиштаҳояш ба сар мебурд” [2с, 403]. Устод, С. Айнӣ аз миёни тамоми афроде, ки дар бораи тасвиргариву хушнависии А.Дониш гуфта ва навиштаанд, ба тафсил ва беш аз дигарон дар осораш ба он маҳоратҳои ҳунарии аллома, ҳамчун гувоҳи айнии рӯйдодҳои он замон пардохтаанд.

Дар баробари устод С.Айнӣ, муҳаққиқон Е.Э.Бертелс, З.Ш.Раҷабов, С.Улуғзода, Х.Мирзозода, Р.Ҳодизода, С.Амир, А.Мирзоев, А. Баҳоваддинов, Ғ.Ашуров, М. Диноршоев, И. Мӯминов, С. Аҳмадӣ, Ҳ. Алгор, Т. Атобакӣ ва дигарон

роҷеъ ба паҳлуҳои гунонуни мероси А. Дониш таҳқиқу пажӯҳиш ва ибрози назар намудаанд. Онҳо низ дар робита бо ҳунари хушнависии ӯ дар навиштаҳояшон ишораҳое овардаанд, вале, ҳамон гуна ки ёдовар шудем, саҳми устод С.Айнӣ дар ироа, бозтоб ва муаррифии осори ҳунарии А.Дониш бисёр пурбору арзишманд аст.

Дар Осиёи Миёна дар охирҳои асри XIX даҳҳо навъи хат вуҷуд дошт, ки 6 сабки хатҳои классикӣ ё аслӣ (муҳаққақ, райҳон, сулс, насх, риқоъ, тавқеъ) шомили онҳо мешаванд. Аммо, чуноне ки аз манобеи таърихӣ ва аз катибаҳо, навиштори ороишии меъморӣ ва дастнавиштҳо (китобҳо ва насхи хаттӣ) пайдост, хату хушнависӣ, вижагиҳо ва истифодаи хосси худро дар замон ва макони муайян доштаанд. Ба қавли худи А.Дониш, "...ва навиштани китобатҳо бар ҳошияи иморот ва тарқими сулс ва зулф ва райҳон, ки он аз лавозими катибаи иморат аст...", равшан аст, ки дар он айём аз хутути лозимаву ҳатмӣ барои ороиши бино, бештар ҳамин се хат истифода мешудааст. Аммо тибқи навиштаи д.и.т. Ҷ.Х.Ҷуразода, "хутуте, ки барои бознависии китобу нусхаҳои дастнавишт истифода мешаванд, шомили "насх" – бештар дар Қуръону ҳадис, "настаълиқ" – бештар дар катби адабӣ ва осори таърихӣ, "райҳонӣ"– барои бознависии тақвимҳо буданд ва сулсро ҳунармандони хушнавис барои навиштани осори илмӣ, ҷудосозии унвони (сархатӣ) катби адабӣ, номи бахшҳо ё бобҳо ва силсилаи достонҳои насрӣ истифода мекарданд. Гоҳе барои навиштани осори адабӣ навъи хатти "шикаста", хатти "тавқеъ" барои парвандаву санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳо ва қарордодҳо ва барои коргузориву номанависӣ хатти "риқоъ" истифода мешуд [15].

Ҳамон гуна, ки дар боло аз шахсиятҳои барҷастаи хушнависи қарнҳои пеш ном бурдем, дар замони зиндагии Аҳмади Дониш низ дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Фарғона, Хева, Хоразм, Қӯқанд ва ғ. хушнависоне фаъолият кардаву ба сар бурдаанд. Аз онҳо Оҷилмурод Мири Каттақӯрғонӣ, Абдулҷаббор Ургутии Самарқандӣ, Худойберган Муҳркани Хивагӣ, Комили Хоразмӣ, Муҳаммад Латиф, Маъсумхон Гулханӣ, Муҳаммадусмон Катиби Тошкандӣ ва дигарон мебошанд [10]. Бавижа аз шаҳри Бухоро, чуноне ки профессор А.Раҷабов аз хушнависону китобороёни ҳамзамони А.Дониш ёдовар мешавад: "Аҳмад Махдуми Дониш асосгузори мактаби классикии хушнависиву китобороии ҳирфаӣ дар садаи XIX буда, дар мактаби ӯ чандин хушнавису китоборо ба камол расида, анъанаю сабки устоди хешро идома дода, осори арзишманд дар заминаи ин санъат ба ёдгор гузоштаанд» [11]. Хушнависону китобороёни чираҳунари садаи XIX, оғози садаи XX, чун Абдулҳамиди Бухорӣ, Котиби Бобарака, Мулло Хаёли Бухороӣ, Ёрмуҳаммади Бухороӣ, Абугулоби Бухороӣ, Камонгари Бухороӣ, Устод Хурди Камоли Бухороӣ, Абдулҳамиди Бухороӣ, Муҳаммад Дарвеши Бухороӣ, Абдулваҳҳоби Бухороӣ, Абдусаломи Бухороӣ, Мулло Вафои Бухороӣ, Саид Умари Бухороӣ, Устод Хурди Бухороӣ ва дигарон аз мактаби аллома Аҳмад Махдуми Дониш ҳунар андӯхта, дар санъати хушнависиву китобороӣ корҳои ҳунарӣ анҷом додаанд [8].

Он эҷодиёте, ки аз осори шахсии Аҳмади Дониш ва навъи хатҳое, ки ӯ барои хушнависӣ ба кор мебурд, хушбахтона дастраси мо ҳаст ва метавонем бар асоси онҳо аз кайфияту моҳият ва зебогиву қонунмандии дастнавиштаҳои ин муаллиф огоҳӣ ёфта, бо осори дигар хушнависони Осиёи Миёна ва кишварҳои исломӣ муқоиса намуда, аз нуқтаи назари ҳунарӣ ва зебошиносӣ баррасиву арзишгузорӣ намоем [7, с.3].

Профессор А. Раҷабов ва муҳаққиқи бахши дастнавиштҳои нодири китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишер Навоӣ – Файзхоҷа Маҳмудов даҳҳо нусхаи ашъор, нусхаи "Наводир-ул-вақоеъ" ва "Зиҷ"-и А. Донишро соли гузашта пайдо намудаанд. Маҷмӯаи он осоре, ки аз А. Дониш ба мо расидаанд, исботкунанда ва инъикосдиҳандаи ҳар он чи, ки дар боло дар мавриди хушнависии ин шахсият овардем, ҳастанд. Албатта, ин осоре, ки дар даст дорем, ҳамаи осори ӯро ташкил намедиҳад. Аз ин осор мушаххас шуд, ки А. Дониш мисли дигар хушнависон аз хатти

настаълиқ, ки маъмулитарин навъи хатти навиштор аст, истифода мекардааст. Дар китоби Зиҷ ва «Наводир-ул-вақоеъ» бо настаълиқи маъмулӣ ва хушхат бархурд мекунем, аммо дар хушнависии ашъор тавассути А.Дониш настаълиқро дар авҷи зебоӣ метавон дид.Дар бархе аз ин навиштаҳо муаллиф номи комили худро бо маҳорату тавоноиҳояш мисли "мусаввир", "мунаҷҷим", "муҳандис" навишта, таърихи таълифро низ сабт кардааст. Маҳорати ӯро метавон дар равонӣ, диққат, нақшнигорӣ, ҷадвалкашӣ ва дигар хусусиёти осораш дид. Дар маҷмӯъ, метавон чунин натиҷа гирифт, ки Аҳмад Махдуми Дониш дар санъати хушнависии замони хеш на танҳо ба сифати як ҳунарманди ҳирфаӣ ном бароварда, инчунин дар санъати хушнависӣ, сабкҳои он ва усули анъанавии хушнависии гузашта ва давраи худаш диди нави ҳунарӣ ворид намуда ва ин шоҳкориҳоро метавон бар пояи осори ҳунариаш, ки то замони мо расидаанд, собит намуд.

Барои мо имрӯз бисёр муҳим ин аст, ки тавонем аз вазъи ҳунарҳои хушнависӣ ва китоборойӣ, истифодаи хушнависӣ дар ҳунарҳои корбурдӣ (санъати амалӣ), сабкҳои хушнависӣ, сабкҳои китоборойӣ, таҳияи маводи китоборойӣ, таъсирпазириву таъсиргузории ҳунарии мутақобил миёни шаҳрҳои Осиёи Миёна ва дигар бахшҳои ҳунари давраи А. Дониш ва ҳамзамонони ӯро ба таври тахассусӣ ва ҳирфаӣ баррасӣ, ҷустуҷӯ ва ошкор кунем.

**Муқарриз:** ***Хоҷаев М.*** **- номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Айнӣ К., Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. Асарҳои мунтахаб – Душанбе, 1959. -283 с.
2. С.Айнӣ. Воспоминание. – Ленинград, 1960. -921 с.
3. Бертельс Е.Э. История таджикско-персидской литературы. – Москва, 1960. -552 с.
4. Джуразода Дж. Х. О каллиграфии и каллиграфах Бухарского эмирата второй половины XVIII - середины XIX вв. // Учёные записки. –Хуҷанд, 2018. - №2. (55). – С.51-53.
5. Илолова М. Шедевры письменного наследия из собрания А.А. Семенова - «Мастер-Принт» 2011. - 121 с.
6. Камолиддин Ш.С. Рукописное наследие Узбекистана. – Ташкент, 2014. -С. 24.
7. Келичхани Х. Иранская каллиграфия – Изд. «Садра» 2019. -408с.
8. Муродов А. Ӯрта Осиё хаттотлик санъати таърихидан. – Тошкент, 1971. -196 с.
9. Раҷабов А. Аҳмад Махдуми Дониш – Хаторо, китоборо ва мусаввир. –Душанбе, 2020. -162 с.
10. Раҷабов З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. – Душанбе, 1964. -282 с.
11. Ремпель Л. Далекое и близкое. Страницы жизни, быта, строительного дела, ремесла и искусства старой Бухары. – Ташкент, 1982. -С. 254.
12. Улугзода С. Ахмад Дониш – Сталинабад, 1946. -88 с.
13. Фолтз Р. Таърихи тоҷикон. – Кобул, 2019. -312 с.
14. Ҳашмат М. Тазкитар-уш-шуарои мутақаддимин. захираи нусхаҳои хаттии Институти шарқшиносии ба номи Абӯрайҳони Берунии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон Р:№ № 4767, 5561.
15. Ҳодизода Р. Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик. –Душанбе, 1974.-134 с.
16. Юсупова Д.Ю. Собрание восточных рукописей АН РУз. литература (диваны) Том I – Ташкент, 2017. -559 с.


**АҲМАДИ ДОНИШ ВА ҶОЙГОҲИ Ӯ ДАР РУШДИ ҲУНАРИ ХУШНАВИСӢ**


Дар мақолаи мазкур маҳорати волои хушнависии Аҳмад Махдуми Дониш дар асоси корҳои дар ин ҳунар анҷомдодаи ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) дар таърихи афкори иҷтимоӣ, илмию адабӣ ва фарҳангии асри XIX-и тоҷикон ва мардуми Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи хос дорад. Ӯ дар баробари нависанда, шоир, муаррих, ходими барҷастаи сиёсию давлатии замони худ будан, инчунин дар ҳунари хушнависӣ, китобсозӣ, китоборойӣ, меъморӣ, нигоргарӣ (миниётур) ва мусиқӣ низ саҳми назаррасе гузоштааст. Дониш мисли дигар хушнависон аз хатти настаълиқ, ки маъмулитарин навъи хатти навиштор аст, истифода мекардааст. Дар китоби «Зиҷ», дар «Наводир-ул-вақоеъ» бо настаълиқи маъмулӣ ва хушхат бархӯрд мекунем, аммо дар хушнависии ашъор тавассути А. Дониш настаълиқро дар авҷи зебоӣ метавон дид. Дар бархе аз ин навиштаҳо муаллиф номи комили худро бо маҳорату тавоноиҳояш мисли "мусаввир", "мунаҷҷим", "муҳандис" навишта, таърихи таълифро низ сабт кардааст. Имрӯз бисёр муҳим ин аст, ки аз вазъи ҳунарҳои хушнависӣ ва китоборойӣ, сабкҳои китоборойӣ, таҳияи маводи китоборойӣ, таъсирпазириву таъсиргузории ҳунарии мутақобил миёни шаҳрҳои Осиёи Миёна ва дигар бахшҳои ҳунари давраи

Дониш ва ҳамзамонони ӯро ба таври тахассусӣ ва ҳирфаӣ баррасӣ, ҷустуҷӯ ва ошкор намоем.
**Калидвожаҳо:** устоди хушнавис, хаттот, хушнависӣ, санъати китобсозӣ, сабк, мактаб, мактаби хосси хушнависӣ.

**АХМАД ДОНИШ И ЕГО МЕСТО В РАЗВИТИИ КАЛЛИГРАФИИ**

В этой статье рассматривается вклад Ахмада Махдума Дониша в развитии искусства каллиграфии, основанного на его работе в этой области. Ахмад Махдум Дониш (1827-1897) занимает особое место в истории научной, литературной и культурной мысли таджиков и среднеазиатских народов в XIX веке. Помимо того, что он был писателем, поэтом, историком и видным политическим деятелем своего времени, он также внес значительный вклад в развитии искусства каллиграфии, переплетное дело, архитектуру, роспись (миниатюра) и музыку.А. Дониш, как и другие каллиграфы, использовали насталик, наиболее распространенный тип письма. В книге Зиджа, в Навадир аль-Вакия, мы встречаем обычное повествование и красноречие, но в каллиграфии стихов А. Дониша можно увидеть на пике красоты. В некоторых из этих произведений автор написал свое полное имя со своими навыками и способностями как «художник», «астролог» и «инженер». Сегодня очень важно понимать состояние каллиграфии и библиографии, библейских стилей, развитие библиографических материалов, влияние и взаимодействие ремесел между городами Средней Азии и другими отраслями искусства времен нашей эры.
**Ключевые слова:** мастер каллиграфии, каллиграфия, книжное дело, стиль, школа, специальная школа каллиграфии.

**AHMAD DONISH AND HIS PLACE IN THE DEVELOPMENT OF CALLIGRAPHY**

This article examines the contribution of the mastery of Ahmad Mahdum Donish to the development of the art of calligraphy, based on his work in this field. Ahmad Makhdum Donish (1827-1897) occupies a special place in the history of scientific, literary and cultural thought of Tajiks and Central Asian peoples in the 19th century. In addition to being a writer, poet, historian and prominent political figure of his time, he also made significant contributions to the development of the arts of calligraphy, bookbinding, architecture, painting (miniature) and music.A. Donish, like other calligraphers, used nasta'liq, the most common type of writing. In the book of Zija, in Navadir al-Wakiya, we meet the usual storytelling and eloquence, but in the calligraphy of A. Donish's poems can be seen at the peak of beauty. In some of these works, the author wrote his full name with his skills and abilities as "artist", "astrologer" and "engineer". Today it is very important to understand the state of calligraphy and bibliography, biblical styles, the development of bibliographic materials, the influence and interaction of crafts between the cities of Central Asia and other industries. art of the times of our era. View professionally and professionally, seek and discover his knowledge and contemporaries.
Key words: master of calligraphy, calligraphy, book-making, style, school, special school of calligraphy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Эраҷи Меликиён*** Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон**: +992 987-811-811** E-mail: **erajrom@yandex.ru**

**Сведения об авторе:*****Эраджи Меликиён*** - Институт истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон**: +992 987-811-811** E-mail: **erajrom@yandex.ru**

**Information about the author**: ***Eraji Melikiyon*** -, Institute of History, Archeology and Ethnography named after Ahmad Donish of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: **987-811-81**. E-mail: **erajrom@yandex.ru;**

**УДК: 327.8(575.3+575.2)**

# ТАШАККУЛ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ-ТИҶОРАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР ОҒОЗИ АСРИ XXI (СОЛҲОИ 2001-2016)

***Олимов М.А., Абдуллоев Ҷ.Т.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Оғози асри XXI дар тақдири таърихии халқҳои минтақаи ОМ таҳаввулоти ҷиддиеро ба бор овард. Ин пеш аз ҳама бо тағйири нақши минтақа дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ, боло рафтани арзиши маводҳои табиии сӯхт ва густариши падидаи ҷаҳонишавӣ алоқаманд буд. Дар қаринаи ҷаҳонишавӣ яке аз унсурҳои муҳимми

муносибати кишварҳо ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ ҳисобида мешавад. Ин ҳолат дар муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон низ дахл дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолияти давлатӣ ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар ОМ дониста, ҷонибдори таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии мардумони минтақа бар пояи дӯстӣ ва ҳусни эътимод мебошад[16].Саҳми умумии тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳаҷми умумии гардиши тиҷоратӣ бо кишварҳои ИДМ соли 2001 1,7 % , соли 2005 6,57 %-ро ташкил додааст.

Ба инкишофи тиҷорати хориҷӣ пеш аз ҳама санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд. Масалан, мақомоти гумруки Тоҷикистон ва Қирғизистон 22 июли соли 2005 созишномаи байниҳукуматиро дар бораи интиқоли транзитии молҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ ба имзо расониданд.Вале ҷанбаи манфӣ он буд, ки тавозуни умумии тиҷорат бо Ҷумҳурии Қирғизистон ба фоидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон набуд. Инро аз як ҷиҳат бо ҳамрангии истеҳсолот ва аз тарафи дигар бинобар воридоти молҳои хитойӣ ба воситаи бозори Бишкек маънидод намуд[13,с.61]. Ҳарчанд дар давраҳои минбаъда ин бозор аҳмияти худро бинобар ба роҳ мондани алоқаҳои бевосита бо Хитой ва соҳибкорони хитойӣ гум намуд, вале тавозуни манфӣ дар тиҷорати мо бо Қирғизистон боқӣ монд.

24 сентябри соли 2003 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар маҷлис масъалаҳои марбут ба ташкили минтақаҳои хариду фурӯши мол дар маҳалҳои наздисарҳадӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва беҳтар намудани фаъолияти молиявии корхонаи муштараки Тоҷикистону Амрико ва Британия - "Оби зулол" муҳокима гардиданд.26 сентябри соли 2003 Э. Раҳмон Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Дар бораи ташкил намудани савдои наздисарҳадӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон" ба имзо расонид.

Қарори мазкур бо мақсади таҳкими муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва дӯстона байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя ба имзо расонида шуд.

Тибқи қарори мазкур қаламрави шаҳру ноҳияҳои Исфара, Мастчоҳ, Нов, Конибодоми вилояти Суғд, ноҳияи Ҷиргатол ва шаҳри Турсунзода минтақаҳои савдои наздисарҳадӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон муқаррар гардиданд[4]. Ба мақсади густариши тиҷорати ду кишвар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2003 қабул гардид, ки он ба рушди тиҷорати наздисарҳадӣ имконият фароҳам овард. Дар заминаи ин қарор дар ноҳияи Исфара дар сарҳади Қирғизистон бозори «Гулистон» кушода шуд. Амали мазкур ба рушди тиҷорати байнидавлатии кишварҳо мусодат намуд. Самти афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳо- саноати кӯҳӣ, металлургияи ранга, комплекси агросаноатӣ, саноати сабук, энергетика, коммуникатсия ва нақлиёт мебошад. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Қирғизистон маъмулан нахи пахта, маҳсулоти кишоварзӣ ва нассоҷӣ содир мешавад. Аз Ҷумҳурии Қирғизистон бошад ба ҷумҳурии мо шифер, шиша, чароғҳои барқӣ, гушт ва маҳсулоти ниёзи мардум ворид мешавад.

Асоси ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро соҳаҳои саноати сабук, металургияи ранга, энергетика, нақлиёт, коммуникатсия ва бахши кишоварзӣ ташкил медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Қирғизистон электроэнергия, пахта, алюминий ва анвои мухталифи маҳсулоти кишоварзиро содир намуда, аз ин кишвар гандум, маҳсулоти ордӣ, нафтӣ, оҳан (металл) ва нуриҳои минералӣ ворид менамояд.

Густариши равобити дуҷониба байни ду кишвари соҳибистиқлол ҳамчунин бо доир гардидани ҷаласаҳои Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва машваратҳои байниидоравӣ таҳкиму тақвият ёфт. Махсусан, зимни вохӯриҳои кории вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон масъалаҳои ҳамкориҳои судманд пайваста мавриди муҳокима қарор

гирифта, ҷиҳати идомаи ин силсилаи ба мақсад муфид, нақшаи фаъолияти минбаъда ва гузаронидани дигар чорабиниҳо баррасӣ мегардид. 8 сентябри соли 2004 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар Кохи Борбади пойтахт ба ифтихори 13-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи тантанавӣ баргузор гардид.Сарвари давлат зикр намуд, ки барои истифодаи афзалиятҳои сиёсати иқтисодӣ ҳалли масъалаи аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфтан ва дорои роҳҳои нақлиётии ҳозиразамон шудани Тоҷикистон аҳаммияти бузург дорад.

Бинобар ин, дар кишварамон азнавсозӣ ва сохтмони якчанд роҳҳои автомобилгарду роҳи оҳани дохилӣ, аз ҷумла бунёди туннелҳои мошингарди Анзобу Шаршар идома доранд. Туннели Анзоб бояд соли 2006 ба истифода дода шавад. Дар оянда бо ҷалби сармояи хориҷӣ таъмир ва азнавсозии роҳи Душанбе-Хуҷанд ба нақша гирифта шудааст.Роҳи байналмилалии мошингарди Душанбе - Кӯлоб - Хоруғ - Кулма - Қароқурум соли 2005 пурра ба истифода дода мешавад ва он тамоми фаслҳои сол ҳамлу нақли бору мусофиронро таъмин менамояд. Ба истифода супурда шудани ин роҳ яке аз дастовардҳои бузурги таърихии давраи истиқлолият мегардад.

Ҳоло навбати якуми азнавсозии шоҳроҳи Душанбе - Нуробод - Рашт-Саритош - Ош дар арафаи оғозёбист, ки моро бо Қирғизистон, Қазоқистон ва Федератсияи Россия мепайвандад. Ин роҳ хеле кӯтоҳ ва аз лиҳози иқтисодӣ ниҳоят фоиданок хоҳад шуд.Соли ҷорӣ пули миёни Тоҷикистону Афғонистон дар ноҳияи Дарвоз ба истифода дода шуда, сохтмони кӯпрукҳои Панҷи поён ва Ишкошим, ки тавассути Афғонистон барои ба кишварҳои Шарқи Миёна ва бандарҳои ҷаҳонӣ баромадани мо имконият фароҳам меоранд, оғоз мeёбанд. Солҳои оянда бошад, сохтмони боз ду пули дигар дар дарёи Панҷ дар ноҳияҳои Фархору Шӯробод пешбинӣ шудааст. Ҳамаи ин тадбирҳо ба раҳо ёфтани Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ мусоидат намуда, барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат имконияту шароитҳои мусоид фароҳам меоранд[17,с.191-192].

13 феврали соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон бо Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Қирғизистон дар Тоҷикистон Т.Ҷунушалиев вохӯрд, ки да рафти суҳбат бунёди хатти баландшиддати интиқоли нерӯи барқи Боткент – Конибодом ва роҳи автомобилгарди Душанбе – Саритошро омили хуби вусъатбахши робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон арзёбӣ намуда, таҳкиму густариши ҳамкориҳои судбахши дуҷонибаро дар соҳаи гидроэнергетика, истифодаи самарабахши захираҳои обӣ ва рушди саноати кӯҳӣ аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои минбаъдаи ду кишвари ҳамсоя маънидод карданд.Дар мулоқот оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистону Қирғизистон дар доираи муносибатҳои дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ба мисли Иттиҳоди иқтисодии Аврупою Осиё, СААД, СҲШ ва дигар ташкилотҳо мубодилаи афкор сурат гирифт[18,с.92].Дар муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Тоҷикистону Қирғизистон тамоюли муайяни болоравӣ мушоҳида мешавад.Динамикаи инкишофи ҳамкориҳои тиҷоратӣ хусусияти мусбиро доро буда, ҳамасола дар афзоиш аст. Масалан агар ҳаҷми он дар соли 2002 ба 8,9 млн. доллар баробар бошад, ин нишондод дар соли 2003-юм аллакай ба 31,2 млн доллар, дар соли 2004-ум ба 22 млн. доллар, дар соли 2005-ум ба 23,8 млн. доллар ва дар соли 2006 ба 39,4 млн. доллар баробар гардид[14].

Аз Ҷумҳурии Қирғизистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон орди гандум дар ҳаҷми 540 ҳазор доллар, маҳсулоти нафтӣ-9901 ҳазор доллар, неруи барқ -1941 ҳазор доллар, битуми нафтӣ I - 253 ҳазор доллар, маснуоти аз асбестосемент ва семент тайёркардашуда - 373 ҳазор доллар ворид мегардад.Содироти умумии Ҷумҳурии Точикистон ба Ҷумҳурии Қирғизистон 2007 ҳазор доллар, воридот - 56921 ҳазор долларро ташкил медиҳад[8,с.124].

Ҳарчанд рақамҳои мазкур иқтидори пурраи иқтисодии кишварҳоро инъикос нанамояд ҳам, вале бовари дорем, ки фаъолияти босамари хатти интиқоли барқи

Конибодом-Боткент ва бунёд ёфтани хатти баландшиддати Ҷануб-Шимоли Тоҷикистон ва роҳҳои мошингарди Душанбе-Хуҷанд-Чаноқ ва Душанбе-Ҷиргатол-Саритош ва бо ба истифода додани шоҳроҳи Душанбе – Ҷиргатол- Саритош ин нишондодҳо босуръат меафзоянд.Ҳамзамон ба истифода дода шудани пулҳои байналмилалӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Дарвоз мустақиман роҳҳои кишвари моро ба Афғонистон кушоданд. Имрӯз бошад дар ноҳияи Ишкошим боз як чунин пулро ба истифода додем. Бо дастгирии молиявии Хазинаи Оғохон ҳоло боз сохтмони якчанд пулҳои дигар аз болои дарёи Панҷ ба нақша гирифта шудаанд.

Дар мавриди бунёд ва истифодаи самарабахши пулҳои зикршуда тиҷорати миёни Тоҷикистон ва Афғонистон вусъат меёбад ва ба беҳбудии сатҳи зиндагии мардуми Бадахшон ва ҳарду кишвари ҳамсоя мусоидат хоҳад кард. Манфиат ва самараи ин роҳу пулҳоро мо аллакай эҳсос мекунем. Хотирнишон намудан бамаврид аст, ки дар давоми нӯҳ моҳи соли ҷорӣ аз Ҷумҳурии Қирғизистон ба ноҳияҳои вилояти Бадахшон ба андозаи зиёда аз ду ҳазор тонна борҳои гуногун ва аз ҳудуди вилоят аз тариқи пулҳои болои дарёи Панҷ ба Афғонистон беш аз 730 адад нақлиёти автомобилӣ, аз ҷумла 545 адад нақлиёти боркаш ва 185 адад нақлиёти сабукрав интиқол дода шудаанд[7]. Барои аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон, инчунин бо мақсади дар тамоми фаслҳои сол дар байни ҳамаи минтақаҳои мамлакат таъмин кардани ҳаракати нақлиёт ва ба як қаламрави воҳид табдил додани Тоҷикистон мо бунёди роҳу туннелҳоро пеш гирифтаем, ки ин бешубҳа воситаи беҳтарини ба якдигар боз ҳам наздик шудани мардум ва таҳкими бештари ваҳдати миллӣ мебошад.

Ба ин хотир, Ҳукумат лоиҳаи таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе - Ваҳдат - Нуробод - Рашт - сарҳади Қирғизистонро таҳия ва қабул намуда, беш аз як сол шуд, ки марҳилаи якуми онро ба маблағи 76 миллион сомонӣ татбиқ карда истодааст. Дар доираи ин лоиҳа ҳоло таъмиру таҷдиди роҳи Душанбе - Ваҳдат - Оби Гарм - Нуробод, инчунин 75 километр роҳҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Файзобод ва Роғун босуръат идома дорад.Ба истиқболи Рӯзи Ваҳдати миллӣ имрӯз ба марҳилаи дуюми таҷдиди шоҳроҳи мазкур, яъне Нуробод – Рашт – Тоҷикобод, ки маблағи он 126 миллион сомониро ташкил медиҳад, оғоз бахшидем. Мувофиқи он роҳи мошингарди зикршуда, роҳи дувоздаҳкилометраи наздисарҳадии Қарамик ва 60 километр роҳҳои маҳаллии ин ноҳияҳо аз нав сохта мешаванд. Бо амалӣ гардидани марҳилаи сеюми таҷдиди шоҳроҳ, ки ҳоло таҳияи ҳуҷҷатҳои техникиву иқтисодии он идома дорад, то охири соли 2008-ум роҳи Душанбе - Саритош мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ пурра сохта, ба истифода дода мешавад ва мо дарояндаи наздик робитаи нақлиётии Тоҷикистонро аз тариқи Ҷумҳурии Қирғизистон бо Қазоқистону Россия ва Аврупо, инчунин тавассути Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо Чин ва дигар кишварҳои Осиё таъмин менамоем.Бо фароҳам омадани робитаҳои байналмилалии нақлиётӣ ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо беш аз пеш густариш ва тавсеа хоҳанд ёфт. Аз ҷумла, бо кушода шудани шоҳроҳи Душанбе – Саритош дарояндаи наздик кишоварзони мамлакатамон, пеш аз ҳама сокинони водии Рашт, ки бо истеҳсоли меваю картошка ва асал шӯҳрат доранд, метавонанд маҳсулоти худро ба бозорҳои Қазоқистону Россия ва Чин бароранд[9,с.107].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси консорсиуми байналхалқиро пешниҳод карда, боварии комил дорад, ки натиҷаҳои воқеӣ ва мусбати анҷоми сохтмони иншоотҳои азими энергетикиро танҳо дар мавриди сохтмони хатҳои муқтадири интиқоли қувваи барқ ва имзои созишномаҳои дарозмуддати тиҷоратӣ бо истифодабарандагони эҳтимолии қувваи барқ ба даст овардан мумкин аст, ки дар ин нерӯгоҳҳо истеҳсол карда мешавад.Мо дар ин масъала мавқеи созмонҳои байналхалқии молиявиро дастгирӣ мекунем, ки хатҳои интиқоли қувваи барқ бояд дар муддати кӯтоҳ ва бо суръат сохта шаванд.Бинобар ин, мо чунин мешуморем, ки дар давоми солҳои наздик сохтмони хати интиқоли барқи 500 киловолтаи «Ҷануб –

Шимол» (Роғун–Сангтӯда–Душанбе–Хуҷанд) бо шохаи он аз истгоҳи иловагии 500-киловолтаи «Хуҷанд» ба истгоҳи иловагии 500-киловолтаи «Шимкент»-и Қазоқистон ва истгоҳи иловагии 500 киловолтаи «Датка»-и Қирғизистон анҷом додан зарур аст[10];

Дар айни замон барои Бадахшон марҳилаи нави тараққиёт оғоз меёбад, яъне мардуми он метавонад аз имкониятҳои ба вуҷудомадаи гидроэнергетикӣ ва робитаҳои нақлиётӣ, ки вилоятро тамоми фасли сол бо шаҳру ноҳияҳои кишварамон ва бо ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Чин ва Афғонистон мепайванданд, самарабахш истифода намуда, бо таъсиси корхонаҳои дорои технологияҳои муосири истеҳсолӣ, вусъати тиҷорат ва хизматрасонӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоят ва мамлакат саҳми арзанда гузоранд[11].

Самти дигари ояндадори ҳамкориҳои минтақавӣ, ба ақидаи мо, татбиқи ҳадафмандонаи истифодаи босамараи захираҳои об ва имконоти энергетикии ОМ аст. Минтақаи мо аз лиҳози бойигариҳои табиӣ сарватманд аст, ки дар он яке аз ҷойҳои аввалро захираҳои оби нӯшокӣ ишғол намуда, барои иқтисодиёт, инсон ва муҳити зист аҳаммияти ҳаётан муҳим доранд. Вале манбаъҳои он номутаносиб ҷойгир шудаанд. Қисмати бузург, яъне 90 фисади онҳо аз Тоҷикистону Қирғизистон сарчашма мегиранд. Аз ин миқдор тақрибан 60 фисади онҳо ба кишвари мо рост меояд ва мо аз лиҳози маҷмӯи ҳаҷми захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон ҷойи 8-умро ишғол менамоем, ки потенсиали солонаи он 527 миллиард киловатт-соат аст[7,с.135]. Мавқеи хосси ҷойгиршавии ҷуғрофии Тоҷикистон барои интиқоли нерӯи барқ ба кишварҳои ҳамсоя бо талафоти камтарин имконият медиҳад. Ҳоло дар шабакаи энергетикии муштарак, ки солҳои Шӯравӣ барпо шуда буд, маҳдудиятҳои техникӣ ба вуҷуд омадаанд ва ин ҳолат чандин сол аст, ки ба Тоҷикистон барои содироти нерӯи барқ дар давраи тобистон имконият намедиҳад. Бо мақсади ҳалли проблемаи таъмини қисми шимоли кишвар бо нерӯи барқ ва интиқоли он ба кишварҳои шимоли Тоҷикистон, аз ҷумла Россия сохтмони хатти интиқоли барқи 500-киловолтаи "Ҷануб - Шимол" оғоз ёфтааст ва босуръат идома дорад. Ин хатти барқ ҳамчунин имконият фароҳам меорад, ки кишварҳои дигар, аз ҷумла Ҷумҳурии Кирғизистон нерӯи барқи худро тавассути кишвари мо ба Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Шарқӣ интиқол намоянд. Сохтмони хатти интиқоли барқи мазкур вазъи ҳамкории шабакаҳои энергетикии Тоҷикистон, Туркманистон, Қирғизистон, Россия ва ҷануби Қазоқистонро беҳтар намуда, имконияти интиқоли қувваи барқи арзони дар нерӯгоҳҳои барқи обии Тоҷикистон истеҳсолшударо ба ин кишварҳо фароҳам мегардонад. Ғайр аз ин, масъалаҳои интиқол ва содироти барқ аз нерӯгоҳҳои бунёдшавандаи "Роғун", "Сангтӯда-1" ва "Сангтӯда-2" ба шабакаҳои энергетикии ҷануби Қазоқистону Россия ва ҳамчунин бо дарназардошти дурнамо интиқоли он ба Афғонистон, Покистон, Эрон ва Ҳиндустон ҳаллу фасл хоҳанд шуд[7,с.310].

27 июни соли 2006 Сарвари давлати Тоҷикистон Э. Раҳмон дар маросими оғози давраи дуюми таҷдиди роҳи автомобилии Душанбе- сарҳади Қирғизистон иштирок намуд.Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Э. Раҳмон оғози марҳилаи дуюми таҷдиди роҳи автомобилии Душанбе- сарҳади Қирғизистонро идомаи сиёсати бунёдкорона ва созандагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири баровардани ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини фардои дурахшони Ватан арзёбӣ намуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуд, ки дарозии роҳи дар марҳилаи дуюм таҷдидшаванда 77 км-ро ташкил дода, маблағи умумии лоиҳа аз 126 млн. сомонӣ иборат аст. Дар доираи ҳамин лоиҳа боз 12 км роҳи дигар беҳбуд ёфта, 60 км роҳҳои маҳаллӣ низ таҷдид карда мешаванд.Дар татбиқи ин лоиҳа 500 нафар аҳолии маҳаллӣ муддати ду сол бо ҷои кор ва маоши хуб таъмин мегарданд, таъкид дошт Э. Раҳмон[18,с.311].Дар соли 2007 аз ҳаҷми гардиши тиҷоратии умумии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ба саҳми Қирғизистон - 1,4% воридоти мол рост омада аз саҳми умумии кӯмаки башардӯстона ба Тоҷикистон - 0,4% -и он аз ин кишвар ворид

шудааст[5].15-16 майи соли 2008 дар шаҳри Хуҷанд мулоқоти кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Қ. Боқиев доир гардид.Дар натиҷаи мулоқоти президентони Тарафҳо Изҳороти муштарак қабул карда шуд, ки чунин созишҳо ба мувофиқа расиданд:

- таъсиси Шӯрои байнидавлатии ҳамоҳангсози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон;

- тезонидани кори Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба делимитатсия ва нишонагузории сарҳади давлатӣ ва барасмиятдарории ҳуқуқии сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон;

Ба мақсади пешгирии низоъҳо оид ба масъалаҳои хоҷагӣ дар ҳудудҳои наздисарҳадии ду давлат Президентҳо ба ҳукумати Тарафҳо мувофиқа ва имзои созишномаи байниҳукуматӣ дар бораи манъи фаъолияти хоҷагӣ қад қади сарҳади давлатӣ то анҷоми делимитатсия ва демаркатсияи он ва иҷораи чарогоҳҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон супориш доданд;

- барои ҳалли фаврии масъалаҳои мавҷудаи баҳснок тарафҳо дар бораи таъсиси Гурӯҳи муштараки маъмурии ҳудудҳои наздисарҳадӣ ба мувофиқа расиданд.

Бо назардошти иқтидори амалинашудаи гардиши тиҷорати хориҷӣ Тарафҳо Президентон зарурат ва аҳаммияти гузаронидани кори мушаххасро барои пайваст кардани роҳҳои автомобилӣ ва оҳан бо баромад ба кишварҳои сеюм аз ҳудуди ду кишвар таъкид карданд [1]. Баъди мулоқоти кории сарварони давлатҳо ҷаласаи ҳаштуми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии маҷмӯии масъалаҳои дуҷониба 25-26 июли соли 2008 дар шаҳри Исфараи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, ки масъалаҳои барои ҳар ду тараф муҳимро муҳокима кард. Комиссияро аз Тарафи Қирғизистон Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Қирғизистон Сулайманов Нурлан Чолпонбаевич роҳбарӣ менамуд. Ҳамраис аз Тарафи Тоҷикистон – Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳим Ашур буд. Комиссия масъалаҳои ҳамкори дутарафаро дар соҳаи иқтисод баррасӣ намуд, аз ҷумла:- дар бораи рафти иҷрои Протоколи ҳафтуми ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии маҷмӯии масъалаҳои дуҷониба аз 06 сентябри соли 2007 дар шаҳри Бишкек – Комиссия маъулумоти Тарафҳоро дар бораи рафти иҷрои Протоколи пештара ба инобат гирифта, ба вазорат ва мақомоти Тарафҳо идомаи корро ҷиҳати иҷрои қарорҳои он дастур дод;

- дар бораи ҳолат ва дурнамои ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон – Комиссия қайд намуд, ки айни замон раванди афзоиши нишондодҳои гардиши тиҷорати хориҷӣ мушоҳида мешавад, ки бо фаъолшавии субъектҳои хоҷагии Тарафҳо ба ҳамкории мутақобила алоқаманд аст, инчунин муносибатҳои Тарафҳо дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ, саноати кӯҳӣ, гидроэнергетика, интиқоли мутақобилаи молҳои талаботи мардумӣ инкишоф меёбанд.

- оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат – Комиссия ба мақомотҳои манфиатдори Тарафҳо дастури баррасӣ ва пешниҳод ба ҳукумати Тарафҳоро оид ба ташкили корхонаҳои муштарак дар соҳаи саноати сабук ва мошинсозиро дод. Дар рафти кори Комиссии Тарафҳо рӯйхати корхонаҳоро барои ташкили Корхонаи муштарак мубодила карданд.

Комиссия ташкили Корхонаи муштарак дар соҳаи саноати коркардро намуд (коркарди сабзавот, мевагӣ, истеҳсоли афшура, истеҳсоли равғани растанӣ, намаки йоддор, оби маъданӣ ва нӯшокиҳои гайриспиртӣ, хушк кардани сабзавот ва меваҳо)[1];

- оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика – Комиссия ба мақомотҳои манфиатдори Тарафҳо дастури коркард ва мувофиқати шакли қобили қабули протокол байни ҳукумати Тарафҳо дар бораи истифодаи муштараки захираҳои обӣ-энергетикиро то 1 ноябри соли 2007 дод. Инчунин Комиссия ба мақомоти обӣ ва энергетикии Тарафҳо

баррасии имконияти техникии додани нерӯи баркро аз 1 то 15 апрел аз шабакаҳои барқии Ҷумҳурии Қирғизистон ба истгоҳи обкашии «Хоҷабоқирғон» барои таъмини оби вилояти Боткенти Ҷумҳурии Қирғизистонро дод;

- оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика ва захираҳои газ ва обӣ-энергетикӣ– Комиссия бо назардошти изҳороти муштарки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон аз 16 майи соли 2008 ба мақомотҳои манфиатдори Тарафҳо мувофиқати масъалаҳои зеринро супориш дод:

- истифодаи муштараки захираҳои обӣ-энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар асоси дарозмуддат;

-татбиқи мутақобилаи интиқоли нерӯи барқ дар асои зарурат ва имкониятҳои Тарафҳо;

- татбиқи лоиҳаи сохтмони хатти баландшиддати барқ барои интиқоли барқ ба кишварҳои сеюм аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон;

-коркарди мавқеи умумӣ ва мувофиқашуда дар рафти ҳифзи манфиати Тарафҳо дар масъалаи ҳамкории обӣ-энергетикӣ дар минтақа дар доираи гуфтушуниди бисёртарафа;

- талоши муштарак барои имзои Протоколи 4-тарафаи байниҳукуматӣ оид ба истифодаи захираҳои обӣ-энергетикии обанборҳои Нарин-Сирдарё барои солҳои 2008-2010.

- оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт – Комиссия оид ба ҳаҷми корҳои иҷрошуда дар соҳаи сохтмони роҳҳои нави автомобилӣ, инкишофи якҷояи шабакаи нақлиётӣ ва пеш бурдани сиёсати нақлиётӣ дар самти кушодани долонҳои нави нақлиётӣ бо баромад ба бозорҳои Афғонистон ва Хитойро дод. Комиссия ба ҷониби Қирғизистон тайёр кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавиро барои сохтмони шохаи роҳи оҳани «Арка (Ҷумҳурии Қирғизистон) – «Қайроқум» (Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо пайваст ба роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дод. Ба ҷониби Тоҷикистон Комиссия муҳокимаи имконияти ҷудо кардани заминро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони ин шохаи роҳи оҳан супориш дод[1].

Тарафи Қирғизистон аз воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо дастгирӣ намуд. Протоколи имзошуда намунаи воқеии рушди муносибатҳои мо, инкишофи муносибатҳои дӯстона ва алоқаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни кишварҳо мебошад.Дар ҷаласаи нахустини Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ (августи с. 2009, ш. Душанбе) самтҳои асосии ҳамкориҳои муштарак дар бобати такмил додани асоси ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатӣ, ҳамоҳанг намудани кӯшишҳои дуҷониба ҷиҳати истифодаи оқилонаи захираҳои оби минтақаи ОМ, тақвияти ҳамкориҳо доир ба масъалаҳои сарҳадӣ, аз ҷумла, тариқи андешидани чораҳои иловагӣ барои пешгирӣ аз мушкилоту ҳодисаҳои манфӣ дар сарҳад ва осон намудани равобити байнисарҳадӣ ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифта, мушаххас гардонида шуданд.Масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои обию энергетикии минтақа, густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ, наздисарҳадӣ ва соҳаи нақлиёту коммуникатсия, пайваста мавриди баррасӣ ва ҳамоҳангсозии дигар сохторҳои марбутаи Тоҷикистону Қирғизистон қарор дода мешавад.Самаранокии ҳамкориҳои иқтисодӣ пеш аз ҳама бо нишондодҳои савдои мутақобила асоснок карда мешаванд. Мутобиқи нишондодҳо ҳаҷми савдои хориҷӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 2001-2008 чунин буд:

**Ҳаҷми савдои хориҷӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 2001-2008 (млн. доллари ИМА)**

| Солҳо ва самтҳо | соли 2001 | соли 2002 | соли 2003 | соли 2004 | соли 2005 | соли 2006 | соли 2007 | соли 2008 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҲСХ | 12,7 | 8,9 | 30,5 | 57,0 | 72,7 | 39,3 | 37,9 | 44,6 |
| Содирот | 3,1 | 3,7 | 3,7 | 4,4 | 3,2 | 11,2 | 3,3 | 6,9 |
| Воридот | 9,5 | 5,2 | 26,8 | 52,6 | 69,4 | 28,1 | 34,6 | 37,7 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ГТХ бо кишварҳои ИДМ бо % | 1,7 | 1,2 | 4,1 | 5,1 | 6,5 | 3,0 | 2.0 | 2,2 |
| ГТХ-и Тоҷикистон бо % | 0,9 | 0,6 | 2,0 | 2,5 | 3,1 | 1,2 | 0,8 | 0,9 |
| Нисбати соли гузашта бо % | 123,9 | 70,2 | 343,1 | 186,6 | 127,4 | 164,7 | 67,6 | 117,6 |

***Молҳои асосии содирот дар соли 2008:***сӯзишворӣ - минералӣ – 1947 ҳазор доллари ИМА –27,5%; реакторҳои ядроӣ, дегҳо, таҷҳизоти механикӣ 806 ҳаз. доллари ИМА - 13,3% ; воситаҳои нақлиёти заминӣ 891 ҳаз. доллари ИМА – 17,7% ва ғ.

***Молҳои асосии воридот дар соли 2008:*** коғазҳо – 31,5%; сӯзишворӣ -минералӣ, нефт ва маҳсулоти нефтӣ – 22,8%; воситаҳои нақлиёти заминӣ – 12,2%; - какао ва маҳсулот аз он – 9,0 %; шиша ва маҳсулот аз он – 4,2%; маснуот аз асбосемент – 9,8% ва ғ.Бояд таъкид кард, ки ҳаҷми гардиши тиҷоратӣ байни ду кишвар умуман динамикаи мусбати инкишоф дошта, дар солҳои охир афзоиш ба назар мерасад.

Новобаста аз афзоиши нисбии нишондоди ҳаҷми тиҷоратӣ дар муносибатҳои тиҷоратии ҷонибҳо баррасии масъалаи тавозун, савдои манфӣ ва воридоти зиёди мол аз Ҷумҳурии Қирғизистон зарур мебошад. Аз соли 2001 ҳаҷми воридот аз Қирғизистон афзуда содироти мол аз Тоҷикистон хеле кам шуд. Дар шароити рушди иқтисод ва аҳаммияти ҳамкориҳои тиҷоратӣ ин омил хеле нигаронкунанда мебошад.

Айни замон муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи пешниҳоди долонҳои нақлиётӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ, саноати кӯҳӣ, гидроэнергетика, содироти мутақобилаи молҳои ниёзи мардум нисбатан инкишоф ёфтаанд. Бояд таъкид кард, ки дар сохтори воридотии молҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ гуногунрангии молҳо ва афзоиши талабот ба молҳои сохтмонӣ ба назар мерасад, ки бинобар болоравии сохтмон ва сифати он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст.

Ба сифати самтҳои афзалиятноки ҳамкории дарозмуддати Тарафҳо чунин соҳаҳо аз қабили, электроэнергетика, истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои обӣ, иктишоф ва истихроҷи канданиҳои фоиданок, такмили инфрасохтори нақлиётӣ, амалисозии сиёсати муштараки нақлиётӣ, ташкили корхонаҳои муштарак дар саноат, инкишофи ҳамлу нақл ва густариши молҳо, амалиётҳои содиротӣ ва воридотӣ муайян шудаанд. Дар баробари ин, ҳолати умуммии ҳамкории иқтисодии ду кишвар, бо назардошти имкониятҳои мавҷуда тарафҳоро қаноатманд намесозад, махсусан дар соҳаи савдои мутақобила. Аз ҷониби дигар, дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон расман 13 корхонаҳои муштарак бо иштироки намояндаҳои қирғизӣ ба қайд гирифта шудаанд. Соҳаи асосии фаъолияти корхонаҳои муштарак – ин амалиёти тиҷоратӣ-иқтисодӣ дар ҳудуди Тарафҳо мебошад. Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон тарафдори ҳамкориҳои фаъоли минтақавӣ ва рушди равандҳои ҳамгироӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, ба ҳамкории муфиди тарафайн дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, аҳаммияти хосса дода мешавад. Мавқеи ҳар ду давлат оид ба бисёр масъалаҳои мубрами сиёсию иқтисодии дорои хусусияти минтақавӣ бо назардошти манфиатҳои дигар кишварҳои минтақа ба ҳам мувофиқат мекунад.Вале дар баробари ин омилҳои зиёде мавҷуданд, ки ба умқи ҳамгироии минтақавӣ монеа эҷод месозанд. Ин омилҳо ҳам хислати айнӣ ва ҳам зеҳнӣ дошта, масъалаи баҳсҳои таърихӣ яке аз монеаҳои раванди ҳамгироии минтақавӣ ба шумор меравад[6,с.29].Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бо мавҷудияти сарҳаду коммуникатсияи умумӣ, дорои имкониятҳои зиёди транзитӣ ҳастанд, ки сохтмони роҳҳо ба дигар давлатҳои минтақа яке аз самтҳои муҳимми онҳост. Сохтмони хатҳои интиқоли барқ ва роҳҳои оҳану автомобилгард, на танҳо барои рушди иқтисодии ду кишвар, балки ба густариши раванди ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қирғизистон имкониятҳои зиёди истифоданашудаи ҳамкориро дороянд. Вазъи кунунӣ дар минтақа талаб дорад, ки ин гуна ҳамкориҳо, махсусан дар самти пешгирии тундгароӣ, ифротгароӣ, терроризм ва қавмситезӣ

бошанд ва тавонанд пеши роҳи ин омилҳои хатарзоро ба хотири таъмини суботу амнияти минтақа гиранд.Дар ин самт истифодаи иқтидори механизмҳои минтақавӣ зарур мебошад, ки СҲШ яке аз онҳо маҳсуб мегардад. СҲШ инчунин имкониятҳои густурдаи ҳамкории бисёрҷонибаро дар самти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба миён меорад.

Бояд таъкид намуд, ки ба масъалаҳои мубрами дуҷониба ҳамеша таваҷҷӯҳи хосса дода мешавад. Рушди муосибатҳои дӯстӣ ва густариши ҳамкории бисёрпаҳлӯ миёни Тоҷикистону Қирғизистон ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи роҳбарони ду кишвар қарор дорад. Ҷиҳати дарёфти роҳҳои нави густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои барои ҳар ду давлат судманди соҳаҳои саноати кӯҳӣ, сабук ва хӯрокворӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, дар бахши аграрӣ, масъалаҳои коркарди муштараки сабзавот ва мева, фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои ҳамлу нақли маҳсулот, густариши ҳамкории байни корхонаҳо, тиҷорату савдо, Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ фаъолияти худро ҳамаҷониба ҷоннок кардааст.

Бино ба ақидаи таҳлилгарон, ҳаҷми гардиши савдои байни Тоҷикистону Қирғизистон нокифоя аст ва ҷиҳати рушди он дар муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, истифодаи самараноки захираҳои калони мавҷуда ба нафъи мардумони ду кишвар аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд. Бояд таъкид кард, ки сатҳи муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни ду кишвар амалан дар тамоми соҳаҳои ҳамкорӣ ба иқтидори мавҷудаи Тарафҳо мутобиқат наменамоянд. Дар соҳаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ кишварҳои мо дорои иқтидори бузурги татбиқношуда доранд, ки мебояд ҳаматарафа истифода гарданд. Зиёда аз он мебояд барои тиҷорати мутақобила ва ба сатҳи мусбат расонидани водироту воридоти молҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон талош намуд.Бо назардошти таҳлили ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар оғози асри XXI метавон ба хулосае расид:

Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамчун кишвари ҳамсоя, ҳамеша ҷойгоҳи хоси худро дар сиёсати хориҷиамон хоҳад дошт, ки он бо омилҳои объективӣ муайян гаштааст. Ин омилҳо пеш аз ҳама дар шабоҳати мушкилоти иқтисодӣ, зарурати истифодаи тамоми иқтидори кишварҳо баҳри рушди ҳамкорӣ мебошанд:

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон кишварҳои ҳамсоя буда, дар минтақаи ОМ ҷой гирифтаанд, ва дар назди онҳо вазифаҳои мушобеҳи рушд истодаанд, вобаста ба ин мебояд минбаъд нисбатан муназзам ба ҳалли масъалаҳои нисбатан мубрами минтақавӣ муносибат намоянд, ки нисбат ба онҳо мавқеи ягона ё монанд доранд, ва мисоли ин ҳамбастагӣ пеш аз ҳама масоили обӣ-энергетикӣ ва нақлиётӣ ба ҳисоб мераванд[12,с.130]; Муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни кишварҳо бо назардошти талошҳои мутақобилаи ду кишвар, дарки монандии имкониятҳои захиравӣ, табиӣ, обӣ-энергетикӣ, нақлиётӣ-коммуникатсионӣ, инчунин транзитӣ инкишоф меёбанд.Ба хотири тақвияти гардиши тиҷоратӣ байни кишварҳо бояд ба сохтори содирот ва воридот аҳаммият дод. Нишондоди таносуби тиҷоратӣ ба фоидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон набуда, зарур аст, ки ҷиҳати ба даст овардани тавозуни мусбат чораҳо андешида шаванд. Чунин чораҳо пеш аз ҳама ҷалби сармояи мустақим ба ҳисоб меравад, ки ба таври кофӣ ба назар намерасад. Дар давраи солҳои 2007-2017 аз ҷониби сармоягузорони Ҷумҳурии Қирғизистон ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5,6 миллион доллари ИМА ворид гардидааст, ки аз он 2,5 миллион доллари ИМА сармояи мустақим ва 3,1 миллион доллари ИМА-ро қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ташкил мекунанд ва ин нишондод нисбат ба имконоти мавҷуда хеле кам ба назар мерасад[1];

Ҷиҳати инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ масъалаи истифодаи ҳудуди якдигар ҳамчун транзит ва баррасии мушкилоти бастани роҳу гузаргоҳҳо зарур мебошад. Дар дурнамо лоиҳаи бунёди роҳи оҳани пайвасткунандаи кишварҳо ва баромад ба Чин ва Афғонистон сатҳи ҳамкориҳои мутақобилаи ҷонибҳоро афзоиш хоҳад дод;

Истифодаи самараноки иқтидори гидроэнергетикии кишварҳо танҳо зимни татбиқи лоиҳаҳои муштарак, пеш аз ҳама CASA – 1000 ба даст меояд. Дар баробари

ин, лоиҳаи мазкур бе бунёди НБО Роғун аҳаммияти ҷиддӣ нахоҳад дошт[15,с.2] ва дар самти амалисозии лоиҳаи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бо назардошти манфиатҳои миллии худ бояд масъалаҳоро хеле дақиқ то ба охир ҳаллу фасл намоянд. Манфиатҳои мо бояд бо манфиатҳои сармоягузороне, ки лоиҳаро маблағгузорӣ мекунанд, баробар ба назар гирифта шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раёсати ИДМ. Протокол 8 заседания Межправительственной комиссии Республики Таджикистан и Кыргызской Республики.
2. Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раёсати ИДМ. Информация о состоянии таджикско-киргызских отношений.
3. Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Оид ба рафти иҷрои Протоколи ҷаласаи 15-уми Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶҚ №11/2-40 аз 19.01.2018.
4. Дар бораи ташкил намудани савдои наздисарҳадӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон [Матн]: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2003 [Манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/13943 (санаи муроҷиат: 07.12.2019).
5. Зарифи, Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана [Текст] / Х. Зарифи. – Душанбе: 2009. - С. 176.
6. Олимов, М.А. Интерпретация национальных истори как препятствие региональной интеграции [Текст] / М.А. Олимов // Проекты сотрудничества и интеграции для Центральной Азии (сравнительный анализ, возможности и перспективы) Материалы международной конференции. - Худжанд, 26-28 июня 2007 года. - С.29.
7. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. [Матн] / Э.Раҳмонов. Ҷ. 7. – Душанбе: 2007. – С.324.
8. Созмони ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ: ташаккул, таҳаввул ва дурнамо (МТС назди Президенти ҶТ) [Матн] - Душанбе: 2005. - С.124.
9. Суханронӣ дар маросими таҷлили рӯзи ваҳдати миллӣ. Рашт, 27 июни соли 2006. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э.Раҳмонов. Ҷ. 7. – Душанбе: 2007. – С.107.
10. Суханронӣ дар мулоқоти дуюми байналмилалӣ аз рӯйи масъалаи дар амал татбиқ намудани барномаҳои сохтан ва ба истифода додани иншоотҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 16 январи соли 2006. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. 6 / Э. Раҳмонов. – Душанбе: 2006. – С. 388.
11. Суханронӣ дар маросими ба истифода додани навбати дуюми нерӯгоҳи барқи обии «Помир-1». Хоруғ, 1 ноябри соли 2005. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. 6 / Э. Раҳмонов. – Душанбе: 2006. – С. 309.
12. Сарыбаев, Э. А. Кыргызско – таджикские отношения в эпоху глобализации (политологический анализ) [Текст]: дисс. на соис. ученой степени к.п.н. / Э. А. Сарыбаев. – Бишкек: 2016. – С. 130.
13. Таджикистан и Кыргызстан: торгово-экономическое сотрудничество [Текст] – Худжанд: 2011. - С.61.
14. Таджикистан: 15 лет государственной независимости. (Статистический сборник). Госстатагенство при Правительстве Республики Таджикистан [Текст] – Душанбе: 2006. – С.336.
15. Худоибахш, Н. "КАСА-1000" бе "Роғун" чи маъно дорад? [Матн] / Н. Худоибахш // Ҷумҳурият. Шанбе, 18 феврали соли 2012 № 21-22 (22002003), - С.2.
16. Шарифзода А. Сиёсати муваффақи сиёсатмадори тавоно / А. Шарифзода, С. Шамсуддинзода [Манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/21504#khovaling (санаи муроҷиат: 05.10.2019)
17. Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмон: Соле, ки ба қарнҳо баробар аст (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2004). Китоби 4 [Матн] / А. Шарипов, С. Шамсиддинов. – Душанбе: 2006. – С.191-192.
18. Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмон: Соли тамаддуни ориёӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2006) [Матн] / А. Шарипов, З. Сироҷов. – Душанбе: 2006. – С.311.


## ТАШАККУЛ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ-ТИҶОРАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР ОҒОЗИ АСРИ XXI (2001-2016)


Дар мақола муаллифон инкишофи ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро дар оғози асри XXI, инчунин самтҳои асосии он ва ҳаҷми гардиши тиҷоратии ин ҳамкориҳо, дурнамои рушди онро мавриди таваҷҷуҳ қарор додаанд. Муаллифон қайд намудаанд, ки оғози асри XXI дар тақдири таърихии халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таҳаввулоти ҷиддиеро ба бор овард. Ин пеш аз ҳама, бо тағйири нақши минтақа дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ, боло рафтани арзиши маводҳои табиӣ сӯхт ва густариши падидаи ҷаҳонишавӣ алоқаманд буд. Дар қаринаи ҷаҳонишавӣ яке аз унсурҳои муҳимми муносибати кишварҳо ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ ҳисобида мешавад. Ин ҳолат дар муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон низ дахл дорад.Асоси ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро соҳаҳои

саноати сабук, металлургияи ранга, энергетика, нақлиёт, коммуникатсия ва бахши кишоварзӣ ташкил медиҳад. Дар мувофиқа бо нигоҳи муаллифон самти дигариояндадори ҳамкориҳои минтақавӣ, татбиқи ҳадафмандонаи истифодаи босамараи захираҳои об ва имконоти энергетикии Осиёи Марказӣ аст. Айни замон муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи пешниҳоди долонҳои нақлиётӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ, саноати кӯҳӣ, гидроэнергетика, содироти мутақобилаи молҳои ниёзи мардум нисбатан инкишоф ёфтаанд. Муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни кишварҳо бо назардошти талошҳои мутақобилаи ду кишвар, дарки монандии имкониятҳои захиравӣ, табиӣ, обӣ-энергетикӣ, нақлиётӣ-коммуникатсионӣ, инчунин транзитӣ инкишоф меёбанд.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ, вусъатбахшии сатҳи ҳамкориҳои мутақобила, муносибатҳои мутақобилаи иқтисодӣ-тиҷоратӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ ТОРГОВО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И КИРГИЗСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ В НАЧАЛЕ XXI ВЕКА (2001-2016 ГГ.)

В статье авторами подвергнуто рассмотрению и изучению развитие экономического сотрудничества между Республикой Таджикистан и Киргизской Республикой в начале XXI века, а также его основные направления и торговый оборот. Авторы отмечат, что начало XXI века внесло существенные изменения в историческую судьбу народов Центрально-Азиатского региона. В первую очередь это было связано с изменением роли региона на мировой политической арене, ростом цен на углеводороды и распространением глобализации. В условиях глобализации одним из важнейших элементов отношений между странами является торгово-экономическое сотрудничество. Это также относится к отношениям Республики Таджикистан с Киргизской Республикой. Основой экономического сотрудничества между Республикой Таджикистан и Киргизской Республикой являются лёгкая промышленность, цветная металлургия, энергетика, транспорт, связь и сельское хозяйство. Согласно мнению авторов статьи, ещё одним перспективным направлением регионального сотрудничества является целенаправленная реализация эффективного использования водных ресурсов и энергетического потенциала Центральной Азии. В настоящее время, отношения Республики Таджикистан с Киргизской Республикой относительно развиты в области обеспечения транспортных коридоров в сфере автомобильного транспорта, добычи полезных ископаемых, гидроэнергетики, взаимного экспорта товаров народного потребления. Двусторонние торгово-экономические отношения между двумя странами развиваются с учётом совместных усилий двух стран, понимания схожести ресурсных, природных, водно-энергетических условий, транспорта и коммуникаций, а также транзита.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан и Киргизская Республика, развитие торгово-экономического сотрудничества, повышение уровня взаимного сотрудничества, двусторонние торгово-экономические отношения.

## FORMATION AND PROSPECTS OF TRADE AND ECONOMIC COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE KYRGIZ REPUBLIC IN THE BEGINNING OF THE XXI CENTURY (2001-2016)

In the article, the authors examine and study the development of economic cooperation between the Republic of Tajikistan and the Kyrgyz Republic at the beginning of the XXI century, as well as its main directions and trade turnover. The authors note that the beginning of the XXI century has made significant changes in the historical fate of the peoples of the Central Asian region. This was primarily due to the changing role of the region in the world political arena, rising prices for hydrocarbons and the spread of globalization. In the context of globalization, one of the most important elements of relations between countries is trade and economic cooperation. This also applies to the relations of the Republic of Tajikistan with the Kyrgyz Republic. The basis of economic cooperation between the Republic of Tajikistan and the Kyrgyz Republic is light industry, non-ferrous metallurgy, energy, transport, communications and agriculture. According to the authors of the article, another promising area of regional cooperation is the purposeful implementation of the efficient use of water resources and the energy potential of Central Asia. At present, the relations of the Republic of Tajikistan with the Kyrgyz Republic are relatively developed in the field of providing transport corridors in the field of road transport, mining, hydropower, mutual export of consumer goods. Bilateral trade and economic relations between the two countries are developing taking into account the joint efforts of the two countries, understanding the similarity of resource, natural, water and energy conditions, transport and communications, as well as transit.

**Key words:** the Republic of Tajikistan and the Kyrgyz Republic, development of trade and economic cooperation, increasing the level of mutual cooperation, bilateral trade and economic relations.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Олимов Музаффар Абдуваккосович***- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, роҳбари Маркази тадқиқоти муқоисавӣ ва минтақавии назди ДМТ, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **muzaffarolimov@mail.ru**Телефон:**+(992)907-72-82-25, 93-472-72-47**

*Абдуллоев Ҷамшед Темурович* – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. . E-mail: **ajam-44444@mail.ru**Телефон: **(+992) 904-40-44-44**

**Сведения об авторах:** ***Олимов Музаффар Абдуваккосович*** – Таджикский национальный университет, руководитель Центра сравнительных и региональных исследований при ТНУ, доктор исторических наук, профессор кафедры зарубежного регионоведения факультета международных отношений. **Адрес**:734025, Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **muzaffarolimov@mail.ru**Телефон:**+(992)907-72-82-25, 93-472-72-47**
***Абдуллоев Джамшед Темурович*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международных отношений. **Адрес**: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 904-40-44-44.** E-mail: **ajam-44444@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Olimov Muzaffar Abduvakkosovich***- Tajik national university, head of Center for Comparative and Regional Studies under TNU, Doctor of Historical Sciences, Professor of Department of Foreign Studies, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. E-mail: **muzaffarolimov@mail.ru** Phone: **+(992) 907-72-82-25, 93-472-72-47**
***Abdulloev Jamshed Temuro***vich– Tajik national university, post graduator of international relations department. **Adress**: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki av., 17. E-mail: **ajam44444@mail.ru**
Tel: **(+992) 904-40-44-44**.

**УДК 94 (47) 084.2**

# АЗ ТАЪРИХИ ТАЪСИСИ ҲАЙАТИ ТАРАФҲОИ РАВАНДИ ОШТИИ МИЛЛӢ

***Абдуллоев М.Х., Холмуродова М.Б.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Раванди танзими низои сиёсии байни тоҷикон ва оштии миллии ҷонибҳои даргирро бе фаъолияти комиссияҳои фаврии оштии миллӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Зеро аз рӯзҳои аввали баргузории гуфтушунидҳо ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар доираи фаъолияти комиссияҳои якҷоя ҳаллу фасл намудани мушкилоти дар мамлакат ҷойдоштаро дар маркази диққат қарор дода буданд. Ташкили комиссияҳои муштарак имкон медод, ки ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар ҳайати онҳо ба таври баробар шомил гардида, масъалаҳои мавҷударо беғаразона ва бо дарназардошти манфиатҳои тарафайн баррасӣ намоянд ва роҳҳои хубтару беҳтари ҳалли онҳоро пайдо созанд. Инчунин, таъсиси комиссияҳои муштарак барои ҳалли низои сиёсии байни тоҷикон имкон дода буд, ки дар миёни ҷонибҳои даргир фазои боварӣ ва иродаи сиёсӣ устувортар гардад.

Чуноне ки маълум аст, даври аввали гуфтушунидҳои байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ дар зери ҳимояти СММ рӯзҳои 5-19 апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав баргузор гардида буд. Намояндагони Ҳукумати Тоҷикистонро вазири онвақтаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ Ш.Зуҳуров роҳбарӣ менамуд. Раиси Кумитаи координатсияи неруҳои демократии Тоҷикистон дар давлатҳои ИДМ О.Латифӣ ба сифати иҷрокунандаи вазифаи роҳбари намояндагони мухолифин баромад менамуд. Баъди анҷоми даври аввали гуфтушунидҳо як қатор ҳуҷҷатҳо ба имзо расонида шуданд, ки дар миёни онҳо «Протокол дар бораи таъсиси Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ аз Тоҷикистон» низ дохил мегардид. Ин ҳуҷҷате ба шумор мерафт, ки барои таъсиси аввалин комиссияи ҳалли масъалаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба имзо расида буд. Дар асоси ҳуҷҷати мазкур 19 апрели соли 1994 Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ аз Тоҷикистон таъсис дода мешавад, ки ҳайати он ба таври баробар аз

намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифин иборат буданд [4]. Таъсиси комиссияи мазкур дар самти ҳалли масъалаҳои мушаххаси сиёсӣ муваффақият ба даст оварда натавонист, аммо бо ин роҳ механизми муҳимми ҳамкориҳои ҷонибҳои низоъ бори аввал дар амал татбиқ гардид, ки дар оянда метавонист мавқеъҳои муқобилро бо ҳам наздик созад.

Бояд гуфт, ки марҳилаи навбатии даври дуюми вохӯриҳои ҷонибҳои даргир рӯзҳои 12-17 сентябри соли 1994 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардида буд. Ин навбат намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муовини аввали Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Достиев роҳбарӣ менамуд. Намояндагони мухолифини тоҷикро муовини аввали раиси Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон А.Тураҷонзода роҳбарӣ менамуд. Дар ҷараёни вохӯрӣ мақсади пештар гузошташуда амалӣ мегардад ва дар охири вохӯрӣ «Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалҳои дигари хусуматомез дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон» ба имзо расонида мешавад. Дар созишномаи мазкур зарурати ташкил намудани Комиссияи муштарак, ки бо миёнаравии СММ бояд иҷроиши шарту шароитҳои созишномаи оташбасро назорат менамуд, таъкид мегардад [9, с.94]. Бояд гуфт, ки комиссияи мазкур дар самти танзими бархӯрдҳои мусаллаҳона саҳми калон гузоштааст ва минбаъд барои дар таркиби Комиссияи оштии миллӣ ташаккул додани зеркомиссияи масъалаҳои ҳарбӣ заминаи хуб фароҳам овардааст.

Аз 21 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломобод даври сеюми гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир баргузор мегардад. Дар охири гуфтушунидҳо ҳуҷҷати махсус таҳти унвони «Протокол дар бораи Комиссияи муштарак оид ба амалисозии Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили мамлакат» ба имзо расонида мешавад. Дар протоколи мазкур тартиби фаъолияти Комиссияи муштарак нишон дода шуда буд, ки дар атрофи таъсиси он 17 сентябри соли 1994 дар шаҳри Теҳрон дар вохӯрии машваратӣ ҷонибҳо ба мувофиқа расида буданд. Мувофиқи талаботҳои ҳуҷҷати мазкур Комиссияи муштарак мақомоти асосие ба шумор мерафт, ки он раванди иҷроиши бандҳои алоҳидаи «Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили мамлакат»-ро бояд назорат менамуд. Комиссияи мазкур ба таври баробар дар ҳайати 10 нафар – 5 нафар аз як ҷониб ва 5 нафар аз ҷониби дигар ташкил шуда буд. Инчунин, аз ҳарду ҷониб аз ҳайати панҷнафарӣ як нафар роҳбар интихоб гардида буданд [7]. Таҳқиқу тафтиши ҳолатҳои риоя нагардидани талаботҳои Созишномаи оташбас ба салоҳияти Комиссияи мазкур дохил мегардид, ки дар ҳолатҳои рух додани қоидавайронкунӣ комиссия метавонист аз роҳбарияти ҷонибҳои бо ҳам муқобил дар бораи воқеаи мазкур иттилооти зарурииро талаб намояд. Дар банди 4-уми «Протокол дар бораи Комиссияи муштарак...» вазифаҳои комиссияи мазкур ба таври зерин муайян гардида буданд: назорати аз тарафи ҷонибҳои бо ҳам муқобил иҷро гардидани талаботҳои Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили мамлакат; дар асоси иттилооти воқеӣ таҳқиқи ҳолатҳои риоя нагардидани талаботи Созишномаи мазкур; ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик, ба СММ ва намояндагони нозирони гуфтушунидҳои байни тоҷикон пешниҳод намудани роҳҳои бартараф намудани қоидавайронкунӣ ва оқибатҳои риоя накардани талаботи Созишнома [7].

Намояндагони Комиссияи муштарак дар раванди иҷроиши вазифаҳои худ бояд бо созмонҳои байналхалқӣ ҳамкорӣ менамуданд. Пеш аз ҳама, Комиссия бо чунин созмонҳои байналхалқӣ, ба монанди Намояндагии СММ дар Тоҷикистон, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва Кумитаи байналхалқии Салиби Сурх бояд ҳамкорӣ менамуданд. Ҳамзамон, амният ва дахлнопазирии аъзоёни Комиссия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик кафолат дода мешуд. Базаи моддӣ-техникӣ барои фаъолияти Комиссия аз ҳарду ҷониб таъмин мегардид. Барои таъмини чунин шароит Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳудуди мамлакат ва мухолифин дар ҳудуди Афғонистон чунин масъулиятро бар дӯш гирифтанд. Созмонҳои байналхалқӣ низ ба Комиссияи мазкур ёрии молиявӣ менамуданд. Аз ҷумла, Неруҳои дастаҷамъонаи сулҳофари ИДМ, ки он замон дар ҳудуди Тоҷикистон қарор доштанд, фонди ҳадафноки молиявӣ ташкил намуданд. Бинои маъмурии Комиссияи муштарак дар шаҳри Душанбе ҷойгир карда шуда буд. Бояд гуфт, ки Комиссияи муштарак барои риоя намудани талаботҳои «Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили мамлакат дар давраи баргузории гуфтушунидҳо» таъсис дода шуда буд [7].

Аммо дар самти тақвият пайдо намудани фаъолияти комиссияҳои фаврии оштии миллӣ вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо раиси Иттиҳоди мухолифни тоҷик С.А.Нурӣ, ки 10-11 декабри соли 1996 баргузор гардида буд, заминаи хуб фароҳам меоварад. Роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам муқобил рӯзҳои 10-11 декабри соли 1996 дар Хосдеҳи Афғонистон вохӯрии шахсӣ баргузор менамоянд ва амалиётҳои ҳарбии водии Қаротегинро баррасӣ мекунанд. Дар охири вохӯрӣ Изҳороти муштараки натиҷаҳои вохӯрии ҷонибҳо ба имзо мерасад, ки дар он дар баробари ҳалли як қатор масъалаҳо инчунин ҷонибҳо дар бораи таъсиси Комиссияи оштии миллӣ ба мувофиқа мерасанд. Чанде пас Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ рӯзи 23 декабри соли 1996 дар шаҳри Маскав вохӯрӣ баргузор намуданд. Яке аз қарорҳои муҳиме, ки дар вохӯрии 23 декабри соли 1996 қабул гардид, қарор дар бораи дар марҳилаи гузариш таъсис додани Комиссияи оштии миллӣ буд. Дар қарори мазкур гуфта мешуд, ки роҳбари Комиссияи мазкур бояд аз намояндагони мухолифини тоҷик бошад. Аммо ҳайати Комиссия дар марҳилаи навбатии гуфтушунидҳо бояд муайян мегардид, ки қарор буд 5 январи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардад. Он замон вазифаҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ ба таври зайл муайян карда шуда буданд: «расидан ба оштии миллӣ бо роҳи амалисозии созишномаҳои дар раванди гуфтушунидҳо баимзорасида, ташкили фазои боварӣ ва якдигарфаҳмӣ, бо мақсади барқарорсозӣ ва таҳкимбахшии ризоияти шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба роҳ мондани гуфтугӯи неруҳои мухталифи сиёсӣ» [5]. Иҷроиши талаботи созишномаҳое, ки барои истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расонида шуда буданд, бояд аз ҷониби Комиссияи мазкур ва мақомотҳои дигаре, ки бо ин мақсад ташкил шуда буданд, назорат карда мешуд; барои бо роҳи осоишта ба ватан баргардонидани гурезаҳо бояд мусоидат менамуд; дар бораи фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма нисбат ба қонунҳои дахлдор тағйиротҳо пешниҳод менамуд. Комиссияи оштии миллӣ якҷо бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зеринро бояд ба иҷро мерасониданд, ки онҳоро ба ду гурӯҳи

калон ҷудо намудан мумкин аст:

1. Ҳалли масъалаҳои сиёсие, ки бо ташкили мақомоти нави ҳокимият алоқаманданд (омода намудани пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи амалкунандаи мамлакат; омода намудан ва барои тасдиқ ба Парлумон пешниҳод намудани лоиҳаи нави қонуни мамлакат оид ба интихоботи Парлумон ва мақомоти маҳаллии ҳокимият ва дар ҳолатҳои зарурӣ қабули қонуни мазкур тариқи баргузор намудани раъйпурсии умумихалқӣ; дар давраи гузариш ташкил намудани Комиссияи марказии интихоботӣ; ислоҳоти ҳукумат – шомил намудани намояндагони мухолифини тоҷик ба сохторҳои ҳокимияти иҷроия бо дарназардошти меъёрҳои минтақавӣ ва таносуби ҷонибҳо; ба баррасии Парлумон пешниҳод намудани рӯзи баргузории интихоботи парлумонӣ бо иштироки нозирони СММ, САҲА ва давлатҳои иштирокчии гуфтушунидҳои байни тоҷикон).

2. Ҳалли масъалаҳои ҳарбӣ (роҳбарӣ ва назорат намудан ба раванди бесилоҳгардонӣ, парокандасозӣ ва ба ҳаёти осоишта сафарбарнамоии гурӯҳҳои ҳарбии мухолифин, гузаронидани корҳои ислоҳотӣ дар сохторҳои қудратӣ ва прокуратура; назорат аз болои мубодилаи асирони ҳарбӣ, маҳкумшудагон, ҳабсшудагон ва шахсоне, ки маҷбурӣ дар ҷойҳои махсус нигоҳдорӣ мешаванд; қабули санад дар бораи авфи якдигар; коркарди Қонун дар бораи авфи умумӣ, ки бояд аз ҷониби Парлумон ва Комиссияи оштии миллӣ қабул мегардид; коркарди механизми табдилдиҳии ҳаракатҳои ҳарбию сиёсӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ) [5].

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ уҳдадор мегардиданд, ки қарорҳои Комиссияи оштии миллиро, ки бо иштироки Президент қабул гардидаанд, иҷро намоянд. Анҷомёбии муҳлати фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар ҷаласаи аввалини Парлумони нав ва ба воситаи роҳбарияти мақомоти он муайян карда мешуд [5].

Ҳамин тариқ, Комиссияи оштии миллӣ бо салоҳияту ваколатҳои зиёди худ бояд ҷанги шаҳрвандиро ба сулҳи шаҳрвандӣ табдил медод, мақомоти нави ҳокимиятро ташкил менамуд, бо риояи меъёри намояндагии баробар, масъалаҳои мушаххаси сохтори баъдиҷангиро ҳал мекард ва аҳолии мамлакатро бояд ба ҳаёти осоишта раҳнамун месохт.

Дар Изҳороти муштараки ҷонибҳо, ки рӯзи 19 январи соли 1997 дар даври шашуми гуфтушунидҳо ба имзо расид, масъалаи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ хеле хуб баррасӣ ва муайян гардида буд. Дар изҳороти мазкур сохтори Комиссияи оштии миллӣ, вазифаҳо ва салоҳиятҳои мушаххаси он ва ҳайати шахсии он 26 нафар муайян карда шуд. Ҳамчунин, масъалаи ҳиссаи намояндагӣ дар Комиссияи мазкур ва кафолати амнияти аъзоёни он низ таъкид мегардад [6].

21 феврали соли 1997 дар шаҳри Машҳад (Эрон) вохӯрии роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам мухолиф баргузор мешавад, ки дар он ҷонибҳо Низомномаи Комиссияи оштии миллиро қабул менамоянд. Баъди ба имзо расидани ҳуҷҷати мазкур ҷиддияти фаъолияти комиссияи мазкур боз ҳам зиёдтар мегардад. Дар ин вохӯрӣ ҷонибҳо дар бораи салоҳият ва вазифаҳои комиссияи мазкур ёдоварӣ намуда, нақши онро дар самти ба даст овардани оштии миллӣ хеле муҳим муаррифӣ намуданд. Дар ин вохӯрӣ низ масъалаи муҳлати фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ бори дигар баррасӣ гардид. Комиссияи оштии миллӣ фаъолияти худро баъди ба имзо расидани протоколҳо оид ба масъалаҳои ҳарбию сиёсӣ оғоз намуда, дар ҷаласаи аввалини Парлумони нав ва ба воситаи роҳбарияти мақомоти он анҷоми

фаъолияти комиссия муайян карда мешавад [2].

Ба ҳайати Комиссия ҳиссаи баробари ҷонибҳо шомил гардида буданд ва он аз 26 нафар иборат буд. Раиси Комиссия намояндаи мухолифин ва муовини раис намояндаи ҳукумат ба шумор мерафтанд. Роҳбарият ва аъзоёни Комиссия ба таври доимӣ фаъолият менамуданд ва ба истинои ҳолатҳое, ки дигар уҳдадориҳои худро идома дода наметавонистанд, бояд бозхост намегардиданд [8,с.68]. Минбаъд чунин нафарон ба ҳайати Комиссияи оштии миллӣ шомил карда мешаванд.

**Рӯйхати аъзоёни Комиссияи оштии миллӣ аз ҷониби ҳукумат:** Алиев Зариф Малахович, Абдуразоқов Абдуманнон, Додхудоева Басгул, Достиев Абдумаҷид, Зуҳуров Шукурҷон, Масов Раҳим, Олимов Кароматулло, Пулодов Ҳомид, Раҳмонов Тағай, Усмонов Иброҳим Кенҷаевич, Ҳайдаров Хайрулло, Ҳомидов Халифабобо, Шоев Шермаҳмад Тешаевич.

**Рӯйхати аъзоёни Комиссияи оштии миллӣ аз ҷониби Иттиҳоди мухолифини тоҷик:** Сайид Абдулло Нурӣ, Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Отахон Латифӣ, Файзиддин Имомов, Абдунабӣ Сатторов, Муҳаммадалӣ Файзмуҳаммад, Қиёмиддин Ғозиев, Ҷума Ниёзов, Мансур Ҷалилзода, Атобек Амирбеков, Каримов Абдураҳим, Сангинов Ҳабиб, Мирзоҳодиев Мирзомуҳаммадӣ [1].Аъзоёни Комиссияи оштии миллӣ мавқеи дахлнопазириро соҳиб буданд ва барои таъмини амнияти онҳо аз ҳисоби намояндагони ҳукумат ва мухолифин дар асоси ҳиссаи баробар дар ҳайати 80 нафар гурӯҳи махсуси ҳарбӣ ташкил карда шуда буд. Мавқеи ҷӣгиршавии Комиссия пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе муайян гардида буд. Дар ҳайати Комиссия чаҳор зеркомиссия ташкил карда шуда буд:– зеркомиссия оид ба масъалаҳои сиёсӣ;
– зеркомиссия оид ба масъалаҳои ҳарбӣ;– зеркомиссия оид ба масъалаи гурезагон;– зеркомиссия оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ.

Бояд гуфт, ки дар вохӯрии 27 июни соли 1997, ки дар шаҳри Маскав баргузор гардида буд, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расонида мешавад. Дар ин вохӯрӣ роҳбарияти олии ҷонибҳои бо ҳам мухолиф масъалаҳои танзими мусолиҳатомези низоъ ва меъёрҳои мустаҳкам намудани боварии тарафайнро баррасӣ намуда, Протокол дар бораи якдигарфаҳмии ҷонибҳоро ба имзо мерасонанд, ки дар он дар баробари масъалаҳои алоҳида, инчунин гуфта мешуд, ки Комиссияи оштии миллӣ то 7 июли соли 1997 ба шаҳри Маскав даъват карда шавад [3]. Ҳамин тариқ, 4 июли соли 1997 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи ташкили Комиссияи оштии миллӣ» ба имзо расонида мешавад ва он тариқи васоити ахбори омма эълон мегардад. Рӯзҳои 7-11 июли соли 1997 Комиссияи оштии миллӣ фаъолияти худро аз шаҳри Маскав оғоз менамояд. Комиссияи оштии миллӣ дар аввалин вохӯрии худ ба масъалаҳои бахшидани якдигар ва авфи умумӣ диққати асосӣ медиҳанд ва ин аст, ки 14 июли соли 1997 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳуҷҷати махсус дар бораи бахшидани тарафайн тасдиқ мегардад. Лоиҳаи қонуни авфи умумӣ бошад, 1 августи соли 1997 дар ҷаласаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷонибдории аксари аъзоёни парлумон қабул мегардад.

Мувофиқи созишномаҳои пештар қабулгардида, раиси Комиссияи оштии миллӣ ва ҳамзамон роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ рӯзи 9-уми сентябри соли 1997 бояд ба Душанбе меомад. Аммо баъди маслиҳатҳои иловагӣ 11 сентябри соли 1997 муовини раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон муовини раиси Комиссияи оштии миллӣ Достиев А., аъзоёни Комиссия

Шоев Ш. ва Усмонов И., намояндагони давлатҳои кафили сулҳи тоҷикон ва пайравони худи С.А.Нурӣ ӯро ба таври расмӣ пешвоз мегиранд.

Бори аввал 15 сентябри соли 1997 дар пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе ҷонибҳои бо ҳам мухолиф дар сари мизи корӣ нишаста, дар атрофи таъмини сулҳу субот гуфтугӯ анҷом медоданд. Дар нишасти мазкур Комиссияи оштии миллӣ ба баррасии масъалаҳое, ки ба салоҳияти он ворид мегардиданд, оғоз намуд. Албатта, дар навбати аввал ҷонибҳо дар атрофи муайян намудани роҳу воситаҳои дар амал татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои то ин дам баимзорасида гуфтугӯ намуда, қарорҳои дахлдор қабул намуданд.

Чи гунае ки дар боло қайд гардид, КОМ ба чаҳор зеркомиссия тақсим гардида буд. Дар рӯзҳои аввали фаъолияти КОМ зеркомиссияҳо нақшаи кории худро тартиб дода, қариб ҳар рӯз ҷаласаҳои корӣ анҷом медоданд ва аз рафти кори худ натиҷагирӣ менамуданд. Аммо рӯзҳои душанбеи ҳар ҳафта ҳамаи аъзоёни КОМ ҷамъ омада, дар назди раис ва муовини раиси КОМ аз натиҷаи фаъолияти зеркомиссияҳо ҳисобот медоданд. Дар доираи дар амал татбиқ намудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон СММ кишварҳоеро, ки барои кумак расонидан ба Тоҷикистон ва таҳкими сулҳу суботи тоҷикон омода буданд, барои иштирок ба конференсияи байналхалқӣ даъват менамояд. Конференсияи мазкур рӯзҳои 24-25 ноябри соли 1997 дар шаҳри Вена, пойтахти Австрия баргузор мегардад. Дар конфресенсияи мазкур намояндагони 45 давлат, 15 зерсохтори СММ ва 17 созмони дигари минтақавию байналхалқӣ иштирок менамоянд. Гурӯҳи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон роҳбарӣ менамуд, ки ба ҳайати он инчунин роҳбари мухолифин С.А.Нурӣ ва намояндагони дигари мухолифин низ шомил буданд. Мақсади баргузории конфересияи мазкур ҷамъомаврии 65 млн. долл. амрикоӣ буд, ки он бояд дар самти амалӣ намудани созишномаҳои қабулгардида лозим шумурда мешуд. Дар охири конференсия ҳамаи пулҳои ҷамъшударо эълон намуданд, ки он зиёда аз 96 млн. долл. амрикоиро ташкил медод. Аммо қисми зиёди онҳо бо мақсади расонидани ёрии гуманитарӣ нигаронида шуда буданд ва танҳо 39 млн. долл. он бо ҳадафҳои конференсия мувофиқат менамуданд. Ҳарчанд ҷонибҳо ва ширкатдорони конференсия раванди таҳкими сулҳи тоҷиконро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда бошанд ҳам, дар атрофи вазъияти ноороми мамлакат хеле зиёд ҳарф заданд. Зеро дар мамлакат то 16 ноябри соли 1997 шумории зиёди дастаҳои ҷиноӣ ва ҳарбӣ худро ба таври расмӣ ҳамчун намояндаи ҳукумат ва ё мухолифин муаррифӣ накарданд, ки маҳз онҳо аз ҳамин давра сар карда сарчашмаи нооромиҳо ба шумор мерафтанд.

Роҷеъ ба ин масъала муҳаққиқи тоҷик Маҳмадов А.Н., ки баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар ҳайати Комиссияи ҳукуматӣ шомил гардонида шуда буд, фаъолияти ғайриқонунии гурӯҳҳои яроқдорро хеле хуб тасвир намудааст. Ба андешаи Маҳмадов А.Н., танҳо дар моҳи августи соли 1997 дар самти минтақаи Кофарниҳон 11 гурӯҳи яроқдори ғайриқонунӣ дидбонгоҳҳои сайёр гузошта, мардумро азият медоданд: 1) гурӯҳи Исматов Қосим (бо тахаллуси мулло Қосим) –Дараи Ромит, деҳаи Яфрак; 2) гурӯҳи Юнусов Нозим – деҳаи Сайёди Ромит; 3) гурӯҳи Қурбонов Маҳмадсаид – деҳаи Кӯли Ромит; 4) Гурӯҳи Файз (аз Норак) – деҳаи Кӯли Ромит; 5) гурӯҳи Қурбоналиев Намоз – колхози ба номи К.Исмоил, ноҳияи Кофарниҳон; 6) гурӯҳи Латифов Абдулвосеъ – деҳаи Туркободи колхози ба

номи К.Исмоили ноҳияи Кофарниҳон; 7) гурӯҳи Исоев Нурулло – колхози ба номи К.Исмоили ноҳияи Кофарниҳон; 8) гурӯҳи Шарифов Зариф – деҳаҳои Оби-Нуқра ва Майдон; 9) гурӯҳи Фатҳулло (Эшони дароз) – деҳаи Кӯпрукбошии ноҳияи Кофарниҳон; 10) гурӯҳи Муллоев Маҳмадулло – деҳаи Мағови ноҳияи Кофарниҳон; 11) гурӯҳи Раҳимов Абдулло (мулло Абдулло) – деҳаи Чорсада, Ҷавонӣ, шаҳраки Файзобод ва Комсомолобод. Ба замми ин, дар вақти омадани гурӯҳи Ризвон Садиров дар деҳаҳои Сангтӯда, Тезгари Поён, Тезгари Боло, Таги Адири ноҳияи Ленин, деҳаҳои Камонгарони ӯзбек ва Камонгарони тоҷик, Чинор, Муғулон, колхози Телман, совхози Гулистон, шаҳраки Нефтяник ва Кирпичнийи ноҳияи Кофарниҳон, деҳаи Харангони Боло ва ноҳияи Варзоб дидбонгоҳҳои махсус мегузоштанд. Гурӯҳи Сангинов Раҳмон (бо тахаллуси Раҳмон Гитлер) ва Муаккалов Мансур, ки макони ҷойгиршавиашон Теппаи Самарқандӣ ва Роҳатии ноҳияи Ленин буд, пайдарпай дидбонгоҳҳои ғайриқонунӣ мегузоштанд [19, с.125-126].

Воқеаи дигаре, ки бо амалҳои ҷиноии дастаҳои силоҳбадаст алоқамандӣ дорад, 18 ноябри соли 1997 ба вуқӯъ омада буд. Рӯзи 18 ноябр ду нафар шаҳрвандони Фаронса, ки ба кумаки гуманитарӣ сафарбар гардида буданд, аз хонаҳои истиқоматии худ дар шаҳри Душанбе аз ҷониби дастаи ҷиноии Ризвон Садиров рабуда мешаванд. Баъди чанд рӯз бар ивази ҷони асирони фаронсавӣ озод намудани бародари Ризвон Садиров – Баҳром Садировро талаб менамоянд, ки ӯ аз ҷониби ҳукумат барои иштирок дар дастаҳои ҷиноӣ ба ҷавобгарӣ кашида шуда буд. 30 ноябри соли 1997 дар натиҷаи гузаронидани амалиёти бесилоҳгардонӣ ва дар пайи тирпаронӣ Ризвон Садиров ба ҳалокат мерасад ва чанде аз аъзоёни дастаи ҷиноии ӯ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Баъди безарар гардонидани ин дастаи ҷиноӣ маълум мегардад, ки онҳо шумораи зиёди одамонро гаравгон гирифта, дар ҷойҳои гуногун нигоҳдорӣ менамудаанд. Дар ин муддат аз ҷониби дастаҳои ҷиноӣ гаравгонгирии намояндагони созмонҳои байналхалқӣ тез-тез ба амал меомад. Бинобар ин, зиёда аз 70% намояндагони хориҷӣ, ки барои расонидани кумакҳои гуманитарӣ омада буданд, ба шимоли мамлакат кӯчонида мешаванд. Як қатор ташкилотҳои ғайридавлатӣ фаъолияти худро мувaққатан қатъ намуданд [18].

Дар ибтидои соли 1998, аниқтараш моҳи феврал, раванди таҳкими сулҳи тоҷикон каме мустаҳкамтар мегардад. Зеро дар ин самт муваффақиятҳои навбатӣ ба даст оварда мешаванд. 12 феврали соли 1998 5 нафар аъзоёни Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба мансабҳои давлатӣ таъйин мегарданд. 27 феврал бошад, муовини раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода аз Эрон барои зисти доимӣ ба Тоҷикистон баргашта, 10 март муовини раиси Ҳукумат таъйин мегардад. Инчунин, 20 апрели соли 1998 раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати 8 нафар намояндагони худро, ки бояд ба мансабҳои давлатӣ таъйин мегардиданд, пешниҳод менамояд.

Моҳи майи соли 1998 баъди қабули ду қарори сиёсӣ, вазъият дар самти таҳкими сулҳу субот дубора муташанниҷ мегардад. Рӯзи 21 майи соли 1998 Парлумони Тоҷикистон номзадии ду намояндаи воломақоми мухолифин А.Тураҷонзода ва Д.Усмонро барои расидан ба мансабҳои болотари давлатӣ рад менамояд. Баъди чунин вазъият Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз медорад, ки номзадии ҳардуи онҳо дар ҷаласаи навбатии парлумон такроран пешниҳод карда мешавад. Аммо аз сабаби маълум набудани санаи баргузории ҷаласаи навбатии

парлумон, онҳо вазифаҳои бар уҳдадоштаи худро бояд иҷро менамуданд. Рӯзи 23 май бошад, парлумони Тоҷикистон дар лоиҳаи Қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ тағйирот ворид менамояд, ки пештар дар ҷаласаи Комиссияи оштии миллӣ ба мувофиқа расонида шуда буд. Моҳияти тағйироти мазкур аз он иборат буд, ки қонуни мазкур фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дорои характери диниро дар қаламрави мамлакат иҷозат намедод. Аммо чунин меъёр ба мухолифин имкон намедод, ки дар ҳаёти сиёсии мамлакат ширкат варзанд. Чунин амал метавонист яке аз талаботҳои асосии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро вайрон созад. Баъди қабули қарори мазкур вазъияти сиёсӣ каме муташанниҷ мегардад. Роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ ва муовини ӯ А.Тураҷонзода ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нома ирсол намуда, дар он иброз медоранд, ки қарори мазкур бо талаботи Созишномаи умумӣ мувофиқат наменамояд.

Бо мақсади ҳалли масъалаи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ рӯзи 2 июни соли 1998 вохӯрӣ баргузор менамоянд ва дар ин нишаст комиссияи махсус дар ҳайати 12 нафар аз ҳисоби намояндагони ҳукумат, аъзоёни КОМ ва аъзоёни парлумон таъсис дода мешавад. Комиссияи мазкур вазифадор мегардад, ки моддаҳои баҳсбарангези лоиҳаи қонуни мазкурро баррасӣ намуда, то 22 июни соли 1998 пешниҳодҳои худро ба ҳукумат ирсол намоянд. 18 июн комиссияи мазкур пешниҳод менамояд, ки дар лоиҳаи қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дорои характери динидошта иҷозат дода шавад. Президенти мамлакат баъди гирифтани лоиҳаи нави қонуни мазкур, онро барои тасдиқи такрорӣ ба парлумон равона месозад [18].

Бояд гуфт, ки то моҳи сентябри соли 1998 барои иҷроиши яке аз талаботҳои Созишномаи умумӣ аз ҳисоби 30% ҳиссаи мансабҳои давлатӣ, ки 33 мансаб барои намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик ҷудо гардида буд, 17 нафари онҳо ба вазифаҳои пурмасъул таъйин карда мешаванд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода муовини аввали сарвазир ва Зокирҷон Вазиров муовини дигари сарвазир таъйин мегарданд. Ҳамчунин, Шодӣ Кабиров вазири хоҷагии қишлоқ, Мирзохуҷа Низомов раиси Кумитаи гумрук, Мирзо Зиёев раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода, Махмадрӯзӣ Искандаров раиси «Тоҷиккомунсервис», Зайд Саидов раиси Кумитаи давлатии саноат, Сарабек Муродов раиси Кумитаи коркарди тилло ва сангҳои қиматноки назди Ҳукумат, Саломшо Муҳабатов раиси Кумитаи коркарди нафту гази назди Ҳукумат, Ҳабиб Сангинов муовини аввали вазири корҳои дохилӣ, Ғайрат Адҳамов муовини аввали вазири мудофиа ва Эмомалӣ Мирзоев раиси «Амонатбонк» таъйин мегарданд. Ҳамчунин, муовинони вазирони фарҳанг, алоқа, экология, нақлиёт, геология низ аз ҳисоби намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик таъйин мегарданд. Ғайр аз ин роҳбарии як қатор шаҳру ноҳияҳои мамлакатро низ бар уҳдаи намояндагони мухолифин вогузор менамоянд. Аз ҷумла, раиси ноҳияи Кофарниҳон - Исмоил Гулов, шаҳри Норак - Бобомурод Саидов, ноҳияи Тавилдара - Мирали Олимов, Табошар - Рустам Қаландаров, ноҳияи Панҷ - С.Бегиҷонов, ноҳияи Ванҷ - А.Эмомов, ноҳияи Қумсангир - Файзиддин Эмомов таъйин мегарданд [17, с.47].

26 марти соли 2000 роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик ва ҳамзамон раиси Комиссияи оштии миллӣ дар ҳузури хабарнигорон, намояндагони созмонҳои байналхалқӣ ва давлатҳои кафили сулҳ охирин ҷаласаи Комиссияи оштии миллиро

баргузор намуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазири корҳои хориҷӣ Талбак Назаров намояндагӣ менамуд. Дар ҷаласаи мазкур рафти иҷроиши талаботи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таҳлил гардида, натиҷагирӣ карда мешавад. Ҷонибҳо эътироф менамоянд, ки ҳанӯз ҳам баъзе аз масъалаҳои дар Созишнома нишондодашуда ҳалли худро пайдо накардаанд, аз ин рӯ, минбаъд мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли онҳо бояд чораҷӯӣ намоянд. Ҳамин тариқ, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 1 апрели соли 2000 фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ қатъ карда шуда, ҳайати он пароканда карда мешавад.

Ҳамин тариқ, бо кӯшишу дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сардори мухолифини тоҷик А.Нурӣ комиссияҳои муштарак оид ба паноҳандагон, муҳоҷирони маҷбурӣ ва дигар комиссияҳои фаврии оштии миллӣ созмон дода шуданд. Комиссияҳои мазкур зарурияти таъсис додани чунин гурӯҳҳои кориро дарк намуда, раванди таъмини оштии миллиро то ҷое таъмин карда тавонистанд.

**Муқарриз: *Розиқов Ф.М.*-номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. Комиссияи оштии миллӣ // Вазифаҳо ва салоҳиятҳои он. –Душанбе, 1998. – С.2.
2. Общие положения // Положения о Комиссии по национальному примирению. Мешхед, Исламская Республика Иран, 21 февраля 1997 г.
3. Протокол о взаимопонимании между Президентом Республики Таджикистан Э.Ш. Рахмоновым и Руководителем Объединенной таджикской оппозиции С.А.Нури. Москва, 27 июня 1997 г.
4. Протокол о создании Совместной комиссии по проблемам беженцев и вынужденных переселенцев из Таджикистана от 19 апреля 1994 г. // Доклад Генерального секретаря ООН. 5 мая 1994 г.
5. Протокол об основных функциях и полномочиях Комиссии по национальному примирению. Москва, 23 декабря 1996 г.
6. Совместное заявление делегации Правительства Таджикистана и делегации Объединенной таджикской оппозиции по итогам переговоров в Тегеране с 5 по 19 января 1997 г. // Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 21 января 1997 г.
7. Состав Совместной комиссии // Протокол о Совместной комиссии по осуществлению Соглашения о временном прекращении огня и других враждебных действий на таджикско-афганской границе и внутри страны. [Электронный ресурс]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N94/433/70/pdf/N9443370.pdf?OpenElement (дата обращения: 20.01.2017)
8. Холмуродова М. Оғози гуфтушуниди тоҷикон ва марҳилаҳои асосии он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2017. –№3/5. –С.68-73.
9. Холмуродова М. Таърихи оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1991-2001). – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 170 с.
10. Фаттоев С.С. Социально-политические конфликты в современном обществе (опыт Таджикистана). – Душанбе, 2001. – 280 с.
11. Ҳасанов У. Сулҳ иродаи халқ. – Душанбе: Шарқи озод, 2001. – 84 с.
12. Ҳамад С. Оштии миллиро бояд ҳифз кард. -Душанбе, 1998. – 160 с.
13. Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2006. – 622 с.
14. Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 1997. – 57 с.
15. Шарипов С.И. Таджикистан: демократизация политических отношений. – Душанбе, 2000. – 320 с.
16. Шарифзода А., Ғафуров А. Наҷотбахши миллат. –Душанбе, 2012. – 320 с.
17. Ҳасанов У. Сулҳ иродаи халқ. -Душанбе: Шарқи озод, 2001. – 160 с.
18. Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 13 августа 1998 г.
19. Маҳмадов А.Н. Истиқлолияти сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. Монография. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 280 с.


### АЗ ТАЪРИХИ ТАЪСИСИ ҲАЙАТИ ТАРАФҲОИ РАВАНДИ ОШТИИ МИЛЛӢ


Дар мақола нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсиси ҳайати тарафҳои миллӣ нишон дода шудааст. Таъмими ҳайати тарафҳои оштии миллӣ дар ба даст овардани созишномаи истиқрори сулҳ ва

ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон нақши бузург дорад. Инчунин, дар кор таҳлили раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам мухолиф ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ нишон дода шудааст, ки воқеан ҳам Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои миллати тоҷик ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва тақдирсоз маҳсуб меёбад. Маҳз дар доираи талаботи ин ҳуҷҷат ҷонибҳо тавонистанд миллатро аз парокандагӣ ва давлатро аз вартаи нобудӣ раҳо бубахшанд. Ҳамчунин, дар раванди оштии миллӣ мардуми шарифи Тоҷикистон низ, ки соҳиби фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳастанд, баъди гузашти чанд соли тираву тор дарк намуданд, ки ҷанги ҷомеаи онҳо ҷанги таҳмилӣ буда, ба ғайр аз харобиву вайронӣ ба онҳо чизеро муҳайё намекунад. Оштии миллии тоҷикон ва раванди дастаҷамъона ҳаллу фасл намудани бетартибиҳои дохилӣ имконият фароҳам овард, ки дар мамлакат дар як муддати кӯтоҳ сулҳу субот барқарор карда шавад. Баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ на танҳо дар назди Комиссияи оштии миллӣ, балки дар назди ҳукумат мушкилиҳои зиёде қарор гирифта буданд, ки ҳалли онҳо хеле муҳим ба шумор мерафтанд. Пеш аз ҳама, мамлакат дар зарфи зиёда аз панҷ соли ҷанги шаҳрвандӣ хеле хароб гардида, соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба бӯҳрон дучор шуда буданд.

**Калидвожаҳо:** оштии миллӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, қувваҳои сулҳҷӯёна, ҳаёти осоишта, музокироти мухолифин, сабабҳои мухолифати шаҳрвандӣ, омилҳои ҷанг.

## ИЗ ИСТОРИИ ОБРАЗОВАНИЯ КОМИСИИ ПО НАЦИОНАЛЬНОМУ ПРИМИРЕНИЮ

В статье освещается роль Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в формировании сторон национального примирения, которая играла важную роль в достижении соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане. Также в статье проводится анализ процесса проведения переговоров противостоящих сторон и деятельность Комиссии национального примирения показывает, что реально Общее соглашение о мире и национальном согласии для таджикской нации считается судьбоносным. Именно в рамках требований этого документа стороны смогли спасти народ от разобщенности, а государство от гибели. Также в процессе национального примирения таджикский народ, обладающий мировой культурой и цивилизацией, спустя несколько темных и мрачных лет, понял, что их гражданская война была навязанной, привела только к разрушениям и бедствиям. Таджикское национальное примирение и процесс коллективного урегулирования внутренних конфликтов позволили в короткие сроки восстановить мир и стабильность в стране. После подписания Соглашения об установлении мира и национального согласия не только Комиссия по национальному примирению, но и правительство столкнулось с множеством проблем, решение которых было очень важным. Во-первых, страна была опустошена за более чем пятилетнюю гражданскую войну, а различные сферы общественной жизни находились в кризисе.

**Ключевые слова:** национальное согласие, гражданская война, миротворческие силы, мирная жизнь, конституционное правительство, послевоенное восстановление, переговоры противостоящих сторон, причины гражданского противостояния, факторы войны,.

## FROM HISTORY EDUCATION COMMISSION FOR NATIONAL RECONCILIATION

The article highlights the role of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, in the formation of the parties to national reconciliation, which played an important role in reaching an agreement on the establishment of peace and national accord in Tajikistan. Also at work, the analysis of the negotiation process of the opposing parties and the activities of the National Reconciliation Commission shows that in reality the General Agreement on Peace and National Accord for the Tajik nation is considered crucial. It was within the framework of the requirements of this document that the parties were able to save the people from disunity, and the state from death. Also, in the process of national reconciliation, the revered Tajik people, possessing world culture and civilization, after several dark and gloomy years, realized that their civil war was imposed, led only to destruction and disaster. Tajik national reconciliation and the process of collective settlement of internal conflicts made it possible to restore peace and stability in the country in a short time. After the signing of the Agreement on the Establishment of Peace and National Accord, not only the Commission for National Reconciliation, but also the government faced many problems, the solution of which was very important. First, the country was devastated during more than five years of civil war, and various spheres of public life were in crisis.

**Key words:** national consensus, civil war, peacekeeping forces, peaceful life, constitutional government, post-war reconstruction, negotiations of the opposing sides, causes of civil confrontation, factors of war.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Абдуллоев Маҳмуд Холович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **918-68-52-05** E-mail: **abdulloev.48@mail.ru**

***Холмуродова Меҳрафрӯз*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллими

калони кафедраи таърихи халқи точик. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, к. С.Сафаров, 16. Телефон: **985469595.**

**Сведения об авторах:*Абдуллоев Махмуд Холович*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова 16. Телефон: **918-68-52-05**
E-mail: **abdulloev.48@mail.ru**
***Холмуродова Мехрафруз*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, старший преподаватель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С.Сафарова, 16. Телефон:**985469595**

**Information about the authors: *Abdulloyev Mahmud Kholovich* -** Kulyab State University named after A. Rudaki, Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of History of the Tajik People. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street 16. Phone: **918-68-52-05**
E-mail: **abdulloev.48@mail.ru**
***Kholmurodova Mehrafruz* -** Kulyab State University named after A. Rudaki, senior lecturer at the Department of History of the Tajik People. **Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, st. S. Safarov, 16. Phone: 985469595**

**УДК:323.28(575.3)**

## ТАШАББУСҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

***Қурбонова Зарина***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолият ба давраи сифатан нави давлатдорӣ ва арзишҳои демократию ҳуқуқӣ қадам ниҳода, роҳи худро ба сӯйи бунёди ҷомеаи дунявию иҷтимоӣ муайян намуд. Истиқлолият Тоҷикистонро дар саҳнаи ҷаҳонӣ ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ муаррифӣ намуд ва эълон дошт, ки фаъолияти он ҳамчун давлати комилҳуқуқи мустақил барои ноил шудан ба сулҳи пойдор, барҳам додани силоҳи ядроӣ ва дигар аслиҳаи қатли ом, роҳ надодан ба истифодаи қувва дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофоти байни давлатҳои соҳибистиқлол равона карда мешавад. Ин масъала дар моддаи 15-уми Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баръало ифодаи худро ёфт: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ бо давлатҳои хориҷӣ алоқаҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва дигар алоқаҳоро барқарор менамояд, бо онҳо мубодилаи намояндагони салоҳиятдорро анҷом медиҳад ва шартномаҳои байналмилалӣ мебандад» [9, с.501].

Дар олами муосир терроризм ва ҳамаи шаклҳои зуҳури он ба яке аз масоили муҳим ва омӯзишии доираҳои васеи илмӣ-таҳқиқотӣ табдил ёфтааст. Ин раванд ҷомеаи башариро нигарон намудааст ва баҳри пешгирии он аз ҷониби олимони соҳа омилҳову сабабҳои он муайян гардида, дарёфти роҳу усулҳои самарабахши мубориза алайҳи терроризм яке аз масъалаҳои асосии илмҳои ҷомеашиносӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи ин масъала талаби замон мебошад, зеро одамон ба масъалаҳои терроризм ва мубориза бар зидди он бевосита пайваст набошанд ҳам, тавассути чизи дигаре ва ё субъекти дигаре бо масъалаҳои мухталифи терроризм ва шаклҳои дигари экстремизм алоқаманд гашта, мавқеи худро муйаян менамоянд. Дар замони муосир хатару таҳдиди шаклҳои нави терроризм, аз қабили терроризм бо истифодаи аслиҳаи ҳастаӣ, терроризм бо истифода аз моддаҳои заҳролудкунанда ва

терроризми иттилоотӣ беш аз беш зиёд мегардад. Имрӯзҳо терроризм аз ҷониби ҳар як сиёсатмадор ба тариқи гуногун маънидод карда мешавад. Маҳз ҳамин омил боис мегардад, ки раванди баҳамоии давлатҳо баҳри мубориза алайҳи терроризм мушкил шавад. Бояд қайд кард ки терроризм ин вокуниши ҷомеа нисбати ин ё он ҳодисаи муайян аст [6, с.51].

Мубориза алайҳи терроризм дар навъҳои гуногун сурат мегирад. Давлатҳои ҷаҳон роҳҳои зиёди мубориза бо онро пеш мегиранд, то ҳар чӣ зудтар аз ин падидаи манфур наҷот ёбанд. Аввалин кӯшиши мубориза ба муқобили терроризмро Лигаи Миллатҳо соли 1937 дар асоси қабули Конвенсия «Оиди пешгирии терроризм ва муҷозот барои амалиёти террористӣ» ба миён оварда буд [10]. Бояд гуфт, ки Тоҷикистон чун як давлати мустақил ба арсаи ҷаҳонӣ қадамҳои нахустини худро дар солҳои 90-уми асри XX гузошта, пеш аз ҳама, ба ҷанги шаҳрвандӣ дучор гардид ва ба ҷиноятҳои ҳам анъанавӣ ва ҳам навини асри XX-XXI аз қабили терроризм, экстремизм, сепаратизм, хариду фурӯши силоҳ, савдои одамон ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дучор гардид.

Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ оид ба ин раванд ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста, аз рӯзҳои аввалини давлатдории хеш ин қабил ҷиноятҳоро маҳкум карда, ба қонунҳои амалкунанда тағйироту иловаҳо ворид карда, ба созмонҳои байналмилалии давлатию ғайридавлатӣ дар ин раванд ҳамроҳшуда, ҳама гуна зуҳуроти номатлуби террористӣ ва экстремистиро қотеона маҳкум кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон чандин маротиба аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид мекунанд, ки Тоҷикистон ва тоҷикистониён дар ҳама давру замони давлатдориашон зидди зуҳуроти терроризм ва экстремизм буданд ва ҳастанд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ дар самти мубориза бар зидди зуҳуроти терроризм ва экстремизм чун як иштирокчии фаъол мешиносанд ва арзёбӣ мекунанд [13, с.58 ]. Айни ҳол давлатҳои ҷаҳон дар роҳи мубориза бо терроризм қонуну санадҳои муштарак ва инфиродиро таҳия месозанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз доираи он мамлакатҳои гирифтори терроризм ва экстримизм берун нест. Гурӯҳҳои террористие, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба вуҷуд омада буданд, то имрӯз мавҷуданд ва мавридҳои гуногунро истифода намуда, амалиёти худро ба анҷом мерасонанд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар дини мубини Ислом пуштибонӣ карда қайд мекунанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан муқобили таҳдидҳое чун терроризми байналмилалӣ, аслиҳаи қатли ом, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ мебошад. Аз ҷумла, дар Паёми соли 2009 ба Маҷлиси Олӣ Президенти кишвар чунин қайд карданд. “Тоҷикистон комилан ҷонибдори собитқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ буда, дар он саҳми хешро мегузорад” [11].

Мушкилоти терроризм ва экстремизм имрӯз аксари ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифта, ба хатари бузурги сайёра табдил шудааст ва имрӯз ҳамагон барои бартараф кардани ин вабои аср мубориза мебаранд. Аз ҷумла Тоҷикистон дар ин ҷода ҳамеша фаъол аст. Ҳамин тариқ, низоми таъмини амнияти иҷтимоӣ дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм маҷмӯи қувва ва воситаи субъектҳои таъминкунандаи амнияти ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки аз чораҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва ғайраҳо иборат буда, барои таъмини ҳолати

муътадили амнияти ҷамъиятӣ равона карда шудаанд [7, с.46].Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза ба муқобили терроризм ва дигар намудҳои амалҳои зиддиинсонӣ фаъолона ширкат намуда, дар ин самт бо дигар кишварҳои минтақаю ҷаҳон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.Танҳо баъди гузашти панҷоҳ соли даҳшати Ҷанги дуюми ҷаҳон аввалин шартномаҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм баста шуданд. Мақомоти байналмилалие, ки дар рафти мубориза бар зидди ин хатарҳо фаъолият мебаранд СММ ва Интерпол мебошанд.

Инчунин, ниҳоду созмонҳои минтақавӣ ба хотири пешгирии хатарҳои муосир ва ваҳдати талоши кишварҳои аъзо ҳамкориро дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм вусъат мебахшанд. Созмони Ҳамкории Шанхай яке аз чунин ниҳодҳои минтақавиест, ки дар баробари умқи ҳамкориҳои иқтисодию иҷтимоии кишварҳои аъзо ба зарурати муборизаи дастаҷамъона бо хатарҳои муосир таъкид менамояд. Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳим роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои фаъол ва судманд бо Созмони Ҳамкории Шанхай маҳсуб мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 таъкид намуд: «Созмони Ҳамкории Шанхай аз рӯзи таъсисаш барои ҳаллу фасли масоили минтақавӣ, ташкили ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои узв дар асосҳои усулан нав ва дигар бахшҳои ҳамкорӣ, ки тадриҷан тамоми соҳаҳои ҳаёти ҳамарӯзаи моро дар бар мегиранд, корҳои зиёдеро анҷом додааст”.

Ба уҳдаи сохтор дар ҳамоҳангсозии фаъолияти давлатҳои аъзо мубориза бо терроризм ва экстремизм гузошта шудааст. 7-июни соли 2002 дар Санк-Петербург дар вохӯрии роҳбарони давлат иштирокчиёни Созмони Ҳамкории Шанхай созишнома дар бораи сохтори зиддитеррористии минтақавиро имзо намуданд. Бо мақсади фаъолияти бонизом ва мақсаднок дар соҳаи мубориза алайҳи терроризм ва экстремизм чунин Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ –мақомоти дигари доимоамалкунандаи Созмони Ҳамкории Шанхай таъсис дода шуд, ки он дар шаҳри Тошканд ҷойгир буда, аз январи соли 2004 фаъолият дорад [1, с.11].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи Созмон мувофиқи тартиби муайяншуда, дар қаламрави худ конфронсу саммитҳои Созмони Ҳамкории Шанхайро мегузаронад, ки ин аз ҳамкории фаъолонаи кишвари мо бо ин ниҳод шаҳодат медиҳад. Ба таври мисол, “моҳи августи соли 2008 дар Душанбе мақоми баргузории ҷаласаи навбатии Шӯрои Сарони Давлатҳои Созмони Ҳамкории Шанхай доир гашта, дар маркази таваҷҷуҳи аҳли ҷаҳон қарор гирифт, зеро рафти ин ҳамоиши бузург аз ҷониби тамоми васоити ахбори оммаи ҷаҳонӣ, ки беш аз 700 нафар намояндагонашон бевосита ба ин ҷо (ба Ҷумҳурии Тоҷикистон) омаданд, инъикос мегардад”. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи сарони давлатҳои аъзои созмонро дар ҷаласаи навбатӣ дар Душанбе ба масоили амнияти минтақа, муборизаи муштарак бо хатарҳои ҷаҳони муосир ҷалб намуда, пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи Маркази иттифоқии Созмони Ҳамкории Шанхай дар Душанбе оид ба мубориза алайҳи терроризм ва экстремизм ба миён гузошт [15, с.476-483].

Боз қайд карда шуд, ки:“мо зарурати бартараф намудани сабабҳо ва омилҳои бавуҷудорандаи терроризмро, ки аз камбизоатӣ, аз адолати воқеӣ дур будани воқеияти низоми ҷаҳонӣ, сатҳи пасти маърифат, ҷудоиандозии миллӣ, ихтилофи

фарҳангӣ ва амалҳои худгароёнаи баъзе давлатҳо дар арсаи байналмилалӣ иборатанд, ногузир мешуморем. Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ фаъолияти худро бар зидди терроризм дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ва эътилофи зиддитеррористӣ идома медиҳад. Дар ин ҷода мо ҳамгироии кишвари худро бо созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони Конфронси Исломӣ тақвият хоҳем дод" [11].Солҳои охир дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил амалҳои мушаххасе баҳри мубориза бо терроризм ва экстримизм сурат мегиранд. Ҳуҷҷатҳои сиёсиву ҳуқуқие қабул мегарданд, ки ба сифати санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ шинохта мешаванд. Ҳамкорӣ дар соҳаи низомӣ байни давлатҳои аъзои он вусъат меёбанд. Ҳатто маркази ягонаи муборизаи зидди терроризм ва экстремизм (соли 2000) таъсис дода шудааст, ки он дар асоси аҳдномаи байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз моҳи июни соли 1993 оиди муборизаи муштараки зидди терроризм фаъолият дорад [2, с.44].

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ дар самти муқовимат алайҳи зуҳуроти терроризм ва экстремизм, пеш аз ҳама, бо иқдомҳои пешгирифтаи Пешвои миллат ҳамчун як иштирокчии фаъол мешиносанд ва арзёбӣ мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз соли 1999 ҷиҳати муқовимати фарогир бар зидди терроризм ва экстремизм як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 16 ноябри соли 1999 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» имзо гузошт. 21 ноябри соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм» ба тавсиб расид. Қабули ин ду қонун барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои фарохеро дар таҳкими мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овард. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт тибқи талаботи санадҳои меъёрии байналмилалӣ мушаххасан дарҷ гардидааст ва Тоҷикистон уҳдадориҳои худро дар ин замина ба таври доимӣ ба иҷро мерасонад [4].Бо оғози амалиёти зиддитеррористии ИМА дар Афғонистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳороти хосса интишор намуд, ки дар он омодагӣ ба вогузории ҳарими ҳавоӣ ва инфрасохторҳои дахлдори кишвар барои кумаки башардӯстона ба мардуми Афғонистон баён ёфта буд. Бо ин мақсад дар Тоҷикистон гурӯҳи ҳамоҳангсоз оид ба амалиёти башардӯстона таъсис гардид, ки дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо шароитҳои зарурриро барои интиқоли кумаки байналмилалӣ ба Афғонистон аз тариқи қаламрави кишвари мо таъмин менамуд. Бо ин мақсад ҳанӯз моҳи апрели соли 1997 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳо оид ба тақвияти мубориза бо терроризм» содир гардид.

Ҳамин ҷанба дар Паёми соли 2017 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр гардидааст: «Ман чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд» [12]. Сохтори давлатӣ оид ба пешгирии

терроризм ва экстремизм ин мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Асоси бунёди сохтори ташкилӣ барои пешгирии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ дошта, системаи амалкунандаи давлатӣ оид ба ошкор ва пешгирии амалҳои террористӣ мебошад. Субъектҳои бевоситае, ки ба мубориза бар зидди терроризм машғуланд, аз ҷумла амнияти зиддитеррористиро дар доираи салоҳияти худ тибқи муқаррароти Конститутсия, Қонуни Ҷумҷурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза зидди терроризм», «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» ва дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд, мақомотҳои зерин мебошанд:

- Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [5].

Бо дарназардошти авлавияти стратегии мубориза бар зидди терроризм ва экстремизми динӣ, ҷомеаи байналмилалӣ ҳамкориҳои худро бо мақсади пешгирӣ ва решакан кардани амалҳои террористӣ тақвият дода, механизми муқобилиятро бар зидди он дар асосҳои ҳуқуқии байналмилалӣ такмил медиҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаро бар зидди терроризм ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ, минтақа ва ҷаҳон баррасӣ намуда, барои тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт талош меварзад. Асоси ҳуқуқии ин фаъолиятро дар кишвари мо уҳдадориҳои байналмилалии он, Конститутсияи давлат, Кодекси ҷиноятӣ, Қонун «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ва Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм ташкил медиҳанд. Солҳои 2006-2010 дар кишвари мо “Барномаи давлатӣ оид ба мубориза алайҳи терроризм ва дигар зуҳуроти экстремизм” мавриди татбиқи амалӣ қарор гирифта буд. Ин амалия алъон идома ёфта, ба ошкорсозӣ, пешгирӣ ва аз байн бурдани кирдорҳои террористӣ, роҳ надодан ба маблағгузории фаъолияти террористӣ ва таблиғоти террористӣ, таъмини амнияти шаҳрвандони мамлакат ва дигар шахсони дар қаламрави он қарордошта аз таҳдиди терроризму экстремизм равона шудааст. Бояд қайд намуд, ки терроризми муосир на танҳо ба ходимони ҷамъиятию сиёсӣ, ташкилот ва давлатҳо таҳдид дорад, балки он ба тамоми инсоният таҳдиду хатари маргбор дорад. Ҳамин тариқ, тавре ки аз таснифоти боло хулоса баровардан мумкин аст, дар шароити муосир терроризм хатари умумибашарӣ дошта, ба институтҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии давлат, ҳамзамон ба ҳуқуқу озодиҳои инсон таҳдид менамояд.Солҳои охир фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ дар ҳудуди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Осиёи Марказӣ ва инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфии худро ба вазъияти ҷамъиятию сиёсии ин давлатҳо мерасонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузорӣ фаъолияти чунин созмонҳои экстремистӣ, мисли: 1.«Ал-Қоида»; 2.«Толибон»; 3. «Бародарони мусалмон»; 4. «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон»; 5. «Ҳизб-ут-Таҳрир»; 6. «Салафия»; 7. «Ҷамоати таблиғ»; 8. «Ҷамоати Ансоруллоҳ»; 9. «Ҷабҳат Ан– Нусра»; 10. «Гурӯҳи-24» ғайриқонунӣ эълон карда шуда, фаъолияти

онҳо дар қаламрави кишвар манъ карда шудааст. Аммо новобаста аз ин, бинобар маълумоти Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ, дар мубориза бо ҷиноятҳои созмонёфта, аз сӯйи ин ниҳод зиёда аз 85 нафар барои узвият бо Ҳизби исломии Ӯзбекистон, 64 нафар узви "Ҷамоати Ансоруллоҳ", 3 нафар узви "Толибон", 4 нафар узви "Ҷабҳат-ан-нусра", 10 нафар – "Давлат-ул-ислом", 7 нафар – "Мусалмонони Солеҳ", 11 нафар – "Ҳизб-ут-Таҳрир", 35 нафар "Салафия", 2 нафар – "Гурӯҳи 24", 14 нафар барои ҳамкорӣ бо Ҷамоати "Таблиғ" боздошт шудаанд [8, с.306].

Дар доираи масъалаи ҷалби ҷавонон ба созмонҳои тундрав аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон бар зидди 110 нафар барои фаъолияти экстремистӣ ва терроризм ва нисбати 74 нафар барои ширкат дар ҷангҳои Сурияву Ироқ парвандаи ҷиноӣ боз шуда, 30 ҷавони тоҷик дар ин ҷангҳо кушта шудаанд.

Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки бештари ҷавонон, ки яке аз қишри осебпазири ҷомеа ба ҳисоб мераванд, ҳадафи асосии гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ мегарданд [ 3, с.387]. Аз байн бурдани терроризм вазифаи асосии ҳар як давлат буда, барои расидан ба натиҷаи мусбат ҳамкории давлатҳоро дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тақозо менамояд. Дар баробари ин, баланд бардоштани маҳорату малака ва бо лавозимоти муосири ҷангию техникӣ таъмин намудани сохторҳои қудратие, ки алайҳи терроризм мубориза мебаранд, шарт ва муҳим мебошад. Ҳамзамон, муассисаю ташкилоти дахлдор, аз ҷумла мактабҳои миёна ва муассисаҳои олӣ вазифадоранд, ки дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, таъмини волоияти қонун ва беҳтар намудани сатҳу сифати худшиносию масъулиятшиносии аҳли ҷомеа чораҳои зарурӣ андешанд.Дар шароити кунунӣ вазифаи ҳар як фарди ватанпараст, миллатдӯст ва мусулмон, алалхусус ҷавонон, ки неруи асосии пешбарандаи ҷомеа маҳсуб меёбанд, аз он иборат аст, ки аз таълимоти гурӯҳҳои манфиатҷӯе, ки дини мубини исломро бо терроризм айният медиҳанд ва тундгароиро омили ҳифзи ислом муаррифӣ мекунанд, худдорӣ намоянд, зеро дар натиҷаи гароиш ба ин гуна ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоию террористӣ ҳам ҷони худро аз даст медиҳанд ва ҳам сабаби аз байн бурдани ҷони ҳазорон нафарони дигар мегарданд. Бояд ҳар як шаҳрванд, ҳар як фарди ин ҷомеа барои ҳифзи истиқлолият ва якпорчагии кишвар талош варзад. Зеро, ояндаи халқу миллати тоҷикро бе мавҷудияти давлати миллии тоҷикон тасаввур кардан ғайриимкон аст.Хулоса, терроризм ва экстремизм яке аз масъалаҳои мубрами доғи рӯз ба шумор рафта, зарур аст, ки ҳар як фарди мамлакат нисбати ин зуҳуроти номатлуб ва вабои аср мубориза барад.

Омӯзиши терроризм, экстремизм ва оқибатҳои он аҳамияти барҷастаи илмию назариявӣ, маърифатӣ ва махсусан амалӣ дорад. Зеро дар олами муосир қариб кишваре ё минтақаеро дарёф кардан ғайриимкон аст, ки аз амалҳои террористӣ, экстремистӣ ва оқибатҳои ҳузновари он дар канор монда бошад.

**Муқарриз: *Шарипов А.Н.*-номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Афганистан, ШОС, безопасность и геополитика Центральной Евразии: отчет о работе международ. конф. Иссык-Куль,[Текст] 10–12 июня 2008 г. – Бишкек, 2008. - С. 11.
2. Зокиров, Г.Н. Терроризм [Текст] /Г.Н.Зокиров. -Душанбе: Ҳумо, 2004. –С. 44.
3. Кон, И.С. Социология личности [Текст] /И.С.Кон Москва, 1967. - 387 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон:Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди тероризм» [Матн]// Ҷумҳурият. - 2008. - 11 октябр; Садои мардум. - 2008. 15 октябр.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 1999. -№11.
6. Лансов, С.А. Террор и террористы [Текст]/ С.А.Лансов. –Москва, 2004. –С. 51.
7. Мелюхин, А.В. Проблемы чрезвычайного законодательства Российской Федерации [Текст]/ А.В. Мелюхин. – М., 2005. –С. 46.
8. Митрофаненко, В.В. Пособие по профилактике религиозного экстремизма в молодежной среде. Учебное пособие. Сост. и ред. [Текст]/ В.В.Митрофаненко, С.Ш. Шакирова, А.В.Шаповалов. – Ставрополь, 2014.- 306с.
9. Назриев, Д. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1992 - й (хроника событий) [Текст]/ Д.Назриев, И.Сатторов. -Т. II. – Душанбе, 2005. - 501 с.
10. Организационно - правовые вопросы борьбы с терроризмом. www. Google. ru.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 15 апрели соли 2009, [Манбаи электронӣ] www.president.tj.
12. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. 22/12/2017, шаҳри Душанбе.
13. Раҳмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации [Текст]/ Э.Раҳмонов. –Душанбе, Ирфон, 2002. – С. 58.
14. Раҳмонов, Э. Ш: Чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ.[Матн]Э.Раҳмонов.–Душанбе,1995. - 150 с.
15. Шаклеина, Т.А. Соглашение между Российской Федерацией, Республикой Казахстан, Киргизской Республикой, Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой об укреплении доверия в военной области в районе границы («Шанхайская Декларация»). Шанхай, 26 апреля 1996 г. // Внешняя политика и безопасность современной России. 1991-2002 гг. Хрестоматия в 4 т. / сост. [Текст]/ Т.А. Шаклеина. –М.:МГИМО(У) МИД России, 2002. Т.4. - С. 476-483.

## ТАШАББУСҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

Дар мақолаи мазкур масъалаи ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза алайҳи терроризм ва экстремизм баррасӣ шудааст. Маълум аст, ки дар шароити мураккаби муносибатҳои байналхалқӣ яке аз омилҳои асосии бақои давлат мубориза бо хатарҳои муосир, аз ҷумла бо терроризм ва экстремизм ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки имрӯз терроризм ва экстремизм дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон доман паҳн карда, хатари бузурги иҷтимоӣ дорад ва барои амнияти давлатҳои алоҳида ва минтақаҳо воқеан таҳдид эҷод менамояд. Инчунин, дар мақола нақши Тоҷикистон дар муборза бар зидди терроризм ва экстремизм, ташаббусҳои он дар ин самт инъикос гардидаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишвари дар самти аввали мубориза бо терроризм ва экстремизм қарор дошта як қатор қонуну консепсияҳои махсус қабул кардааст, ки барои мубориза бурдан бо ин падидаи номатлуб равона шудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза ба муқобили ин хатарҳо ва дигар намудҳои амалҳои зиддиинсонӣ фаъолона ширкат намуда, дар ин самт бо дигар кишварҳои минтақаю ҷаҳон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.Дар заминаи ин, қайд мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози истиқлолият бо хатари терроризм ва экстремизм рӯ ба рӯ гардида, дар самти мубориза бо ин хатарҳо бо СММ, Интерпол ва созмонҳои минтақавӣ ҳамкорӣ менамояд.Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бар зидди терроризм ва экстремизмро ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ, минтақа ва ҷаҳон баррасӣ намуда, барои тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт талош меварзад. Аз ҷумла, дар мақола зарурати эҳсоси масъулияти ҳар як шаҳрванд дар мубориза бо терроризм ва эктсремизм инъикос гардидааст.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, истиқлолият, терроризм, эктсремизм, СММ, Интерпол, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, мақомот, Созмони ҳамкории Шанхай.

## ИНИЦИАТИВЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В БОРЬБЕ ПРОТИВ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА

В данной статье рассматриваются инициативы Республики Таджикистан в борьбе с терроризмом и экстремизмом. Известно, что в непростом контексте международных отношений одним из основных факторов выживания государства является борьба с современными угрозами, включая терроризм и экстремизм. Следует отметить, что сегодня терроризм и экстремизм широко распространены в разных уголках мира, представляют большую социальную угрозу и представляют реальную угрозу безопасности отдельных государств и регионов.В статье также отражена роль Таджикистана в борьбе с терроризмом и экстремизмом, его инициативы в этой сфере. Как страна, уделяющая большое внимание борьбе с терроризмом и экстремизмом, Республика Таджикистан приняла ряд специальных законов и концепций, направленных на борьбу с этим нежелательным явлением. Республика Таджикистан принимает активное участие в борьбе с этими угрозами и другими видами бесчеловечных действий и наладила плодотворное

сотрудничество с другими странами региона и мира в этой области.В этой связи отмечается, что Республика Таджикистан с момента обретения независимости столкнулась с угрозой терроризма и экстремизма и сотрудничает с ООН, Интерполом и региональными организациями в борьбе с этими угрозами. Республика Таджикистан считает борьбу с терроризмом и экстремизмом важнейшей задачей обеспечения своей национальной безопасности, региона и мира и стремится к дальнейшему укреплению международного сотрудничества в этой сфере.В частности, в статье подчеркивается необходимость того, чтобы каждый гражданин чувствовал ответственность в борьбе с терроризмом и экстремизмом.

**Ключевые слова:** Таджикистан, независимость, терроризм, экстремизм, ООН, Интерпол, нормативно-правовые документы, органы, Шанхайская организация сотрудничества.

**INITIATIVES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIGHT AGAINST TERRORISM AND EXTREMISM**

This article examines the initiatives of the Republic of Tajikistan in the fight against terrorism and extremism. It is known that in the complex context of international relations, one of the main factors for the survival of the state is the fight against modern threats, including terrorism and extremism. It should be noted that today terrorism and extremism are widespread in different parts of the world, pose a great social threat and pose a real threat to the security of individual states and regions.The article also reflects the role of Tajikistan in the fight against terrorism and extremism, its initiatives in this area. As a country that pays great attention to combating terrorism and extremism, the Republic of Tajikistan has adopted a number of special laws and concepts aimed at combating this undesirable phenomenon. The Republic of Tajikistan takes an active part in the fight against these threats and other types of inhuman acts and has established fruitful cooperation with other countries of the region and the world in this area.In this regard, it is noted that since gaining independence, the Republic of Tajikistan has faced the threat of terrorism and extremism and cooperates with the UN, Interpol and regional organizations in the fight against these threats. The Republic of Tajikistan considers the fight against terrorism and extremism to be the most important task of ensuring its national security, region and peace and strives to further strengthen international cooperation in this area.In particular, the article emphasizes the need for every citizen to feel responsible in the fight against terrorism and extremism.

**Key words:** Tajikistan, independence, terrorism, extremism, UN, Interpol, legal documents, bodies, Shanghai Cooperation Organization.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонова Зарина Исоевна-*** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 734065,Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Кӯлоб, маҳаллаи С .Сафаров 16. Телефон**: 918-34- 76-29.**

**Сведения об авторе:** ***Курбонова Зарина Исоевна–*** Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, ассистент кафедры права и международных отношений. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **918-34- 76-29**.

**Information about the author:** ***Gurbonova Zarina*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Assistant at the Department of Law and International Relations. Address: 734065, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16. Tel: **918-34- 76-29**.

**УДК:93.2(575.3)**

# ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ-ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТИ ҚАТАР

***Болтуев С. М.***

**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол тавассуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он бештар гардида, муносибату ҳамкориаш бо кишварҳои гуногуни дунё густариш меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тавассуҳ ба аҳамияти муносибату ҳамкорӣ бо ҳамаи давлатҳои ҷаҳон, бо кишварҳои араб ҳам равобити дипломатиро ба роҳ монда, заминаҳоро барои ҳамкориҳои иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва ғайра фароҳам намудааст.

Давлати Қатар ҳамчун дигар кишварҳои арабӣ аз муҳимтарин давлатҳои неруманд маҳсуб ёфта, бо неру ва қудратмандии худ бо давлатҳои кабиру сағири дунё ҳамкории қавии илмиву фарҳангӣ ба роҳ мондааст. Бояд тазаккур дод, ки дар

ҳар давру замон, инчунин дар замони муосир ягон давлату ҳукумат бе илму маориф ба дастовардҳои назаррас ноил нагардидаанд ва дар ин замина онҳо бо давлатҳои ҷаҳон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мемонанд. Яке аз чунин давлатҳо Давлати Қатар ба ҳисоб меравад, ки неруи бузургашро ба рушди соҳаи илму маориф ва техникаву технология сарф менамояд.

Пеш аз он ки сари масъалаи ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ-таълимӣ баҳс кунем, бояд роҷеъ ба низоми фарҳанг, илм ва таълим чанд нуктаро қайд намоем. Илму таълим дар Давлати Қатар дар байни мамолики араб дар зарфи даҳсолаҳо ҷойи намоёнро ишғол намудааст [1, с.102].

Заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳоро бо давлати Қатар Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг, ки аз 6-уми феврали соли 2017 дар шаҳри Давҳа ба имзо расидааст, ташкил менамояд.

Тибқи ризоияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 то 27 ноябри соли 2018 таҳти роҳбарии вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар дар сатҳи баланди эҷодӣ баргузор гардидаанд.

Маросими ифтитоҳи расмии Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар бо суханронии вазирони фарҳанги ҳарду кишвар – Шамсиддин Орумбекзода ва Шайх Солеҳ Ғоним ал-Алӣ дар театри бузурги Қатар оғоз гардид.

Шоми 24-уми ноябр ҳайати расмӣ ва меҳмонон қабл аз оғози барномаҳои консертӣ дар Театри драмавии Қатара»-и Давлати Қатар аз намоиши мусаввараҳову ҳунарҳои мардумӣ ва намоиши аксҳои «Тоҷикистони муосир» дидан намуданд.

Ҳайати расмии Тоҷикистон бо фаъолияти Китобхонаи миллии ин кишвар ва Осорхонаи исломӣ шинос гардиданд. Зимни боздид аз китобхона вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон китоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих» (бо забони арабӣ) ва китоби академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон»-ро ба китобхона тақдим намуд. Ҳамчунин, ҳайати фарҳангии Тоҷикистон аз осорхонаи Шайх Файсал ибни Қосим Оли Сонӣ дидан намуда, бо мусаввараҳо ва ёддоштҳои таърихии Давлати Қатар шинос шуданд. Муносибатҳои фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар дар пояи меъёрҳои байналхалқӣ бо эътибори манфиатҳои тарафайн рушд ёфта истода, минбаъд низ ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои фарҳангӣ тадбирҳои лозима амалӣ хоҳанд шуд.

Дар доираи сафари расмӣ дар Давлати Қатар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маркази Бунёди Қатар ва Осорхонаи санъати исломӣ ташриф оварда, бо фаъолияти онҳо шинос шуданд.

Дар Маркази Бунёди Қатар меҳмони олимақом муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси иҷроияи Бунёди Қатар Шайха Ҳинд бинти Ҳамад истиқбол гирифта, бо фаъолияти марказ шинос намуданд.Дар толори намоишгоҳ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърихи ташаккул, фаъолият ва дастовардҳои Бунёди Қатар муаррифӣ гардиданд.

Мавриди зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар даврони соҳибистиқлолӣ намояндагиҳои донишгоҳҳои бонуфузи хориҷӣ ифтитоҳ ёфтаанд ва дар донишгоҳу донишкадаҳои Тоҷикистон намояндагони 29 давлати хориҷӣ таълим мегиранд. Таъсиси филиалҳо дар кишвари мо аз ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ будани таълиму тадрис дарак дода, бо шарофати сиёсати бобарори иҷтимоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мегардад.

Баъди шиносой бо шароити Бунёди Қатар дар ҳамин ҷо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таассурот ва таманниёти нек дар китоби меҳмонони оликадр соядаст гузоштанд.

Сипас Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Осорхонаи санъати исломӣ дар шаҳри Давҳа ташриф оварданд. Дар ин ҷо Сарвари давлатро Раиси иҷроияи осорхона Салим ал-Асвад самимона истиқбол гирифтанд. Дар толорҳои осорхона Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти ин маркази фарҳангӣ, таърихи ташаккули санъат ва тамаддуни исломӣ ошноӣ пайдо карданд [8, с.67].Тавре маълум гардид, дар толорҳои осорхона, ки моҳи ноябри соли 2008 таъсис ёфтааст, нигораҳои қадиму нодир ҷамъ оварда шудаанд ва ҳар яки он аз таърихи қадимаи инсоният шаҳодат медиҳад.

Намунаҳои нодири нақшу нигор ва хаттотӣ дар рӯйи санг, чӯб ва дигар нигораҳо, ки бо хатти форсӣ-дарӣ навишта шудаанд, бештар диққати Сарвари давлатро ба худ ҷалб намуд. Мавҷуд будани ин дастхатҳо ва ҳунарҳои асили рассомону хаттотони Машриқзамин аз таърихи деринаи робитаҳои дӯстию бародарии халқҳои Осиёву кишварҳои араб шаҳодат медиҳад.

Дар толорҳои осорхона инчунин асбобу анҷоми рӯзгор, яроқу аслиҳаи гуногун, зарфҳо, ороишоти бо сангҳои қиматбаҳо сохташуда ба маърaз гузошта шудаанд.

Пас аз шиносой бо нигораҳои осорхона Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нишони эҳтиром нисбат ба таъриху фарҳанг ва мардуми ин кишвар дар китоби меҳмонони фахрӣ соядаст гузошта, ба мамлакати дӯст шукуфоӣ ва ба халқи бародари Қатар саодатмандӣ орзу карданд.

Дар айни ҳол давлати мазкур дар байни давлатҳои абарқудрати ҷаҳон мавқеъ ва мақоми баландро касб намудааст. Сохтори илму таълими муосири Давлати Қатар, ки дорои сатҳи баланд ва қудрати бузурги техникиву технологӣ ва нанотехнологӣ мебошад, дар сохторҳои давлатии таълимӣ ва донишгоҳҳои қатарӣ масъалагузорӣ мешаванд.

Пас аз солҳои 50-уми асри XX системаи куҳна ба системаи нав гузашт, яъне он дар бисёр муассисаҳои системаи Ғарб истифода мешуд. Илму маорифи аврупоӣ дар асоси навгониҳои муосир ҳамасола тағйир ёфта, усулҳои нав ба нав ба кор бурда мешуд. Истилоҳи «маълумоти олӣ дар системаи кредитӣ»-и Давлати Қатар таҷрибаи чандинсола дошта, зимни чаҳор зинаи зерини таълимӣ ба роҳ монда шудааст:

1. зинаи бакалавр (Bachelor's degree);
2. зинаи магистратура (MB, MD, MSc ё Master Degree);
3. зинаи докторантура (Doctoral or PhD Degree);
4. зинаи пост-докторантура (Post-Doctoral Degree) – зинаи баландтарини илмӣ-таҳқиқотӣ ва академӣ [1, с.41].

Бояд ёдовар шуд, ки зинаҳои мазкур маълумоти олии касбӣ маҳсуб ёфта, дар коллеҷу донишкадаҳо, институтҳо ва донишгоҳҳо омӯзонида мешаванд.

Ҳамчунин, таҳқиқу таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки системаи маориф ва илми Давлати Қатар, дар баробари доштани усулҳои навтарин ва сифати баланд бо кишварҳои хориҷӣ ҳамкориҳои мухталифро ба роҳ мондааст. Дар байни мамолики мутараққии араб Давлати Қатар дар ҷойи намоён меистад, зеро он дар системаи мазкур бо 146 кишвари ҷаҳон, бавижа мамолики Аврупо, Амрико, мамолики Шарқ, Русия, қораи Ҳинду Араб, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои гуногуни илмӣ-амалӣ ва таълимиро ба роҳ мондааст [4, с.69].

Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ ва системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар дар шароити кунунӣ дар ҳолати рушд қарор доранд, ки ин ҳама аз муносибат ва равобити хуби ҳамаҷониба далолат мекунад.

Лозим ба ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафҳои созандаи сиёсати хориҷии худ пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар рушди муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ва дар соҳаи илм ва таълим саҳмгузор бошад. Таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба бо Давлати Қатар дар феҳристи авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад [1, с.103].

Бояд ёдовар шуд, ки дар даврони истиқлолият дар партави сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон муносибатҳои кишварҳои мазкур дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудаанд, вохӯриҳои дуҷониба мунтазам сурат мегирифтанд. Сатҳи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Давлати Қатар дар соли 1993 тибқи Созишномаи ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ байни ҳукуматҳои ҷонибҳо ба имзо расида, то имрӯз миёни ин кишварҳои бо ҳам дӯст равоби илмию фарҳангӣ идома доранд.

Ҳарду ҷониб бо мақсади мустаҳкам намудани ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф ва илм, соли 1996 байни Давлати Қатар ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш ёддошти ҳусни тафоҳум ба имзо расониданд. Дар баробари ин, худи ҳамон сол шартнома оид ба мубодилаи таҳсили дуҷониба бо пешниҳоди 31 миллион доллар имзо карда шуд. Ҳукумати Давлати Қатар барои татбиқи лоиҳаҳои марбути таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлати худ ва дар шаҳри Довҳа барои солҳои минбаъда кумакҳои иловагӣ (стипендияҳо, грантҳо ва квотаҳо) ҷудо намуд. Зимни ҳамкориҳои мазкур дар соли 2006 муносибатҳои Тоҷикистон аз 31 миллион ба 47 миллион доллар расонида шуд. Ҳукумати Давлати Қатар ва Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 барои ҳамкорӣ дар оянда шартномаи дуҷониба ба имзо расониданд.

Аз оғози муносибатҳои дуҷониба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ба роҳ мондани ҳамкориҳо ва имзои созишномаву ёддоштҳои тафоҳум саҳми арзандаи худро гузоштааст. Дар заминаи мазкур бузургтарин ва бонуфузтарин муассисаи илмии ҷумҳурӣ, яъне Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи забонҳои ба номи С. Улуғзода бо донишгоҳҳои Қатар, аз ҷумла Донишгоҳи Аҳмад бини Халифа ва Қатар солҳои 2006-2008 муносибати хуби илмиро ба роҳ монд [15, с.36].Чунин ҳамкориҳо соли 2018 дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон байни Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ ва Донишгоҳи Қатар низ суръат гирифтанд, ки дар он мутахассиси қатарӣ ширкат намуда, дар соҳаҳои дахлдор мубодилаи афкор намуд [9, с.1].

Бояд гуфт, ки ҳамкориҳои Давлати Қатар бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пеш рафта истода, барои ҳамкориҳо масъалаҳои нав ба навро мегузорад ва заминаҳои рушд фароҳам меорад. Дар ҷараёни робитаҳо мушкилот пайдо мешаванд, ки онҳо, дар навбати худ, барои бартариҳо ва авлавиятҳо хос мебошанд. Бинобар ин мо кӯшиш ба харҷ додем, ки равандҳои нави ҳамкориҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, заминаҳои нави ҳамкориҳоро муҳайё созем ва аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда ба пуррагӣ истифода кунем.

Давлати Қатар, ки дар байни кишварҳои араб ва ҳамчунин мамолики ҷаҳон ҳамчун давлати мутараққӣ шинохта шудааст, ба қатори кишварҳои пуриқтидор тааллуқ дорад ва он бо иқтисодиёти пешрафтаи худ дар ҷаҳон ҷойгоҳи намоёнро ишғол менамояд. Рушди иқтисоди баланд дар ин кишвар роҳи онро ба бозори ҷаҳонӣ кушод, тақрибан бо тамоми давлатҳои ҷаҳон додугирифтҳои иқтисодиву

тиҷоратӣ дар заминаи ҳамкориҳои илмӣ-таълимӣ ва фарҳангӣ дорад. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Давлати Қатар, ки кишвари қудратманд мебошад, аз аҳамияти вижа бархурдор мебошад. Ҳарчанд равобити кишвари мо бо кишвар дар сатҳи баланд қарор надорад, бо вуҷуди ин имкониятҳои фаровон дар соҳаҳои илм ва таълим мавҷуданд, ки метавонанд сатҳи ҳамкориҳоро ба дараҷаи баланд бардоранд. Барои посух додан ба саволҳои мазкур онҳо бояд дар доираи лоиҳаҳои илмӣ ва таълимӣ, ки аз ҷониби Давлати Қатар пешниҳод мешаванд, баррасӣ гарданд [1, с.109].

**Стипендия, бурсия (квота) ва грантҳо барои рушди соҳаи илм ва таълим.** Стипендия, квота ва грантҳо ҳамчун кумак ва қарзҳои имтиёзнок аз ҷониби мақомоти расмии кишварҳои тараққикарда ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ, бо мақсади мусоидат барои рушд ва баланд бардоштани некӯаҳволии халқ дода мешаванд. Давлати Қатар дар миёни мамолики араб яке аз кишварҳое мебошад, ки пайваста ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ кумак мерасонад. Дар доираи стипендия, бурсия (квота) ва грантҳо барои рушди соҳаҳои мухталиф, бахусус соҳаи илм ва таълим, ҳамасола маблағҳои муайянеро барои Тоҷикистон ҷудо намуда, лоиҳаҳои алоҳидаро маблағгузорӣ менамояд. Лоиҳаҳои асосӣ дар самти ҷудо кардани стипендия, бурсия ва грантҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз бозомӯзиҳои донишҷӯён, мутахассисони ҷавони соҳаҳои гуногуни илм ва таълим иборат мебошад. Ба ғайр аз ин, дар доираи КРР стипендия, квота ва грантҳо, дар маҷмӯъ дар ҳаҷми 47,7 млн.долл.ИМА дар муддати қариб 20 сол дар татбиқи лоиҳаи беҳбуди рушд маблағгузорӣ кардааст.

Метавон гуфт, ки Давлати Қатар дар даҳсолаҳои наздик метавонад ба яке аз минтақаҳои мутараққии дунё табдил ёфта, дорои мавқеи намоён гардад. Солҳои охир кишварҳои араб ба низоми рушди илм ва маориф рӯ оварда, кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки тамоми соҳаҳои илму фарҳанг, сиёсату иқтисодиёт ва ғайраро рушд диҳанд.Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Давлати Қатар равобити дӯстона дорад. Дар заминаи мазкур стипендия, квота ва грантҳои мазкур барои донишҷӯён ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Сафорати Давлати Қатар дар Тоҷикистон ва бевосита Ҳукумати Давлати Қатар роҳандозӣ шудаанд:

1. **Qatar Scholarship** – яке аз бонуфузтарин грантҳои бонуфузи дунё мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумати Қатар барои шаҳрвандони гуногуни олам ҷудо карда мешавад. Барномаи мазкур потенсиали роҳбариятро дар ҳамаи соҳаи илму маориф баланд месозад ва дараҷаҳои баланди касбиро таъмин мекунад. Ҳамчунин, барномаи мазкур ҳар гуна талаботи моддиву маънавиро пардохт мекунад ва бештар чунин ихтисосҳоро дастгирӣ менамояд: - сиёсатшиносӣ ва иҷтимоиёт (Political and Social Science);- идоракунии маъмурӣ (Public Administration);- ҳуқуқ ва фанҳои юридикӣ (Law and Legal Studies);- Media and Journalism (ВАО ва журналистика).
2. **AIQ** – барномаи мазкурро Коллеҷи давлатии қатарӣ ба роҳ мондааст, ки танҳо зинаи бакалаврӣ (аз рӯйи 7 ихтисос) ва магистратура (аз рӯйи 19 ихтисос)-ро таъмин месозад.
3. **Global Qatar Scholarship** – барномаи мазкур барои шаҳрвандони хориҷӣ, ба ғайр аз шаҳрвандони Қатар ҷудо шудааст. Барномаи мазкур барои як сол пешбинӣ шуда, 50 %-и он пардохт мешавад.
4. **National Qatar Grant** – аз ҷониби Президенти Давлати Қатар барои 150 давлати рӯйи ҷаҳон ҷудо шудааст.
5. **Doha Graduate Scholarship in Qatar** – гранти пурра буда, барои зинаҳои баланди докторӣ роҳандозӣ шудааст. Барномаи мазкур ҳамаи фанҳо ва ихтисосҳоро дар бар мегирад. Гранти мазкур ҳамасола ба 70 нафари беҳтарин ҷудо мешавад.

Барои донишҷӯён ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо барномаҳои

грантӣ аз ҷониби Ҳукумати Давлати Қатар ҳамасола ҷудо мешаванд.

Ҳамин тавр, ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар аз соҳаҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, миқдори зиёди донишҷӯёни тоҷикро соҳибихтисос намудааст. Ҳамчунин, аз Давлати Қатар теъдоди зиёди донишмандон ва муҳаққиқон дар Конфронсҳои байналмилалӣ дар бахшҳои гуногуни фарҳангиву илмӣ дар муассисаҳои илмиву таълимӣ, ба мисли Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, донишгоҳҳову донишкадаҳои ҷумҳурӣ иштирок намуда, баромадҳо намуданд. Дар ин раванд умедворем, ки иқдоми мазкур дар солҳои оянда бо имкониятҳои баланд амалӣ хоҳанд шуд.

**Муқарриз:Розиқов Ф. М. – номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. 25 қадам дар паҳнои олам. Ҳайати таҳририя: Н. Зоҳидӣ, В. Ниятбеков, А. Камолов. -Душанбе: Ирфон,. –С.87.
2. Ахмедов А. Социальная доктрина ислама. -М., 1982.
3. Архивные материалы. Текущий архив министерства культуры Таджикистана за период 1996-2018гг.
4. Зарифӣ Ҳ. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон - дар масири истиқлолият. -Душанбе: Ирфон, 2011.- 178 с.
5. Зокиров Г. Донишномаи сиёсӣ. –Душанбе,2007.
6. Материалы конференции «ЕС и Таджикистан: состояние и перспективы сотрудничества». – Душанбе, 2014.
7. Назаров Т. Таджикистан: экономика, политика и международное сотрудничество - Душанбе, 2001.
8. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди I.- Душанбе, «Ирфон», 2002, 143 с.
9. Саидов З. Основные тенденции внешней политики РТ на рубеже столетий». -Душанбе: Авасто, 2009. 418 с.
10. Саидов З. Таджикистан надёжный партнер в международных отношениях. – Душанбе: Авесто, 2003. -160 с.
11. Таджикистан: десять лет независимости, национального единства и созидания (2001, в четырех томах),
12. Таджикистан: четыре года независимости и самосознания (1995), Таджикистан на пути демократии и цивилизованного общества (1996), - Душанбе, 2000. - 213 с.
Лашкари Сомониён ба ду намуд: гвардияи кадрии доимӣ ва қӯшуни халқии муваққатӣ ҷудо мешуд. Дар ҳаёти давлат ва даргоҳи подшоҳ гвардияи дарбор, ки аз ғуломони ҷавони турки таълими ҳарбӣ гирифта таркиб ёфта буд, мақоми баланд дошт.Ғуломони турк дар хизмати ҳарбӣ ба муваффақият соҳиб шуда, аз ғуломӣ озод мегаштанд ва ба ҳайати табақаи имтиёзнок дохил мешуданд. Масалан, яке аз ғуломони турк Алптегин баъди 35 соли хизматаш сипаҳсолори Хуросон таъйин шуд, ки дар ихтиёри худ 2700 ҷанговар дошт. Ғуломи дигари гвардияи кадрии доимӣ Сабуктегин низ ҳамин гуна мавқеи худро пурзӯр карда буд.

Аз нав зиндашавии маданияти маҳаллӣ дар замони Тоҳириён ва тараққиёти он дар давраи Сомониён муваффақияти калони халқҳои Хуросону Мовароуннахр буд.

Хизматҳои муҳимми Сомониён, аз ҷумла дар атрофи як марказ муттаҳид кардани Хуросон ва Мовароуннахр, таъмини истиқлолияти давлатӣ барои инкишофи ҳаёти иқтисодӣ ва мадании мамлакат заминаҳои зарурӣ фароҳам овард.

«Бар асари ҷангу ҷидол ва дигаргуниҳои дар солҳои охири асри X ва оғози асри XI бавуқӯъпайваста давлати мутамарказу муқтадири Сомониён пароканда гардида, ғуломони турку қабилаҳои зардпӯст ба сари қудрат меоянд ва сарзамини Мовароуннахру Хуросон ба зери тасарруфи онҳо медароянд» [3, с.184].

Ҳукмронии хонадони Ғазнавиён аз ғуломи яке аз саркардагони Сомониён — Алптегин оғоз шуда, баъд аз муддати понздаҳ сол ҳукмронӣ кардани ӯ ба ғуломи ӯ — Субуктегин мегузарад. Сипас, ба ихтиёри писари хурдиаш—Исмоил мегузарад. Байни Исмоил ва бародари калониаш Маҳмуд муноқиша сар зада, Маҳмуд дастболо мешавад ва Ғазнинро соҳиб мегардад (978—1030). Дар ин солҳо бо вуҷуди муқобилиятҳои мардум Хуросон низ ба даст даровaрда мешавад.Доир ба пайрави мазҳаби суннӣ будани Султон Маҳмуд ва аз ҷониби ӯ таъқиб шудани намояндагони мазҳабҳои дигар, махсусан қарматиён, инчунин маҳви осори илмию адабии қарматиён ва сӯхта шудани китобхонаи бузурги шаҳри Рай Муҳаққиқ Забеҳуллоҳи

Сафо таъкид менамояд [23, с.531-603].Султон Маҳмуд дар баробари зулму истибдоди халқ бо писаронаш (Мавдуд ва Масъуд) барои рушди фарҳанги баъзе шаҳрҳо мусоидат намуда, доираи адабии бонуфузе дар пойтахт – Бухоро ва бархе аз шаҳрҳои калони тобеи давлат [Самарқанд, Хоразм, Нишопур, Мовароуннаҳр] созмон дод. Доираи илмии дар Хоразмро султон Маҳмуд пароканда менамояд, аз ин хотир, бархе аз олимон (Абӯрайҳони Берунӣ), бар дарбори ӯ роҳ мегиранд. Чуноне академик Ғафуров Б. мегӯяд: «Замони ҳокимиятдории султон Маҳмуд ба такомули илм мусоидат накардааст. Барои инкишофу илм ва ҷараёни илмӣ имконият мавҷуд набуд. Он муваффақиятҳои илмие, ки олимон ба даст овардаанд, боқимондаҳои дониши илмии замони қадим буд» [8, с.51].

Дар асрҳои X-XI шеъру шоирӣ ба авҷи аъло расид. Шоирон Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Абӯтоҳири Хусравонӣ, Ҳаббозии Нишопурӣ, Маъруфии Балхӣ, Шокири Бухороӣ, Истиғнои Нишопурӣ, Турки Киштӣ, Абӯмуайяди Балхӣ, Равнақии Бухороӣ, Абӯмансури Дақиқӣ, Кисоии Марвазӣ ва дигарон дар ганҷинаи адабиёти тоҷик ҳиссаи бузург гузоштанд.

Онҳо дар асрҳояшон ҳақиқати ҳаёт, зиндагии дарбор, ҳодиса ва воқеаҳои сиёсию ҳарбӣ, ишқу муҳаббат, ахлоқу ситоиши хирад, некукорӣ, зебоиҳои табиат ва ширинеҳои зиндагиро сароидаанд. Дар эҷодиёти онҳо, асосан масъалаҳои ҳаётӣ инъикос ёфта, оҳангҳои динӣ тақрибан ба назар намерасиданд. Шаклҳои маъмули назми асри X тоҷик аз қасида, маснавӣ, ғазал, рубоӣ, қитъа ва монанди инҳо иборат буданд. Аммо олими дигари Эрон Муҳаммад Алии Ризоӣ дар мақолааш «Шоҳнома барои дарёфти сила суруда нашудааст» чунин навиштааст: «Маҳмуд шоирон ва олимонро ба чанд манзур дар дарбори худ гирд меовард», яке «баҳрабардорӣ аз мадоеҳи шоирон барои таблиғот» буд… [18, с.21-28]. Шахсан ба олимони соҳаи фалсафа ва фалсафаи табиӣ муносибати бад доштани Султон Маҳмуд ва аз ҷониби ӯ таъқиб шудану ба ҳаёти бисёрии онҳо зарар расониданашро адабиётшиноси тоҷик А.Абдуллоев низ аз рӯйи мақолаи "Ёдномаи Фирдавсӣ"-и доктор Муҳаммад Алии Ризоӣ барои собит намудани андешаҳояш истифода кардааст"[1,с.19].

Ба хусусиятҳои рушди дин ва фалсафа на танҳо омилҳои мусбат, балки саҳифаҳои фоҷиабори таърихи сиёсии ниёгонамон низ таъсир расонидаанд, яъне мутаассифона, рушди бомуваффақияти давлати Сомониён бо ҳуҷуми туркҳо қатъ карда шуд. Баъди аз ҷониби Маҳмуд Ғазнавӣ забт шудани кишвар, ин марҳилаи зафармандӣ, бо шикасти сохтори ҳаёти пур аз равнақ анҷом меёбад. Пас аз он саҳифаҳои фоҷиабори таърих ҷой доранд, вақте ки мусулмонон аксар вақт ҷони худро барои ҳифзи имонашон қурбон мекарданд. Мусулмонон фарҳанги шаҳрии худро аз даст доданд, аммо аз тарафи дигар, дарбориён бо мардум муттаҳид шуда, дар деҳаҳо реша паҳн карданд ва ҷомеа бештар монолитӣ шуд. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки дар деҳот уламою донишмандон буданд, ки якчанд забонро медонистанд ва рисолаҳои фалсафӣ ва тасаввуфиро бо истинод аз асарҳои мутафаккирони бузурги исломӣ ва афкори файласуфони Юнони қадим навиштаанд. Шароити мустамлика ва нуфуз ва муҳити дигар динҳо Исломро водор сохт, ки барои муҳофизати хеш ва нигоҳ доштани мақому расолати дин, усулҳои нисбатан самарабахшро таҳия кунанд.Ҷустуҷӯи фалсафаи давраи асримиёнагӣ танҳо ба туфайли асарҳои илмию адабии ҳифзшуда дубора эҳё мегардад. Дар ин давра асарҳои мухталиф дар мавзӯъҳои пешқадами фалсафӣ ва тафаккури динӣ, аз қабили рисолаҳои назариявии тасаввуф, калом, машшоия, исмоилия ва асарҳои шоирона, асарҳо оид ба фиқҳ, ҳадис, таҳқиқоти Қуръон, фалсафа, сиёсат ва иқтисодиёт

офарида шуданд.

“Асрҳои X яке аз беҳтарин давраҳои гул-гулшукуфии маданияти халқӣ буд, яъне дар давраи Сомониён илму фарҳанг инкишоф меёбад. Ин давраи эҳёи тоҷикон буд, ки ба рушди маданият дар Мовароуннаҳру Хуросон мусоидат кард. Озодии сиёсӣ аз хилофат, ташкил намудани давлати мустақили худ ва робитаҳои васеи иқтисодӣ ва маданӣ бо мамлакатҳои ҳамсоя сабабгори тараққиёти маданияти халқи тоҷик гардиданд. Омилҳои рушду такомули яккарнаи давлати пуриқтидор ва мустақили Сомониёнро нахуст, роҳу равиши одилона ва фазои бози ҳокимияти онҳо (Оли Сомон-А.К.), сипас, шинохтан ва шиносонидани ҷомеа бо фарҳанги куҳнаи эронӣ, баъдан, таваҷҷуҳи хосса ба забони форсии дарӣ буд” [22,с.102-104]. Забони тоҷикӣ (форсӣ-дарӣ) забони арабиро дар корҳои давлатӣ, назму наср то дараҷае илм танг карда баровард. Сомониён дар дарбори худ шоирон, нависандагон ва дигар мутафаккиронро гирд оварданд.

Шароити хубу мусоиди кори эҷодӣ дар Бухоро, Самарқанд, Балх, Марв, Нишопур, Ҳирот, Хуҷанд водор намуд, ки аҳли илму адаб аз гӯшаву канори Шарқи мусулмонӣ ба Мовароуннаҳру Хуросон рӯй оваранд. Бавижа, маҳфилҳои илмии «Ихвон-ус-сафо» барои табодули афкор ва рушди қобилиятҳои зеҳнии мубоҳисони илмӣ заминаи хубе гардид.

“Дар бозори Бухоро беҳтарин ва нодиртарин китобҳои илмии он замонро дарёфтан мумкин буд. Масалан, Абӯалӣ ибни Сино дар омӯзиши «Метафизика»-и Арасту душворӣ кашида, аз бозори китоби Бухоро китоби файласуфи машҳур Абӯнасри Форобиро ба даст овард ва тавассути он мушкилоти китоби файласуфи юнониро ҳал кард. Дар айни замон ин бозор мулоқотгоҳи аҳли илму адаб буд [19,с.153-154].

Дар Бухоро китобхонаи бузурге ба номи «Савон-ул-ҳикмат» сохта шуда буд. Дар он ҷо китобҳо доир ба илмҳои гуногун, инчунин китобҳои нодир вуҷуд доштанд. Дар Марв ҳанӯз дар ибтидои асри IX ва баъдтар хазинаи китобҳои паҳлавӣ нигоҳ дошта мешуд, ки охирин шоҳи сулолаи Сосониён Яздигурд ҳангоми фирор карданаш аз лашкари арабҳо дар миёнаи асри VII ҳамроҳи худ оварда буд. Дар Самарқанд 17 мадраса ба дасти ҷамоаҳои муътазилиён ва қарматиён буданд; мувофиқи мълумоти Муқаддасӣ дар Самарқанд, Фарғона, Хуталон, Гузгон, Маварӯд ва Нишопур хонақоҳҳои қарматиён амал мекарданд.

Дар Моваруннаҳру Хуросон масҷидҳои зиёде бино карда шуданд, ки барои тарғиб ва мустаҳкам намудани мавқеи ислом мусоидат намуданд. Ин гуна муассисаҳои динӣ на танҳо ҷойи адои намоз, балки дар баъзе ноҳияҳо марказҳои иҷтимоӣ, масалан, ҷойи ҷамъомад ва баҳси фақеҳон низ буданд. Махсусан, масҷидҳои ҷомеаи Ҳироту Балх дар ин бобат намуна ба ҳисоб мерафтанд.

Дар асри X ҷойҳои махсус барои таълим, таълимгоҳҳо- мадрасаҳо вуҷуд доштанд. Барои баъзе уламо дарсхонаҳои махсус ташкил мекарданд. Чунин дарсхона дар Насаф барои олими мактаби муътазилияи Бағдод Абулқосисми Каъбӣ (зодгоҳаш Балх,ваф.931) ташкил шуда буд. Барои мусалсал ҷараён гирифтани таълим дар масҷидҳои калон ё мадрасаҳо гурӯҳҳои таълими доимӣ ташкил карда буданд. Чунин мадрасаҳо дар Бухоро (мадрасаи «Фарҷак», ки соли 937 бар асари сӯхтор аз байн рафт), Нишопур, Марв вуҷуд доштанд.

Дар Бухоро имом ва олим Абӯҳафс (ваф.832) мактаби илмие ташкил дод, ки барои интишори донишҳои илмӣ ва динӣ нақши калон бозид. Аз арбобони дин олимони соҳаи дин, муфассирон, фақеҳон ба миён омаданд [18, с.154-156].

«Растаҳои саҳҳофӣ ва китобфурӯшии бозорҳои шаҳрҳои Хуросон намоишгоҳи китобҳои нодири илмӣ, адабӣ, бадеӣ ва ҷои вохӯрии дӯстдорони илму дониш ҳисоб меёфтанд.Файласуфон-фақеҳони асри X Абӯмансур Мотурудии Самарқандӣ (соли 333/944-945 вафот кардааст), Абулқосими Самарқандӣ (953 с.в.), Абӯҳотам Муҳаммад ибни Самарқандӣ (965 вафот кардааст), Абулҳайс Муҳаммади Самарқандӣ (984 с.в.), Абдураҳмон Нисоӣ (аввали асри X с.в.), Абӯбакр Муҳаммад ибни Алӣ Каффол Чочӣ (976с.в.), Абӯҳами Исфароинӣ (981 с.в.), Абӯзайд Аҳмад ибни Саҳл Балхӣ (941 с.в.) бо рисолаҳо ва асарҳои хеш дар олами ислом маъруф

гаштанд.

Абӯабдулло Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ [810-870] бузургтарин донишанди ҳадисҳо, мусаннифи «ал-Ҷомеъ-ас-саҳеҳ» ё «Саҳеҳ-ал-Бухорӣ» мебошад. Ӯ дар ин асар 7400 ҳадисҳои ниҳоят дақиқро аз 800 ҳазор ҳадисҳои дар он замон паҳн гашта интихоб намуд.Доир ба масъалаи марҳилаи ҳудудӣ-хронологӣ ақидаи дигаре низ вуҷуд дорад. Мувофиқи тадқиқоти Б.Ғ.Ғафуров, забони классикии тоҷику форс дар ҳудуди Мовароуннаҳр, Систон, Хуросон ташаккул ёфтааст. Маҳз аз Бухоро, Самарқанд, Балх, Ҳирот ва дигар ноҳияҳои Мовароуннаҳр, Хуросон, Систон аввалин эҷодкорони бузурги ин адабиёт баромаданд. Аз 84 шоири замони Салҷуқиҳо 68 нафарашон аз Хуросон ва Мовароуннаҳр ва фақат 16 нафари онҳо дар вилоятҳои Ғарбии Эрон ба дунё омадаанд. Дар ҳамин ҷойҳо аввалин давлатдориҳои Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён ба вуҷуд омадаанд. Аз ин ҷиҳат аввалин кӯшишҳои сабти хаттии ин забон бо ҳуруфоти арабӣ дар ҳамин сарзамин ба вуқӯъ пайвастааст.

Шоирони асри Х бо ҳамроҳии устод Рӯдакӣ мактаби адабии бовазну боиқтидор ба вуҷуд овардаанд ва ин мактаб ҳақиқатан ба мактаби дарсии маҳорати баланду эҷодкориҳои писандида табдил ёфт [1,с.21].Дар бораи мақоми забони тоҷикӣ-форсӣ ва таъсири осори классикон ба адабиёти ҷаҳон бахрамандӣ ва таҳқиқотҳои зиёде таълиф шудаанд. Масалан, адабиётшиноси тотор Д.Ф.Загидуллина дар мақолаи худ оид ба сайри таърихии забони форсӣ ва таъсири он ба адабиёти туркнажодон иброз медорад, ки аз оғози асри XII ба забони форсӣ рисолаҳои нодире арзи ҳастӣ намуданд ва дар он канорагирии анъанаҳои форсибаёнӣ (услуби офариниш, истифодаи тасвирҳои бадеӣ ва ғ.) аз забони арабӣ эҳсос мешавад. Маҳз таълифоти муаллифони форс, бо мурури замон, дар ҳудуди Поволжие ва Приуралия, ҳамчун адабиёти таълимӣ зуд паҳн гардидаанд, ки таҳкурсии назарияи адабиёти туркию тоторӣ аз он маншаъ мегирад. То садаи ХХ тоторҳо аз истилоҳоту тафсироти рисолаҳои мазкур истифода намудаанд. Ҳатто дар нахустин китоби назарияи адабиёти бо забони тоторӣ таълифшуда, истилоҳот ва тасвирҳои шоиронаи назариячиёни форс корбаст шудаанд [11,с.50].

Адибони маъруфи асрҳои X-XI –ро метавон ном бурд, ки дар осори аксарияти онҳо шеърҳои орифонаю тасаввуфӣ дида мешаванд: Абулмаолии Ғазнавӣ, Абулмасали Бухорой, Абулмуайяди Балхӣ, Абулмузаффари Писанҷадӣ, Абулмузаффари Тоҳир, Абулаббоси Рабанҷании Бухорой, Абулаббоси Имомӣ, Абулфавориси Фанорӯзии Самарқандӣ, Абулфараҷи Сигзӣ, Абулфатҳи Бустӣ, Абулфатҳи Пиндор, Абӯалии Балхӣ, Абӯабдуллоҳи Фӯшии Қурайшӣ, Абӯабдуллоҳи Фароловӣ, Абӯмансури Ҷуббон, Абӯмансури Муваффақ, Абулайси Табарӣ, Абӯсаиди Маҳнаӣ [Абулхайр].

Дар ҷамъияти феодалӣ, - мегӯяд академик М. Осимӣ, - идеологияи ҳукмрон дин буд. Ин сабабҳои таърихии худро дошт. Аз як тараф, рӯҳониён, ки як қисми синфи феодалҳоро ташкил мекарданд, дар дасти худ замини бисёре доштанд. «Ҳуқуқи муқаддаси» феодалҳоро ба замин ба ҳар восита ҳимоя кардан лозим буд. Дар ин кор барои феодалҳо аслиҳаи буррое шуда хизмат мекард. Аз тарафи дигар, рӯҳониён ягона табақаи соҳибмаълумоти ҷамъияти феодалӣ буданд. Онҳо аз ин мақоми ҷамъиятии худ истифода карда, мекӯшиданд, ки дар ҳамаи соҳаҳои кори ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи илму фалсафа ҳам, динро нуқтаи ибтидо қарор диҳанд [20,с.28].

Намояндагони динҳои гуногун кӯшиш мекарданд, ки фалсафаро ба хизматгори дин мубаддал гардонанд, вале ин таассуби динӣ натавонист ба пешрафти илм, фалсафа ва озодандешӣ хотима гузорад.Намояндагони фалсафа ҷомеаро ба ду тақсим карданд: омма –аксарият ва хосса* – қисман интихобшудагон. Ба ақидаи

* Хосса - интихобшудагоне, ки қобилияти дарк кардани олами абстрактиро доранд, онҳо ба моҳияти аслии будан ё худ рисолати инсон сарфаҳм мераванд. Омма бинобар паст будани қобилияти зеҳнӣ, бо ёрии тасвирҳои аллегорикӣ, шоирона, ки бештар дин бозгӯ мекунад, метавонанд ҳақиқатҳои

Форобӣ, дини дуруст он аст, ки ба донишҳои ҳақиқӣ ва комили фалсафӣ такя кунад. Ҳамчун санъати сиёсӣ дини ростину хайрхоҳ, мувофиқи ақидаи Форобӣ, бояд, ба фалсафа пайравӣ кунад. Чунин наздикӣ ба илмҳои фалсафӣ дар оянда имконият медиҳад, ки гузариши муътадил аз эътиқоди кӯр-кӯрона ба эътиқоди илмӣ, ҷаҳонбинии фалсафӣ (дорои далелҳои муътамад) шахсони аз ҳама қобилиятнок таъмин карда шавад.*Намояндагони машшоияи шарқӣ, аз рӯйи дараҷаи усулҳои муътамади маърифат, як системаи муайяни дараҷаи донишро таҳия карданд. Мувофиқи ақидаи онҳо, илм ё фалсафаи ҳақиқӣ, бояд бар дониши собит асос ёбад. Танҳо ба дониши далелҳо такя мекунад. Теология [Калом] ба роҳу усулҳои мантиқӣ такя мекунад.

Дини анъанавӣ, барои тасдиқи нуктаҳои худ, усулҳои далели ҷузъидошта ва суханони пур аз эҳсосот ё образу тасвирҳои шоирона (дар мисоли тасвири биҳишту дӯзах)-ро истифода мебарад.Дин, ки барои устувории сохтори иҷтимоӣ дар ҷамъият мақом дорад, мебояд, тибқи таълимоти файласуфон, ба донишҳои фалсафӣ итоат намояд, на мисоли Аврупои асримиёнагӣ, ки фалсафа рисолати “хизматгории дин”-ро бар дӯш дошт.

Файласуфони ҷаҳони мусулмонӣ баръакси ин нуқтаи назарро дифоъ карданд ва эълом доштанд, ки дин барои хидмат ба ҳақиқати фалсафӣ даъват шудааст. Агар мулоҳизаҳои фалсафии Розӣ ва Форобӣ истиқлолияти нисбии онҳоро нисбат ба ақидаи мусулмонӣ нишон диҳанд, пас Ибни Сино ба даст овардани ҳамоҳангиро дар байни қонунҳои ислом ва фалсафаи ратсионалӣ вазифаи худ ҳисобид. Шояд барои ҳамин ҳам, истидлоли ӯ аз ногузир будани паёмбарӣ ва қонунҳои илоҳӣ дар роҳи дурусти вазифаҳои ҷамъиятӣ нисбат ба ақоиди олимони қаблӣ қаноатмандона буд.

Исломшинос, профессори донишгоҳи Мичиган А.Книш мегӯяд, ки “Ибни Сино худро шаҳрванди одии ин ҷомеа намешумурд. Вай худро аз «тӯдаи» ҷаҳолатпешагон болотар гузоштааст, зеро ба андешаи ӯ, ин *издиҳом* қудрати дарк кардани зарурати дониши фалсафиро надоранд. Ҳамчунин, баръакси баъзе оятҳои Қуръон (манъи шароб), Ибни Сино баъзан ба худ як пиёла шаробро раво медид, то қобилияти тафаккури ӯро ба мизон орад. Ҳадафи асосии навишта шудани ин оятҳоро дар надонистани меъёри истифодаи он медонист» [15,с.16].

Ислом дар ин давра пурра ғалаба кард ва идеологияи ҳукмрони замон гардид. Аз чаҳор мазҳаби исломии рошидӣ (ҳанафӣ, шафеӣ, моликия ва ҳанбалӣ) дар Осиёи Миёнаи замони Сомониён ба таври расмӣ мазҳаби ҳанафӣ қабул гардида буд, вале муътақидони мазҳаби шафеиро ҳам таъқиб намекарданд. Ба ғайр аз ин ҷараёну равияҳои рофизӣ дар ислом- тасаввуф, муътазилия, қаромия ва ғайра вуҷуд доштанд.

Дар Осиёи Миёна, ки ҷойгоҳҳои қавитаринро мазҳаби ҳанафия ишғол мекард, ҷараёни мотуридии калом паҳн гардид, ки он ба ифтихори илоҳиётшиноси ҳанафия, Имом Абӯмансур ал-Мотуридӣ (аз Самарқанд, ваф. 944). Тибқи як ривоят, ӯ аз насли Абӯаюб ал-Ансорӣ, аз саҳобаҳои маъруфи Паёмбар (с) буд. Нахуст таълимоти исломии шогирдони ал-Мотуридӣ дар баробари назария ва амалияи фиқҳ ҳанафия ном дошт. Баъд аз нисбат ба нуқтаи назари ҳанафиёни Мовароуннаҳр ва инчунин шафеиёни маҳаллӣ шиддат ёфтани мухолифати намояндагони ашъарияи Нишопурӣ гурӯҳҳои пайравони мактаби ал-Мотуридӣ аз доштани равияи дар *калом* доштаашон, бо унвони ал-мотуридия дарак доданд, ки асоси онро таълимоти Имом Абӯҳанифа

---

фалсафиро танҳо дарк кунад.

* Чунин таснифоти ҷомеа хоси аҳли тасаввуф ҳам буд. Ба андешаи онҳо аксари одамон аъмо ба дунё омадаанд ва ҳеҷ чиз наметавонад ба онҳо қобилияти дидани ҳақиқатро диҳад.

ташкил медиҳад. Аз тарафи дигар, онҳо аз ҳанафиёне, ки ҷаҳонбинии еретикӣ доранд, аз ҷумла муътазилия*, даст кашиданд. Дар миёнаи асри XI, бо таъсири тадриҷан афзояндаи туркони салҷуқӣ, теологияи мотуридии Мовароуннаҳр дар вилоятҳои маркази ҷаҳони ислом машҳур мешавад. Дар китоби "Таърихи афкори фалсафӣ дар минтақаи Волгаю Урал" чунин таъкид шудааст: "Танҳо аз асри XIV, бори аввал, дар бораи ду ҷараёни *калом* дар мазҳаби суннӣ*: таълимоти ал-Ашарӣ ва ал-Мотуридӣ сухан меравад. Аз ин вақт ҳанафиёнро, алалхусус мусалмонони туркро, ҳамчун ҷонибдорони ҷараёни Каломи равияи мотуридӣ мешинохтанд. Мактаби мотуридӣ аз Осиёи Миёна ба минтақаҳои Волга ва Урал ворид шуд, бинобар ин, мусулмонони ин минтақа дар имон ба таълимоти имом ал-Мотуридӣ пайравӣ мекунанд"[14,с.35-61].Дар замони имрӯза байни мусулмонони суннимазҳаб ҳамин ақида ҳаст, ки онҳо дар масъалаи имон ба яке аз ҷараёнҳо: ашъария ё мотуридия пайравӣ мекунанд.

"Дар авзои фикрии замон, - мегӯяд адабиётшинос Х.Шарипов, - баҳси чаҳор равиши илмию фалсафӣ ҳукмрон буд, ки ҳар яке аз илму адаб ҳам ба наҳве бо онҳо пайвастагӣ доштанд. Яке аз ин равияҳо, ки дар асри X ва нимаи аввали асри XI қудрати бештаре дошт ва дар ин давра ҳам баҳсҳо дар атрофи он хомӯш нашуд, ин ҷараёни фалсафии **машшоъ** [ба ҷаҳонбинии аксари файласуфони мусалмон таълимоти Арасту (машшоия-перипатетизм) таъсири бузург расонидааст…

Дар асрҳои IX-X маркази тарҷумонӣ дар шаҳри Бағдод таъсис дода шуда, тарҷумаи таълифоти Арасту босуръат оғоз ёфт. Фаъолияти ин маркази тарҷумонӣ ба ташаккули ду риштаи машшоияи мусулмонӣ –шарқӣ (IX-X) ва ғарбӣ (X-XII) мусоидат намуд [9,с.183-184]. Дар саргаҳи машшоияи шарқӣ ал-Киндӣ (ваф.873), сипас, ал-Форобӣ (ваф.950) ва намояндаи барҷастатарини он Ибни Сино (980-1937) қарор доштанд. Машшоия фалсафаи ратсионалиро ташвиқ мекард ва шоироне монанди Хайём, Анварӣ ҳам пайравони он буданд.

Ҷараёни дигар равиши **исмоилиён** буда, фалсафаи хосе дошт. Шоироне аз қабили Носири Хисрав фалсафаи таълимоти онро пайравӣ мекарданд.

Сеюмин ҷараён ин **баҳси ислом** буда, донишмандоне ба монанди Муҳаммад Ғазолӣ ба он ҷомаи фалсафӣ пӯшониданд ва таъсири он то ба адабиёти расмию дарборӣ мерасад, ки намояндагони бузурги илмию динии он Ғазолӣ ва Фахруддини Розӣ буданд.

Ниҳоят равиши чорум, **тариқати тасаввуф ва ирфон**, ки ҳамчун намояндагони он, дар навбати аввал, баргузидатарин шуарои ирфон – Ансорӣ, Саноию Аттор ба хотир мерасанд" [25,с.74]. Дар луғатҳои гуногун *ирфон* чун илм ва маърифат маънидод мешавад. Забоншиносон бар он ақидаанд, ки решаи вожаи "ирфон» аз калимаи арабии «ъурф», яъне оромиш аст [2,с.281]. Аз ин хотир, *ирфон* чун оромиши рӯҳ фаҳмида мешавад, ки барои дарку эҳсоси Ҳақ ҳамин ҳолат зарур аст.

"Ирфон ҷараёни динию фалсафиест, ки тибқи он ба ҳақиқат (асосан моҳияти Худо) тавассути завқу кашфу шуҳуд бе иштироки ақлу идрок расидан мумкин аст. Асоси ҷаҳонбинии ирфон вобаста ба шароити иҷтимоӣ ва эътиқоди динӣ гуногун мешавад. Дар динҳои яккахудоӣ (яҳудия, масеҳият, ислом) вуҷуди мутлақ Худои яккаву ягонаест, ки расидан ба он танҳо ба воситаи нақлу ахбор имконпазир аст. Дар асрҳои миёнаи Шарқ ирфон дар шакли тасаввуф зоҳир шуд" [12,с.368].

Аммо ҷараёни аз ҳама фарогирифтаи ин давр тасаввуф буд, ки дар рӯҳияи ислом ташаккул ёфтааст. Таҳаввулот ва тағйирёбии ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ сабаби асосии ҳаёти зоҳидона пеша кардани мардум мегардад ва марҳалаи аввали пайдоиши тасаввуфро, дар дини ислом, ба асрҳои VIII-IX мансуб донистаанд. "Марҳалаи

---

* Масалан, ҳуқуқшиноси маъруфи ҳанафӣ, филолог Ҷаруллоҳ аз Замахшари (1075-1144) аз Хоразм, муаллифи тафсири маъруфи Қуръон "ал-Кашшаф".

* Ҷонибдорони чаҳор мазҳаби суннӣ: ҳанафия, маликия, шафеия ва ҳанабалия

дувумини инкишофи тасаввуфро, - мегӯяд файласуфи тоҷик Зиёзода И.,- муҳаққиқон ба асрҳои X-XII мансуб медонанд, ки онро марҳалаи пайдошавии мактабҳои тасаввуф меноманд” [13, с.42]. Дар асри XI тсасаввуф дар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон бештар паҳн гардид. Дар ҷонибдории ислом байни халқҳои туркнажод сӯфӣ-дарвешон нақши муҳим бозидаанд [4,с.177]. Дар адабиёти ин давра намоёнтари сӯфиёни тоҷик Абӯсаид Абулхайр ва Абулқосим ал- Қушайриро метавон ном бурд. Роҳибон ва шайхони тасаввуф батадриҷ байни мардум сохибэҳтиром гардиданд ва ҳукуматдорон барои манфиатҳои хеш онҳоро истифода мебурданд. Сӯфиён Муҳаммадро намунаи барҷастаи инсоният мешуморанд ва ӯро Инсони комил меноманд, ки ҳама анбиёву авлиё тобеи ӯ мебошанд. Дар китоби «ал-Инсон ал-комил» (Инсони комил)-и Абдалкарим Ҷалилӣ ва монографияи «Инсони Комил»-и Азиз Насафӣ асосҳои эътиқоди сӯфиён ва мақоми инсони комил муфассал шарҳ дода шудаанд. Инсони комил дар байни сӯфиён то андозае «марди аввал»-и Монӣ ва «Одам-Кадмон»-и яҳудиёнро ба ёд меоварад.

Аммо то асри X орифони ислом дарк карданд, ки на таҷрибаи «даст кашидан аз ҷаҳон» (зӯҳд) ва на фано (муҷозаба ё худқурбонкунӣ (дар Худо) рисолати асосӣ – “қаробат” бо Худо ё дарки Худоро адо карда наметавонанд. Дар ҷараёни таҳаввули минбаъдаи тасаввуф, ин нукта ба инкишофу рушди тасаввуфи фалсафӣ мусоидат намуд, ки бо рафъи масоили пур аз ихтилофу баҳсталаб ва коркарди муҳокимаи аввалин марҳилаи таълимоти тасаввуф иртибот дорад. Чуноне файласуфи тоҷик, академик К.Олимов иброз медорад: “Осори бисёре аз намояндагони мактаби тасаввуфии Хуросон мазмуни ваҳдати вуҷудӣ дошта бошад ҳам, як теъдод намояндагони бузурги он, аз қабили Аби Исҳоқи Бухороии Калободӣ, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Ҳаким Саноӣ, Фаридуддини Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон равияи эътидолиро низ ҳифз намуда, барои пайванд додани тасаввуф бо шариати исломӣ кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд” [21,с.125-126].

Оид ба мавзӯъҳои асосии назми асри XII қарор гирифтани таълимот ва ғояҳои тасаввуфро адабиётшиносон Е.Бертелс, А.Бертелс, А.Болдирев, С.Усмонов, Р.Ҳодизода низ таъкид намудаанд. Тақрибан, дар зарфи якуним ҳазор сол таълимоти дини ислом, ки бар Қуръон ва аҳодиси набавӣ асос ёфтааст, муаррифгари ҷаҳонбинии пайравони он дар давраҳои гуногун аст. Ислом ва мусулмонон ҳамчун як неруи назаррас дар арсаи геополитикии муосир мақоми хос доранд. Дар таърихи тамаддуни ислом давраҳое буд, ки рушд ва таназзули сулолаҳо ва империяҳои онро дар бар мегирифт, ки гаҳе сари қудрат омада, гаҳе рӯ ба вартаю таҳқир афтодаанд.

Тааҷҷубовар нест, ки маҳз файласуфон-илоҳиётшиносони тоҷик, ҳамчун як чеҳраи рӯҳонии зеҳнии исломӣ, ҳалқаи ҳалнашавандаи мушкилоти ҳастии оламро тағйироти ҷиддӣ додаанд. Онҳо батадриҷ, бо қудрати маърифати хеш, қолаби идеалии исломро таҳия карданд, ки тавонист ба воқеияти ҳаёти ҳамарӯза ҷавоб дода тавонад. Дар он мазмуни маънавии ислом ва моҳияти инсондӯстонаи он ифодаи комилтарин ёфтааст. Бояд қайд кард, ки таърихи тафаккури фалсафию динӣ, дар сарзамини мо, ҳамеша дар талоши бозёфту навҷӯии мувофиқи давру замон буда, бо фаҳмиши арзишҳои исломӣ фарқ мекунад, зеро инсон ва дин танҳо дар шароити тағйир ёфтани замон вуҷуд дошта метавонанд. Дар ниҳоят, мавриди зикр аст, ки қолаби тоҷиконаи ислом аз мутаассиботи динӣ ва таҳаммулнопазирӣ фарқ мекунад. Вижагиҳои асосии мероси мутафаккирони фалсафию динии тоҷиконро рӯҳияи тавоною воло ва ахлоқи ҳамида муаррифгар аст, зеро онҳо тавонистанд, сарбаландона, сарнавишти деринаи таҳқир, ғазаб ва нафратро, ки таърих бори мардум карда буд, паси сар кунанд.

**Муқарриз: *Сафарова С.Д.* – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ

1. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI (доираи адабии Ғазнин) / А.Абдуллоев. - Душанбе: Дониш,1979.- С.283.
2. Абу-л-Хасан Ахмад бин Фарис. Му'джам мукайис ал-лугат, т. 4. -С.- 281.
3. Алимардонов А. Замина ва омилҳои равнақ ва тавсеаи илму адаби форсу тоҷик дар асри X ва нимаи аввали асри XI// Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ / А. Алимардонов. - Душанбе: Дониш, 2005. -С.-469.
4. Альмагамбетова А.М. Экономические и духовные предпосылки распространение суфизма в Центральной Азии в раннем средневековье //Суфизм в Иране и Центральной Азии [сборник статей] / А.М.Альмагамбетова. - Составитель Сафар Абдулло. -Адма-ата, 2007,-С.177
5. Анарбаев А. Благоустройство средневекового города Средней Азии [V-XIIIв.] / А. Анарбаев. – Ташкент: Изд. Фан. Узбекской ССР,1981. -С.119.
6. Бартольд В.В. Работы по исторической геграфии / В.В. Бартольд. - Москва: Издательская фирма «Восточная литература»РАН, 2002. -С.-706.
7. Босворт К. Э. Мусульманские династии. Справочник по хронологии и генеадогии / К. Э. Босворт. Пер. с англ. П. А. Грязневича, Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1971.-С.324.
8. Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении / Б.Г. Гафуров. -М., 1949. -Т.1. -С.244.
9. Гриненко Г.В. История философии / Г.В.Гриненко. - Москва: Юрайт.-2004. С. 680.
10. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Қ.2.
11. Загиддулина Д.Ф. Влияние средневековой арабской и персидской науки балягать на татарское литературоведение / Д.Ф. Загиддулина //Ученые записки Казанского Государственного Университета. –Казань, 2008. -С.48-54.
12. Зарринкӯб А. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. -Душанбе: Ирфон, -С.368.
13. Зиёзода И.Ғ. Тасаввуф. Таърихи пайдоиш ва камолот. -Душанбе, 2016. -Қ.1. -457с.
14. История мусульманской мысли в Волго-Уральском регионе. Руководители проекта: д.ф.н, профессоры- Т.Э. Петрова Р.Р. Замалетдинов, Р.М. Мухаметшин,. Учебное пособие. – Казань: Издательство ДУМ РТ, 2009. -372с.
15. Кныш А.Д. Борьба идей в средневековом исламе: Теология и философия. США, Мичиганский Университет, стр.479
16. Кочнев Б.Д. Нумизматическая история Караханидского каганата [991-1209 гг.]. Часть I. Источниковедческое исследование / Ответ.редактор В. Н. Настич. Рецензенты — Б. А. Литвинский, Е. А. Давидович. [Научное издание]. — М.: ООО Издательский дом «София», 2006. — 344с.
17. Мец А. Мусульманский реннесанс / А.Мец. - Москва: Наука,1973. -С.543.
18. Муҳаммад Алии Ризоӣ. Ёдномаи Фирдавсӣ. -Теҳрон,1349.
19. Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X / Н. Неъматов. – Душанбе: Ирфон, 1989. -С.304.
20. Осимӣ М. Пайдоиш ва ташаккули тафаккури флсафӣ. -Душанбе: Дониш, 1970. -С.138.
21. Олимов К. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XII / К. Олимов. - Душанбе: Дониш, 2019 -332с.
22. Сулаймонов С. Забони фалсафа дар аҳди Сомониён ва саҳми Ибни Сино дар пешбурди он // Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ / С.Сулаймонов. – Душанбе: Дониш, 2005. -С.-469.
23. Таърихи адабиёт дар Эрон. Таълифи Забехуллоҳи Сафо. -Теҳрон,1338. -Ҷ.1. -С.531-603.
24. Турсунов Н. Таърихи тоҷикон / Н.Турсунов. -Хучанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2001. - 788 с.
25. Шарифов Х. ЭАСТ / Х. Шарифов. – Душанбе, 1988. -Ҷ.1. -С.543.


## АНДЕШАҲО ОИД БА АҲВОЛИ ИҶТИМОИЮ СИЁСӢ ВА ДИНИЮ ФАЛСАФИИ ТОҶИКОН ДАР АСРҲОИ X-XII


Муҳаққиқ дар ин мақола кӯшидааст, ки аз аҳволи иҷтимоию сиёсии тоҷикон дар асрҳои X-XII ҳарф зада, бештар ҷанбаҳои таъсири мутақобилаи дину фалсафаро дар афкори мардуми ҳамон давр муайян намояд. Омӯзиши ҷиддии сабабҳои таназзули тамаддуни яквақта ва пешқадами мусалмонон на танҳо як масъалаи муҳимми илмӣ аст. Пеш аз ҳама, ин ба худи мусалмонон лозим аст, ки роҳи сазоворро аз рукуди фарҳангӣ раҳо кунанд, зеро бо фундаментализм ва мухолифати мутаассибона худро ба олам манзур кардан маънии ба ҳадафи худ нарасидан ва аз эътибори умум соқит монданро дорад. Файласуфону илоҳиётшиносони тоҷик, ки мутафаккирон буданд, дар якҷоягӣ бо мардум ба озмоишҳои сахт, дар муҳити душманона ва дар шароити таъқиботи сахт истодагарӣ карданд. Шояд ҳамин сабаб аст, ки онҳо ба ислом ва арзишҳои он бо назари хосса таваҷҷуҳ кардаанд. Дар мақола маркази илму маърифат шинохта шудани Мовароуннаҳру Хуросон, дар асрҳои X-XII ва дар рушди маънавиёти ҷомеа нақши олимону аҳли адаб (бо зикри номҳояшон) таъкид мегардад. Боло рафтани мақоми дини ислом ва афкори монотеистӣ ба пайдоиши ҷараёнҳои гуногуни динию фалсафӣ, аз

ҷумла калом, тасаввуф, машшоия, исмоилия заминаҳо гузошт ва ҳатто, дар адабиёти бадеӣ низ адибон бештар ба шеърҳои орифонаю тасаввуфӣ рӯй меоварданд. Бо вуҷуди ин? роҳи тарвиҷу равнақи илм, фалсафа ва озодандеширо таассуби динӣ баста натавонист ва файласуфон-илоҳиётшиносони тоҷик, барои музайян сохтани қолаби идеалии ислом, ки таблиғгари ҳаёти осоиштаву таҳаммулпазирона аст, тағйироти муайяне ворид намуданд.

**Калидвожаҳо:** тоҷикон, аҳволи иҷтимоию сиёсӣ, давлатдорӣ, Сомониён, ислом, мазҳабҳои суннӣ ва шиа, калом, тасаввуф, Ибни Сино, Форобӣ.

## МНЕНИЕ ОБ ОБЩЕСТВЕННО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ И РЕЛИГИОЗНО-ФИЛОСОФСКОЙ ПОЛОЖЕНИЙ ТАДЖИКОВ В X-XII ВВ.

В статье делается попытка описать социально-политическое положение таджиков в X-XII веках и выявить больше аспектов взаимовлияния религии и философии в мыслях народа того периода. Серьезное исследование причин регресса некогда могущественной и прогрессивной мусульманской цивилизации является не только важной научной проблемой. Прежде всего, это необходимо самим мусульманам, чтобы выбрать достойный способ выхода из культурного застоя. Фундаментализм и фанатичное противопоставление себя остальному миру никогда не достигали цели и окончательно дискредитировали себя. Таджикские философы и богословы были мыслителями, которые вместе с народом стойко переносили тяжелейшие испытания, находясь во враждебном окружении, в условиях постоянных гонений. Возможно, по этой причине они и пришли к своему особому видению ислама и его ценностей. В статье подчеркивается признание Мовароуннахра и Хорасана центрами науки и просвещения в X-X11 веках, роль ученых и писателей (с их именами) и в развитии духовности общества.Возникновение ислама и монотеистической мысли привело к возникновению различных религиозных и философских движений, включая калам, тасаввуф, перипатетизм и исмаилитов, и даже в художественной литературе писатели обращались больше к мистической поэзии. Однако религиозный фанатизм не остановил развитие науки, философии и свободомыслие, и таджикские философы- богословы внесли некоторые изменения в определение идеальной формы ислама, которая способствует мирной и толерантной жизни.

**Ключевые слова:** таджики, общественно-политическая ситуация, государственность, саманиды, ислам, суннитская и шиитская секты, калам, суфизм, Ибн Сина, ал-Фороби.

## OPINION ABOUT SOCIO-POLITICAL AND RELIGIOUS-PHILOSOFICAL SITUATION OF TAJIKS

The article seeks to describe the social and political situation of Tajiks in the X-XII centuries and to identify more aspects of mutual influence of religion and philosophy in the minds of the people of that period. A serious study of the causes of the regression of the once powerful and progressive Muslim civilization is not only an important scientific problem. First of all, it is necessary for the Muslims themselves to choose a worthy way out of cultural stagnation. Fundamentalism and the fanatical opposition of themselves to the rest of the world never achieved their goal and completely discredited themselves. Tajik philosophers and theologians were thinkers who, together with the people, endured the hardest trials, being in a hostile environment, in conditions of constant persecution. Perhaps for this reason they have come to their particular vision of Islam and its values.The article emphasizes the recognition of Movarounnahr and Khorasan as centers of science and education in the X-X11 centuries, the role of scientists and writers (with their names) and in the development of the spirituality of society.The rise of Islam and monotheistic thought led to the emergence of various religious and philosophical movements, including kalam, tasawwuf, peripateticism and the Ismailia, and even in fiction, writers turned more to mystical poetry. However, religious fanaticism did not stop the development of science, philosophy and free thinking, and Tajik philosophers-theologians made some changes in the definition of the ideal form of Islam, which promotes a peaceful and tolerant life.

**Keywords:** tajiks, socio-political situation, statehood, Samanids, Islam, Sunni and Shia sects, kalam, Sufism, Ibn Sina, al-Forobi.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримов Аслам Азамҷонович*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ**. Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр.17, бинои 1. E-mail: ***aslam73@list.ru.*** Тел.: **(+992) 770-61-31**

**Сведения об авторе:** ***Каримов Аслам Азамжанович***, - Таджикский государственнчй университет права, бизнеса и политики. Доцент кафедры общественной науки **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр. Дом 1. E-mail: **aslam73@list.ru**.Тел.: **(+992) 770-61-31**

**Information about the author:** Karimov Aslam Azamjonovich, - Tajik State University of Law, Business and Politics, associated department of the social science. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, microdistrict 17. Building 1. E-mail: **aslam73@list.ru.** Tel.: **(+992) 770-61-31**

УДК:101.1(575.3)

# ФАЛСАФАИ ИҶТИМОИИ ҚУТБИДДИНИ ШЕРОЗӢ

*Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фалсафа илмест, ки баробар ба таҳқиқи масоили ҳастишиносиву маърифатшиносӣ ба шинохти масоили иҷтимоӣ низ дахл намуда, ҷиҳати муназзам сохтани ҷомеаи инсонӣ назарияпардозӣ менамояд. Фалсафаи иҷтимоӣ илова ба баррасии масъалаҳои марбут ба алоқамандии табиату ҷамъият, инчунин қонуниятҳои зуҳури ҳаётгузаронии ҷамъиятии одамонро низ мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ҳамин тариқ, «фалсафаи иҷтимоӣ ин низоми донишҳои илмӣ дар бораи қонуниятҳо ва тамоюлҳои умумии алоқамандии воқеиятҳои иҷтимоӣ, мавҷудияту инкишофи ҷомеа ва умуман равандҳои ҳаёти иҷтимоӣ мебошад» [10,с.5].

Мавриди зикр аст, ки дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ масоили марбут ба ҳастии ҷамъиятӣ матраҳ мегардад, ки дар таърихи афкори фалсафӣ онро бо унвони «ҳикмати амалӣ» ёд мекунанд. Ин бахш масъалаҳои муҳимтарини мавҷудият ва ҳастии инсонро дар алоқамандӣ бо ҳаёти иҷтимоии вай мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор медиҳад. Мутафаккирони гузашта фалсафаро «дониш оид ба воқеияти ашё ба андозаи тавони инсонӣ таъриф додаанд». Чун дониш доираи васеъ дорад ва ашёҳои олами моддӣ гуногунанд, онҳоро ба ду қисмат тақсим менамоянд: 1. ашёе, ки вуҷудушон дар ихтиёр ва қудрати инсон нест ва тавассути моҳияти худ, ки берун аз ихтиёри инсон мебошанд ба вуҷуд меоянд ва ё аз байн мераванд; 2. ашёе, ки дар доираи феъл ва ихтиёри инсон ҳастанд ва таҳти қудрати ӯ қарор мегиранд [16, с. 11].Дуруст аст, ки дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ масоиале мавриди баҳс қарор мегиранд, ки дар доираи феълу ихтиёри инсон, ки худ созандаи ҷомеа аст мебошанд. Яъне, инсон метавонад тавассути неру ва қудрати ақлонии худ мақому ҷойгоҳи худро дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян намуда, онро мувофиқи табъи худ ва ҳамоҳанг бо хостаҳои ҷомеа гардонад. Қутбиддини Шерозӣ чунин зикр менамояд: “Бидон, ки оқил бояд, ки афъол ва ахлоқи ӯ бар вафқи маслиҳати нафси ӯ ва маслиҳати нафси олам бошад. Ин ба он бошад, ки ҳар феъл, ки мухтаҳсан бошад, дар мубоширати он феъл мусориат намояд. Ва ҳар феъле, ки мустақабеҳ бошад, аз он иҷтиноб ва эътироз кунад ва ҳамчунон, ҳар хулқе, ки мухтаҳсан бошад, чунон кунанд, ки он хулқ ӯро мулка шавад чун ҳилм, инсоф, сахо, мурувват ва амсоли он. Ҳар хулқе, ки қабеҳ бошад аз худ дур кунад ва чунон созад, ки ба қадри имкон зидди он хулқ дар вай собит шавад. Чун ҳар гоҳ ки чунин , илми ӯ худ бар ваҷҳи маъдалат бошад ва маслиҳати шахсӣ ва маслиҳати оммаи олам, ки ба ӯ тааллуқ дорад ҳосил” [14, с.19].

Ба маънии дигар, фалсафаи иҷтимоӣ моҳияти ҳастии ҷамъиятӣ ва масъулияту уҳдадориҳои инсонро бозгӯӣ намуда, роҳҳои камолоти маънавию ахлоқӣ ва зиндагии шоистаро муайян месозад. Илова бар ин, дар доираи ин бахши фалсафа оид ба рафтору амали инсон дар ҷомеа, роҳҳои таҳзиби ахлоқи инсон, тадбири манзил ва масоили марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ андешаронӣ мешавад. Файласуфоне, ки доир ба ашёи дар ихтиёри қудрат ва тавоноии инсон сухан мегӯянд, равиши худро бо номи фалсафаи амалӣ ё ҳикмати амалӣ, ки масоили мавриди назарашон тарбияи инсони созанда ва бунёди ҷомеаи одилона аст, номгузорӣ кардаанд.

Муҳтавои фалсафаи амалиро таҳқиқи се бахши муҳим ташкил медиҳад:

1. Ахлоқ, ки дар бораи феълу атвори фардии инсон баҳс мекунад ва муайян менамояд, ки кадом амал лоиқи инсон аст ва ӯро ба унвони як фард ба саодат мерасонад.
2. Тадбири манзил, ки баҳси худро дар доираи рафтору фаъолияти инсон ба беҳтар намудани зиндагонии хонаводагӣ равона месозад.

3. Сиёсати маданӣ, ки дар бораи дарёфти равишҳои мувофиқ ва тариқи беҳтар идора намудани ҷомеаи инсонӣ, ки болотар аз сатҳи хонавода то робитаҳои байналмилалӣ аст, баҳс мерояд.

Дар фалсафаи амалӣ таъкид мешавад, ки танҳо он инсоне ба дараҷаи камолоти воқеӣ ва барои ҷомеа зарурӣ мерасад, ки вазифаҳои худро пурра шинохта, муайян кунад ва тибқи он кирдору рафтори худро танзим намояд.

Мавриди зикр аст, ки масъалагузорӣ ва тариқи таҳқиқи масоили иҷтимоӣ дар фалсафаи муосир аз низоми фалсафаи классикӣ то андозае тафовут дорад, вале наметавон фалсафаи пешинро дар ин раванд камарзиш шумурд. Албатта, дар фалсафаи муосир кӯшиши афзалият додан ба баррасии масъалаҳои техникаи муосир ва инсон, инсон ва табиат, тарҳи глобалии ҷаҳони муосир, мантиқи математикӣ, забоншиносии математикӣ, масоили фалсафии экология, таълимоти биосферии фарҳанг, фалсафаи ҳаёт, структурализм ва ғайра эҳсос мегардад. Хосатан, баъд аз дастрас намудани осору таълифоти файласуфони нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX Аврупои ғарбӣ, ба монанди Шопенгауер ва Нитсше олами воқеӣ бо диди нав ва дар доираи арзишҳои ғайримаъмулии фарҳангӣ таҳлил гардиданд. Осору таълифоти мутафаккирони пешин, ки дар доираи арзишу низоми фалсафаи классикӣ ташаккул ёфта буданд, ҳамчун софистика, метафизика, мистика, мифология ва иллоҳиёт баҳогузорӣ мешаванд. Баъзе аз намояндагони илмҳои табиатшиносиву ҷомеашиносӣ, омӯзиши таърихи фалсафаро ҳамчун соҳаи дониши нолозим ва зараровар муаррифӣ намуда, онро мехоҳанд ба бойгонии таърих интиқол диҳанд. Дар ин самт, фалсафаи амалиро, ки моҳияти он аз таҳқиқи масоили ҳаётии инсон, тарзи ташкили ҷомеа ва идора намудани он иборат аст, қисми ҷудонопазири илми куҳан ба шумор меравад ва аз навиштаҷоти мутафаккирони он даврони шукуфоии фалсафа дар симои Суқрот, Афлотун, Арасту ва ҷонибдорони онҳо сарчашма мегирад, зараровар, нолозим ва зидди инсоният қаламдод кардаанд. Андешаҳое низ вуҷуд доранд, ки беҳтар мебуд Афлотуни илоҳӣ низоми фалсафии худро пешкаш намесохт ва инсоният дар доираи арзишҳои ақлгароӣ ва талаботи иродаи инсон ташаккул меёфт [2,3,5,7,15,18,19]

Ин гурӯҳи бо ном «ақлгароёни соф» шояд бехабар аз он бошанд, ки инсон танҳо дорои ақл набуда, балки ҳастӣ, вуҷуд ва фарҳанги тафаккури вай ба арзишҳои мифологӣ, мистикӣ ва метафизикӣ низ зарурат дорад. Талаботи рӯҳонӣ ва ботинӣ дар ҳаёти вай мавқеи хос дошта, бидуни мавҷудияти онҳо инсон моҳияти ҳастии инфиродӣ ва ҷамъиятии худро аз даст хоҳад дод. Дар робита ба ин саволе ба миён меояд, ки оё барои инсон наздиктар аз равон, хирад ва эҳсосоти ботиниву зоҳирии вай арзишҳои дигаре вуҷуд доранд? Оё бидуни шинохти онҳо инсон ба чӣ табдил хоҳад ёфт, чӣ гуна ҷомеаро бунёд хоҳад кард ва бо кадом усул онро идора хохад намуд? Посух ба ин гуна саволҳо яке аз талаботҳои муҳимми ҷомеаи муосир буда, омӯзишу баррасии илмии онҳо дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳикмати амалии ниёгон аз аҳамият холӣ нест.

Арзишҳои муосири фарҳангӣ моҳият ва хусусияти инсонро якҷониба баҳогузорӣ намуда, ӯро аз асл ва ҷавҳари воқеиаш дур сохта, аз муносибатҳои ахлоқӣ дар ҷомеа, ҳикмати оиладорӣ ва фарҳанги сиёсӣ (маданияти идоракунии ҷомеа ва давлат), ки ҷавҳари фалсафаи амалии классикиро ташкил медоданд, барканор менамоянд. Ҳамин раванди «ахлоқгурезӣ» боиси он гаштааст, ки ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ аз арзишҳои умумибашарӣ фосила гирифта, онҳоро дар қатори зуҳуроти хурофотӣ ва нолозим шомил бисозанд. Бидуни шакку шубҳа, буҳрони ҷаҳони муосир аз бисёр ҷиҳат ба ҳамин гуна фосилагирии инсоният аз асли ҷавҳари худ вобаста буда, ӯро пойбанди муаммоҳои сарбаста ва арзишҳои либерализм, позитивизм ва постпозитивизм кардааст [23]. Дар иртибот ба масъалаҳои зикршуда, рӯй овардан ба омӯзиш ва таҳлили интиқодии назариёти фалсафии мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс ва муайян намудани арзиш ва ҷойгоҳи онҳо дар муҳити фарҳангии ҷомеаи муосир, дар давроне, ки буҳрони саросарии фарҳангиву ахлоқӣ, таассубу хурофот, манфиатҷӯиҳо ва монанди инҳо эҳсос мегардад, аз муҳиму зарурӣ

будани масъалаи мавриди назар дарак медиҳад. Дар фазои фарҳангии замони муосир, ки мушкилоти гуногуни ахлоқӣ вомехӯранд, муносибатҳои инсонӣ дар доираи манфиатҷӯӣ ташаккул ёфта, арзишҳои муқаддаси иҷтимоиву ахлоқӣ, аз қабили инсондӯстӣ, ҳамдардӣ, адолат ва таҳаммулпазирӣ, арзиши муқаддас доштани оила ҳамчун муҳимтарин институти иҷтимоӣ ва макони тарбияи инсони ҳақиқӣ камарзиш ва аз назар дур гардида истодаанд, таҳқиқи андешаҳои арзишманди иҷтимоии мутафаккирони гузаштаи мардумони тоҷику форс, аз ҷумла Қутбиддини Шерозӣ муҳиму зарурӣ мебошад.

Падидаҳои иҷтимоиву фарҳангие дар замони муосир рӯйи кор меоянд, метавонанд дар ташаккули бонизоми ҷомеа халали ҷиддӣ ворид намоянд. Аз ҷумла, дар бархе аз мамлакатҳои аврупоӣ никоҳи ҳамҷинсӣ ва зиндагӣ бидуни таъсиси оила аз ҳудуди муайян убур карда, ҷамоаҳои зиёдеро ташкил намуда, ҳатто фаъолияташон расман ба қайд гирифта, иҷозат дода шудааст. Мусаллам аст, ки тарбияи фарзанд дар оила сурат мегирад ва оила муҳимтарин институти иҷтимоиест, ки иборат аз падар, модар ва аъзоёни дигар мебошад ва ҳар кадом вазифаи мушаххаси худро дорад, ки каси дигар онро иҷро карда наметавонад. Дар оилае, ки ҳамсарон намояндаи як ҷинс ҳастанд, фарзанд дар он то кадом дараҷа тарбияи мувофиқ гирифта барои ҷомеа зарурӣ мешуда бошад? Ин ва дигар суолоте ҳастанд, ки ҳамчун мушкилоти маънавӣ ҷомеаи муосирро таҳдид менамоянд. Муборизаҳои сиёсӣ, ҷиҳати дарёфти манфиати бештар ва пайдо намудани мавқеи устувор дар миқёси олам аз мушкилоти дигарест, ки давлатҳои абарқудрат фаъолияташонро ба ин самт равона кардаанд ва таҳдиду хатарҳои рӯзафзун ба фарҳангу маънавиёти ҷомеаҳои мухталиф эҳсос мешавад. Дар ин раванд, зарур аст, ки дар шуури мардум ҳисси худшиносиву худогоҳӣ, эҳтиром ба арзишҳои ҷамъиятиву миллӣ ва фарҳангӣ ҷой карда шавад. Барои тавсеаи афкори насли муосир ва аз таҳдиди хурофоту бегонапарастӣ ва бегонашавӣ эмин нигоҳ доштани ҷомеаи муосир, таҳқиқу омӯзиш ва муайян намудани арзиши афкори ҷомеашиносии мутафаккирони гузаштаи фарҳанги миллати тоҷик василаи муҳим хоҳад буд.

Яке аз мутафаккироне, ки дар осори фалсафии худ масоили иҷтимоиро мавриди баррасии ҷиддӣ қарор додаст, Қутбиддини Шерозӣ мебошад. Ин мутафаккир ҳамчун намояндаи ҳикмати машшоия дар рушди афкори фалсафиву иҷтимоии мардумони тоҷику форс саҳми назаррас гузоштааст. Афкори фалсафӣ, бахусус иҷтимоии Қутбиддини Шерозӣ ва муқоисаи он бо дигар мутафаккирон имконият медиҳад, ки арзиши тафаккури фарҳангии гузаштагон муайян ва ҳикмати прагматикии онҳо барои ташаккули худшиносиву худогоҳии ҷомеаи муосири тоҷик, ки ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аз буҳрони сарбастаи фарҳангиву ахлоқӣ, оиладорӣ ва иҷтимоӣ берун буда наметавонад, муайян карда шавад.

Қутбиддини Шерозӣ дар асрҳои XIII-XIV зиндагӣ ва эҷод намуда, илова ба масоили табиатшиносиву риёзӣ, астрономия ва тиб, инчунин дар асарҳои фалсафии худ “Дуррат-ут-тоҷ ли ғуррат-уд-Дабоҷ” ва “Шарҳи “Ҳикмат-ул-ишроқ”-и Суҳравардӣ” масъалаҳои камолоти инсон, ташкили оила, сохтори ҷомеа ва идораи онро низ мавриди таҳқиқ қарор додааст. “Дуррат-ут-тоҷ ли ғуррат-уд-Дабоҷ” асари муҳимтарини фалсафии мутафаккир буда, дар пайравӣ аз китоби «Шифо»-и Ибни Сино навишта шудааст. Ин асарро муҳаққиқон «Доиратулмаорифи фалсафӣ» ва «фарогири донишҳои гуногун» [4] муаррифӣ кардаанд. Академик Диноршоев М. дар китоби “Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино” асари мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, таъкид менамояд, ки «Қутбиддини Шерозӣ зери таъсири Ибни Сино асари барҷастаи хеш «Дуррат-ут-тоҷ»-ро ба забони тоҷикӣ-форсӣ тасниф кардааст, ки ҳамрадифи «Шифо»-и Шайхурраис аст, вале бархилофи «Шифо» дар он масоили фалсафаи амалӣ муфассалтар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд» [8, с.257].

Воқеан, баҳогузории академик М. Диноршоев нисбати асари машҳури Қутбиддини Шерозӣ қобили пазириш аст, зеро мутафаккир илова ба баёни масоили иҷтимоӣ дар бахши аввали китоби “Дуррат-ут-тоҷ”, зери унвони “Дар умури омма”, ҳамчунин қутби сеюми бахши хотимаи китоби худро пурра ба масоили ахлоқиву

иҷтимоӣ бо номи "Ҳикмати амалӣ" бахшидааст. Дар асари мазкур мутафаккир зикр менамояд, ки "Ҳайати ҷамеи башар аз падидаҳои олами кавну фасод аст, агарчи аслаш хайр аст. Аммо, ба сабаби тазоде, ки байни падидаҳои аразӣ, аз ҷумла ҳайати ҷамеи инсон ба вуҷуд меояд, шурурерo тавлид мекунад ва бояд бо тадбир ва сиёсат, ки ашрафи саноот дар миёни зиндагии башар аст, бо эҷоди улфат ва тавоҳум дар миёни афроди иҷтимоъ онро ё аз байн барад ё ба ҳадди ақл расонад" [12, с.131].

Мутафаккир ҷомеаи инсониро дорои низоме медонад, ки тибқи қонунмандӣ бояд ташаккул ёбад, вале тазодҳо ва гуногунрангиҳову манфиатҷӯиҳо онро метавонанд ба завол расонанд ва ҳамзамон рушди муназзами онро таъмин созанд. Ҷиҳати эҷоди улфат ва ба ҳадди ақл, яъне саодат расонидани ҷомеа аъзои он масъул ҳастанд. Тибқи назари мутафаккир, ҷомеаро инсони бохирад метавонад ба саодат бирасонад ва рушди бонизоми онро таъмин намояд. Инсони солимақл ва мусаллаҳ бо донишҳои илмӣ, инчунин дорои ахлоқи ҳамида ҷомеаро аз заволёбӣ наҷот мебахшад.

Дар назари Қутбиддини Шерозӣ инсон мавҷудест, ки дар он табиати маънавӣ ва моддӣ вуҷуд дорад. Мувофиқи таъбири ӯ, "инсон дорои табиати илоҳӣ ва табиати шайтонӣ аст. Ҷиҳати маънавӣ ва илоҳиро фитратан дар худ дорад. Ҷиҳати пасту ҳайвониро бо ихтилот ва муҷобират бо муҳити носолим ва афроди пасту сиёсатҳои ботил ва гумроҳкунанда ва шайтонӣ ахз мекунад. Ин ду баста ба ин, ки ғалабаи кадом бештар аст ва кадом як заминаи бурузи бештаре дорад, инсонро ба сӯйи худ мегузорад» [14, с.26]. Ба ақидаи мутафаккир, муайянкунандаи табиати хайр ё шарри инсон нафс аст ва "нафс яке аз ҷавоҳири мавҷудот аст ва ҷиҳати тааллуқе, ки ба бадан дорад, тадбири онро ба уҳда дорад ва бо истифода аз қувваи худ ба дунболи иртиботи бештар бо олами болост, то бо таҳсили маорифи ҳақиқӣ ва таҳзиби қувваи таҳрикии он ба саодате, ки ғояти он аст, бирасад" [12, с.245].

Қутбиддини Шерозӣ бо вуҷуди нафсро муайянкунандаи табиат ва моҳияти инсон донистан, онро дар шакли инфиродӣ ва бидуни тахаллут бо ҷомеа мавриди баррасӣ қарор намедиҳад. Ба андешаи ӯ, "заминаи чунин амре ҳосил намешавад магар дар ҷомеа, он ҳам бо ҳокимияти усулӣ, чун қонунмандӣ ва вуҷуди назм байни умур ва ҳокиме, ки ориф ба маорифи ҳақиқии илоҳӣ ва дорои нафсе маҳзаф аз разоил ва мутахаллиқ ба фазоил бошад [13,с.446].

Тавре ки зикр намудем, Қутбиддини Шерозӣ инсонро, на дар шакли инфиродӣ, балки дар алоқамандӣ бо омилҳои иҷтимоӣ ҳамоҳанг мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Ба андешаи ӯ, на танҳо муошират бо афроди пастфитрат, шароити носолими фарҳангӣ ва тарбиятӣ мумкин аст инсонро ба пастӣ ва касби ахлоқи разила бикашонад, балки наздикӣ бо чунин муҳит низ метавонад як фард, гурӯҳ ё ҷомеаро ба фасод расонад. Мутафаккир таъкид менамояд, ки "ба таври табиӣ ихтилот бо афроди носолим ва дорандаи сифоти разила таъсири манфии худро мегузорад, магар ин ки тадбири лозим ва сиёсатҳои фарҳангии муносиб иттихоз шуда бошад то чунин осорерo рафъ ва дафъ кунад» [13, с.446]. Шарофати дигари инсонро Қутбиддини Шерозӣ аз он иборат медонад, ки бо қудрати ақл ва андешаи худ метавонад олами вуҷудро ба нафъи худ ва ҷомеаи башарӣ дигаргун сохта, истифода барад. Муошират ва ҳамфикриро мутафаккир аз сифатҳои муҳимми инсонӣ дониста, зикр менамояд, ки "гуфтор аст, ки инсонро ба шиносоии ҳамнавъонаш ва пурсиш аз он чи дар дили онон аст, тавоно мекунад ва аз ин тариқ, имкони ҳамкорӣ бо якдигар ва зиндагии ҷомеавӣ ҳосил мегардад. Бо огоҳӣ ёфтан аз якдигар ва дурӣ ҷустан аз афроде, ки барои ӯ музаранд, даст меёбад ва дар пайи он бо равобити ҷамъие, ки мардум бо якдигар доранд, аз қабили додуситадҳо, бахшишҳо ё ҳар амри дигаре, ки ба иҷтимоъ ва тамаддун тааллуқ доранд, заминаи истимрори ҳаёти ҷамеӣ фароҳам мегардад" [12, с.35]. Андешаи мазкурро ҳанӯз Ибни Мискавайҳ баррасӣ намуда, "асли таълимоти ахлоқиро даъвати инсон ба ворастагӣ, растагорӣ, тақвою парҳезгорӣ, хайрхоҳӣ, накукорӣ, сабру қаноат, хоксорӣ, ҳалимӣ, фурӯтанӣ, самимият, умуман расидан ба худшиносӣ ва худогоҳӣ буда, инсондӯстӣ, дӯст доштани зиндагӣ ва тарғибу ташвиқи ҳаёти иҷтимоӣ, тарки инсонбадбинӣ, дунёбезорӣ, маъюсиву ноумедӣ ва гӯшанишинию ҳаёти зоҳидонаи дур аз ҷомеаи

инсониро таъкид намудааст” [6, с.170].

Аз зумраи масоили дигари иҷтимоии муҳим дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ муайян намудани сохтор ва вазифаҳои иҷтимоии оила мебошад. Мавриди зикр аст, ки оила аз ниҳодҳои муҳимтарини иҷтимоиест, ки баробар бо пайдоиши ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омада, дар пешрафти ҷомеа мақоми намоён дорад. Он ҳамчун институти иҷтимоӣ вазифаҳои муайянро иҷро мекунад. Ин ниҳоди иҷтимоӣ ба тараққиёти ҷомеа таъсири худро расонида, иҷрои натиҷабахши вазифаҳои тарбиявӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, репродуктивӣ, робитаи наслҳо, иҷтимоишавӣ ва ғ.-ро ба роҳ мемонад. Яъне, гуфтан ҷоиз аст, ки оила ҳамчун унсури асосии сохтори иҷтимоӣ инъикоскунандаи ҳама гуна тағйиротҳо дар ҷомеа мебошад. Оила ягона институти иҷтимоиест, ки дар он тавлиди фарзанд ба амал бароварда шуда, равандҳои интиқоли иттилооти анъанавӣ аз волидон ба фарзандон рӯй медиҳад. Низоми дурусти оила ҳолати осуда ва осоиштаи онро ифода намуда, дар он рафтору фаъолияти аъзоёни оила идорашаванда буда, аз таъсири ангезаҳои номатлуби муҳити иҳотакарда ҳифз мешаванд. Дар чунин оилаҳо фикру андеша ва муносибатҳои аъзоёни оила ба принсипҳои ташаккул додани фаъолияти якҷоя бо ҳам мувофиқ мешаванд ва монандии арзишҳои оилавӣ ба мушоҳида мерасад. Маҳз чунин монандии арзишҳои оилавӣ ба бунёди муҳити солими равонии оилавӣ мусоидат намуда, инкишофи раванди солими тарбияи фарзандон дар оила таъмин мегардад [17, с.66].

Дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик масоили марбут ба оила дар зери мафҳуми “тадбири манзил” мавриди баррасӣ қарор мегирифт. Истилоҳи “тадбир” аз вожаи арабии “дабара” гирифта шуда, ба маънои “назар кардан дар оқибат ва анҷоми умур”-ро дорад [9, с.882]. Ба ин маънӣ, “тадбири манзил” фарогири маънии танзиму идора, муайян намудани сохтор ва банақшагириро дошта, оиларо ҳамчун ниҳоди муҳимтарини иҷтимоӣ ва дорои вазифаҳои мушаххаси иҷтимоӣ муайян месозад.

Қутбиддини Шерозӣ оиларо дорои вазифаҳои зерин медонад:

1. Вазифаи репродуктивӣ. Доир ба ин вазифа мутафаккир чунин таъкид менамояд: «Ва бибояд донистан, ки фарзанди солеҳ модару падарро ҳайвати (ҳаёт) дигар аст. Чунки ба воситаи ӯ зикру сано ва дуои эшон боқӣ монад ва савоби илму амале, ки дар вай ниҳода бошанд, бад -эшон мерасад» [14, с.131].

2. Вазифаи хоҷагидорӣ-иқтисодӣ. Дар робита ба ин вазифаи оила мутафаккир андешаронӣ намуда, онро асосан ба дӯши бонуи хона мегузорад ва дар алоқамандӣ бо сифатҳои зан мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Қутбиддини Шерозӣ зикр менамояд: «Ва ба он, ки он чи дар хона ва манзил аст, муфаввиз (вобасташуда) бошад ба ӯ ва ӯ дасткушод бошад дар ҳар чӣ дар хона бошад аз ассос (ашё ва моли хона), хӯрданӣ, нӯшиданӣ ва пӯшиданиҳо ва лозим бошад ба ӯ эҳтимом (аҳамият) ба ҷамии он чи дар манзил аст. Бар тартиби он ва пухтану шустан ва ғ. Ва ҳар шуғле, ки аз он хона аст ё ба дасти худ кунад, ё бифармояд агар ӯро хидматгор бошад, чунки тафвизи (иҷро) умури манзил ба ӯ икроме аст ӯро ва ишғол мар хотири ӯро аз ғайри он. Ва мушорикат кунад бо зан дар ҳар чӣ ба нафси хона тааллуқ дорад ва он чи захира ниҳанд ва дар он ҳамл (изофа) кунанд ба он ва маад (омодакунанда, ҳисобшуда, захирашуда) доранд аз барои вақти эҳтиёҷ, чунки эҳтиёҷ ва ғайри он ва моадои он аз онҳо, ки хориҷи хона бошад, дар ҳеҷ аз онҳо тамаъ накунад» [12, с.136].

3. Вазифаи тарбиятӣ. Вазифаи аз ҳама муҳимтарини оила ин вазифаи тарбиявӣ ва иҷтимоикунонии фарзандон ба ҳисоб меравад, ки онро Қутбиддини Шерозӣ бо ҷиддияти том мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Мутафаккир зикр менамояд, ки «тарбияи атфол дар кудакӣ дар роҳи худошиносиву худогоҳӣ роҳандозӣ гардад ва ба сулуки тариқи растагорӣ ва суҳбати асҳоби илм ва амал ва ахлоқи писандида, умед бошад, ки ба дараҷаи бузургони дунё бирасад» [14, с.140].

Дар доираи фалсафаи иҷтимоии худ Қутбиддини Шерозӣ ба масъалаи сиёсат ва идораи ҷомеа низ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, онро ҷиҳати танзими

муносибатҳои иҷтимоӣ, таъмини адолат, идораи давлат ва подшоҳӣ муҳим мешуморад. Ӯ, сараввал ба муайян намудани мафҳуми “сиёсат” пардохта, зикр менамояд, ки «сиёсат иҷрои умури ҳукумат ва қоидаи он ҳифзу ҳиросати халқ бошад» [14, с.168]. Ҳамчунин, «Усуле, ки қивоми олам бе низоми он сурат набандад, чаҳор аст: зироат аз баҳри мутъим (таом), ҳаёкат (бофандагӣ) аз баҳри мулбас (пӯшидан), бино аз баҳри маскан, сиёсат аз баҳри таоллуф (осоиштагӣ) ва иҷтимоъ ва таовун дар асбоби маош». Ба ин маънӣ, мафҳуми «сиёсат» ифодакунандаи таъмини осоиштагӣ, зиндагии шоиста ва идораи ҷомеа мебошад. Ҳамчунон ки хӯрок, либос ва ҷойи зист барои таъмини қивоми (гармония) олам, ки мақсади аслӣ инсон аст, муҳим бошанд, пас идораи иҷтимоъ ва таъмини осоиштагиву маъдалати иҷтимоӣ аз онҳо ҷудо буда наметавонад. Агар, то дараҷаи лозима асбоби рӯзгори инсон таъмин бошад, вале суботу оромӣ, амнияту осоиштагӣ ва адолати иҷтимоиву давлатдорӣ муҳайё набошад, ба ҳеҷ ваҷҳ доир ба қивоми ҷомеаи инсонӣ сухан гуфтан нашояд [12, с.130].

Қутбиддини Шерозӣ зери мафҳуми «сиёсат» суботу оромӣ, ҳалли масоили сиёсии ҷомеа ва тадвини зиндагии осоиштаро мартаҳ намуда, онро бахши муҳимтарини ҳикмати амалӣ, ки ҷиҳати таъмин намудани хайри умум равона шудааст, мефаҳмид. Арасту низ ба мафҳуми «сиёсат» ҳамчун муҳайёкунандаи саодат ва хушбахтӣ менигарист. Тибқи назари Арасту, барои хушбахт шудан бояд неъматҳои зоҳирии муайянро доро шуд (саломатӣ, боигарӣ ва ғайра). Барои Арасту, шаҳрванди асосӣ шахси накукор мебошад. Ба ҳамин маънӣ, Қутбиддини Шерозӣ низ андеша дорад, ки танҳо шахси тарбиятдида ва камолёфта метавонад барои ҷомеа муфид бошад. Масалан, дар фасли сеюми бахши сиёсати маданӣ, ки «Дар шинохти подшоҳ маротиби ҳар касро» номгузорӣ шудааст, мутафаккир чунин меоварад: «Ва бибояд донистан, ки подшоҳро воҷибу лозим аст, ки бидонад мартабаи ҳар якро аз укул ва кифоят ва дараҷаи ҳар як дар маҳорат дар анвои фунун, то ҳар якро аз хавоси раоё ба муҳиме гуморад, ки шоистаи он кор бошад…» [14, с.166]. Аз ин ҷо бармеояд, ки сиёсат ҳамоҳанг бо ахлоқ ва маънавиёт баррасӣ мешавад. Дар таълимоти Арасту бошад, этика ҳамчун қисми сиёсат дониста шудааст. Қутбиддини Шерозӣ барои таъмини низоми сиёсии мувофиқ шахсиятҳои фозилу донишманд ва тарбиятдидаро лозим мешуморад.

Тибқи таълимоти Қутбиддини Шерозӣ илми сиёсат ба баррасии сиёсату раёсатҳо ва иҷтимоиёти давлат бахшида шудааст. Ҳадафи асосии ин илм муаррифии зуҳури ҷомеа ва ташаккули сохтори давлатӣ, мақому вазифаҳои роҳбари давлат, аъзоёни ҳукумат ва баёни иллати шукуфоӣ ва заволи давлат аст.

Хулоса, таҳқиқи фалсафаи иҷтимоии Қутбиддини Шерозӣ метавонад аз чанд ҷиҳат дорои аҳамият бошад:

1. Таҳқиқ ва муайян намудани афкори арзишманд ва таълимоти мутафаккирони гузашта дар маҷмӯъ ва афкори Қутбиддини Шерозӣ дар алоҳидагӣ доир ба масоили иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки моҳият ва хусусиёти ҳастии инсон, сафҳаҳои дониши вай дар ин самт ва ҷойгоҳи ин арзишҳо дар фарҳанги муосир равшан карда шаванд.

2. Гарчанде омӯзиши баъзе паҳлуҳои масъалаҳои ахлоқӣ, аз ҷумла пок сохтани (таҳзиби) ахлоқи инсонӣ ҷиҳати таъмини муносибатҳои ҳамидаи иҷтимоӣ, фарҳанги оиладорӣ, маданияти сиёсиву шаҳрдорӣ ва монанди инҳо дар фалсафа ва улуми иҷтимоии муосир ба роҳ монда шуда бошанд ҳам, вале масоиле ҳастанд, ки то андозае аз назар дуртар мондаанд. Сабаби чунин бархӯрд, на эҳёи ахлоқи динӣ ва арзишҳои метафизикӣ, балки таҳлилу омӯзиши зуҳуроти иҷтимоӣ ва масъалаҳои антропологии ҷомеа буда, ба назари мо, раванди ташаккули равияҳои нави илмӣ мебошад. Масалан, тавассути улуми гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ зуҳуроти ботинӣ ва зоҳирии инсон дар алоқамандӣ бо ниёзҳои иҷтимоии ӯ мавриди омӯзиши илмӣ қарор мегиранд, ки гувоҳ аз мавҷудияти мушкилот дар ин самт аст.

3. Дар Тоҷикистони муосир ивазшавии талаботро нисбат ба илмҳои иҷтимоӣ, ба мисли муносибатҳои ахлоқӣ дар ҷомеа, фарҳанги одобу муошират, оиладорӣ ва масоили сиёсӣ хеле зиёд кардаанд, вале таъсири мутақобилаи ин институтҳои иҷтимоӣ ва нақши созандаи онҳо дар тағйирёбии ҷомеа ва арзишҳои меҳварии он то ба ҳол ба дараҷаи лозимӣ омӯхта нашудаанд. Ба андешаи мо, имрӯз масоили зикршуда бояд аз мавқеи илмҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, равоншиносӣ бо диди нав таҳлили интиқодӣ карда шаванд, зеро имрӯз ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар масъалаи эҳёи арзишҳои ахлоқӣ, одобу муошировати инсонӣ ва эҳёи арзишҳои фарҳанги оиладорӣ, фарҳанги сиёсӣ ва инсонпарварӣ талаботи рӯзафзун дорад.

4. Омӯзиши таҷрибаи арзишманди низомҳои қаблии сиёсӣ, фарҳанги ахлоқу оиладорӣ, ки дар худ хусусиятҳои инсондӯстӣ, адолатпарварӣ ва таҳаммулпазириро доранд, барои ҷомеаи муосири тоҷик хеле зарур буда, пазириши урфу одатҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва таъмини аминияти фарҳанги миллӣ вазифаи муҳим ва аввалиндараҷаи соҳаҳои мухталифи илмӣ, аз он ҷумла фалсафа, ахлоқ ва иҷтимоиёт маҳсуб мегардад. Дарки моҳият ва ҷавҳари фалсафии масоили зикргардида муносиботи ҳасанаро барқарор, оиларо мустаҳкам ва шуури сиёсии аъзоёни ҷомеаро боло хоҳад бурд.

5. Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бо таъсирпазирӣ аз ҷараёни глобализм тобишҳои бегонашавии фарҳангӣ ва коста гардидани ахлоқ эҳсос мегардад. Аз ин хотир, таҳлили назариявии масъалаҳои зикршуда саривақтӣ ва актуалӣ мебошад. Ин амал боиси пазириши арзишҳои умумибашарӣ бар пояи илми ахлоқ, ҳуқуқ ва сиёсат гардида, дар шароити тезутундшавии муқобилияти фарҳангҳо ва таъмини рушди бонизоми ҷомеа нақши босазо хоҳад бозид.

Мавриди зикри аст, қисмате аз аҳли ҷомеаи тоҷик аз анъанаҳои фарҳангӣ даст кашида, дар ҳолати таназзули арзишҳои ахлоқӣ, оилавӣ ва иҷтимоӣ қарор дошта, гурӯҳе ба эзотерик ва сеҳру ҷоду рӯй овардааст, қисмати дигар аз арзишҳои суннатӣ ва анъанавӣ даст кашида, ба мақсади инкишофи зӯроваронаи индивидуализми либералӣ ва позитивизму неопозитивизми ғарбӣ худро пойбанди арзишҳо ва анъанаҳои бегонагон гардонидаанд. Ин гуногунандешии бебунёд ва бидуни асос боиси тазоди арзишҳои Ғарбу Шарқ гардида, қимати арзишҳои умумибашариро коҳиш додаанд.

Раванди мазкур муаммои инсон ва дарёфти роҳҳои ба саодат расидани ӯ, инчунин ҳалли масоили муҳимтарини ҷомеаро, ки яке аз масоили муҳимми фалсафӣ ба ҳисоб меравaнд, ба гӯшаи фаромӯшӣ мегузорад. Гирдоби равандҳои глобализатсионӣ беш аз ҳарвақта дида, масъалаҳои иҷтимоӣ, фарҳанги оиладорӣ ва сиёсиро ба мушкилотҳои зиёд дучор намудааст. Падидаҳое, ки ҳар лаҳза дар ҷомеаи муосири башарӣ ва ҳаёти рӯзмарраи инсоният рӯйи кор меоянд, қисмате аз онҳо боиси заволи фазилатҳои ахлоқӣ, низоми фарҳанг ва сохтори оилаи анъанавӣ гашта, сабабгори сар задани мушкилиҳои дигари иҷтимоӣ мешаванд. Ин раванд боиси коста гардидани мақоми инсон ҳамчун мавҷуди офарандаи арзишҳои маънавӣ гардида, “ҷомеаро ба сӯйи бефарҳангӣ равона месозад” [21,22] ва симои инсони наву комилро инкишоф медиҳанд.

Костагии донишҳои дунявӣ, динӣ ва бетаҷрибагӣ дар зиндагӣ, коҳиши нақш ва мақоми оила ва ниҳоят, надоштани мавқеи муайян дар интихоби арзишҳои ахлоқӣ боиси калавишу гароишҳои намояндагони алоҳидаи баъзе қишрҳои ҷомеа ба гурӯҳҳои номатлуби иртиҷоӣ мегардад. Ин падидаи номатлуб, сабаби тезутунд гаштани муборизаи ғоявӣ барои ғасби ақлу мафкураи инсонҳо, фаъол гаштани амали гурӯҳҳои хусусияти ифротгароидошта ва ҳамчунин, кӯшиши давлатҳои абарқудрат

бахри амалӣ намудани нақшаҳои манфиатхоҳӣ ва геополитикии худ буда, ба рушди босубот ва амнияти маънавии ҷомеа таҳдиду хатарҳои навро эҷод менамояд. Аз ин ҷиҳат, рӯй овардан ба мероси маънавии ниёгон, таҳлилу баррасии онҳо ва дар ҳаёти имрӯза татбиқ намудани офаридаҳои арзишноки мутафаккирони соҳибандеша, аз ҷумла Қутбиддини Шерозӣ, василаи муҳиме хоҳад буд дар самти тарбияи ахлоқӣ, ҳифз ва нигоҳдошти фарҳанги оиладорӣ, маданияти сиёсӣ, сиёсати давлатдорӣ ва дар маҷмӯъ, масоили муҳимтарини иҷтимоӣ.

**Муқарриз:Комилов Р.С. – доктори илмҳои фалсафа, профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Амирхон Ш.Т. Андешаҳои сиёсии Қутбиддини Шерозӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, №8. Душанбе, 2020. –саҳ. 383-390.
2. Ахманов И. Интеллектуальная интуиция и эстетическое созерцание.// Антология феноменологической философии в России. Т.2/ Составитель, общая редакция, предисловия и комментарии Чубарова И.М. –М.: «Логос», 2000. – 527 с. С.69-92;
3. Ахмедов Т.И., Жидко М.Е. Психотерапия в изменённых состояниях сознаниях. М.: АСТ, 2000. -768с.
4. Баркашалӣ Маҳдӣ, Сосакӣ Юшифар. Дурат-ут-тоҷи Шерозӣ ва Шарҳи Шарифа. «Оина». Соли шашум. 1358. Шумораи 5 ва 6.
5. Бердяев Н. Философия свобода. М.: АСТ, 2002. -320с.
6. Давлатов П.Н. Нигоҳе ба андешаҳои ахлоқии Ибни Мискавайх// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -№7. -Душанбе, 2020. –саҳ. 169-175.
7. Дельгадо Х. Мозг и сознание. -М.: МИР, 1971. – 266с.
8. Диноршоев М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино. Душанбе: «Эр-граф», 2017.
9. Доират-ул-маорифи исломӣ. -Ҷ.1. Бо сарпарастии Ғуломҳусайн Мусоҳиб. Теҳрон, 1345.
10. Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ. -Душанбе, 2013.
11. Корбен А. Таърихи фалсафаи исломӣ. Тарҷума аз забони фаронсавӣ Ҷавод Таботабоӣ. -Ҷ.2. – Теҳрон, 1369ҳ.
12. Қутбиддин Шерозӣ. Дурату-т-тоҷ ли ғурат-уд-Дабоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Муҳаммад Машкуҳ. Ҷ. 1. -Теҳрон: Ҳикмат, 1369. Чопи сеюм:
13. Қутбиддин Шерозӣ. Шарҳи Ҳикмат-ул-ишроқ. Бо эҳтимоми Абдуллоҳ Нуронӣ ва Маҳдии Муҳаққиқ: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ. -Теҳрон, 1384.
14. Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Алома Қутбиддини Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Чопи дувум. -Теҳрон, 1386. -370с.
15. Молоцова Е.Н. Наука об уме и знании// Проблема знания в истории, науки и культуры. СПб: Алетейя, 2001. –252 с. С. 193-206;
16. Мударисӣ М. Фалсафаи ахлоқ: пажӯҳиш дар бунёнҳои забонӣ, фитрӣ, таҷрибӣ, назарӣ ва динии ахлоқ. Теҳрон, 1371. 347с.
17. Соловьев, Н.Я. Брак и семья сегодня [Текст] / Н. Я. Соловева. - Вильнюс: Минтис, 1977. С. 66 (- 226 с.)
18. Уолтер Г. Живой мозг. Пер с английского А.М. Гурвича. М.: МИР, 1966. -300с.
19. Филоник М. Психология вне добра и зла. Размышления начинающего психотерапевта// Научный сад, №1, 2004. –С. 26-29;
20. Фуко Н. Воля и истина. По ту сторону знания, власти и сексуальности// Пер. с франц., комм. и послесл. С. Табачкиновой -М.: 1996. -448с;
21. Хайдеггер М. Кант и проблема метафизики. М.: Русское феноменологическое общество. 1997.- 156с. С.26-28
22. Derrida J., Stieqler B. Echographics jf Television. Filmed interviews/Trans. J. Bijorek. Cambridge: Polity Press. 2002. P.14
23. Edwin M. Gnostik ethics and mandaen origins. Cambridge. Harvard Univ. Press; London, Oxford Univ. Press. 1970. -102с.


## ФАЛСАФАИ ИҶТИМОИИ ҚУТБИДДИНИ ШЕРОЗӢ


Дар мақола масоили иҷтимоӣ дар фалсафаи Қутбиддини Шерозӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Қайд карда мешавад, ки дар раванди глобализатсионии замони муосир беш аз ҳарвақта дида, масъалаҳои иҷтимоӣ, аз қабили муносибатҳои ахлоқӣ дар ҷомеа, фарҳанги оиладорӣ ва сиёсиро ба мушкилотҳои зиёд дучор намудааст ва падидаҳое, ки ҳар лаҳза дар ҷомеаи муосири башарӣ рӯйи кор меоянд, қисмате аз онҳо боиси заволи фазилатҳои иҷтимоӣ, низоми фарҳанг ва сохтори оилаи анъанавӣ гашта, сабабгори сар задани мушкилиҳои дигари иҷтимоӣ мешаванд. Дар ин раванд, зарур аст, ки дар шуури мардум ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ки дар таърихи афкори иҷтимоии миллати тоҷик офарида шудаанд, ҷой карда шавад. Ҷиҳати мустаҳкам намудани афкори насли муосир ва аз таҳдиди хурофоту бегонапарастӣ ва бегонашавӣ эмин нигоҳ доштани ҷомеаи муосир, таҳқиқу омӯзиш ва муайян намудани арзиши афкори иҷтимоии

мутафаккирони гузаштаи фарҳанги миллати тоҷик василаи муҳим хоҳад буд. Аз зумраи чунин мутафаккироне, ки афкору ақоид ва мазмуну мундариҷаи осори фалсафиаш арзиши илмиву амалии худро то имрӯз нигоҳ доштаанд, Қутбиддини Шерозӣ мебошад. Ин мутаффаккир равиши ратсионалии намояндагони ҳикмати машшоияро идома дода, дар рушди афкори фалсафиву иҷтимоии мардумони тоҷику форс саҳми назаррас гузоштааст. Фалсафаи иҷтимоии Қутбиддини Шерозӣ ва муқоисаи он бо дигар мутафаккирон имконият медиҳад, ки арзиши тафаккури фарҳангии гузаштагон барои ташаккули худшиносиву худогоҳии ҷомеаи муосири тоҷик, муаян карда шавад.

**Калидвожаҳо**: фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, глобализатсия, ахлоқ, фарҳанги оиладорӣ, ҷомеа, худшиносӣ, арзишҳо, арзишҳои миллӣ, бегонашавӣ, прагматизм, сиёсат, муносибатҳои иҷтимоӣ, Қутбиддин Шерозӣ, мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс.

## СОЦИАЛЬНАЯ ФИЛОСОФИЯ КУТБИДДНА ШЕРОЗИ

В статье рассматриваются социальные проблемы в философии Кутбиддина Ширази. Отмечается, что в процессе глобализации Нового времени, более чем когда-либо, социальных проблем, в том числе этических отношений в обществе, семье и политической культуре столкнулись с множеством вызовов, а некоторые явления происходят в любое время в современной человеческой культуре, они приводят к упадку моральных ценностей, культурной системы и структуры традиционной семьи и другим социальным проблемам. В этом процессе необходимо привить в сознании людей чувство самосознания и уважения к национальным ценностям. Это будет важный инструмент для укрепления мышления современного поколения и защиты молодого поколения от угрозы суеверий, ксенофобии и отчуждения, для изучения и определения ценности научной мысли прошлых мыслителей таджикского народа. Кутбиддин Шерози - один из таких мыслителей, чьи идеи и содержание его философских работ сохранили свою научную и практическую ценность по сей день. Этот мыслитель продолжил рациональный подход представителей перипатетизма и внес значительный вклад в развитие философской и нравственной мысли таджикского и персидского народов. Социальная философия Кутбиддина Ширази и сравнение с другими мыслителями позволяют нам определить ценность культурного мышления прошлого и их прагматической мудрости для формирования самопознания и самосознания современного таджикского общества.

**Ключевые слова:** философия, социальная философия, глобализация, этика, культура домоводства, общество, самопознание, ценности, национальные ценности, отчуждение, прагматизм, политика, социальные отношения, Кутбиддин Ширази, средневековые таджикско-персидские философы.

## SOCIAL PHILOSOPHY OF KUTBIDDN SHEROZI

The article examines social problems in the philosophy of Qutbiddin Shirazi. It is noted that in the process of globalization of the New Time, more than ever, social problems, including ethical relations in society, family and political culture, faced many challenges, and some phenomena occur at any time in modern human culture, they lead to decline moral values, cultural system and traditional family structure and other social problems. In this process, it is necessary to instill in the minds of people a sense of self-awareness and respect for national values. It will be an important tool for strengthening the thinking of the modern generation and protecting the younger generation from the threat of superstition, xenophobia and alienation, for studying and determining the value of the scientific thought of the past thinkers of the Tajik people. Qutbiddin Sherozi is one of those thinkers whose ideas, ideas and content of his philosophical works have retained their scientific and practical value to this day. This thinker continued the rational approach of the representatives of repotism and made a significant contribution to the development of the philosophical and moral thought of the Tajik and Persian peoples. The social philosophy of Qutbiddin Sherozi and comparison with other thinkers allow us to determine the value of the cultural thinking of the past and their pragmatic wisdom for the formation of self-knowledge and self-awareness of the modern Tajik society, which, as a member of the world community, cannot get out of the crisis.

**Key words:** philosophy, social philosophy, globalization, ethics, culture of home economics, society, self-knowledge, values, national values, alienation, pragmatism, politics, social attitudes, Qutbiddin Shirazi, medieval Tajik-Persian philosophers.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Амирхон Шоҳҳусайни Талбонӣ*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **933-13-20-20**

**Сведения об авторе:** ***Амирхон Шоххусайни Талбони*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, заведующий кафедрой истории философии и социальной философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **933-13-20-20**

**Information about the author:** ***Amirkhon Shokhhusaini Talboni*** - Tajik National University, Ph.D., Head of the Department of the History of Philosophy and Social Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **933-13-20-20**

УДК:130

# САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХИИ ОМӮЗИШИ МАҚУЛАҲОИ КУЛЛ, МАХСУС ВА МУҶАРРАД

*Субҳонов С.И.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар замони муосири рушди бесобиқаи ҷомеаи ҷаҳонӣ масоили афзалиятнокии дониши илмӣ бешубҳа мубрам мебошад. Ин афзалият аксар вақт бо бартарияти на танҳо чунин шакли шуури ҷамъиятӣ чун илм, балки ба омилҳои мифологӣ, динӣ, идеологӣ низ алоқаманд мебошад. Дар робита бо ин, мушкилоти ҷудо намудани афзоиши дониши илмӣ ба миён меояд. Инчунин, вазифаи махсуси таъхирнопазир аз он иборат аст, ки дар тамоми вуҷудияти гуногунрангии фарҳангии насли башарӣ чунин сохторҳо ва механизмҳое, ки тавассути афзош додани дониш на ба таври тасодуфӣ, балки бо зарурат ва низом бояд сурат гирад. Дар айни замон, гирифтани донишҳои бунёдӣ танҳо ба воситаҳо ва принсипҳои илмӣ маҳдуд намешавад. Мо кӯшиш менамоем, ки дар таҳқиқоти худ нишон диҳем, ки сохтори тасвири олам бо кадом усул муайян шудааст, моҳияти онро муайян намоем ва баррасӣ намоем, ки барои муайян кардани асосҳои консептуалӣ ва мантиқии рушди дониши бунёдӣ кадом роҳҳо беҳтар мебошанд. Дар фалсафаи муосири тоҷик аҳамияти омӯзиш сохтори тасвири ҷаҳон, таърихи омӯзиши он то имрӯз мавриди баррасии васеъ қарор нагирифтааст. Имрӯз барои васеъ намудани ҷаҳонбинии насли ҷавон, киояндасози кишвари мо мебошанд, бояд ба омӯзиши проблемаҳои фалсафӣ диққати махсус диҳем. Барои дарки фалсафа, зарур аст, ки пояҳои бунёдии онро барои ҷавонон пешниҳод намоем. Яке аз унсурҳои дарки дурусти тасвири олам омӯзиши категорияҳои фалсафӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ба хонандагони ҷавон пешниҳод намудани омӯзиши сарчашмаҳои асосии баррасии категорияҳои фалсафа хеле мубрам мебошад.

Дар марҳилаи ҳозираи рушди ҷамъияти инсонӣ проблемаи рушди дониши илмӣ-техникӣ хеле актуалист. Чунин рушд бо бартарияти на танҳо як шакли шуури ҷамъиятӣ ба мисли илм, балки омилҳои мифологӣ, динӣ ва идеологӣ низ алоқаманд аст. Дар робита ба ин, масъалаҳои ҷудо кардани рушди донишҳои илмӣ ва на танҳо илмӣ, балки дигар намудҳои дониш ба миён меояд. Инчунин, вазифаи махсуси таъхирнопазир муайян кардани чунин сохторҳо ва механизмҳо дар фарҳангҳои гуногуни насли инсонист, ки тавассути онҳо рушди донишҳо на ба таври тасодуфӣ, балки ҳамчун ззарурат сурат мегирад. Таъкид кардан зарур аст, ки аз худ намудани донишҳои аслӣ танҳо бо воситаҳо ва принсипҳои илмӣ маҳдуд намешавад. Муайян кардани асосҳои консептуалӣ ва мантиқии рушди дониши аслӣ вазифаи таъхирнопазири замони мо мебошад.

Барои баррасии масоили таҳқиқи сохти тасвири олам зарур аст, ки аҳамияти омӯзиши он аз нуқтаи назари мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад муайян карда шавад. Мо категорияи муҷаррад номидем, дар бисёр китобҳои дарсӣ ҳамчун фард қабул шудааст, ки ба фикри мо, мутобиқ ба мафҳуми русии он -«единичное» чандон мутобиқат намекунад. Ин ҳоло қадамҳои аввали омӯзиши мост ва айни ҳол дар чунин ақидаем, ки моҳияти ин категорияро калимаи «муҷаррад» хубтар инъикос мекунад. Қобили қайд аст, ки дар китоби дасрсии «Асосҳои фалсафа»-и устоди зиндаёд, профессор Ғаффорова М.Қ. ин мафҳум ҳамчун калимаи «фард» баррасӣ мешавад. «Фард чиз, ашё, ҳодиса, раванд ва воқеаҳои алоҳидаест, ки аз ҳамдигар аз рӯйи хосиятҳои замонӣ, маконӣ, ва ғ. аз чизу ашё ва падидаҳои дигар, аз ҷумла ҳамшабоҳат, фарқ мекунад» [2]. Дар ин мақола мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки сарчашмаҳои таърихии назариявии ин категорияро баррасӣ намоем.

Таваҷҷуҳи файласуфон, муҳаққиқони самтҳои гуногуни илм, олимонро доимо мавзӯи тасвири олам, тасвири олам чӣ гуна бояд бошад, чиро бояд таҷассум намояд, вазифаҳои асосии он ба худ ҷалб менамояд. Асосҳои онтологӣ ва гносеологии тасвири оламро на танҳо илмҳои махсус, балки тамоюлҳои рушди он ҳамчун як

воҳиди ягона муайян менамоянд. Вобаста аз он, ки проблемаҳо ва масъалаҳои актуалӣ, таҳлили дақиқро талаб мекунанд, омӯхтани категорияҳо ва мафҳумҳои фалсафаи муосир таҷдиди назар мехоҳанд. Муайян намудани роҳҳои мушаххаси омӯзиши мақулаҳо ва мафҳумҳои фалсафаи муосир дар ҳамоҳангӣ, барои боз ҳам амиқ намудани вазифа ва моҳияти онтология ва гносеология ҳамчун асоси рушди илми муосир хизмат мекунад ва мавзӯъҳои баррасии фалсафаи илм ва методологияи онро муайян менамояд. Илова бар ин, муайян намудани сохти тасвири олам дар баъзе мавридҳо имкон медиҳад, ки дар навбати худ, як қатор масъалаҳои марбут ба мушкилоти сирф ҷаҳонбинӣ ҳам фалсафа ва ҳам илмро мушаххас созад, нақши аслӣ ва аҳамияти категорияҳои фалсафӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмиро муайян созад.

Аксарияти муҳаққиқон ба мушкилоти робитаи байни категорияҳои умумӣ, махсус ва муҷаррад, инчунин дараҷаи таъсири онҳо ба сохти тасвири олам таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аллакай тасвири категорияи ҳастӣ аз нуқтаи назари кулл, махсус ва муҷаррад дар давраи фалсафаи антиқа ногузир ба нуқтаи назари муайяни олам, ба мафҳумҳои муайяне дар бораи он ки чӣ гуна бояд шинохта шавад, чӣ гуна ба тартиб даровarда шудааст ва худ чӣ ҳаст баррасӣ мешуд. Чунин баррасиро намояндагони мактаби Милет (Фалес, Анаксимандр, Анаксименес), мутафаккирони мактаби Пифагор (Аристоксен, Архитаи Тарентум, Пифагор, Филолай), намояндагони мактаби Элей (Парменид, Зенон) ба таври худ ба миён гузоштаанд ва ҳал кардаанд. Ақидаи Демокрит, ки тасвири оламро бар асоси атомҳо пешниҳод намудааст, то имрӯз моҳияти худро гум накардааст.

Дар ин масъала Суқрот, Афлотун ва Арасту саҳми назаррас гузоштаанд. Арасту нуқтаи назари файласуфони қадимро ҷамъбаст намуда, тадқиқоти аслии мутафаккирони онвақтро оид ба масъалаи муносибати байни кулл ва ҷузъро ҷамъбаст намуда, нақш ва вазифаҳои охиринро дар сохтори шинохти ҷаҳон муайян кардааст. Дар асрҳои миёна, дар давраи Эҳё ва дар замони муосир, мушкилоти универсалӣ, алалхусус, муҷаррад дар системаҳои онҳо аз ҷониби П.Абелард, Фомаи Аквинӣ, Ҷ.Беркли, Ф.Бэкон, Алберт Магнус, Вилҳелм, Г.Гегел, Т.Гоббс, Р.Декарт, И.Кант, Анселми Кентербери, Г.Лейбнитс, Ҷ.Локк, Николай Кузанский, В.Окҳам, Росселин, Б.Спиноза, Л.Фейербах, И. Фихте, Ф.Шеллинг, И.И. Эригена, Д.Юм баррасӣ карда шудаанд.

Асосгузорони фалсафаи материализми диалектикӣ низ дар ҳалли мушкилоти кулл, махсус ва муҷаррад саҳми назарраси худро гузоштаанд. Бисёре аз мутафаккирони рус, ки ба таҳлили категориявии кулл, махсус ва муҷаррад машғул буданд, инчунин нақш ва аҳамияти методологии онро барои сохтани манзараи умумии ҷаҳон муайян кардаанд. Муҳаққиқон, ба монанди А.Т.Артюх, Н.К.Вахтомин, Д.П.Горский, Б.М.Кедров, М.К.Мамардашвили, Л.К.Науменко, Ю.В.Осипов, Э.Ф.Солопов Н.И.Шишлянников дар таҳлили дискурсии категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад ва муносибати онҳоро бо дигар категорияҳои диалектика муайян кардаанд. Як қатор мутафаккирони намоёни рус масъалаҳои муайян кардани нақши категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррадро дар мантиқи диалектикӣ ва материализми диалектикӣ таҳия кардаанд. Ба онҳо Ҷ.М.Абдилдин, Марочник В., А.С.Арсениев, Г.С.Батишев, В.С.Библер, В.А.Вазулин, А.А.Зиновев, Э.В.Иленков, П.В.Копнин, М.М.Розентал ва дигарон дохил мешаванд. Дар байни онҳо Г.Л.Бакрадзе, А.З.Барков, Т.В.Богомолова, Н.И.Бродский, В.В.Василиев, А.С.Волгина, М.Ф.П.Т.Ефимова, Е.Н.Зубан, Е.М.Зуикова, К.Ч.Карабеков, А.М.Карпенко, Н.Н.Константинов, Ю.В.Лакис, Г.Д.Левин, И.А.Акчурин, А.Г.Антипенко, В.И.Аршинов, В.Г.Горохов, И.А.Мамчур, И.П.Меркулов, А.П.Огуртсов, В.Н.Порус, А.И.Ракитов, В.М.Розин, В.С.Степин, Ю.Б.Татаринов, А.Н.Чумаков, С.Б.Шухардин, ва дигарон робитаи фалсафа ва илмро омӯхта, дар

асоси мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад тасвири оламро таҳрезӣ намудаанд.

Мутафаакирони тоҷик низ, ба монанди Форобӣ, Ибни Сино, Розӣ, Ғазолӣ, Носири Хисрав кӯшиш намудаанд ҳастиро дар чаҳорчӯбаи илми замони худ тасвир намоянд. Олимони муосири тоҷик Баҳоваддинов А.М., Болтаев М., Осимӣ М., Ғаффорова М., Шарипов И.Ш., Диноршоев М., А.Турсун, Олимов К., Музаффари М. ва дигарон масъалаҳои ягонагӣ, генезис ва сохторбандии дониш дар тасвири муосири ҷаҳонро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Систематизатсия ва таҳлили тадқиқот оид ба проблемаи сохтори тасвири ҷаҳон ба мақсад мувофиқ будани муайян кардани ҷанбаҳои умумӣ, махсус ва муҷаррад, муайян кардани нақш ва аҳамият дар тасвири олами чунин категорияҳо ба монанди кулл, махсус ва муҷаррад.

Як қатор намояндагони барҷастаи постмодернизм ҳамчун объектҳои асосии таҳлили фалсафии худ "унсурҳо"-ро, ки ба ҷанбаҳои сохтории тасвири ҷаҳон мувофиқанд, муаррифӣ мекунанд: М.Фуко [7] "полифония" ва гуногунии осорҳои гуногуни фарҳанги инсонӣ, ки мо онро ба сатҳи як ҷанбаи ягонаи онтологии тасвири ҷаҳон нисбат медиҳем, эпистемаҳои таърихиро, ки ба сатҳи ҷанбаи махсуси онтологии тасвири ҷаҳон, як соҳаи ягонаи забоншиносӣ ва маънидодкунанда ишора мекунад ва унсурҳоро ба сатҳи ҷанбаи универсалии онтологии тасвири ҷаҳон баррасӣ менамояд [8]. Ҷ.Деррида системаи фалсафии худро ба усули азнавсозӣ асос медиҳад, ки асоси вижагии гуногунии шаклҳои мухталифи инфиродии фарҳанг аст, ки мо онро ҳамчун як ҷанбаи ягонаи онтологии тасвири ҷаҳон муайян мекунем [9]. Ҷ.Делюз дар ақидаҳои фалсафии худ ба таҳлили мавҷудият (сатҳи ҷузъи универсалии онтологии тасвири ҷаҳон) бармегардад, ки тавассути амали симулякрҳо (ҷузъи махсуси онтологии тасвири ҷаҳон) амалӣ мешавад ва боиси намудҳои гуногуни "фарқиятҳо" дар шаклҳои гуногуни фарҳанги инсонӣ мегардад (як ҷанбаи ягонаи онтологии тасвири ҷаҳон).

Дар асоси хондани курси асосии фалсафа, инчунин дар таҳияи курси «Огнтология ва назарияи маърифат» ва курсҳои махсус барои ҳавасмандкунии донишҷӯён барои дарки ҳастӣ баррасии категорияҳои фалсафӣ, таърихи омӯзиши онҳо хеле зарур аст. Бо назардошти ташаккули категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар давраи қадим, тадқиқот бояд мантиқи махсуси ташаккули ин катигорияҳоро таъкид карда, дараҷаи татбиқи онҳоро дар давраи муайяни таърихӣ пайгирӣ кунад. Боварии юнониёни қадим ва мавҷудияти чизи аслӣ, ибтидо, як асоси пайдоиши тамоми падидаҳои гуногуни воқеият мебошад, онҳоро водор мекунад, ки ибтидо, принсипи бунёдиро ҷустуҷӯ кунанд. Фикри мактаби фалсафии Милет ба ин самт равон аст. Дар посух ба ин, Пифагориён дуруст баҳс мекунанд, ки ибтидо наметавонад ба ин ё он мушаххасоти ҳассос кам карда шавад, он бояд дар ақл вуҷуд дошта бошад, ё дурусташ гузариш, муайяне аз муҷаррад вуҷуд дошта бошад моҳияти ҷузъ як навъ нест ва маҷмӯъ ягонагии ин гуногунрангӣ мебошад. Ин гузариш ба ғайр аз истилоҳоти миқдорӣ амалӣ мешавад. Бо вуҷуди ин, Элеатҳо аллакай пай бурданд, ки муносибатҳои миқдорӣ дар худи онҳо ва ҳам намояндагони онҳо – рақамҳо аз гуногунии ҳассос ва принсипҳои бунёдӣ на аз рӯйи миқдор, балки аз сабаби идеалӣ будан боло мераванд. Бинобар ин, охирин бояд воқеан универсалӣ бошад, ки дар шуури мо инъикос ёфтааст ва мавҷудоти воқеан вуҷуддошта мебошад. Он комилан ва ягона, воқеан универсалӣ аст, дар муқоиса бо универсалие, ки дар шуури мо муаррифӣ шудааст.

Таҳия ин тезиси Сократ яке аз аввалинҳо шуда, мақоми консептуалии мушкилоти умумиинсонро эълон кард. Бо истифода аз намунаи фазилати ахлоқӣ ва аъмоли ахлоқӣ, Суқрот ба зарурати дидани муҷаррад аз ҷониби ҳама умумият аз ҷониби консепсия ишора мекунад. Шогирди ӯ Афлотун ин ақидаро боз ҳам бештар

инкишоф медиҳад. Афлотун дар асарҳояш ба таври куллӣ ишора мекунад, ки муҷаррад танҳо як мавод барои субъекти шинохти умумибашарист. Ҳадафи ягонагӣ ҳамин аст. Танҳо як шакли миёнаравӣ байни субъекти дониш ва универсалӣ мебошад. Гузашта аз ин, дар асоси таълимоти ақидаҳои худ, Афлотун мақоми ҳақиқии онтологиро барои худ умумӣ тасдиқ мекунад. Аммо дар айни замон, шогирди Афлотун Арасту як қатор мушкилоти бунёдиро дар мавриди гузариши кулл ба муҷаррад ба вуҷуд меорад. Чӣ тавр кулл истифода мешавад ва муҷаррад чӣ гуна умумӣ мешавад? Аз як тараф Арасту нишон медиҳад, ки кулл набояд худ ба худ, балки тавассути муҷаррад вуҷуд дошта бошад. Аз тарафи дигар, вай имконнопазирии бунёдии аз муҷаррад гирифтани куллро нишон медиҳад. Масъалаи мавҷудияти онтологии универсалиро ба ҳадди ниҳоӣ расонида, Арасту онро пурра ҳал карда наметавонист. Дар афкори фалсафии асрҳои миёна мушкилоти универсалӣ аксар вақт аллакай ҳамчун як масъалаи баҳс дар бораи табиати кулл вуҷуд дорад.

Пас аз таҳқиқ ва ҷамъбастии ин баҳс, метавон гуфт, ки нуқтаи назари асосӣ изҳорот дар бораи ҳукмронии тақсимнашавандаи универсалӣ (реализм), изҳорот дар бораи ҳукмронии фард (номинализм), тамоюли ҷустуҷӯи «тиллоӣ» мебошанд.

Дар давраи Эҳё проблемаи муносибати байни кулл ва муҷаррад бо як мавзӯи баҳси нав ба миён меояд. Онро ҳамчун проблемаи ягонагии ҷаҳон, ҳамчун проблемаи моҳияти онтологии Худо ва ҳатто он андозае ҳамчун проблемаи арзиши ботинии инсон маънидод кардан мумкин аст. Чунин намояндагони барҷастаи ин давра, ба мисли Н. Кузанский ва Д. Бруно, дар маҷмӯъ роҳи методологиро ифшо мекунанд, ки тавассути он мушкилоти умумиинсонӣ ва фард метавонад баъдан ҳал карда шавад. Ин гуна роҳро пантеизм меноманд. Дар замони муосир, мушкилоти кулл ва муҷаррад аллакай аз призмаи мушкилоти гносеологӣ баррасӣ шуда истодааст, аммо ба ҳар ҳол як проблемаи пешакии моҳияти онтологии ҳастӣ мебошад. Воқеият дар атрофи мо чист: кулл ва ё муҷаррад. Ф. Бэкон боварӣ дошт, ки дар олами объективӣ танҳо ҷисмҳои ягонаи сифатан ҷудогона мавҷуданд, ки дар натиҷаи омезиши табиати одӣ ба вуҷуд омадаанд ва мувофиқи қонунҳои муайян амал мекунанд. Т. Гоббс инчунин боварӣ дошт, ки дар асл танҳо чизе ҷудогонае мваҷуданд, ки бо хосиятҳои муайян ва садамаҳо тавсиф мешаванд. Д. Локк умуман моҳияти чизҳои инфиродиро мутлақ мекунад. Ба ақидаи Д. Локк, танҳо чизҳои ягона воқеан вуҷуд доранд, дар ҳоле ки сифати универсалӣ, паҳлӯи чизҳои ҷудогона мебошад. Аммо, агар ҷаҳон маҷмӯи чизҳои ягона бошад, пас ҳам дар дарки мо ва ҳам дар шуур танҳо мутаносибан чунин чизҳо мавҷуданд, ки хусусиятҳои ашёҳо, ба монанди шакл ҷобаҷогузории фазоӣ, моҳият ва ғайра чизе ҷуз номе барои муҷаррад номидан мумкин аст. Охир тавре Д. Беркли исбот мекунад, ҳатман моро водор мекунад, ки воқеиятро танҳо дар шакли эҳсосот эътироф кунем. Мантиқи исботи ӯро бо таваҷҷуҳ ба сифатҳои субъективии инсонӣ Д. Юм таҳия кардааст.

Аммо дар замони муосир таълимот низ инкишоф ёфта, анъанаи пантеистии Н. Кузанский ва Д. Бруноро идома медиҳанд. Яке аз мутафаккирони барҷаста, ки ғояҳои пантеизмро инкишоф дода, ба универсалият нисбат ба фард афзалият медиҳад, Б. Спиноза буд. Универсал дар фаҳмиши Спиноза моҳият дар маҷмӯи сохтории онҳо мебошад. Чизҳои ҷудогона ҳамчун ашёе, ки моҳият аз он бармеояд, баррасӣ карда мешаванд ва ҳар як чиз хусусияти хосси худро тавассути усули хориҷ кардани он аз доираи ашёи дигар дарк мекунад. Б. Спиноза оламро ба воситаи як моддаи ягона, универсалӣ, беохир, ки дорои сифатҳои беохир аст, ба вуҷуд меорад. Универсал бо зухури ҳамон сифатҳои модда муайян карда мешавад ва фард бо усулҳои ниҳоии он муайян карда мешавад. Яъне, муҷаррад ба мавҷудияти универсалӣ, моҳият, такя мекунад. Дар фалсафаи классикии Олмон, масъалаи кулл, махсус ва муҷаррад ҳам И. Кант ва ҳам Г. В. Ф. Гегел ва Л. Фейербах ва бисёр мутафаккирони дигарро ба ташвиш овардааст. И. Кант бори аввал зарурати омӯзиши универсалӣ ва фардро маҳз ҳамчун категорияҳо фаҳмид. Барои ӯ кулл, махсус ва муҷаррад ба муаррифӣ кардани он шаклҳои махсус заруранд, ки бар асоси онҳо назарияи асосии дониш бояд сохта шавад. Кант аввалин шахсест, ки хусусияти ҳукмҳои умумиро (яъне ҳама чизеро, ки то имрӯз мушоҳида намудааст) аз

хусусиятҳои куллӣ (яъне ҳама чизро, ки дар оянда мушоҳида мешавад, новобаста аз ҳама таҷрибаи минбаъда) фарқ мекард. Тавассути таълимоти синтезии Кант, фаҳмиши категорияи кулл ҳамчун як навъ муҷаррад дар гуногунӣ, ҳамчун роҳи омезиши намояндагиҳои гуногун ба вуҷуд меояд. Гегел дар асоси дастовардҳои Кант оид ба таносуби умумиинсонӣ ва муҷаррад, ки категорияҳоро на ҳамчун схемаҳои транссендենталии синтези идеяҳо, балки ҳамчун шаклҳои рушди рӯҳи мутлақ, ки тавассути тафаккур амалӣ карда мешавад, маънидод мекунад ва барои худ аз ин мавқеъ тафовути ақидаи гегелии байни соҳаи абстрактӣ- кулл (ки аз муаррифӣ берун намебарояд) ва соҳаи конкретӣ - универсалӣ пайравӣ карда, ба сатҳи мафҳум мерасад. Охирин, ба ақидаи Гегел, ҷуз қонуни пайдоиш, рушд ва нопадидшавии чизҳои ягона нест. Ин муайян мекунад, ки ба ақидаи Гегел, ҳамеша шахсиятро на аз ҷиҳати хусусияти худ, балки аз ҷониби универсалияташ дидан зарур аст, муаррифии ҳар як муҷаррадро ҳамчун як шакли кулл нишон диҳад. Куллро танҳо ҳамчун мафҳум, ҳамчун категорияи мантиқии тоза маънидод карда, ин умумиятро аз «масъалаи оқилона» покшуда ҳисобида, Гегел онро ҳамчун нақшаи фаъолияти «рӯҳи ҷаҳонӣ» маънидод мекунад. Ба ақидаи Гегел, кулл наметавонад ҳассосияти махсус ва ниҳоӣ дошта бошад, зеро дувумӣ бо хусусият ба маҳдудияти худ «умумияти куллро» маҳдуд мекунад. Ҳамин тариқ, дар андешаи Гегел кулл аз рӯйи шакли мукаммалии дохилӣ ва беохирӣ фарқ мекунад.

Аз ин рӯ, кулл метавонад танҳо дар «тафаккури пок» вуҷуд дошта бошад ва ҳеҷ ваҷҳ дар «воқеияти беруна» вуҷуд надорад. Дар соҳаи воқеият, мо танҳо бо шаклҳои бегонагӣ ва таҷассуми рӯҳи воқеан универсалии ҷаҳонӣ сарукор дорем. Мувофиқи саъю кӯшишҳои фалсафии Л. Фейербах, кулл бояд на дар рӯҳ ё идеяи мутлақ, балки дар худи ҷаҳони моддӣ муаррифӣ карда шавад. Ҳақиқатан кулл бояд ҳамчун ваҳдати материя ва рӯҳ тафсир карда шавад, ки дар он зоҳир мешавад, ки охирин хусусияти аввалин аст. Дар таълимоти Маркс, кулл «на ҳама сарвати тафсилотро» дар бар мегирад, на танҳо ва на он қадар ғоя, на ҳатто ҳамчун ягонагии одии материя ва рӯҳ, балки ҳамчун як падидаи комилан воқеии махсус, ки дар худ ин ё он чизро дар бар мегирад, тамоюли кулл шуданро дорад. Кулл дар афкори Маркс падидаҳои воқеӣ ва шаклҳои махсуси ҳаракати худро «бо қувваи зиддиятҳои дохилии худ» инкишоф медиҳад, боиси гуногунии зуҳуроти шакли он ва фарқиятҳои умумӣ мегардад, шаклҳо ва муносибатҳо ба вуҷуд меорад.

Мо дар ин мақола кӯшиш намудем, ки мухтасар афкори мутафаккирони гузаштаи Ғарбро дар бораи кулл, махсус ва муҷаррад баррасӣ намоем.

Ҳамин тариқ, тасвири олам ҳамчун асоси бунёдии дарёфти дониш дар бораи ҳастӣ тафсир карда шавад, ҳатман мафҳуму категорияҳои муайянро тақозо мекунад.

**Муқарриз: *Диноршоева З.М.* – доктори илмҳои фалсафа, профессори ДСРТ**

**АДАБИЁТ**


1. Введение в философию в двух частях. -М.: Политиздат, 1989.
2. Ғаффорова М. Асосҳои фалсафа / М.Ғаффорова. - Душанбе, 2012. -184 с.
3. Гегель Г.В.Ф. Лекции по исгории философии. Т.1-3. - Спб., 1902.
4. Гартман Н. К основоположению онтологии / Н.Гартман. Пер. с нем. Ю. В. Медведевой. -СПб.: Наука, 2003. -640 с.
5. Жиль Делез, Феликс Гваттари. Что такое философия? - Санкт-Петербург Издательство –АЛЕТЕИЯ, 1998. -С.33.
6. Кант И. Критика чистого разума / И. Кант Соч.: в 6-ти т. -М.: Мысль, 1964. -Т. 3. -799 с.
7. Опарин А.Ю. Концепция биополитики Мишеля Фуко в контексте современного неолиберального социального порядка // https://elib.bsu.by/bitstream/123456789/199794/1/84-86.pdf
8. Фуко, М. Нужно защищать общество: Курс лекций, прочитанных в Коллеж де Франс в 1975–1976 уч. г. / М. Фуко. – СПб.: Наука, 2005. – 312 с.
9. Фуко М. Археология знания. -Киев: Ника-Центр, 1996. -208 с.
10. Философия Жака Деррида. https://revolution.allbest.ru/philosophy/00626393_0.html
11. Фуко М. Слова и вещи. Археология гуманитарных наук. -Спб.: A-cad, 1994. -404 с.
12. Федорищенко А.И. Понятие «категория» (диалектико-материалистический анализ историко-философской традиции): автореф. дис. … канд. филос. наук. Ростов н/Д, 1981. -24 с. 131.
13. Философский словарь / под ред. М.М. Розенталя. -М.: Политическая литература, 1975. -495 с.
14. Философия Гегеля и современность. -М.: Мысль, 1973. -432 с.

15. Философия Канта и современность. -М.: Мысль, 1974. -469 с.

## САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХИИ ОМӮЗИШИ МАҚУЛАҲОИ КУЛЛ, МАХСУС ВА МУҶАРРАД

Дар мақола муаллиф сарчашмаҳои таърихии омӯзиши мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррадро мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки барои баррасии масоили таҳқиқи сохти тасвири олам зарур аст, ки аҳамияти омӯзиши он аз нуқтаи назари мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад муайян карда шавад. Аксарияти муҳаққиқон ба мушкилоти робитаи байни мақулаҳои умумӣ, махсус ва муҷаррад, инчунин дараҷаи таъсири онҳо ба сохти тасвири олам таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аллакай тасвири мақулаи ҳастӣ аз нуқтаи назари кулл, махсус ва муҷаррад дар давраи фалсафаи антиқа ногузир ба нуқтаи назари муайяни олам, ба мафҳумҳои муайяне дар бораи он ки чӣ гуна бояд шинохта шавад, чӣ гуна ба тартиб дароварда шудааст ва худ чӣ ҳаст баррасӣ мешуд. Банизомдарорӣ ва таҳлили тадқиқот оид ба проблемаи сохтори тасвири ҷаҳон ба мақсад мувофиқ будани муайян кардани ҷанбаҳои умумӣ, махсус ва муҷаррад, муайян кардани нақш ва аҳамият дар тасвири олами чунин категорияҳо ба монанди кулл, махсус ва муҷаррад мебошад. Дар мақола муаллиф мухтасар афкори мутафаккирони гузаштаи Ғарбро дар бораи кулл, махсус ва муҷаррад баррасӣ намудааст.

**Калидвожаҳо**: мақулаҳо дар фалсафа, кулл, махсус, муҷаррад, низоми ягонаи мақулаҳо, тапртиби ҷобаҷогузории мақулаҳо.

## ИСТОРИЧЕСКИЕ ИСТОЧНИКИ ИЗУЧЕНИЯ ЕДИНИЧНОЙ, ОСОБЕННОЙ И ОБЩЕЙ КАТЕГОРИЙ

В статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению исторические источники изучения особенной, общей и единичной категории. Категории — это наиболее общие, фундаментальные понятия той или иной науки, философии. Автор отмечает, что о мире в целом, об отношении человека к миру мы мыслим категориями. Каждая область знания имеет свои особые категории. Каждая из категорий отражает какой-либо общий закон, принцип бытия сущего, а все вместе они охватывают мир как целое, отношение человека к миру. Единая система категорий отражает единство мира, всеобщую связь, взаимодействие и развитие вещей. Автор также указывает, что порядок расположения категорий основывается на учете возрастающей сложности объективных связей и движения познания от простого к сложному. Процесс развития явлений состоит в том, что они шаг за шагом переходят от простых к сложным, от низших к высшим. В такой же последовательности совершается и познание. Представление о мире только как о бесконечном многообразии индивидуальностей односторонне, а потому неверно. Бесконечное многообразие одна сторона бытия, общее,то единое во многом, единство может выступать в форме сходства или общности свойств, отношений предметов, объединяемых в определенный класс. В статье автор вкратце рассмотрел мнения древных мыслителей Запада относительно особенной, общей и единичной категорий.

**Ключевые слова**: категории в философии**,** особенная, общяя и единичная категории, единая система категорий, порядок расположения категорий.

## HISTORICAL SOURCES FOR STUDYING SINGLE, SPECIAL AND GENERAL CATEGORIES

In the article, the author examines and studies the historical sources of the study of a special, general and single category. Categories are the most general, fundamental concepts of a particular science or philosophy. The author notes that we think in categories about the world as a whole, about a person's attitude to the world. Each area of knowledge has its own specific categories. Each of the categories reflects some general law, the principle of the existence of beings, and together they cover the world as a whole, the relationship of man to the world. A single system of categories reflects the unity of the world, universal connection, interaction and development of things. The author also points out that the order of the categories is based on taking into account the increasing complexity of objective connections and the movement of cognition from simple to complex. The process of development of phenomena consists in the fact that they move step by step from simple to complex, from lower to higher. Cognition takes place in the same sequence. The idea of the world only as an infinite variety of individuals is one-sided and therefore wrong. Infinite diversity is one side of being, common, then one in many respects, unity can appear in the form of similarity or commonality of properties, relations of objects, united into a certain class. In the article, the author briefly reviewed the opinions of ancient thinkers of the West regarding special, general and individual categories.

**Key words:** categories in philosophy, special, general and single categories, a unified system of categories, the order of the categories.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Субҳонов Салоҳиддин Икромович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои фалсафӣ, омӯзгори калони кафедраи фалсафаи факултети сиёсатшиносӣ ва идоракунии давлатӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail:**salohsubhon1985@mail.ru** Телефон: **918-13-67-60.**

**Сведения об авторе:** ***Субхонов Салохиддин Икромович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры философии факультета политологии и государственного управления. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская обл., г.

Бохтар, улица Айни, 67.E-mail:**salohsubhon1985@mail.ru** Телефон: **918-13-67-60.**

**Information about the author:** ***Subkhonov Salokhiddin Ikromovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Philosophy, Senior Lecturer at the Department of Philosophy, Faculty of Political Science and Public Administration. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, Ayni street, 67. E-mail: **salohsubhon1985@mail.ru** Phone: **918-13-67-60.**

**УДК:159.92**

# РОҶЕЪ БА ТАНОСУБИ ОМИЛҲОИ ҚОНУНИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ ВА НАМУДИ БИОЛОГӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ҶОМЕАИ МУОСИР

***Мирбобоева Т.Х.***
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд**

Зиёда аз ду қарн мешавад, ки баҳсу мунозираҳо роҷеъ ба он ки оё Homo sapiens чун намуди биологӣ тағйир меёбад ё қонуниятҳои иҷтимоӣ мавқеи омилҳои ташаккулёбии шакли биологии инсонро пурра гирифтааст, давом доранд. Олимон оид ба масъалаи мазкур андешаи гуногун доранд. Масалан, олими рус Л.Н.Гумилев муътаъкид бар он аст, ки хусусиятҳои умумӣ барои инсон ва дигар мавҷудоти зинда дар он мебошад, ки онҳо бо муҳит, ашё ва энергия робитаи зич дошта, ҳамзамон аз мавҷудоти зинда бо он фарқ мекунанд, ки қариб ҳамаи неъматҳое, ки барояш зарур аст, инсон тавассути меҳнат ба даст меорад. Иловатан, инсон бо табиат на танҳо чун мавҷудоти биологӣ, балки инчунин чун мавҷудоти иҷтимоӣ дар робита қарор дорад.

Шароит ва неъматҳо, қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ доимо дар инкишоф ҳастанд ва қонуниятҳои иҷтимоии инкишофи халқият амали воқеии биологиро, бахусус тағйирёбии манфии хусусиятҳои бунёдии ирсияти инсонро инкор намекунанд. Ҳамзамон, халқият на фақат ба равандҳои иҷтимоӣ, балки ба қонуниятҳои умумии инкишоф, чун биосфера низ тобеъ аст. Чунин тадқиқотро бо усули барқасд даст кашидан аз омӯзиши мушаххаси тарзи истеҳсолот оғоз намудан мумкин аст ва чунин муҷарраднамоӣ асоси воқеӣ низ дорад, чунки хислати ташаккулёбии халқият аз даврaҳои инкишофи таърихи иҷтимоии инсоният фарқ мекунад ва бо чунин тарзи масъалагузорӣ, ба фикри муаллиф, давраи инкишоф, шукуфоӣ ва таназзули халқиятҳо, даврaҳои инкишофи шуур ва такомули рӯҳияи халқиятҳоро бо такя ба усулҳои робитаи инсон бо табиат хубтар нишон додан имконпазир мегардад.

Ба монанди он ки одам дар иқлими бегона худро ноҳинҷор эҳсос менамояд, ҳаёти инсон низ берун аз қавми худ ноороҳатии иҷтимоиро пеш меорад, чунки авлоди ӯ дар макони муқимии худ муҳити зистро ба шароити ҳаёташ мутобиқ сохта буд.

Марҳилаҳои ташаккули халқият бо хусусиятҳои муҳити зист робитаи қавӣ дошта, инчунин аз хоҳиши халқият, ки минбаъд миллатро ташаккул медиҳанд, аз сатҳи эҳсоси зарурати эҳёи миллӣ, ки рушди онро таъмин месозад, аз хусусиятҳои мутобиқшавиаш бо муҳит ва доштани афзалияти ин ё он хусусиятҳои миллӣ вобастагии зич дорад.

Агар мо тадқиқоти худро аз рӯйи чунин усул пеш барем, ақидаи олимони аврупоиро оид ба афзалияти тамаддуни техникӣ нисбати дигар навъи тамаддун ботил мегардонем. Воқеан ҳам, чаро мо фарҳанги киштукории Чин ё маданияти шикори нанайҳои Россияро нисбат ба тарзи ҳаёти шаҳриёна начандон комил ҳисоб намоем?

Он ки фарқият дар рӯҳияи халқиятҳо бо хусусиятҳои иқлимӣ, олами наботот ва ҳайвонот муайян мегарданд, дар навиштаҷоти табиатшиносони араб дар асри X-XIV вомехӯрданд, ки чун асоси детерминизм, яъне муайянсозии қаблии ҷуғрофӣ хидмат мекарданд. Ботилии чунин ақидаҳо дар он буд, ки онҳо моҳияти падидаҳои мушоҳидашавандаро дуруст дарк ва маънидод карда наметавонистанд. Табиатшиносон он даврaҳои инкишофи шуури халқиятҳоро, ки дар муддати қарнҳо,

албатта, тағйир меёфт, ба инобат намегирифтанд. Аз ин ҷост, ки муаллиф таъкид менамояд: «Бояд тазаккур дод, ки рафти ташаккули халқият бидуни таъсири тағйироти иқлимӣ рух медиҳад, лекин мавриди омӯзиши он мавзеъҳое, ки оғози ташаккули халқият гаштаанд, нишон медиҳад, ки баъзе заминҳое, ки барои ҳаёт мусоид буданд, ҳеҷ гоҳ ватани аҷдодиашон набуд, вале халқиятҳои ташаккулёфта минбаъд ба ин сарзамин омада, ба ривоҷу равнақ расидаанд» [2, с. 88].

Дар ин маврид саволе бармеояд: Оё шароити хуби географӣ сабаби тащаккули халкият мегардад ва ё танҳо ба он мусодат менамояд? Агар сабаби ташаккули халқҳои нав бо шароитҳои географӣ вобаста мебуд, он гоҳ такя ба чунин омилҳо ташаккули халқиятҳо доимо ба мушоҳида мерасид, аммо дар воқеият ин хел нест. Аз ин бармеояд, ки ҳарчанд ташаккули халқият бо шароитҳои географӣ ҷузъан вобастааст, омили асосии ташаккули халқият дигар аст ва барои дарёфти он мо бояд ба таърих рӯ оварем.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, илми ҳайат аз эҳтиёҷот ва хусусияти кишоварзии обёришаванда сар задааст. Назар ба ҳуҷҷатҳои кӯҳи Муғ, суғдиён тақвими хосеро ихтироъ карда будаанд, ки нуфузи он то Ҳинду Чин рафта расидааст. Бостоншиносон боқимондаҳои чанд олатҳои расадхонаҳоро кофта ёфтанд, ки хосса аз савияи баланди рушди астрономия дар қаламрави қавмҳои эронинасли Осиёи Миёна дарак медиҳад.

Илму фалсафаи Юнони қадим барои тоҷикон як навъ такони таърихӣ буд, ки рӯҳи азалии онҳоро бедор кард ва барои нашъунамои неруи эҷодии мардуми таҳҷоӣ роҳ кушод. Ниёгони мо бо осори маданияти ниёгони юнонӣ шинос шуда, дар зимни ин амр унсурҳои фарҳангии тоисломии худро эҳё карданд ва пайваста корбаст намуданд. Сирату сурати ин амри таърихӣ маҳз муколамаро мемонд: аз файзи он ҳарду тараф баҳраманд мешуданд. Сабаб ин буд, ки мардуми эронтабор дар дунёи мутамаддини онвақта аз ҷиҳати дараҷаи инкишофи маънавӣ дар мақоми баландтар меистоданд.

Дар адабиёти илмии Ғарб ҳангоми аз рушди илму фалсафаи халқҳои эронинажод андеша рондан, аввал онро ба мисли «афрӯзиши ногаҳонии камолоти ақлии муслимин» қаламдод мекунанд ва баъд танҳо як худи омилҳои берунаро, чунончи ҳамҷоя гаштани фарҳанги Юнон ва ҳатто дини ислом чун заминаи асосии падидаи мазкур ҳисоб мекунанд. Вале дар тамоми дунёи ҳастӣ оё заминеро метавон дарёфт, ки бидуни тухми амал, бо таъсири як худи обу ҳавои мусоид ҳосил дода бошад? Ба қавли Абӯалӣ Сино - ҳарчанд Офтоб сабаби пазондани мева аст, лекин он ҷо қуввати табиӣ низ бояд бошад, ки бо он ёр бувад. Заминаи маънавии мардуми эронинажод, ба он андозае, ки мусташриқони аврупоию амрикоӣ тақвим кардаанд, суст набуд, вагарна аз шӯраи муғелон райҳон берун наёяд!» [6, с. 47].

Мусташриқони зикргашта, бисёр ҳиммат кунанд, оғози ташаккули илму фанни Аҷамро ба аҳди сосонӣ, вале аксаран ба замонаи хилофати араб мансуб медонанд. Дар асли ҳол бошад, чунон ки муаррихи маъруфи форс зимни санаду далелҳои боварибахш нигоштааст, халқи Эрон то ин ҳангом, яъне давраи сосонӣ, аз рушди илм бархӯрдор шуда буд ва дар мусиқию тиббу риёзиёт бар осори иртибот, ки аз Машриқ ва Мағриб бо милали бузурге, монанди ҳиндувон ва бобулиён ва милали Осиёи Сағир ёфта ва иттилооте, ки худ аз қадимулайём гирд оварда буданд, пешрафтҳое доштанд.

Маълум аст, ки мавзеъҳои сунъӣ, яъне аз тарафи инсон обод карда шуда низ чун мавзеи табиӣ як хел ба ташаккули халқият таъсир мерасонанд. Чунончи, баъзан, гурӯҳи калони одамон, ки мақсади ягона доранд, табиатро ба шароитҳои зиндагии худ мувофиқ месозанд. Ин кор, аз он, ки бо забти замини ҳамсоя машғул шудан душвортар аст, аммо тӯдае, ки кори мазкурро мекунад, ба халқияте мубаддал мегардад, ки баъдан аз ҳисоби шароити хуби сохтааш зиндагӣ менамояд.

Агар халқият дар натиҷаи ҷангҳои бебарор ё буҳронҳои иҷтимоӣ рӯ ба таназзул орад, ҳамзамон он шароитгоҳи сохтааш низ ҳамроҳи худаш аз байн меравад. Чунин мисолҳоро мо дар мисолҳои халқи Чини шимолӣ, Месопотамия, Юкатан дар замони маданияти майя ва Мисри кадим дида метавонем. Бо тарзи дигар

гӯем, таъсири омили ирсии инсонӣ ба муҳити табиӣ мо метавонем чун мутобиқшавии халқияти нав ба муҳит, ки дар раванди табдил гаштан ба халқият мебошад, мушоҳида намоем. Оммаҳое, ки комилан ба халқиятҳо табдил ёфтаанд, ба муҳити нав сохтаашон чунон одат мекунанд, ки минбаъд ба дигар шароитҳои табиӣ мутобиқ шудан намехоҳанд. Дар таърих вусъат ва таназзул рӯйи кор аст. Масалан, дар давраи қарни VIII, замоне ки Рум аз дохил ба шикаст дучор омад ва яке аз сабабҳояш саҷданамоӣ ба бутҳо буд (бутпарастӣ ки таърихан қабл аз динҳои ҷаҳонӣ арзи вуҷуд намудааст - аз сабаби он ки ҳар як халқият бути худро дошта, танҳо ба он саҷда менамуд, албатта, ин омил ба ягонагии онҳо садди роҳ мегашт), дар Осиё шукуфоӣ ва васеъ гаштани халқиятҳои азим, ба монанди - дар асри VII араб - мусулмонҳо, туркҳо, табгачӣ (Чини асримиёнагӣ) бошад, дар Аврупои Ғарбӣ ба таназзули шадид дучор шуда, ба саҳнаи ҳуҷумҳои пайдарпайи аҷнабиён табдил ёфта буд. Арабҳо то Лувр расиданд, аварҳо то соҳили Рейн расиданд, славянҳо соҳили рости Элбаро забт намуда, ҳатто дар соҳилҳои поёнобаш дарёро убур ҳам намуданд.

Мувофиқи назарияи пешрафт, дар таърихи инсоният на рушд ва на таназзул арзи ҳастӣ надорад. Ҳоло анқариб чун қоида қабул гаштааст, ки нимҷазираи ғарбии минтақаи Авруосиё дар таърихи инсоният нақши вижаро соҳиб аст. Барои исботи даъвои мазкур ба шукуфоии давраи Элладаи классикӣ, лашкаркашии Искандари Мақдунӣ, ташкили империяи Рум, наққошии бемисли давраи Эҳё, «кашфҳои азим» ё ғасби сарзаминҳои бегона дар асрҳои XVI- XIX такя менамоянд. Вале нуктаи дигар аз мадди назар дур меафтад, ки «шукуфоӣ»-и номбар гашта, на танҳо дар низоми таърихи умумиҷаҳонӣ, балки инчунин дар маҷрои таърихи ҳавзаи Баҳри Миёназамин бештар хусусияти лаҳзавиро доро мебошад. Рушди босуръати Эллада моҳиятан ҳумкронии вақтинаи Афина буд. Ғалабаҳои Искандар, дар навбати худ, ба муқовиматҳои ҷавобии портҳо (паҳлавиҳо), сакҳо ва ҳиндуҳо меовард, ки ҳама оқибат ба заволи мустақилияти ҳокимияти ӯ оварда расонид.

Лекин мавриди зикр аст, ки давраҳои сукут хеле дарозмуддат буданд ва перомуни он таърихшиносони аврупоӣ навиштану гуфтанро писанд надоранд.

Таназзули фарҳанг низ ба монанди рушди он зуҳуроти муҳим ба ҳисоб меравад. Садсолаҳо рафти таърих бидуни санъат, адабиёт, фалсафа барои чӣ рух медиҳанд?

Дар давраҳои кӯчбардориҳои бемаврид, яъне замони ҳуҷуми аҷнабиён, ки муҳоҷират пеш меомад ва қабул накардани фарҳанги бегона ба мардум зарур меомад, ки барои ҳифзи осори санъат чора андешанд. Осори румиҳои куҳан фақат барои он боқӣ мондааст, ки он ба қаъри замин рӯйпӯш шуда буданд ва онро танҳо дар асри XV дар давраи гуманизм аз зери хок берун оварданд. Ҷавоҳироти аз тилло ва нуқра сохта шуда, ки бо он угрҳо, аланҳо, русҳо, ҳазарҳо худро оро медоданд дар давраи кӯчбардорӣ ба танга ва сабикаҳо (лӯндаҳо) табдил дода мешуданд. Барои ҳамин ҳам давраи I- уми ҳазорсолаи навро замони «карахтии фарҳангӣ», «берун аз вақт монда» ва ҳатто «давраи ваҳшонӣ» ном мебаранд.

Усули давродавр омӯхтани воқеаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки замони зикргашта ҳам бофайзу эҷодӣ ва ҳам ғамангезу фоҷиавианд ва ба зуҳуроти мазкур на карахтии ақл ва рӯҳ, балки номусоидии шароити таърихӣ, сукути моддию маънавии давраи номбурда сабабгор аст.Алҳол ба мо маълум гашт, ки рафти такони аввала ҳатто дар шароитҳои мусоидтарин низ ба 1200 сол нарафта, аз байн мераванд ва танҳо халқиятҳои батолеъ то охири умри табииашон мерасанд. Дар таърих мо доимо бозмондани ташаккули халқиятҳоро дар синҳои гуногун мушоҳида карда метавонем.

Аз он ки халқҳои ҷавони Аврупо Рими фартутро ба осонӣ аз по афтонданд, ба иллатҳои он сироят гаштанд ва аз саҳнаи таърих фано гаштанд, ҷойи тааҷҷуб нест, аммо, замоне ки халқиятҳо дар марҳилаи хуруҷи эҳёӣ қарор доранду аз тарафи рақиби суст маҳв мешаванд, ҷойи тааҷҷуб аст. Шояд, ҳар як гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигар дар худ хатаре барои халқият дорад. Чун море, ки мавриди ивазнамоии пӯсти худ зери хатар қарор дорад, ҳамчунин халқият замоне, ки «рӯҳи худ», яъне рафтори маъмулӣ ва нишондодҳои ҷамъиятии худро иваз менамояд, хеле заиф мегардад.

Дар асри VII маълум гардид, ки кӯшиши барқарор намудани мустамликаҳои

Рум ба ягон натиҷае наовард. Юстиниан ба неруи халқи худ аз ҳад зиёд такя намуда, қувваи душмани шарқии худро нодида гирифт. Албатта, ӯро сахт мазаммат намудан нашояд, чунки ба ақидаи вай, рақиби асосии Рум давлати Форс ҳисоб мешуд. Вале воқеият ин буд, ки давлати Форс дар натиҷаи ислоҳоти ноуҳдабароёнаи вазири кишвар Маздак ва исён бардоштани Баҳроми Чӯбина, ки натиҷаи он торумор гаштани қисми асосии артиши давлат буд, хеле заиф гашта буд. Бинобар ин, дар ҷанги мазкур давлати Рум дар такя ба қувваи ҳазариҳо ғолиб омад [3, с. 228]. Дар ин ҷанг ҳам давлати Рум ва ҳам давлати Форс заиф гаштанд. Аз ин ҷост, ки ба рӯйи саҳна баромадани халқияти нав араб-мусулмон, ки аз қавмҳои муқимии нимҷазираи Араб ташаккул ёфта буданд, ҳам барои форсҳо ва ҳам барои юнониҳо фоҷиаҳои бешумор овард. Ироқ яклухт забт шуда, тамоми кишвар ғорат карда шуд. Рум давлатҳои Сурия, Миср, Кархадашт - шаҳри нав (Карфаген), водиҳои Киликияро аз даст дод. Танҳо дар соли 718 лашкариёни арабро дар назди деворҳои Константинопол (Истамбули имрӯза) шикаст додан муяссар шуд. Пас аз он сарзамини Осиёи Хурд ба майдони ҳарбу зарби давомдор табдил ёфт.

Дар мисоли Рум (Византия) мо метавонем мушоҳида намоем, чӣ тавр афзун гаштани хуруҷи фаъол дар низоми ташаккули халқият на ҳамеша ба манфиаташ хоҳад буд, лекин аз миён рафтани хуруҷи фаъол мушкилиҳои зиёдтареро ба бор меорад. Чунончи муаллиф таъкид менамояд: «Хуруҷи фаъол чунон пурқувват метавонад бошад, ки баррандагони он, яъне халқиятҳо оқибати кирдори худро пешбинӣ карда наметавонанд ва ҳатто шикасти худро пешбинӣ намоянд ҳам, аз иҷрои он даст намекашанд. Ин нуктаи муҳим дар маънидоднамоии хуруҷи фаъол аст ва он нишон медиҳад, ки хуруҷҳо на дар доираи шуур, балки зершуур низ қарор доранд» [2, с. 90].

Ин ҷо мо на ҷиҳати воқеии ташаккули халқиятҳои умумиҷаҳонӣ, балки қонунияти идеалии онро, ки халқиятҳои алоҳида зери таъсири доимии омилҳои беруна монда, хароб мегарданд, баррасӣ намудем. Аз ин ҷост, ки мо мисолҳоро аз таърихи умумиҷаҳонӣ гирифта таҳлил менамоем.

Баъди аз сар гузаронидани шикасти иҷтимоӣ мардум оромиро интизор ҳастанд. Онҳо акнун дарк намудаанд, ки фардиятҳое, ки нотакрории худро намоиш додан мехоҳанд, барои ҳамсоягон хатари бештаре доранд. Лекин ин хатарро бартараф сохтан имконпазир аст, агар нишондодҳои ҷамъиятӣ иваз карда шаванд. Масалан, кофист, ки барандаи рафтори намунавиро созем ё тасаввур намоем, ҳатто агар ӯ вуҷуд надошта бошад ва баъди он аз мардум талаб намоем, ки ба ӯ тақлид намоянд.Дар дунёи қадим дар ин асос ба шоҳ чун ба худо саҷда намудан расм шуда буд. Чунин ҷаҳондаркнамоӣ аз Искандари Мақдунӣ оғоз ёфт, яъне вақте ки рӯҳониёни мисрӣ ба ӯ талқин карданд, ки вай писари худо- Амон аст ва эллинҳо ӯро ба худои худ Зевс ташбеҳ медоданд. Ба Искандар ин амал писанд омад, лекин сарлашкарони ӯ чунин маънидоднамоиро қабул надоштанд, чунки ба ақидаи онҳо иқдоми мазкур ба шаъни волидайни Искандар: Филипп ва Олимпиада таҳқиромез буд, вале ақида ҷонсахт баромад. Он дар давраи ворисони диадоххо ва махсусан дар Рум баъди шоҳ Август эҳё гашт. Он иззату икром, ки мардум ба худоён зоҳир мекарданд, ҳокимон барои худ низ талаб мекардагӣ шуданд. Ин чунин маъно дошт, ки симои ҳоким- шарт нест, ки сифатҳои фардии вай бошад, он сифатҳое муҳим буданд, ки бо мансабу мартаба вобастагӣ доранд ва он сифатҳо бо сифатҳои худоӣ баробар сохта мешуданд. Ин чунин маъно дошт, ки шоҳон намунаи ҳатмии ибрат барои ҳамаи мардуми зертобеъ мешуданд.

Пеш аз он ки ба масоили таҳқиқоти қонуниятҳои инкишофи таърихи халқиятҳои башар гузарем, аз усули тафаккури аврупоиён оид ба он ки гӯё халқҳои Аврупо нисбати дигар халқҳо афзалият дошта бошанд, даст мекашем. Боварӣ ба чунин ақидаҳо дар вақташ чунон таъсирнок буданд, ки ҳатто Ҳегел низоми фалсафаи таърихи худро (пешрафти ҷаҳонӣ) чунон роҳандозӣ намуд, ки дар он нақши халқҳои олмон ва англосакс аввалиндараҷа буда, мардуми Осиё ва Африқо чун аҳолии таҳҷоии Амрикову Австралия ҳисоб карда шуданд ва онҳоро ба қатори «халқҳои берун аз рафти таърих монда» мансуб донист.

Лекин баъди гузашти якуним аср маълум гашт, ки афзалияти аврупоиҳо дар ҷаҳон хусусияи лаҳзавӣ дошт. Амрико ва Австралия чун давоми қисми Арупои Ғарбӣ бевосита бо ҳамон роҳи таърихӣ раҳсипор ҳастанд, ки он роҳро халқҳои қадим кайҳо тай карда буданд. Аз ин чунин хулоса бармеояд, ки он халқҳое, ки одатан онҳоро халқҳои қафомонда ҳисоб мекарданд, халқҳои нодир буда, давраи шукуфоӣ ва таназзули худро аллакай гузаштаанд. Аз ин лиҳоз, метавонем гӯем, ки австралиягиҳои сиёҳпӯст, бушменҳо, мундрукҳо ва ҳатто эскимосҳо халқиятҳои қадим ҳастанд. Аз ин ҷост, ки фарҳанги моддии онҳо хеле камшумор ва фарҳанги маънавияшон пароканда аст.

Хусусияти фарққунандаи «тамаддун» қаноатмандии комили халқият аз ҳаёти бофароғати худ, ки худро аз талотуми иҷтимоӣ канор мегиранд, шинохта шуда, чун нишонаи заиф гаштани унсури фаъоли иҷтимоӣ баромад мекунад.

Дар давраҳои қаҳрамонию ҷасурӣ, ки барои рушд ва худзоҳиршавии шахсиятҳои варзида имконият бештар аст, ба ашхоси мазкур ҳаёт мушкилӣ меорад. Онҳо сарбозони буздил, коргарони танбал буда, роҳи ҷиноятпешагӣ онҳоро зуд ба сари дор меоварад. Лекин, дар замони мусоид, афзунии маводи моддӣ, вақте ки ба ҳама нон мерасад, шиори худро «Ба монанди мо шав» месозанд: яъне кӯшиши зиёд зарурат надорад, шикамат сер шавад шуд. Ҳар намуди меҳнатдӯстӣ, ташаккули маънавӣ зери мазоҳ қарор мегирад.

Дар ҳаёт бошад, ҳатто барои ҳифзи оила ва тарбияи фарзандон дигар сифатҳо лозиманд, на он сифатҳое, ки дар боло зикр намудем; набошад фарзандон баъди ба камол расидан аз баҳри волидайн мебароянд.

Аз ҷиҳати анатомӣ ва физиологӣ онҳо одамони комиланд, ки ба муҳит мутобиқ шудаанд, вале неруи фаъоли онҳо дар ин давра чунон заиф гаштааст, ки рафти ташаккули халқият қариб дида намешавад. Ҳатто мавриди дар байни онҳо тавлид ёфтани фарди фидоӣ, он ояндаи худро на дар кишвари худ, балки берун аз он ҷустуҷӯ менамояд. Масалан, албаниҳо барои худ кори мувофиқро дар Константинопол ё Венетсия меёфтанд.Дар ин маврид ду имконот пайдо мегардад: халқи зиндамонда чун халқияти боқимонда ҳаёти хузнангез мегузаронанд, ё онҳо ба раванди омехташавии халқиятҳо ворид шуда, дар баъзе шароитҳои мусоид аз якчанд халқҳои эминёфта халқияти нав ташаккул меёбад.

Хотираи халқият оид ба замони гузаштаи худ суръати таконро суст мекунад, лекин боздоштани онро одамони алоҳида имкон надоранд. Кӯшишу ғайрати онҳо аз тарафи ҳамзамонашон дастгирӣ намеёбад, ҳарчанд он босамар аст. Осори шоирон чун эҷодиёти даҳонакии халқ боқӣ мемонад, кашидаҳои рассомони мумтоз мавзӯи санъати халқӣ мегарданд, таърихи қаҳрамониҳои ҳимоятгарони ватан ба қиссаю ривоятҳо табдил меёбанд ва дар ин замона инъикоси воқеии ҳаёти иҷтимоӣ мамнуъ аст.

Чунин вазъро мо метавонем дар Олтой мушоҳида намоем. Дар он ҷо шаш қавм умр ба сар мебаранд, ки аз онҳо се қавми шимолӣ- угрҳои туркшуда - телесҳо, ворисони тюркютҳо, теленгитҳо ва телеутҳо – қавмҳои гурӯҳи телесӣ, ки ба онҳо уйғурҳо низ тааллуқ доштанд ва се қавми ҷанубӣ - боқимондаҳои туркҳои пешин ташкил медиҳанд. Олтой- киҷӣ бошад, шохаи найманҳо буда, ба Олтой дар асри XII омадаанд. Аз ин бармеояд, ки ҳатто барои марҳилаи хотимавии ташаккули халқият хуруҷи неруи фаъол зарур аст. Аз ин ҷост, ки хуруҷи неруҳои фаъол на фақат халқиятҳоро нобуд месозад, балки он халқиятҳое, ки дар маркази хуруҷи неруи фаъол воқеъ ҳастанд, наҷот дода, аз маҳвшавӣ эмин менамояд. Дар ин ҷо рафти фаъоли ташаккули халқиятҳо ба анҷом мерасад.

Ҳангоми нишон додани нақши хотира дар ҳифзи нодирият назарияи хуруҷи неруҳои мусбат ва манфӣ ҷолиби таваҷҷуҳ ҳастанд, ҳарчанд ки маънидоднамоии таҳаввулоти иҷтимоӣ дар биосфера чандон номушаххас ба назар мерасад.

Мавриди зикр аст, дар вақти нишон додани сабабҳои карахтии иҷтимоии давраи муайяни таърих, муаллиф ба усули давродавр такя намуда, дуруст таъкид намудааст, ки маҳз номусоидии шароити таърихӣ сукути моддию маънавии давраи номбурдаро муайян намудааст.

Ба чунин фикри ӯ албатта ақоиди олимон Ҷ. Вико, О.Шпенглер, А.Тойнби, ки пешрафти таърихро чун гирдгардиши тамаддунҳо маънидод менамуданд, таъсири амиқ расонидааст. Инчунин, он халқҳое, ки одатан муҳаққиқони аврупоӣ чун халқҳои қафомонда ҳисоб мекарданд, дар асл халқҳои нодир буда, давраи шукуфоӣ ва таназзули худро аллакай гузаштаанд.

Мавриди баррасии қисмати таназзули халқият дар масоили иҷтимоият, хусусияти фарққунандаи тамаддуни имрӯза қаноатмандии аксари мардум аз ҳаёти бофароғати худ мебошад, ки худро аз талотуми ҳаёти иҷтимоӣ канор мегиранд ва ин чун нишонаи заиф гаштани унсури фаъоли иҷтимоӣ шинохта мешавад. Тафовут байни кирдори бошуур ва рафтори эҳсосноки халқиятҳо дар он аст, ки омили аввал ба қонуни инкишофи худихтиёрии ҷамъият тобеъ бошад, омили дуюм ба омилҳои табиӣ вобаста аст. Дар натиҷа насли фаъол ташаккул меёбад, лекин тадриҷан аз сабаби муқовимати муҳит ва ҷомеа суръати фаъолнокиаш суст мегардад.

**Муқарриз: *Турсунов Ф.А..* – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти ДИС ДДТТ**

**АДАБИЁТ**


1. Белл Даниэл. Грядущее постиндустриального общества М., 1988.- с.103-107
2. Гумилев Л. Н. Этногенез в аспекте географии (ландшафт и этнос: IX) // Вестник Ленинградского ун-та. - 1970. - N 12, вып. 2.: Геология, География. - с.88-93.
3. Гумилев Л. Н. Бахрам Чубин (опыт критики источников) // Проблемы востоковедения. - 1960. - N 3. - с.228-241
4. Тойнби Арнольд. Теория локальных цивилизаций М., 1990 - с.76-79
5. Тоффлер Олвин. Цивилизация третьей волны. М., 1990 - с. 44-45
6. Турсунов А. Эъёи Ажам. Д., 1984 - с.47-51
7. Тард Г. Общественное мнение и толпа. М., 1992
8. Фененко Ю.В. Введение в социологию Учебное пособие.– Волгиздат., 2003
9. Фененко Ю.В. Социология в вопросах и ответах. Учебное пособие. /В соавторстве/. - М., ВИУ. 2001 99.
10. Фененко Ю.В. Социология Учебное пособие в схемах - М., ВИУ. 2000
11. Фромм Э. Человек для себя самого.// Психоанализ и этика. М.: Республика, 1993.С.157
12. Шпенглер О. Закат Европы т.1, М., 1988.- с.58-64
13. Шендрик А.И. Теория культуры: Учебное пособие для вузов. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, Единство, 2002.
14. Шикман А.П. Деятели отечественной истории. Биографический справочник. Москва, 1997 г. 109.
15. Энциклопедический социологический словарь. М., 1995.


## РОҶЕЪ БА ТАНОСУБИ ОМИЛҲОИ ҚОНУНИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ ВА НАМУДИ БИОЛОГӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ҶОМЕАИ МУОСИР


Дар мақолаи мазкур таносуби омилҳои қонуниятҳои иҷтимоӣ ва биологӣ дар ташаккули ҷомеаи муосир баррасӣ карда шудааст. Ақида пешниҳод мегардад, ки ҳарчанд баҳсу мунозираҳо оид ба он ки чӣ муҳимтар аст: қонуниятҳои иҷтимоӣ ё омилҳои биологӣ дар ташаккули Homo sapiens чун намуди биологӣ идома доранд, дар мақола таъкид мегардад, ки ҳам барои инсон ва ҳам барои ҳайвонот қонуниятҳои умумӣ вуҷуд доранд, ки дар ҳамбастагии зич бо табиат, ашё ва неру мебошанд. Аммо инсон аз дигар мавҷудоти зинда бо он фарқ мекунад, ки қариб ҳамаи неъматҳое, ки барояш зарур аст, ӯ тавассути меҳнат ба даст меорад. Инсон бо табиат на танҳо чун мавҷудоти биологӣ, балки инчунин чун мавҷудоти иҷтимоӣ дар иртибот қарор дорад. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки мавриди баррасии қисмати таназзули халқият дар масоили иҷтимоият, хусусияти фарққунандаи тамаддуни имрӯза қаноатмандии аксари мардум аз ҳаёти бофароғати худ мебошад, ки худро аз талотуми ҳаёти иҷтимоӣ канор мегиранд ва ин чун нишонаи заиф гаштани унсури фаъоли иҷтимоӣ шинохта мешавад. Тафовут байни кирдори бошуур ва рафтори эҳсосноки халқиятҳо дар он аст, ки омили аввал ба қонуни инкишофи худихтиёрии ҷамъият тобеъ бошад, омили дуюм ба омилҳои табиӣ вобаста аст. Дар натиҷа насли фаъол ташаккул меёбад, лекин тадриҷан аз сабаби муқовимати муҳит ва ҷомеа суръати фаъолнокиаш суст мегардад.



**Калидвожаҳо:** шукуфоии халқият, таназзул, қонуниятҳои иҷтимоӣ, ирсият, биосфера, давраи рушд, инқироз, шом, муҳити худӣ, ватани аҷдодӣ.


## К ВОПРОСУ СООТНОШЕНИЯ ФАКТОРОВ СОЦИАЛЬНЫХ ЗАКОНОМЕРНОСТЕЙ И БИОЛОГИЧЕСКОГО ВИДА В СТАНОВЛЕНИИ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА


В данной статье рассматриваются соотношения факторов биологического вида и социальных закономерностей в становлении современного общества. Выдвигается мысль том, что хотя продолжаются споры о том, что важнее в становлении Homo sapiens как биологического вида - социальные закономерности или биологические факторы, подчеркивается тезис о том, что существуют общие закономерности, как для человека, так и для других живых существ, которые находятся в тесной связи с природой, предметами и энергией. Но человек добывает себе пропитание и все земные блага, необходимые ему, посредством

собственного труда. Автор приходит к выводу о том, что причины деградации народностей относительно проблем социализации кроются в том, что большинство людей довольны своей отрадной жизнью и отдаляются от суеты социальной жизни и это признается как знак ослабления активного социального элемента. Разница между осознанным поведением и эмоциональным поведением народностей состоит в том, что первый фактор подчиняется закону добровольного развития общества, второй фактор зависит от природных факторов. В результате формируется активное поколение и постепенно ослабляется скорость их активности.

**Ключевые слова:** расцвет народностей, упадок, социальные закономерности, наследственность, биосфера, периоды развития, закат, родной климат, родина предков.

**TO QUESTION OF THE CORRELATION FACTOR SOCIAL REGULARITIES AND BIOLOGICAL TYPE IN FORMATION MODERN SOCIETY**

In given article are considered correlations factor biological type and social regularities in formation modern society. Vidvigaetsya thought that that though last the disputes about that that importent in formation Homo sapiens as biological type - a social regularities or biological factors, is emphasized thesis about that that exist the general regularities, both for person, and for other alive creature, which are found in close relation with nature, subject and energy. But person gains itself food and all creature comfortses, necessary him by means of own labour. The author comes to the conclusion that the reasons for the degradation of nationalities in relation to the problems of socialization lie in the fact that most people are satisfied with their joyful life and move away from the bustle of social life, and this is recognized as a sign of the weakening of an active social element. The difference between the conscious behavior and the emotional behavior of nationalities is that the first factor obeys the law of the voluntary development of society; the second factor depends on natural factors. As a result, an active generation is formed and the rate of their activity is gradually weakened.

**Keywords:** the bloom of the nationalities, decay, social regularities, heredity, biosfera, periods of the development, sundown, native climate, native land.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирбобоева Т.Х.*-** Донишгоҳи иқтисод ва савдои Донишкадаи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, дотсенти кафедраи ҷомеашиносӣ. **Суроға: Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169.Телефон:**+992928731380**
**Сведения об авторе: Сведения об авторе:** ***Мирбобоева Т.Х.*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде, доцентт кафедры общественных наук. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169. Телефон:**+992928731380**

**Information about the author:** ***Mirboboeva T.Kh.*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, Associate Professor of the Department of Social Sciences. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 169. Phone: **+992928731380**

**УДК: 101(075.8)**

# МУАММОИ ЗИДДИЯТ ВА НИЗОЪҲОИ ИҶТИМОӢ

***Саидова С. Н.***
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд**

Масъалаи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар тамоми тӯли таърих яке аз муаммоҳои бунёдии фалсафа маҳсуб меёбад. Андешаи Гераклит оид ба он, ки “Кайҳон (олам) бекарона ҳамеша буд, ҳаст ва боқӣ мемонад... вай мисли отшаест, ки алангааш гоҳе фурӯзон ва гоҳе хомӯш мегардад... ҳама чиз дар ҳаракат аст ва тағйир меёбад” [14, с.67] заминаи ба вуҷуд омадани парадигмаҳои гуногуни дарки фалсафии олам гаштааст. Ин муаммои куҳан дар замони зудмутағайири муосир ҳамчун инъикоскунандаи ҷараёнҳои мухталифи ҳастӣ ва манбаи ҳар гуна тағйирёбиҳо ҳам дар табиат ва ҳам дар ҷамъият имрӯз низ аҳамияти худро гум накардааст.

Дар замони вусъатёбии раванди ҷаҳонишавӣ муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоии байни афрод, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, давлатҳо ва ҷомеаҳо зери фишори омилҳои гуногун қарор дошта, паҳлуҳои нави то ҳол ба таври бояду шояд таҳқиқнагаштаи он ҳувайдо мегарданд. Ба андешаи мо, қабл аз ҳама бояд назария ва

методологияи таҳқиқи онҳо аз нав дарк карда шуда, парадигмаҳои ҷадиди илмӣ эҷод гарданд, ки онҳо тарзи нави дарк намудан, ҳукму хулосаҳо дар бораи рушди ояндаи соҳаҳои гуногуни ҷомеаро дар бар гиранд.

Зарурияти азнавдарккунии муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ ба он вобаста аст, ки баробари заиф гаштани мавқеи фалсафаи марксистӣ дар як давраи муайян дар афкори фалсафӣ беэътиноӣ нисбат ба ин муаммо зуҳур ёфт. Сабаби асосии чунин ҳолат дар он буд, ки гӯё ин мавзӯъ маҳсули фалсафаи марксистӣ-ленинӣ буда, маърифати он барои рушди илм ва ҷомеа манфиатнок нест. Чунин андешаҳо ҷараёни маърифатро сӯйи роҳи "сарбастагӣ"-и назариявию методологӣ ҳидоят намуданд, зеро муаммои зиддиятҳо, аз ҷумла зиддиятҳои иҷтимоӣ, дар таърих решаҳои амиқ доранд. Таълимоти фалсафаи Ҳинду Чин оид ба "бонизомӣ ва бенизомӣ дар Кайҳон", ҳикмати оини Зардуштия дар бораи муборизаи некиву бадӣ, муборизаи нур ва зулмот дар фалсафаи Монӣ, баробариву нобаробарӣ дар таълимоти маздакия, андешаҳои оламшумули Ҳераклит оид ба он, ки "олами мавҷуда ба тарафҳои мутақобила тақсим мешавад ва тақсимшудагон ба ҳам меоянд ва ин - зеботарин мутавозинии дар ҳастӣ мебошад", аз он далолат медиҳанд, ки муаммои зиддият аз қадим дар афкори фалсафӣ ҷой доштааст. Аз ин лиҳоз, муаммои зиддиятҳои фақат "мол"-и фалсафаи марксистӣ-ленинӣ нест ва аз он рӯй гардонидан тафаккури моро оид ба сирру асрори ҳастӣ хароб мегардонад.

Зиддиятҳои иҷтимоӣ дар фалсафаи даврони Шӯравӣ ба ду гурӯҳи калон – антагонистӣ ва ғайриантагонистӣ ҷудо карда мешуданд. Зиддиятҳои ҷомеаи сотсиалистӣ ба гурӯҳи зиддиятҳои ғайриантагонистӣ мансуб дониста шуда, онҳо бидуни муборизаи тарафҳои мутақобила, бо роҳи ислоҳи камбудиҳо, такмил додани ҳаёти иҷтимоӣ ҳал мегаштанд. Номувофиқати муносибатҳои иҷтимоӣ ба сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, номутавозинии талабот, манфиат ва истеҳсолот, қафомонии шуури ҷамъиятӣ аз ҳастии ҷамъиятӣ тафовути байни меҳнати ҷисмонию фикрӣ, фарқияти байни шаҳру деҳот ҳамчун зиддиятҳои ғайриантагонистии ҳаёти иҷтимоӣ арзёбӣ мешуданд. Аслан, чунин фаҳмиши зиддиятҳо на он қадар ба принсипҳои диалектика мувофиқ буд, зеро ягон зиддият, аз он ҷумла зиддиятҳои иҷтимоӣ бе мавҷудияти тарафҳои ба ҳам мутақобил, муборизаи наву куҳна вуҷуд дошта наметавонад ва аз ин лиҳоз дар бораи онҳо ҳамчун манбаи тағйирёбиву инкишоф сухан кардан маъно надорад. Шояд яке аз сабабҳои ба ҳолати карахтӣ, стагнатсия ва ҳолати номутавозинӣ гирифтор гаштани ҳаёти иҷтимоии солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ, аз он ҷумла дар ҷомеаи Тоҷикистон ҳам дар ҳамин мавқеъгириҳои назариявӣ ниҳон бошад.

Раванди азнавдарккунии назария ва методологияи муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки ҷараёни тарафҳои мутақобил дар зиддиятҳо на фақат якдигарро тақозо ва истисно менамоянд, балки ба якдигар таъсир расонида, ҳамдигарро аз лиҳози маънӣ бой мегардонанд. Аслан, агар мо ба таърихи ташаккули назарияи зиддият назар андозем, андешаи мазкур нав нест, зеро дарки чунин масъаларо мо оғоз аз фалсафаи Ҳинду Чин, фалсафи бостони тоҷик, натурфалсафаи Юнони қадим сар карда то диалектикаи Ҳегелу Маркс мушоҳида карданамон мумкин аст. Аммо солиёни дароз чун натиҷаи тахрибкориҳои мафкуравӣ дар афкори иҷтимоӣ-фалсафӣ дар доираи қазовати амали қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зиддҳо, хусусан дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсии даврони

Шӯравӣ, ақидае ҳукмрон буд, ки тибқи он дар муборизаи тарафҳои ба ҳам муқобил яке аз онҳо тарафи дигарро пахш менамуд ва ғалаба мекард (*ба ёд меорем шиори болшевиконро “Мо ҳамаро то бунёдаш шикаст медиҳем ва дунёи дигар бунёд менамоем” ё шиори назҳатиёни исломӣ “Тоҷикистонро метарконем ва давлати дигар бунёд менамоем”).* Шояд дарки муборизаи мутақобилаи зиддиятҳо то лаҳзаи пахш намудан ва ғалабаи яке аз тарафҳо ҳангоми қазовати зиддиятҳо дар табиат дуруст бошад, аммо таҷрибаи муосир нишон медиҳад, ки чунин тарзи фаҳмишро ба таври механикӣ барои ҳалли зиддиятҳои иҷтимоӣ татбиқ намудан аз лиҳози методологӣ нодуруст мебошад. Агар чунин фаҳмиш дар тафаккур боло гирад, он гоҳ зиддият сабаби низоъҳои иҷтимоӣ мегардад, ки боиси талафот ва қурбониҳои зиёд мегардад. Мисоли равшани онро мо дар оқибатҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дида метавонем. Дар натиҷаи ин ҳодисаи ба сари миллати тоҷик ба дасти душманон бор гардида, (падидаи таҳмилӣ) Тоҷикистон талафоти молию ҷонӣ дод, ки онро бо ягон меъёри арзиш муайян карда намешавад.

Нуктаи дигаре, ки бояд дар азнавдарккунии назария ва методологияи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ ба инобат гирифта шавад, ин тағйир додани муносибат ба ин падидаҳои иҷтимоӣ мебошад, яъне дар зиддият ва низоъ на фақат қувваи сӯзанда, вайронкунанда, балки созанда, бунёдкунандаро низ дида тавонистан зарур аст. Дар амалия сарҳади ба назар нонамоёни қувваи сӯзандагиву созандагии зиддиятҳо ва низоъҳоро дида тавонистан зарур аст. Барои ин зарур аст, ки манбаъҳои сар задани зиддият ва низоъҳо саривақт муайян карда шуда, онҳо пешгирӣ карда шаванд.

Аз андешаҳои дар боло зикргардида, метавон хулоса баровард, ки ин муаммои куҳан, ки ҳамеша дар маркази қазоватҳои фалсафӣ ҷой дошта, пайгири ҳаёти одамон ва ҷомеаҳо будааст, дар замони мо ҷанбаҳои наверо касб менамояд ва он ба яке аз муаммоҳои меҳварии фалсафаи иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Мисли он ки “дар зинаҳои хеле поёнии инкишофи ҷомеае одамон дар сатҳи ҷаҳонбинии асотирӣ тайирёбиҳоро эҳсос менамуданд, вале сабаби онҳоро муайян карда наметавонистанд” [13, с.31], “имрӯз ҳам дар бораи манбаи ҳаракатдиҳандаи таҳаввулоту тараққиёт баҳсу мунозираҳо идома доранд” [3, с.354].

Дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва модернкунонии ҷомеа олам ҳар лаҳза дигаргун мегардад. Дар ин раванд, вақте ки сухан аз боби тағйирёбиҳои куллӣ меравад, субъекти маърифат ҳамеша ба масъалаи қонуни зиддият рӯ ба рӯ мегардад. “Мувофиқи ин қонун, ки меҳвари диалектика ба шумор меравад, ҳеҷ гуна сабабгор ва муҳаррики берунӣ дар ҳастӣ вуҷуд надорад, балки ҳар як чиз ва ҳодиса зиддиятҳои дохилии хос дошта, ҳам дар ҳолати ягонагӣ, ҳам дар таъсири мутақобилаю мубориза бо ҳамдигар қарор доранд. Ягонагӣ ва зиддияти дохилии чизҳо ва ҳодисаҳо ягона омили пешрафту такомул дар олам мебошанд [10, с.144].

Дарки қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо ҳамчун ҳодисаи тақозокунандаи тарафҳои ба ҳам мутақобил ва робитаи куллии ашёву ҳодисаҳои олам дар марҳилаи пойдор шудани илм ташаккул ёфта, моҳияти ҷараёни таҳаввулоту тараққиётро дар олами воқеӣ дар бар гирифта, дар он ҷанбаҳои мушаххаси ҳастии олам, муташаккилӣ ва мутаҳаррикии он инъикос меёбад. Таҷрибаи андухтаи инсоният дар ҷараёни маърифати олам собит менамояд, ки воқеияти айнӣ дар шуури инсон чун падидаи зинда ҳама вақт дар тағйир, ивазшавӣ, ҳаракат, зиддиятҳо инъикос гардида, ҳамзамон ҳаллу фасл мегардад.

Таҳқиқи қонуни зиддият дар фалсафа ҳамеша яке аз масъалаҳои душворфаҳм

буд ва боқӣ мемонад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар консепсияҳои гуногуни фалсафӣ муносибат ба муаммои зиддиятҳо якхела нест. Агар мазмуни асосии андешҳоро оид ба қонуни зиддият ва муборизаи тарафҳои ба ҳам мутақобил ба таври фишурда баён намоем, ин қазоватҳо чанд нуктаро дар бар мегиранд.

Тибқи ҷаҳонбинии динӣ, манбаи ҳар гуна тағйирёбиву инкишоф берун аз ашёву ҳодисаҳо, дар Худо ва роҳе, ки Ӯ муайян намудааст, ҷойгузин аст. Талқини дигар ба фалсафаи ғояпарастонаи объективӣ вобаста буда, тибқи муқаррароти он ҳар гуна тағйирёбӣ ва инкишоф дар "рӯҳи мутлақ" ё "хиради ҷаҳонӣ" ба амал меояд. Аммо назари намояндагони фалсафаи ғояпарастонаи субъективӣ дигар аст. Онҳо зиддиятро хосси тафаккури инсон дар раванди маърифати олам меҳисобанд. Чунин талқини зиддиятҳо аз охири нимаи дуюми асри XIX оғоз гашта, дар замони муосир шеваи нав пайдо намудааст. Масалан, дар нимаи дуюми асри XIX Е. Дюринг таъкид намуда буд, ки "зиддият ба ҳеҷ ваҷҳ дар воқеияти айнӣ вуҷуд дошта наметавонад, он (зиддият. С.С) "ҳамчун мақулаи фалсафӣ натиҷаи комбинатсияи фикри инсон мебошад" [12, с.122]. С. Хук низ пайгири ҳамин ақидаҳо буда, чунин меҳисобад, ки истифодаи мафҳуми зиддият дар раванди маърифати олам падидаи шубҳанок аст, зеро аз замони Арасту маълум буд, ки зиддият ба соҳаи мантиқ тааллуқ дошта, фақат мафҳум, ҳукм ва хулоса ба ҳамдигар зид шуда метавонанд [5, с.58].

Намояндаи фалсафаи мусбатгароӣ К. Поппер зиддиятҳоро "қувваи сеҳрнок" номида, онҳоро берун аз ашёву ҳодисаҳо, дар тафаккури инсон ҷой медиҳад. Ӯ таъкид менамояд, ки на кадом як қувваи сеҳрнок дар дохили ҳодисаҳо, на муташанниҷ гаштани муносибати тарафайни ҳодисаҳо, балки қарор ва норозигии қатъӣ оид ба зиддиятҳо моро водор менамояд, ки мавқеъҳои навро ҷустуҷӯ намоем ва аз муаммои зиддиятҳо худро дар канор гирем [5, с.58]. Ва ин мавқеи навро К.Поппер дар олами ғояҳо, дар тафаккури субъекти фикркунанда ҷустуҷӯ менамояд.

Тавре мебинем, дар ин андешаҳо моҳиятан ғоя дар бораи инкори зиддият дар воқеияти айнӣ побарҷост. Аммо вусъатёбии пешрафти илмҳои табиатшиносӣ ба мо дар бораи ягонагӣ, ба ҳам алоқамандӣ, бисёрсамтии тағйирёбиҳо ва инкишоф ҳамчун раванди муборизаи тарафҳои ба ҳам мутақобила далелҳои раднопазир пешниҳод менамоянд. Ба ин далелҳо такя намуда, ботил будани андешаҳоро оид ба инкори мавҷудияти зиддиятҳо дар воқеият исбот намудан мумкин аст. Рӯй меорем ба ҷараёни ***ассмилятсия ва диссимилятсия*** дар созвораҳои зинда. **Диссимилятсия** таҷзияи моддаҳои органикӣ дар огранизми зинда ва ба пайвастагиҳои нисбатан хурд ҷудо шудани онҳо буда, дар натиҷаи он созвора бо сафедаҳо, равған, углеводҳо, пептидҳо, аминокислотаҳо, глитсерин ва ғайраҳо таъмин мегардад. **Ассмилятсия** бошад, ҷараёни азхудкунӣ (синтез кардан), ҷабидани моддаҳои органикӣ дар натиҷаи диссимилятсия ҳосил шуда, аз тарафи организм мебошад. Дар натиҷаи робитаи мутақобилаи ассмилятсия ва диссимилятсия пайвастагие ҳосил мешавад, ки он дорои қувваи бузург буда, организми зиндаро бо энергия таъмин менамояд ва ин ҷараён хислати муттасилӣ дорад.

Дар табиати зинда сохтор ва низомҳои махсуси муташаккил ҷой доранд, ки мавҷудияти онҳо амали тарафҳои мутақобиларо танзим менамояд. Масалан, мембранаи эритроситҳои системаи асаб ионҳои натрийро аз ионҳои калий фарқ менамоянд, гарчанде онҳо ҳаҷман як хел ва дорои энергияи якхела мебошанд. Мембранаи ин ҳуҷайраҳо ба ионҳои калий имконият медиҳад ва ҳатто "кумак"

менамояд, ки онҳо ба ҳуҷайраҳо ворид шаванд, аммо ба ионҳои натрий зиддият нишон дода, намегузорад, ки он ба ҳуҷайраҳои системаи асаб ворид шавад.

Дар ҳуҷайраҳои растаниҳои сабз сохтори чунин органеллаҳо, ба мисли хлоропластҳо ва митохондрияҳо мавҷуданд, ки вазифаҳои хосси худро иҷро менамоянд. Хлоропластҳо вазифаи таъмини алоқамандии энергияи офтобро ба ҷараёни фотосинтез иҷро менамояд, митохондрияҳо бошанд, моддаҳои зарурие мебошанд, ки дар ҷараёни фотосинтез ҳосил мешаванд ва ба организм интиқол медиҳанд. Тавре мебинем ин ду ҷараёни ба ҳам алоқаманд мебошанд, агар хлоропластҳо вазифаи худро иҷро накунанд, пас фаъолияти митохондрияҳо низ халалдор мегардад [3, с.20]. Бешак, ин ҷараёнҳо дар табиат новобаста ба майлу рағбат ва хоҳиши одамон ба вуқӯъ мепайванданд.

Ҳамин тариқ, ба назарияпардозиҳои зиёд оид ба инкори зиддият дар ашёву созвораҳо нигоҳ накарда, илмҳои табиатшиносӣ ба мо далелҳои муътамад пешниҳод менамоянд, ки ҳар гуна тағйироту инкишофи олами воқеӣ натиҷаи ба ҳам вобастагӣ ва муборизаи тарафҳои муқобил дар зиддиятҳо мебошад. Мисолҳои дар боло овардашуда ба мо имконият медиҳад, ки ду хулосаи муҳимми назариявӣ барорем. **Якум,** агар ҷараёнҳое, ки дар боло зикр гаштанд воқеан дар созвораҳо не, балки фақат дар тафаккури мо ҷой медоштанд, магар созвораҳои органикӣ бақои худро таъмин карда метавонистанд? Мусаллам аст, ки не, зеро маҳз ягонагӣ, робитаи куллӣ ва зиддияти тарафҳои мутақобили ин ҷараёнҳо мавҷудияти онҳоро таъмин карда метавонанд. **Дуюм,** хулоса ин аст, ки сохтори дохили созвораҳои органикӣ чунин аст: тавассути тарафҳои ба ҳам муқобили якдигарро тақозокунанда муназзамии инкишофи онҳо таъмин мегардад. Албатта, зери таъсири омилҳои муайяни беруна баъзан ин мутавозинӣ якчанд вақт халалдор гаштанаш мумкин аст, аммо созвора бо роҳи зиддият нишон додан ба ин шароитҳо мутобиқ мешавад ва мавҷудияти худро идома медиҳад.

Ҷомеашиноси муосир Н. Луман чунин меҳисобад, ки дар бораи зиддиятҳо андешаҳои бисёр баён гаштаанд, аммо то ҳол маълум нест, ки зери ин мафҳум чӣ дар назар дошта шудааст. Ба фикри муҳаққиқи мазкур, пеш аз он ки ба саволи “Зиддият чист?” ҷавоб гӯем, муайян намудан зарур аст, ки дар низоми ҳастӣ (Н.Луман бештар низоми иҷтимоиро дар назар дорад. С. С.) тағйиротҳо ё тавре имрӯз қабул шудааст, ҷараёни трансформатсия ба назар мерасад ё не? Агар ҷавоб мусбӣ бошад, пас ба саволи дигар ҷавоб гуфтан лозим аст, яъне манбаъ ва такондиҳандаи ин тағйиротҳо дар дохили ҷараёнҳоянд ё берун аз онҳо? [7, с.270]. Андешаи арзишманди Н. Луман дар доираи мавзӯи баррасишаванда аз он иборат аст, ки ӯ дар назарияи низоми иҷтимоии хеш ҷомеаро ҳамчун низоми худтаъминкунанда, худҳаракаткунанда, худинкишофёбанда арзёбӣ менамояд, яъне манбаи тағйироту инкишоф дар номувофиқӣ, яъне зиддиятнокии сохтори низоми иҷтимоӣ муайян менамояд. Маҳз номувофиқати сохтор, возеҳтар зиддияти байни унсурҳои сохтор, низомҳои иҷтимоиро такон медиҳанд, аз ҳолати мутавозинӣ берун меоранд. Барои тасдиқи ин андешаи Н.Луман дур рафтан зарур нест. Агар мо ба ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон назар андозем, маҳз номувофиқӣ дар сохтори иҷтимоиву сиёсӣ, фалаҷ гаштани бархе аз унсурҳои он (давлат, ҳокимияти қонунбарор, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, судӣ ва ғайраҳо) сабаби ба ҳолат аномиягӣ дучор гаштани ҷомеаи мо гашт.

Н. Луман ҷомеашиносӣ ҳақгӯй аст, ӯ ҷонибдори фалсафаи марксистӣ нест, аммо ӯ ҷонибдори парадигмаи диалектикии маърифат мебошад, ки мағзи онро қонуни зиддият ташкил медиҳад. Ӯ таъкид менамояд, ки маҳз дарки илмии қонуни зиддият имконияти сарфаҳм рафтанро ба умқи ҷараёнҳои мураккаб дар фазою вақт, сабабу оқибат, моҳияту зуҳуроти равандҳои ҷадиди низомҳо фароҳам меоварад.

Чунин дарки муаммо имконият медиҳад таъкид намоем, ки шикасти низомҳои бузурги иҷтимоию сиёсӣ, аз байн рафтани империяҳо, рақобати оштинопазир байни абарқудратҳо, арзи вуҷуд намудани ҳар гуна ҳаракатҳои иртиҷоии характери террористиву экстремистидошта ва ба воқеият табдил ёфтани ҷангҳои шадиди иттилоотӣ - ҳама зуҳури зиддиятҳои иҷтимоӣ дар манфиат, талабот, кӯшиш, майлу рағбати афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоиву сиёсии алоҳида барои дастрасӣ ба ҳокимият, манфиатҳои геополитикӣ ва неъматҳо мебошад. Пас, мо гуфта метавонем, ки зиддият фақат хосси тафаккури инсон аст? Ба андешаи мо, не. Зеро қонуни зиддият мазмуни воқеӣ дорад, он ҳолатеро ифода менамояд, ки он дар воқеият вуҷуд дорад. Чунин фаҳмиши масъаларо тавре дар боло ишора намудем, мо ҳанӯз дар фалсафаи классикӣ вохӯрданамон мумкин аст.

Дар ин росто, зикр кардан зарур аст, ки оид ба қонуни зиддият Афлотуну Арасту фарогиртар андешаҳояшонро баён намудаанд. Аммо муҳаққиқон С. Хук, Р. Кариш ва дигарон дар талқини андешаҳои онҳо, тавре дар боло таъкид намудем, ба тахрибкорӣ роҳ медиҳанд. Арасту дар бораи зиддият дар тафаккур дар раванди маърифати олам сухан мегӯянд. Ӯ чунин менигорад: “Мумкин нест, ки як чизи ба ҳам зид дар як вақт ҳам ҳақ ва ҳам дурӯғ бошад” [11, с.100]. Агар диққат диҳем, Арасту аввал дар бораи “чиз” мегӯяд, пас ҳукму хулоса дар бораи ҳақ ё дурӯғ будани он баровarda мешавад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки “ҳақ” ва “дурӯғ,” ҳамчун сифату ҳолати чиз на дар тафаккур, балки дар худи чизҳо ҷойгир аст. Дар тафаккур ин ду ҷиҳати муқобил ба ҳам бармехӯранд ва инъикос мегарданд, яъне дар ин раванд чиз маърифат карда мешавад.

Муҳаққиқон Н. Саид, С. Аҳмадов ва М. Назаров дар китобашон “Мантиқ” ҳамин андешаро баён намуда, таъкид менамоянд, ки қонуни зиддият воқеиятро ифода мекунад, зеро дар воқеият як сифат ва хусусият дар айни ҳол наметавонад ҳам вуҷуд дошта бошад ва ҳам вуҷуд надошта бошад, ҳақ ва дурӯғ нисбати як чиз ҳукм карда шавад. [12, с.10]. Дар ин ҷо низ, ба андешаи мо, муқаддам будани чиз нисбат ба зиддияти сифату хосияти он таъкид мегардад.

Муҳимтарин вазифаи илми мантиқ – муайян кардани муносибати тафаккури инсон ба воқеият, ба ҳақиқат мебошад. Баъзан нисбати ба тафаккури инсон мансуб будани зиддиятҳо ишора намуда, таъкид менамоянд, ки ҳар гуна тазоҳуру тағйирот аввал дар шуури инсон ба вуҷуд меоянд. Дуруст аст, аммо майли тазоҳуру тағйирот дар майнаи сари инсон дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд намеоянд. Вақте ки ҳастии воқеӣ ба инсон имконият намедиҳад, ки талаботҳояшро қонеъ гардонад, дар шуури ӯ тарҳи дигаргун намудани олами хеш пайдо мешавад. Масалан, дар ҳаёти иҷтимоии муосир ин раванд дар он зуҳур меёбад, ки сиёсатмадорони Ғарб мехоҳанд иттиҳоди устувору ягонаи давлатҳои Аврупоро ташкил диҳанд. Аммо бубинед, дар ин ҷараён давлатҳои аврупоӣ ба чӣ гуна муаммоҳову зиддиятҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Аз як тараф, зиддияти байни давлатҳои тараққикарда, ба монанди Олмон, Фаронса, ҷараёни “ҷудоихоҳӣ” (брексит) дар Англия ва аз тарафи дигар – зиддияти шадид

байни давлатҳои Аврупо, ИМА ва Русия. Оё мо метавонем тасдиқ намоем, ки ин зиддиятҳо фақат дар тафаккури президентҳо, сарвазирҳо, сенаторҳо ҷой доранд. Ба фикри мо не, зеро зиддиятҳои бамиёномада инъикоскунандаи воқеияти ҷомеаи аврупоист, ки ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ва аз ин ҳам муҳимтар, ба манфиатҳои геополитикӣ, мустаҳкам намудани мавқеи худ дар бозори ҷаҳонӣ иртибот доранд.

Таҳқиқи муаммои зиддиятҳо на фақат ба мушкилиҳои гносеологӣ, балки методологӣ низ рӯ ба рӯ гаштааст. Солҳои охир ба доираи маърифати иҷтимоӣ ба таври фаъол мафҳуми "низои иҷтимоӣ" ворид гашт. Ба андешаи мо, ин раванд аз як ҷиҳат ба шиносоии ҷомеашиносони мо ба назарияи низои иҷтимоии ҷомеашиносони Ғарб вобаста бошад, аз тарафи дигар, он ба ниёзмандиҳои ҷомеаи муосири тоҷик оид ба тезтар дарёфт намудани роҳу усулҳои ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст. Умуман, ҳарду ҷиҳати масъала низ қобили қабул аст. Аммо дар ин раванд, масъалаи дигаре ба миён омадааст, ки зарурияти таҳлили ҷанбаи методологии масъаларо тақозо менамояд. Дар ин маврид сухан дар бораи моҳияту мазмуни мафҳумҳои "зиддияти иҷтимоӣ" ва "низои иҷтимоӣ" меравад. Аз нуқтаи назари методологӣ дар ин ҷо ташвишовар ин аст, ки баробари дар илмҳои ҷомеашиносӣ ба таври фаъол истифода гаштани мафҳуми "низои иҷтимоӣ" аз ҷониби бархе таҳқиқотчиён истифодаи мафҳуми "зиддиятҳои иҷтимоӣ" зери шубҳа гирифта шуда, андеша баён мегардад, ки он ба мафҳуми "низоъҳои иҷтимоӣ" иваз карда шавад [15].

Ин ғояро ҳаргиз пазируфтан лозим нест, зеро ин мафҳумҳо дараҷаҳои гуногуни ҳодиса ва ҷараёнҳои воқеияти иҷтимоиро ифода менамоянд. Агар зиддиятҳои иҷтимоӣ тарафҳои муқобилро дар муносибатҳои иҷтимоӣ ифода намоянд, низои иҷтимоӣ шакли зуҳури зиддиятҳо дар воқеият мебошад.

Дар талқини мафҳумҳои "зиддият" ва "тарафҳои муқобил" низ баъзе нофаҳмиҳо ҷой доранд. Муҳаққиқ Ю.П. Жданов чунин менигорад: "Зиддиятҳои диалектикӣ дар раванди инкишофашон ҳамчун ду қутби муқобили мустақил ба назар мерасанд" [6, с.36]. Ба андешаи мо, чунин талқини зиддият он қадар дуруст нест, чунки дар ин ҷо хислати ягонагии тарафҳои муқобил дар чизҳо ва ҳодисаҳо ба инобат гирифта нашудааст. Ба назар чунин менамояд, ки муҳаққиқи номбурда мафҳумҳои "зиддият" ва "тарафҳои муқобил"-ро ҳамрадиф ва то андозае муродифи якдигар меҳисобад, ки ин ақидаи ботил аст, зеро тарафҳои муқобил дар зиддиятҳо хислати ҳамдигарро тақозокунанда ва ҳамзамон истиснокунанда дошта на фақат мавҷудияти якдигарро тақозо менамоянд, балки ба ҳам таъсир расонида, мазмуни якдигарро ғанӣ менамоянд. Аз ин ҷиҳат тарафҳои муқобилро дар зиддиятҳо ҳамчун ҷиҳатҳои худ ба худ (новобаста ба якдигар) мавҷуда ҳисобидан мутлақо нодуруст аст. Ба назари мо, таносуби мафҳумҳои зиддият ва тарафҳои муқобилро муҳаққиқи рус А.П. Шептулин дуруст муайян намудааст: Ӯ қайд менамояд, ки " тарафҳои муқобил ин ду ҷиҳати ба ҳам зидди тағйирёбию инкишоф аст, зиддият бошад, робитаи мутақобилаи тарафҳои ба ҳам зид мебошад" [14, с.140]. Ин андешаро на фақат дар таҳқиқи зиддиятҳои табиат, балки ҳангоми омӯзиши зиддиятҳои иҷтимоӣ низ ҳамчун заминаи методологӣ мавриди истифода қарор додан ҷоиз аст.

Ҳамин тариқ, зиддиятҳои иҷтимоиро чунин таъриф додан мумкин аст. *Зиддиятҳои иҷтимоӣ – робитаи мутақобилаи тарафҳои ба ҳам зид дар муносибатҳои*

*иҷтимоӣ буда, онҳо дар манфиату талабот, майлу хоҳиши афрод, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ниҳодҳои иҷтимоӣ зуҳур меёбанд.*

Ҳамзамон, байни муҳаққиқон фаҳмиши ягонаи моҳияти мафҳуми "низоъ" низ вуҷуд надорад. Баъзе муаллифон онро ҳамчун "бархӯрди манфиатҳо", дигарон ҳамчун "антагонизм", сеюмин бошанд, "мубориза баҳри дастёбӣ аз неъматҳои моддию маънавӣ" ва ғайра тавсиф менамоянд. Чунин духӯрагиҳо дар талқини мафҳумҳо муаммоҳои печдарпечро ба миён оварда, имконияти муайян намудани мазмуну моҳият ва алоқамандии мафҳумҳои "зиддияти иҷтимоӣ" ва "низои иҷтимоӣ" – ро намедиҳад.

Мавзӯи низоъ яке аз масъалаҳои марказии фалсафаи баъдимусбатгароӣ мебошад. Масалан, Р.Дарендорф бар ақидаест, ки "моҳияти низоъ дар мақоми иҷтимоӣ қарор доштани гурӯҳҳои одамон мебошад, ки яке дорои ҳокимият ва ҳуқуқи идоракунӣ мебошаду дигар гурӯҳи иҷтимоӣ аз чунин имтиёз маҳрум ва ё кам дастёб шудааст" [14, с.142]. Ҷомеашинос Э. Гидденс таносуби мафҳумҳои "зиддияти иҷтимоӣ" ва "низои иҷтимоӣ"-ро таҳқиқ намуда, иброз доштааст, ки онҳо тамоюлоти гуногуни рушди ҳастии иҷтимоиро ифода менамоянд. Тибқи фаҳмиши ӯ, мафҳуми зиддияти иҷтимоӣ барои ифодаи ду ҳолат: 1) барои ифодаи зиддиятҳои сохторӣ; 2) барои ифодаи зиддиятҳои экзистенсиалӣ (мубориза барои мавҷудият) истифода мешавад [2, с.227]. Агар дар ҳолати якум ин мафҳум дезюнксия, яъне коҳишёбии принсипҳои сохтори низоми иҷтимоиро ифода намояд, дар ҳолати дуюм, аз боби мавҷудияти бехатарии низоми иҷтимоӣ сухан меравад.

Муҳаққиқи тоҷик М.У. Хидирова дар такя ба ғояҳои олимони рус А.Ансупова ва А. Шипилова таъкид менамояд, ки муқоисаи мафҳумҳои "зиддияти иҷтимоӣ" ва "низои иҷтимоӣ" имконият медиҳад, ки зиддиятро ҳамчун манбаи сар задани низоъ муайян намоем. Ин нукта хеле муҳим буда, онро мо мепазирем. Нуктаи муҳиме, ки М.Хидирова иброз доштааст ин аст, ки зиддият ҳамеша дар ҳолати статикӣ ё латентӣ (ноаён) вуҷуд дорад, гузаштан ба дараҷаи низоъ пӯёии (динамикаи) зиддиятро нишон медиҳад [14, с.227]. Аммо баъзе муҳаққиқон алоқамандии мафҳумҳои "зиддият" ва "низоъ"-ро ба инобат намегиранд. Масалан, муҳаққиқи тоҷик Абдулатипов У. Ҳ. чунин менависад: "Моҳиятан низоъ на аз мавҷудияти зиддият, балки аз муқобилияти тарафҳо ва роҳҳои бартарафкунии он муайян карда мешавад"[1, с.15]. Муҳаққиқи дигар Абдусамадов А. А. чунин меҳисобад, ки зиддият яке аз компонентҳои низоъ мебошад [2, с.10]. Бо чунин талқини зиддият розӣ шудан мумкин нест, зеро зиддият компоненти низоъ набуда, балки вайон, тавре ки М. У. Хидирова дуруст муайян менамояд, "сарчашма ва сабаби сар задани ҳар гуна низоъҳои иҷтимоӣ мебошад" [14, с. 28]. Яке аз асосгузорони назарияи низоъ Л. Козер низои иҷтимоиро ҳамчун мубориза, ки дар ҷараёни он яке аз тарафҳои муқобил тарафи дигарро бартараф намуда, ба он зарар мерасонад ва ҳатто ба нестӣ мебарад [15, с.32], баррасӣ менамояд. Хизмати шоистаи ҷомеашинос Л. Козерро дар бунёди назарияи низоъ таъкид намуда, дар баробари ин бояд қайд намоем, ки дар замони муосир ғояи шикасти тарафҳои муқобил дар зиддиятҳои иҷтимоиро ҳамчун парадигмаи методологӣ дар маърифати иҷтимоӣ истифода бурдан дуруст нест, зеро дар шароити ҷомеасозии муосир ва майли инсоният сӯйи бунёди ҷомеаи мутамаддин чунин василаҳо, ба монанди муколама, таҳаммулпазирӣ, созиш, ҳамдигарфаҳмӣ фишангҳои муҳимми ҳалли зиддиятҳои иҷтимоӣ ва таъмини эътидоли ҷомеа маҳсуб

меёбанд. Амали ин ғояро мо дар таҷрибаи сулҳофарии Тоҷикистон баръало эҳсос намудем. Дар ҷаҳони муосир ин аввалин таҷрибаи нодире буд, ки зиддияти иҷтимоӣ дар натиҷаи ҷусторҳои механизми ҳамдигарфаҳмии субъектҳои ба ҳам муқовиматкунанда ҳал карда шуд. Ғаризаи асосии ин раванд дар он буд, ки тарафҳои муқобил дарк намуданд, ки фақат ҳамдигарфаҳмӣ, созиш роҳи ягонаи халос намудани ҷомеа ва давлат аз садамаи иҷтимоиву сиёсӣ мебошанд.

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон зарурияти тағйири муносибат ва тафаккури қолабии муҳаққиқонро нисбат ба низоъҳои иҷтимоӣ собит намуд. Пеш аз ҳама, вақте ки дар бораи рушди муназзами ҷомеа сухан меравад, бояд сарҳади харобкориву бунёдкории зиддиятҳои иҷтимоӣ эҳсос карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳоро дарёфт намуда, аз онҳо ҳамчун қувваи созандаи ҷомеа истифода бурдан зарур аст. Аз ин рӯ ҳангоми корбаст намудани назария ва методологияи муосири маърифати иҷтимоӣ бояд дар назар дошт, ки мафҳуми "муборизаи тарафҳои муқобил" дар зиддиятҳои иҷтимоӣ маънои мутлақи задухӯрди ҷисмониро ифода наменамояд, балки он акнун саъю кӯшиш, ғайрат, ҷусторҳоро баҳри қонеъ гардонидани манфиатҳои афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ифода менамояд.

**Муқарриз: *Солиҷонов Р.* – доктори илмҳои фалсафа, ДИС ДДТТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдулатипов У.Ҳ. Низоъ ва таҳлили он. –Хуҷанд: Хуросон, 2016. - С. 13.
2. Абдусаматов А.А. Низоҳои иҷтимоӣ дар шароити трансформатсияи ҳаёти иҷтимоӣ Тоҷикистон: автореф. дисс. номз. илмҳои фалс. наук. -Душанбе, 2007. -С. 10.
3. Браши Ж. Ҳуҷайраи зинда. -М.,1966. -С. 20.
4. Гидденс Г. Сохтори ҷомеа Очерки назарияҳо оид ба сохторгаройӣ. -М., 2003. – С.227.
5. Горбач В.И. Муаммои зиддиятҳои диалектикӣ Наука. -М., 1972. -354 с.
6. Жданов Ю.П. Қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо моҳият ва ҷавҳари диалектика. Знание". -М., 1967. -С.36.
Бояд қайд кард, ки дар сатҳи ҷараёни таълим ва фаъолияти тарбиявию маълумотгирӣ, ба маънои васеъ, ташаккули мақсадноки ҷаҳонбинӣ ба амал меояд. Таҷрибаи тӯлонии педагогӣ далели он аст, ки робитаи байнифаннии фанҳои математикаю фанҳои табииро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ танҳо дар сурате амалӣ гардонидан мумкин аст, ки агар мустақилӣ ва моҳияти фанҳои таълимӣ ба инобат гирифта шаванд. Вобаста ба ин, дар сохтор ва мазмуни нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии фанҳо тағйирот бояд ворид кард. Дар барномаҳо ва китобҳои дарсии дидактика ва методикаҳои хусусӣ, ки дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ амал мекунанд, низ тағйирот ворид намуда, мавқеи робитаи байнифанниро ба таври мушаххас муайян кардан зарур аст. Ин масъала бояд ба фанҳои таълимии математика ва фанҳои табиӣ тааллуқ дошта бошад, зеро ин фанҳо дар иртибот мебошанд ва дар ҳаллу фасли масъалаҳои мухталифи донишандӯзӣ, бахусус фарҳанги техникӣ ва ҷаҳонбинии шогирдон мавқеи хосса пайдо мекунанд. Дар ин масъала ба инобат гирифтани тайёрии касбӣ - методии омӯзгорон ва омӯзгорони ояндаи соҳаи фанҳои математикаю фанҳои табиӣ яке аз шартҳои асосии таъмини робитаи байнифаннӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ мебошад.

Раванди алгоритмониро, ки хосси математика ва информатика аст, барои омӯзиши фанҳои дигари таълимӣ, чи табиӣ (бахусус информатика, география, химия ва физика) ва чи гуманитарӣ пурзӯр намудан лозим аст. Зеро, дар шароити фарогирии компютерии ҷомеа масъалаи барномасозӣ ва истифодаи дурусти барномаҳои компютерӣ, компютер ва техникаи ба он алоқаманд донишҳои математикӣ ва табиӣ-техникиро талаб мекунанд. Донистани методҳо ва усулҳои татбиқи математика ва информатика ҳангоми омӯзиши фанҳои табиӣ ва фаъолияти таҳлилию ҷамъбасткунии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ дар роҳи ҳалли масъалаҳои мухталиф мақсади муайян бахшида, онҳоро ба ташкили фаъолияти фикрӣ ва пайдарҳамии мантиқии амалиёт ҳидоят мекунад.

Масъалаҳои болоӣ дар мисоли робитаи байнифанни математика ва фанҳои табиӣ муоина карда мешавад, ки дар таҷрибаи тадқиқотии мо дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ санҷида шуда, натиҷаи ниҳоии хуб доданд. Дар хамин асос, мо модели дидактикии амалигардонии системаи робитаи байнифаннии математикаю фанҳои табииро тартиб додем, ки истифодаи васеи он аз аҳамият холӣ нест.

Шаклҳои ба роҳ мондани алоқаи байнифанниро бо математика дар дарсҳои математика ва баръакс ба шакли зайл пешкаш менамоем:

а) истифода бурдани маводи фанҳои табиӣ дар дарси математика;

б) аз методҳои математикӣ бамаврид истифода бурдан дар дарсҳои фанҳои табиӣ;

в) мавриди истифода қарор додани маводи фанҳои табиӣ барои тартиб додани машқҳо ва масъалаҳо;

г) истифодаи масъалаҳои тавсифи фанҳои табиӣ дошта дар дарсҳои математика ва методҳои математикии ҳалли онҳо;

д) истифодаи элементҳои таърихи математика ва фанҳои табиӣ дар дарс.

**Асосҳои психологӣ–педагогии равобити байнифаннии математика бо фанҳои табиӣ.** Дар луғатҳои педагогӣ, масалан [9], робитаи байнифаннӣ чун принсипи дидактикӣ ва шарти барқароркунии алоқамандӣ байни фанҳои гуногуни таълимӣ муайян карда мешавад, ки дар мактабҳои равияҳои гуногун омӯзонида мешаванд. Ғояи асосии барқароркунии робитаи байнифаннӣ, ҳанӯз пас аз Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр ба миён омада буд. Дар шароити сохтмони мактабҳои меҳнатӣ – политехникӣ таҷрибаи пурқимати истифодабарии алоқаи байни фанҳои гуногун барои таълими ин фанҳоро ба ҳаёт наздик кардан мавқеи муҳим ва ҳалкунандаро мебозид. Масалан, дар барномаи якуми Комиссариати халқии маориф (Наркомпрос) ғояи асосии алоқаи байни фанҳои дар мактаб омӯзонидашавандаро хеле барҷаста ҷудо кардан мумкин буд. Ин ғоя ба таълими системаи фанҳои табиатшиносию математика, аз ҷумла, математика ва география низ тааллуқ дошт [5, саҳ. 11].

Барномаи солҳои 1931-1932 тарзи таълими фанҳои гуногунро ба миён гузошт ва камбудиҳои дар барномаи пештара ҷойдоштаро доир ба робитаи байни фанҳо то андозае аз байн бурд. Дар ин давра алоқаи байнифаннӣ ҳамчун принсипи методологии таълим ва тарбияро таъминкунанда фаҳмида мешуд, ки ба ҷаҳонбинии хонандагон асос ёфта буд.

Дар солҳои 50-уми асри гузашта масъалаи (проблемаи, мушкилии) робитаи байнифаннӣ боз ҳам пурзӯртар мегардад ва он ҳамчун принсипи истифодабарии дониш дар фанҳои гуногун, бартараф кардани такрорбаёнкунӣ ва ҳамчун ташаккули системаи ягонаи донишҳосилкунӣ фаҳмида мешуд, ки дар ин давра мавқеи муайяни илмӣ дошт. Дар омӯзиш ва инкишоф додани ин масъала, яъне дар равияи назариявӣ бахшидани робитаи байнифаннӣ хизмати олимони Ленинград (Санк-Петербурги ҳозира) бо сардории Б.Г. Ананев хеле калон аст. Дар Институти илмӣ тадқиқотии Академияи илмҳои педагогии СССР ин проблема аз нуқтаи назариявӣ таҳлилу тадқиқ карда шудааст.

Давраи рушди бемайлони прогресси илмӣ-техникӣ дар назди мактабҳои маълумоти умумӣ ва касбӣ вазифаҳои боз мураккабтарро мегузорад, ки бе барқароркунии робитаи байнифаннии фанҳои гуногуни таълимӣ ин гуна масъалаҳоро омӯхтан ва ҳал кардан аз имкон берун мебошад. Бинобар ин, дар омӯзиши ин ё он фан танҳо дар ҳолате бурд мекунем, ки ин фанҳоро ҳама вақт дар

алоқаи байниҳамдигарӣ бинем ва то имконият ҳаст, дар алоқамандӣ омӯзонем. Инчунин, барои ҳалли аксар масъалаҳои мураккаби таълимӣ ва илмӣ аз тамоюли комплексӣ, яъне аз маҷмӯи омилҳое истифода бурдан лозим аст, ки масъалаи гузошташударо ба таври бояду шояд ҳал кунанд ё худ барои ҳал кардани он ёрӣ расонида тавонанд.

Аз гуфтаҳои болоӣ чунин натиҷа баровардан мумкин аст, ки проблемаи робитаи байнифаннӣ дар таълим дар шароити имрӯза низ воқеӣ мебошад. Дараҷаи тараққиёти ҳозираи илмҳои гуногун, ки интегратсияи илмҳои ҷамъиятӣ, умумитехникӣ тавсифи онҳост, ҷиҳати дигари омӯзиши проблемаи робитаи байнифанниро нишон медиҳанд.

Дар барномаҳои такмилдодашудаи солҳои охир доир ба ҳамаи фанҳои дар мактаб таълимдодашаванда, ба дараҷаи муайян алоқаи байнифаннӣ ба эътибор гирифта шудааст. Дар ин ҳолат принсипи илмӣ доштани таълим ба назар гирифта мешавад. Масалан, дар барномаи мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ (математика) [1-4], масъалаҳои мушаххаси робитаи байнифаннӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд ва мувофиқи ин пешниҳод бояд китобҳои дарсии математика навишта шаванд. Чи тавре ки барнома пешниҳод мекунад, дар вақти навиштани китобҳои дарсӣ ҳар як банд ва зербанди барномаро, дар мувофиқа бо стандарти таҳсилоти математикӣ, риоя кардан зарур аст. Чунончӣ, «маҳорати сохтан ва шарҳ додани моделҳои математикии ягон вазъияти мушаххас, ки дар алгебра ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ ташаккул меёбад, дар курси информатика, физика, химия ва дигар фанҳои табиӣ ҳангоми омӯзиши равандҳо ва ҳодисаҳои воқеӣ истифода бурда мешавад» [4, с. 6].

Масъалаи дигаре, ки боиси боз ҳам пурзӯртар шудани робитаи байни фанҳои дар мактаб омӯхташаванда мегардад, ин васеъ истифодабарии воситаҳои техникӣ, электронӣ, компютерҳо ва барномаҳои компютерӣ мебошад. Мактаби имрӯзаро бе воситаҳои электронӣ ва компютер тасаввур кардан мумкин нест. Яке аз масъалаҳое, ки ислоҳоти мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ талаб мекунад, аз ҳалли ҳамин проблема иборат мебошад. Чи хеле ки маълум аст, асоси ин гуна воситаҳоро математика, информатика ва фанҳои табиӣ ташкил медиҳанд. Истифодабарии дурусти барномаҳои компютерӣ дар ин маврид нақши муҳимро мебозад. Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмӣ-педагогӣ робитаи байнифаннӣ ҳамчун принсипи таълимӣ маънидод карда мешавад, ки ин дуруст аст. Дурустии ин тасдиқот дар адабиётҳои [5], [6], [7], [10], [11], [12], [13] шарҳу эзоҳ дода шудааст.

Ҳамин тариқ, мавҷуд будан ва барқарор кардани робитаи байнифаннӣ имконият медиҳад, ки дар хонандагони мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус хонандагони синфҳои 7-9, системаи мафҳумҳои омӯхташаванда дар шакли қонунҳои умумӣ – универсалӣ омӯзонида шаванд. Дар хонандагони синфҳои 10-11 бошад, маълумотҳои асосӣ дар бораи назарияҳои умумӣ ва проблемаҳое, ки ҳалли комплексӣ металабанд, омӯзонида мешаванд. Чуноне ки педагогҳо нишон додаанд [5, с. 17], чунин шаклҳои алоқаи байнифанниро дар мазмуни таълими фанҳои гуногун муайян кардан мумкин аст, ки он ба таълими математика ва география низ хос аст.

Сохтори мавзӯъҳои таълимӣ дар бисёр фанҳо ба худ намудҳои умумии дониш дар бораи объектҳои гуногуни табиатро мегирад, ки намудҳои зеринро дорад:

1) алоқаи махсуси илмӣ дар бораи фактҳо, мафҳумҳо, назарияҳо, қонунҳо, проблемаҳо;

2) алоқаи методологӣ, ки роҳи донишро дар илм инъикос мекунанд: методҳо, принсипҳои фалсафӣ, забони илм, структураҳои (сохторҳои) назарияи илмҳо;

3) донишҳои идеологӣ, ки ғояҳои асосии назарияҳои гуногуни ҷомеашиносиро инъикос мекунанд.

Аз ин ҷо, алоқаи байнифаннии фанҳоро мухтасар ба чунин намудҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1) алоқа аз рӯйи фактҳо (алоқаҳои фактӣ);
2) алоқа аз рӯйи мафҳумҳо (алоқаҳои мафҳумӣ);
3) алоқа аз рӯйи назария (алоқаҳои назариявӣ);
4) алоқаҳои фалсафӣ ва идеологӣ.

Ҳамин тариқ, алоқаҳои болоӣ асоси педагогии робитаи байнифанниро муайян мекунанд. Муайян кардани мавқеи ҳар як алоқа дар таълими фанҳои математика, информатика ва география вазифаи наздиктарин аст.

Асосҳои психологии алоқаи байнифанниро бошад, ҳанӯз академик И.П. Павлов дар таълимот доир ба системаи дуюми сигналӣ муайян карда буд. Механизми фзиологии азбаркунии донишро И.П. Павлов дар мағзи сар бавуҷудоии системаҳои мураккаби алоқаҳои муваққатӣ мешуморид. «Ҳар гуна таълимдиҳӣ ба вуҷуд овардани алоқаҳои муваққатӣ мебошад, ин бошад,…. дониш аст» - навишта буд ӯ [Павлов И. П. Асарҳои мунтахаб. М, 1951, саҳ. 509, аз китоби 5, саҳ. 9].

Дар ташаккули робитаҳои байнифаннӣ, А.А. Сарокин [9] хизмати шоиста кардааст. Ӯ ба таълимоти И.П. Павлов такя карда, раванди азхудкунии донишро дар алоқамандӣ бо татбиқи ин дониш муоина мекунад, азбаркунӣ ва татбиққунии донишро ҳамчун ду тарафаи як раванд шарҳ медиҳад. Ба ибораи дигар, ба амал омадани яке аз тарафҳо, ҳатман сабаби ба амал омадани дигараш мешавад. Худи ҳамин раванд алоқаи байни ду ҷиҳати психикиро мефаҳмонад ва беҳуда нест, ки он асоси психологии робитаи байнифаннӣ мебошад.

Бисёр тадқиқотчиён чунин мешуморанд, ки робитаи байнифаннӣ ба назарияи тадриҷан ташаккулёбии фаъолияти тафаккур вобаста аст, ки ин дар ҳақиқат дуруст аст. Дар ҳақиқат, агар маводи омӯхташаванда ба хусусиятҳои синусолии хонандагон мувофиқ кунонида нашуда бошад, он ба нодуруст азхудкунии мавзӯи омӯхташаванда меорад, ки ин барои мавзӯъҳои дар робитаи байнифаннӣ иштироккунанда низ бетаъсир намемонад. Умуман, ба назар нагирифтани хусусиятҳои синнусолӣ дар вақти баёни мавзӯъҳо, дар охир ба ташаккулёбии тафаккури мантиқии хонандагон монеа мешавад, ки ин, дар навбати худ, фаъолиятро бемақсад мегардонад.

Ҳамин тариқ, донистан ва истифода бурда тавонистани асосҳои психологию педагогии робитаи байнифаннӣ имконият медиҳад, ки ин масъалаи мураккаби таълим ба тарзи бояду шояд ҳал карда шавад.

**Муқарриз:*Раҷабов Т.Б.*- доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи мактабҳои миёна. Математика 5-6. - Душанбе, Маориф, 2002. - 16 с.
2. Барномаи мактабҳои миёна. Алгебра 7-11. - Душанбе, Маориф, 2002. - 34 с.
3. Барномаи мактабҳои миёна. Геометрия 7-11. - Душанбе, Маориф, 2002. - 18 с.
4. Барномаи география. - Душанбе, Маориф. – 2002. – 23 с.
5. Келбекиани В.Н. Межпредметные связи в естественно-математической и педагогической подготовке учителей. – Тбилиси: Ганатлеба, 1987. – 292 с.
6. Кулагин П.Г. Межпредметные связи в процессе обучения. –М.: Просвещение, 1981. - 96 с.

7. Максимова В.Н. Межпредметные связи и совершенствование процесса обучения: Книга для учителя. – М.: Просвещение, 1984. – 143 с.
8. Очилов Ҳ., Раҳимов М., Ҷалолов Д. География (географияи табиӣ), китоби дарсӣ барои синфи 6-ум. – Душанбе: «Сарпараст», 2002, 192 саҳ.
9. Хайбулаев М.Х., Магомеддабирова Э.А. Реализация межпредметных связей математики и трудового обучения //Математика в школе. –1986. - №6. -с.23-26.
10. Хомич А.А. Система межпредметных заданий как средство формирования научного мировоззрения школьников. Автореф. канд. дисс. пед. наук. - Киев, 1986. – 24 с.
11. Черкасова Е.Р. Политехнический аспект межпредметных связей. - Л., 1983. - 18 с.
12. Шевкин А.В. Об учете и использовании внутрипредметных связей в процессе преподавания математики [Текст] / А.В. Шевкин // Проблемы совершенствования преподавания математики в средней школе / Под ред. С.Б. Суворовой. – М.: Изд-во АПН СССР, 1986. – С.130-135.
13. Юнг К.Г. Структура психики и процесс индивидуализации [Текст] / К.Г. Юнг. - М.: Наука, 1996, - 269 с.

## МАСЪАЛАҲОИ УМУМИИ РОБИТАИ МАТЕМАТИКА БО ФАНҲОИ ТАБИӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Ташкили робитаҳои байнифаннӣ дар раванди таълим имкон медиҳад, ки дарс боз ҳам шавқовартар гузарад, хонандагон донишҳои аз дигар фан гирифтаашонро дар ин фан ва баръакс татбиқ намоянд. Омӯзгори фаннӣ набояд ба хонандагон донишҳои маҳдудро диҳад, бояд кӯшиш намояд, ки мафҳумҳои дигар фанҳоро дар фанни таълимии худ дуруст татбиқ карда, ба хонандагон расонад. Аз ҷумла, омӯзгорони фанни математика, он донишҳои математикие, ки дар раванди таълими математикаи мактабӣ ба хонандагон мерасонанд, асосҳои математикаи ҳозиразамонро ташкил медиҳанд. Омӯзгорони фанни информатика хонандагонро бо ҳама намуди иттилооти олам шинос менамоянд. Барои азхудкунии асосҳои математика ва информатика ва дигар фанҳои табиӣ, барқарор кардани робитаи байнифаннӣ нақши муҳим мебозад. Мо дар мақолаи мазкур, пеш аз ҳама, барқароркунии робитаи байнифаннии курсҳои математика ва фанҳои табиии мактаби таҳсилоти миёнаи умумиро дар назар дорем ва мавриди омӯзишу тадқиқ қарор додаем. Азбаски робитаи байнифаннии математика ва фанҳои табиӣ дар мактаби миёна хеле васеъ мебошад, мо зарур шуморидем, ки дар мақолаи мазкур фақат ба барномаи нави таълимӣ такя карда, нуқтаҳои асосии методикаи таълими робитаи фанни таълимиро шарҳ диҳем. Дар мақолаи мазкур асосҳои методологии равобити байнифаннии математика бо фанҳои табиӣ ва асосҳои психологӣ–педагогии равобити байнифаннии математика бо фанҳои табиӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор дода шуда, маводҳои зарурии илмӣ оварда шудаанд. Робитаҳои байнифаннӣ барои азхудкунии фанни мавҷуда, пеш аз ҳама ба фаъолияти аналитикӣ – синтетикии хонандагон вобаста аст. Агар чунин фаъолияти (шакли фаъолияти) хонандагон барқарор карда шавад ва он самти муайян дошта бошад, ба натиҷаи дилхоҳ ноил гаштан мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** математика, информатика, физика, химия, география, илмҳои табиӣ, робитаҳо ё равобити байнифаннӣ, омӯзгор, методология, методикаи таълим, азхудкунии дониш.

## ОБЩИЕ ПРОБЛЕМЫ МЕЖПРЕДМЕТНЫХ СВЯЗЕЙ МАТЕМАТИКИ И ЕСТЕСТВЕННЫХ НАУК В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

Организации междпредметных связей в процессе обучения сделает урок более интересным, учащиеся смогут применить знания, полученные по другим предметам в этом предмете, и наоборот. Учитель-предметник не должен передавать учащимся ограниченные знания, но должен стараться правильно применять концепции других предметов в своём предмете и передавать их ученикам. В частностиматематические знания, которые передаются ученикам в процессе обучения математике в школе, составляют основу современной математики. Учителя информатики знакомят студентов со всеми видами информации в мире. Установление междпредметных связей играет важную роль в овладении основами математики, информатики и других естественных наук. В данной статье мы рассматриваем, прежде всего, восстановление междпредметных связей между курсами математики и естествознания средней школы и изучаем их. Поскольку междпредметные отношения между математикой и естественными науками в средней школе очень широки мы в этой статье посчитали необходимым сосредоточиться только на новой учебной программе и объяснить основные моменты методики преподавания взаимосвязи между предметами.В статье исследуются методологические основы междпредметных отношений математики с естественными науками и психолого-педагогические основы междпредметных отношений математики и естественных наук и приводятся необходимые научные материалы.Междпредметные взаимосвязи - это использование знаний из других дисциплин для овладения существующим предметом, и они зависят в первую очередь от аналитико-синтетической деятельности учащися. Если такая активность (форма деятельности) учащихся будет восстановлена и имеет определённую направленность, желаемый результат

может быть достигнут.
**Ключевые слова:** математика, информатика, физика, химия, география, естественные науки, межпредметные связи, учитель, методология, методика обучения, усвоение знаний.

## GENERAL PROBLEMS OF INTER-SUBJECT RELATIONSHIP IN MATHEMATICS AND NATURAL SCIENCES IN THE EDUCATIONAL PROCESS

The organization of interdisciplinary connections in the learning process will make the lesson more interesting, students will be able to apply the knowledge gained in other subjects in this subject, and vice versa. A subject teacher should not impart limited knowledge to students, but should try to correctly apply concepts from other subjects in his subject and pass them on to students. In particular, mathematical knowledge that is passed on to students in the process of teaching mathematics at school, form the basis of modern mathematics. Computer science teachers introduce students to all kinds of information in the world. The establishment of interdisciplinary connections plays an important role in mastering the basics of mathematics, computer science and other natural sciences. In this article, we consider, first of all, the restoration of interdisciplinary connections between high school mathematics and science courses and study them. Because the interdisciplinary relationship between mathematics and science in high school is very wide, in this article nethodrt it necessary to focus only on the new curriculum and explain the main points of teaching methodology for the relationship between the subject. The article examines the methodological foundations of the interdisciplinary relations of mathematics with the natural sciences and the psychological and pedagogical foundations of the interdisciplinary relations of mathematics with the natural sciences, and provides the necessary scientific materials. Interdisciplinary relationships are the use of knowledge from other disciplines to master an existing subject, and it depends primarily on the analytical-synthetic activity of students. If such activity (form of activity) of students is restored and has a certain direction, the desired result can be achieved.
**Key words:** mathematics, computer science, physics, chemistry, geography, natural sciences, interdisciplinary communications, teacher, methodology, teaching methods, knowledge assimilation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Нугмонов Мансур*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математик, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви вобастаи АТТ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **93-864-7629,** . E-mail: **nugmonov@mail.ru;**

***Назаров Аҳтам Пулотович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **93-516-6101**, E-mail: **ahtam_69@mail.ru.**

***Маҳмадмуродова Фархунда Абдусалимовна*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ассистенти кафедраи методикаи таълими математика. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **918-702-303**

**Сведения об авторах:** ***Нугмонов Мансур*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доктор педагогических наук, профессор, чл.корр. АОТ, профессор кафедры методики проподавания математики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **93-864-7629,** . E-mail: **nugmonov@mail.ru;**

***Назаров Ахтам Пулатович*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат педагогических наук, доцент кафедры кафедры информационных и коммуникационных технологий. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **93-516-6101**, E-mail: **ahtam_69@mail.ru.**

***Махмадмуродова Фархунда Абдусалимовна*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **918-702-303**

**Information about the authors:** ***Nugmonov Mansur*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, doctor of pedagogical sciences, professor, corr. AOT, Professor of the Department of Methods of Teaching Mathematics. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121. Phone: **93-864-7629**.
E-mail: **nugmonov@mail.ru**

***Nazarov Akhtam Pulatovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Information and Communication Technologies. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121. Phone: **93-516-6101**, E-mail: **ahtam_69@mail.ru.**

**Makhmadmurodova Farkhunda Abdusalimovna -** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121. Phone: **918-702-303**

УДК:371.3

# ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Хоҷаева М.Ҷ., Азизов А.А., Сармусоқова Г.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Тандурустӣ аввалин ва муҳимтарин талаботи инсон аст, ки қобилияти меҳнатии ӯро муайян мекунад ва рушди ҳамоҳанги шахсро таъмин менамояд. Ин шарти муҳимтарин барои донистани ҷаҳони атроф, тасдиқи худ ва хушбахтии инсон аст. Умри дароз ва фаъол ҷузъи муҳимми омили инсонӣ мебошад.Одам офарандаи саломатии худ мебошад, ки барои он мубориза бурдан лозим аст. Аз хурдӣ бояд тарзи ҳаёти фаъол, машғул шудан ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, ба ибораи дигар, саломатӣ бо роҳҳои оқилона ба даст оварда шавад.

Тарзи ҳаёти солим ин тарзи ҳаётест, ки ба принсипҳои ахлоқ асос ёфтааст. Муҳофизат аз таъсири номатлуби муҳити зист имкон медиҳад, ки одам солимии маънавӣ, рӯҳӣ ва ҷисмониро то синни куҳансолӣ нигоҳ дорад ва ташаккули тарзи ҳаёти солим бояд пайваста ва мақсаднок бошад.

Чун ҳаёти инсон арзиши олии ҷомеа аст, пас маҷмӯи хусусиятҳо, сифатҳо, вазъи инсон на танҳо арзиши худи ӯ, балки арзиши ҷомеа низ маҳсуб меёбад. Маҳз хамин саломатии ҳар фардро ба сарвати ҷомеа мубаддал месозад.

Дар кори муҳофизат ва мустаҳкам намудани саломатӣ, ки аҳамияти аввалиндараҷа дорад, тарзи зисту зиндагии инсон нақши асосӣ мебозад. Ташаккули тарзи ҳаёти солим ва муносибати масъулиятнок нисбат ба саломатии худ ба сатҳи маърифату маданияти аҳолӣ вобаста мебошад. Дар инкишофи бисёре аз бемориҳо худи инсон, маданияти пасти санитарии ӯ, тарзи носолими ҳаёт ва муносибати манфӣ нисбат ба саломатии худ гунаҳгор дониста мешавад.

Саломатии одамони алоҳида ё гурӯҳи аҳолӣ бо таъсири маҷмӯи омилҳои байни ҳамдигар якҷоя амалкунандаи фардӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ муайян карда мешавад. Солим будан - бояд талаботи ботинии ҳар як инсон бошад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳолати саломатӣ танҳо аз фаъолияти бахши тандурустӣ вобаста нест, он бо таъсири байниҳамдигарии омилҳои маҷмӯӣ, фардӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ, вазъи зиндагӣ ва интихоби фардӣ асоснок карда шудааст. Ҳар як инсон ба гирифтани иттилоот ҳуқуқ дорад ва бояд оид ба пешгирии бемориҳо ва мустаҳкам намудани саломатӣ донишҳои зарурӣ дошта бошад, ки принсипи асосии ташаккули ҳаёти солим мебошад.

Дар ҳуҷҷати стратегии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ "Саломатӣ барои ҳама дар садсолаи 21-ум" ба масъалаҳои сафарбар намудани ҷомеаҳо ба мустаҳкам намудани саломатӣ тавассути ба одамон ва ҷамъиятҳо фароҳам овардани имконияти баланд бардоштани назорати омилҳои мустаҳкамкунандаи саломатӣ диққати махсус дода мешавад. Вобаста ба ин, дар сиёсати имрӯзаи ташаккули тарзи ҳаёти солим ба иштироки ҷомеаҳо дар ҳалли масъалаҳои бахши тандурустӣ аҳамияти муҳим дода мешавад. Танҳо тавассути сафарбар намудани саъю кӯшиши бахшҳои гуногун ва ҷомеаҳо тарзи солими ҳаётро таъмин ва барои саломатӣ муҳити мусоидро фароҳам овардан мумкин аст.

Маҳз дар синни мактабӣ таҳкурсии солимӣ ва одати пешбурди тарзи ҳаёти солим, барои хонандагон гузошта мешавад.

Ташаккули шахсияти аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ солим имрӯз бо назардошти шароити таназзули ахлоқ ва фарҳанги умумӣ, бад шудани вазъи саломатии аҳолӣ, инчунин паҳн шудани бемориҳои барои ҷомеа хатарнок дар байни кӯдакон ва ҷавонон аҳамияти махсус пайдо мекунад [1, с. 56].

Афзоиши паҳншавии тамокукашӣ ва машруботи спиртӣ дар байни хонандагон аз сатҳи пасти дониш дар соҳаи гигиена, инчунин бесамар будани усулҳо ва шаклҳои мавҷудаи тарбияи гигиении кӯдакон шаҳодат медиҳад. Тандурустӣ хусусияти ҳамгироии шахс мебошад, ки ҳам ҷаҳони ботинии ӯ ва ҳам тамоми хусусиятҳои муносибат бо дигаронро дар бар мегирад. Он ҷанбаҳои рӯҳӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва маънавиро дар бар мегирад. Тандурустӣ ҳолати мувозинат, тавозуни байни қобилиятҳои мутобиқшавии инсон, шароити доимо тағйирёбандаи муҳити зист мебошад [3, с. 58].

Масъала дар он аст, ки аз як тараф, шумораи кӯдакон, ки саломатии онҳо бад аст, аз сабаби набудани фароғати пурраи онҳо ба ихтиёри худ гузошта мешаванд ва аз тарафи дигар, шароити психологӣ ва педагогӣ дастгирӣ дар ҷомеа муайян карда нашудааст, муносибат ба тарзи ҳаёти солим вуҷуд надорад.

Дар таҳқиқоти В.В. Анисимов муаммои солимгардонӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим барои кӯдакон ва наврасон, асоснокии робитаи ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонии шахс дар асарҳои И.С. Бериташвили, В.М. Бехтерев, С.П. Боткин, Л.Р. Лури, А Ю. Рачнер; аҳамияти муаммои ташаккули ғояҳо дар бораи тарзи ҳаёти солим дар асарҳои АЛ. Венгер, В.Д. Давидова, А.Б. Мудрик, И.П. Подласого, В.А. Сластенин баррасӣ шудаанд [2, с. 23].

Дар таҳқиқотҳои муосир тарзи ҳаёти солим ҳамчун роҳи имконпазир ва асосноки ҳаёт ҳисобида мешавад, ки ба шахс имкон медиҳад, ки то пиронсолӣ тарзи ҳаёти фаъол ва бошуурона гузаронад. Тарзи ҳаёти солим раванди бисёрфунксионалӣ мебошад, ки хусусиятҳои сифатии инфиродии ҳар як субъектро ба назар мегирад ва ба хусусиятҳои аз ҷиҳати генетикӣ муайяншудаи типологӣ, шароити мушаххаси муҳити зист ва ба ташаккул, ҳифз ва таҳкими саломатӣ, иҷрои пурраи иҷтимоию биологии шахс дар тӯли ҳаёт амал мекунад, нигаронида шудааст [6, с. 28].

Ҳангоми баррасии ин мушкилот якчанд вазифаҳои муҳимро ҷудо кардан лозим аст, ки бояд дар амал татбиқ карда шаванд: барандаи бошуури тарзи ҳаёти солим ҳар як фарди мушаххас мебошад, ки дар ин раванд ҳам ҳамчун субъект ва ҳам ҳамчун объекти ҳаёти худ амал мекунад.

Ҳангоми татбиқи тарзи ҳаёти солим ҳар як фард ягонагии моҳияти биологӣ ва иҷтимоии худро дарк карда мешаванд. Барои ташаккули пояҳои тарзи ҳаёти солим, ҳавасмандии шахс барои татбиқи имкониятҳои ҷисмонии инфиродӣ ва қобилиятҳои зеҳнӣ зарур аст. Тарзи ҳаёти солим роҳи муассиртарини таҳкими саломатӣ мебошад; он воситаи муҳимми пешгирии як қатор бемориҳо мебошад.

Зарур аст, ки пешниҳодҳои мушаххаси хонандагони муассисаҳои таълимӣ таҳия карда шаванд. Муносибати маҷмӯӣ ба ташаккули тарзи ҳаёти солим бидуни назардошти омилҳои зерин, ки ба саломатии инсон таъсир мерасонанд, ғайриимкон аст: худбаҳодиҳӣ ба дастовардҳои шахсӣ; кайфият барои умри солими дароз; ҳолати эмотсионалӣ; сатҳи фарҳанги умумӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ; огоҳӣ аз муносибат ба саломатӣ; сатҳи дониш дар бораи ҳифз ва таҳкими саломатӣ; тарзи ҳаёт;

хештаншиносӣ; пешгирии бемориҳо; реҷаи ҳаррӯза, кор ва истироҳат; муоинаи мунтазами тиббӣ; ирсият; шароити зиндагӣ; доираи дӯстон; арзёбии оммавии шахсият ва фаъолияти инсон [5, с. 86].

Бо назардошти омилҳои номбаршуда, шароити мувофиқи ташкили тарзи ҳаёти солимро таҳия кардан мумкин аст:

1. Масъулияти бошуурона. Дар ҳар як шахс муносибати бошуурона ба саломатии худро тарбия кардан лозим аст: одати истеъмоли ғизои солим ва муътадил, машғулиятҳои зарурии ҷисмонӣ, муоинаи мунтазами тиббӣ.

Барои баланд бардоштани ҳавасмандгардонӣ, гузаронидани чорабиниҳои гуногуни пешгирикунанда зарур аст. Фикри Л.Н. Толстой, ки ба саломатии худ диққати ҷиддӣ медод, ҷолиб аст: "Талаботи одамоне, ки тамокукашӣ мекунанд, майзадагӣ мекунанд, аз меъёр зиёд мехӯранд, кор намекунанд ва шабро ба рӯз табдил медиҳанд, хандаовар аст, ки табиб онҳоро сарфи назар аз тарзи ҳаёти носолими онҳо солим мекунад" [14, с. 568].

2. Равиши ҳамгирошуда. Тарзи ҳаёти солим маҷмӯи пурраи амалҳои ҳамоҳангшудаи тамоми низомҳои бадан ва шахсият мебошад, ки тағйирёбии ҳар кадоми онҳо ба вазъи саломатӣ дар маҷмӯъ таъсир мерасонад. Барои таъмини ҳамкории мутаносиби онҳо, ба тамоми маҷмӯи ҳолатҳое, ки тарзи ҳаёти солимро ташкил медиҳанд, диққат додан лозим аст.

3. Равиши инфиродӣ, бо он алоқаманд аст, ки ҳар як шахс ҳам аз ҷиҳати табиати биологӣ (генотипӣ) ва ҳам психологӣ ва иҷтимоӣ беназир аст. Аз ин рӯ, барои ҳар як шахс бояд барномаи тарзи ҳаёти солими онҳо таҳия карда шавад, ки дар он хусусиятҳои дахлдорро ба назар гирифтан лозим аст. Бо дарназардошти омилҳои генотипӣ барномаи тарзи ҳаёти солимро вобаста ба намуди бадан, хусусиятҳои мубодилаи моддаҳо, табиати афзалиятноки танзими вегетативӣ, нишондиҳандаҳои биоритмикӣ ва тасҳеҳ дода шавад.

Аз ин рӯ, бунёди тарзи ҳаёти солим бояд ба ҳолатҳои зикршуда тавре мувофиқат кунад, ки ба генетикаи як шахс мувофиқат кунанд, на ба он мухолифат кунанд. Барномаҳои имконпазир барои гурӯҳҳои дорои хусусиятҳои физиологии шабеҳ.

4. Ҳолати муътадил. Гузариш ба тарзи ҳаёти солим аз он сабаб ба амал омадааст, ки гузариши шадид ба афзоиши фаъолияти ҷисмонӣ метавонад танҳо ба бад шудани вазъи саломатӣ ва инчунин маҳдудияти шадиди ғизо оварда расонад, ҳар гуна парҳезҳо ба фаъолияти низомҳои бадан зарар мерасонанд. Татбиқи тадриҷан ва бидуни стресс тадбирҳои ҳамаҷонибаи гузариш ба тарзи ҳаёти солим барои ҳар як шахс заруранд. Ташаккул ва нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солим вазифаи асосист, ки бояд дар тӯли ҳаёти инсон, аз кӯдакӣ то калонсолӣ ҳал карда шавад.

Одам қисми зиёди ҳаёти худро дар оила мегузаронад. Маҳз дар оила аввалин асосҳои тарзи ҳаёти солим ба вуҷуд меоянд: расмиёти гигиенӣ, реҷаи ҳаррӯза, муоинаи мунтазами тиббӣ - ҳамаи ин ҷузъҳое мебошанд, ки ба таҳким ва ҳифзи саломатӣ мусоидат мекунанд. Муассисаҳои таълимӣ низ дар ташаккул, ҳавасмандӣ ва интихоби бошууронаи тарзи ҳаёти солим нақши калон доранд.

Бо вуҷуди таҳқиқоти гузаронидашуда, мушкилот дар амалияи муассисаҳои солимгардонӣ ва таълимӣ ба қадри кофӣ ҳал нашудаанд. Аксарияти роҳбарони муассисаҳои таълимӣ намудҳои фаъолияти таълимии мактабро ба ташаккули тарзи

ҳаёти солим барои хонандагон равона намекунанд ва ин интихоби мавзӯи таҳқиқотро муайян мекунад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф мо вазифаҳои зерини тадқиқотиро таҳия кардем: омӯхтани хусусиятҳои ташаккули ҳавасмандии тарзи ҳаёти солим дар хонандагон, ташаккули муносибат ба тарзи ҳаёти солим дар хонандагон дар ҷараёни дасри биология.

Гузаронидани таҳлили чорабиниҳо оид ба ташаккули муносибат ба тарзи ҳаёти солим дар хонандагон, барои ташаккули муносибат ба тарзи ҳаёти солим барои хонандагон, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии кор оид ба ташаккули муносибат ба тарзи ҳаёти солим дар хонандагон.

Равишҳои мухталифро дар таърифи мафҳуми солимӣ таҳлил намуда, муайян кардем, ки онро метавон ҳамчун ҳолати солимии комили ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва маънавии инсон шарҳ дод.

Хусусиятҳои ташаккули ҳавасмандии тарзи ҳаёти солимро дар хонандагон омӯхта, мо муайян кардем, ки он ба донишҳои илмӣ, реҷаи оқилонаи рӯз, кор ва истироҳат, дуруст ташкил кардани ғизо, чораҳои табобатию профилактикӣ, фаъолияти ҷисмонӣ ва набудани одатҳои бад асос ёфтааст. Дар асоси ин, ташаккули тарзи ҳаёти солимро дар байни хонандагон дар раванди таълими биология таҳлил намудем.

Омӯзгор бояд ҳадафҳои асосии тарбияи асосҳои арзишии тарзи ҳаёти солимро барои хонандагон, ки ҷузъҳои эпистемологӣ, фарҳангӣ, шахсӣ ва фаъолиятро дар бар мегиранд, ба назар гирад. Ташаккули муносибати хонандагон ба тарзи ҳаёти солим тавассути маҷмӯи методҳо, усулҳо ва воситаҳои педагогии дорои хусусияти эмотсионалӣ-иттилоотӣ, маърифатӣ, эҷодӣ амалӣ карда мешавад [2, с. 28].

Ҳангоми огоҳ кардани хонандагон дар бораи тарзи ҳаёти солим усулҳои таълими муштарак (кооперативӣ) истифода мешаванд, ки ба гузариш аз шаклҳои пассиви дарки иттилоот ба тарзи фаъолонаи субъектии ҳамкории хонанда ва омӯзгор равона шудаанд: вохӯриҳо, баҳсҳо, лексияҳо, суҳбатҳо, конференсияҳои валеологӣ. Истифодаи усулҳои номбаршуда имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои асосии шахсияти хонанда: қобилияти шинохтан, худшиносӣ, ниёз ба сатҳи олӣ ва муносибатҳои арзишӣ истифода шаванд. Онҳо ба хонандагон кумак мекунанд, ки маънои ҳаёти худ, зарурати ноил шудан, шинохтан ва тағйир додани тарзи ҳаётро дубора арзёбӣ кунанд [13, с. 36].

Муносибати эмотсионалӣ-арзишии хонандагон ба тарзи ҳаёти солим метавонад ҳамчун фаъолияти мақсадноки омӯзгорон баромад намояд [8, с. 48].

Ин ҳолат ба марҳилаи дигар - марҳилаи навсозӣ мувофиқ аст. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои марҳилаи мазкур мо муқаррароти назариявии аксиологияи педагогиро дар бораи моҳияти муносибати арзишӣ асос мегирем.

Дар зери таъсири амалияи мавҷудаи зиндагӣ муносибати арзишӣ пайдо мешавад. Дар робита ба ин, усулҳо ва воситаҳои педагогие, ки ба эҷоди ғояи дохилии тарзи ҳаёти солим дар байни хонандагон мусоидат мекунанд, интихоб карда мешаванд [6, с. 28].

Ҷузъҳои асосӣ инҳоянд: маърифатӣ (миқдори умумии ғояҳо, донишҳо, хулосаҳо дар бораи ҳаёти солим) ва эҳсосӣ, онҳо ба қабули эҳсосӣ-арзишӣ, огоҳӣ ва тарроҳии ҳаёти солим ҳамчун роҳнамои фаъолият мусоидат мекунанд. Таъмини методии иҷрои шартҳои дуюми педагогиро мо тавассути истифодаи усулҳои баҳсбарангези

ташаккули кори маърифатии хонандагон амалӣ мекунем, ки ба фаъол кардани паҳлуҳои эҳсосоти шахсият, усулҳои интерактивӣ, шаклҳои мустақил ва умумии фаъолият мусоидат мекунанд. [17, с. 87].

Дар марҳилаи актуализатсия ба усули таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, ки эҷоди як қолаб ё падидаеро барои инъикоси хусусиятҳои мавзӯи омӯхташуда дар бар мегирад.

Шарти сеюми педагогӣ ғанӣ гардонидани таҷрибаи фаъолияти солими эҷодӣ, усулҳои ташкили фаъолияти хонандагон ва интихоби амалҳои мувофиқи муаллимонро пешбинӣ менамояд. Ҳамин тариқ, ғанигардонии таҷрибаи ҳаёти солим амалҳои педагогиро дар самти ба даст овардани усулҳои сохтан, нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солим ва ҳамгиро кардани онҳо ба тарзи ҳаёти худ дар назар дорад [9, с. 69].

Омӯзгор ба хонандагон дар бораи имкониятҳои мактаб маълумот медиҳад, бо онҳо дар чорабиниҳои гуногун иштирок мекунад ва дар ташаккули тарзи ҳаёти солим кумак мерасонад. Интихоби шаклҳо ва усулҳои эҷоди фаъолияти хонандагон машваратҳо бо муаллим, иштирок дар чорабиниҳои фароғатӣ, ҷисмонӣ ва фарҳангӣ, шаклҳои кор барои фароғатро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, тарбияи тарзи ҳаёти солим тавассути татбиқи методҳо, усулҳо ва воситаҳои педагогии хусусияти эҷодӣ, эмотсионалӣ-арзишӣ ва иттилоотӣ-маърифатӣ дошта метавонад дар раванди таълим берун аз мактаб амалӣ карда шавад ва ба хонанда мусоидат намояд [15, с. 25].

Барои ҳавасманд кардани хонандагон ба тарзи ҳаёти солим, дар муассисаи таълимӣ барномаи махсуси иҷтимоию фарҳангӣ амалӣ карда мешавад, ки хонандагонро ҳавасманд мегардонад. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои зерин фаъолона истифода шуданд: суҳбатҳои мавзӯӣ, чорабинии "мизи мудаввар", "тарбияи ҷисмонӣ", аксияҳо.

Пас аз анҷом додани ин чорабиниҳо, саволномаи дуюм оид ба арзёбии ташаккули барномаи тарзи ҳаёти солим барои хонандагон пешниҳод шуд. Саволҳонома нишон дод, ки гурӯҳи таҷрибавӣ натиҷаҳои худро дар робита бо тарзи ҳаёти солим беҳтар карданд. Шумораи кӯдаконе, ки сатҳи пасти ташаккули тарзи ҳаёти солим доранд, хеле кам шудааст.

Натиҷаҳои барнома самаранокии худро нишон доданд ва метавонанд дар муассисаҳои таълимӣ барои ташаккул додани муносибат ба тарзи ҳаёти солим дар хонандагон истифода шаванд.

**Муқарриз:*Исломов О.А.*- доктори илмҳои педагогӣ,**
**професори ДДХ ба номи Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**

1. Анастасова Л.П. Биология. Формирование здорового образа жизни подростков. Методическое пособие/ Л.П. Анастасова, В.С. Кучмеко, Т.А. Цехмистренко. - М.: Вентана-Граф, 2015.- 256 с.
2. Анисимов В.В. Экспресс-диагностические методы оценки здоровья. Урок-практикум / В.В. Анисимов. -М., 2009. -230с.
3. Баль Л.В. Педагогу о здоровом образе жизни детей. Учебное пособие/ Л.В. Баль, С.В. Барканов, С.А. Горбатенко. –М.: Просвещение, 2012. -180с.
4. Булат А.И. Портфолио здоровья учащегося начальной школы. Учебное пособие для учителей/ А.И. Булат, Е.Н. Малых. – М.: 2013. -220с.
5. Вайнер Э.Н. Валеологические подходы и критерии здоровья и болезни. Учебное пособие для учеников / Э.Н. Вайнер. –М., 2008. -252с.
6. Вайнер Э.Н. ЗОЖ как принципиальная основа обеспечения здоровой жизнедеятельности. Учебное пособие / Э.Н. Вайнер. –М., 2009. -346с.
7. Васильева Д.А. Вредным привычкам места нет. Учебное пособие / Д.А. Васильева. –М.: 2011. -228с.

8. Виллемсон Е.Л. Перспективы развития физкультурного образования школьников при внедрении внеучебных мероприятий / Е.Л. Виллемсон, Т.Г. Пронюшкина // Международный научный журнал. Инновационная наука. -2015. -№12. -С. 208-210.
9. Воронова Е.А. Здоровый образ жизни в современной школе. Учебное пособие / Е.А. Воронова. – М.: Феникс, 2012. -С. 20-23.
10. Гликман И.З. Наша школа: от старой к новой. Учебник / И.З. Гликман. 2010. -238с.
11. Горохова Н.А. Организация здоровьесбережения в школе. Учебное пособие / Н.А. Горохова. –М., 2010. -338с.
12. Казин Э.М. Порядок непрерывного физического воспитания как условие адаптации, развития личности, формирования здорового образа жизни. Учебное пособие / Э.М. Казин, Н.Э. Коваленко. -М.: Омега-Л, 2013. -256 с.
13. Каинов А.Н. Организация работы спортивных секций в школе. Учебное пособие для учителей / А.Н. Каинов. - 2014. -154с.
14. Толстой Л.Н. Полное собрание сочинений. -М., 1998. -Т. 5.
15. Худякова Н.Л. Теория и методика воспитания, ориентированного на развитие ценностного мира человека. Учебное пособие/ Н.Л. Худякова. -Челябинск: изд-во ЧелГУ, 2008. -202 с.
16. Ющук Н.Д. Здоровый образ жизни и профилактика заболеваний. Учебное пособие / Н.Д. Ющук, И.В. Маев, К.Г. Гуревич. - М.: Практика, 2015.-346 с.

## ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Барои муносибгардонии раванди минбаъдаи ташаккули муносибат ба тарзи ҳаёти солим дар байни хонандагон, мо хусусиятҳои ташаккули ҳавасмандии тарзи ҳаёти солимро дар байни хонандагон омӯхтем, ташаккули муносибатро ба тарзи ҳаёти солим дар байни хонандагон таҳия намудем, раванди таълими фанни биология ва таҳлили фаъолият оид ба ташаккул додани муносибат ба тарзи ҳаёти солим амалӣ карда шуда, тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии кор дар ташаккули муносибат ба тарзи ҳаёти солими хонандагон дода шуд. Таълими тарзи ҳаёти солим бояд ҳам дар доираи барномаҳои таълимии мавҷуда бо дарназардошти ҷузъҳои фаъолияти арзишманд, маърифатӣ, меъёрии мундариҷаи сарфаҷӯии саломатӣ дар ҳар як фан, инчунин дар дарсҳои биология сурат гирад. Яке аз вариантҳои таълим ва тарбияи тарзи ҳаёти солими хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ намудани барномаҳои махсуси байнисоҳавӣ мебошад. Бо мақсади ҳавасманд кардани хонандагон ба тарзи ҳаёти солим, дар муассисаи таълимӣ барномаи махсуси иҷтимоию фарҳангӣ амалӣ карда шуд. Хусусиятҳои ташаккули ҳавасмандгардонии тарзи ҳаёти солимро дар хонандагон омӯхта, мо муайян кардем, ки он ба донишҳои илмӣ, реҷаи оқилонаи рӯз, кор ва истироҳат, истеъмоли дурусти ғизо, чораҳои табобатию профилактикӣ, фаъолияти ҷисмонӣ ва набудани одатҳои бад асос ёфтааст.

**Калидвожаҳо:** хонанда, тарзи ҳаёти солим, муассисаҳои таълимӣ, шахсияти солим, саломатӣ, одат, маълумот, дониш, ташаккул, тарбияи ҷисмонӣ

## ФОРМИРОВАНИЕ У ШКОЛЬНИКОВ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ УЧРЕЖДЕНИИ

Для оптимизации дальнейшего процесса формирования установки на здоровый образ жизни школьников нами изучены особенности формирования мотивации к здоровому образу жизни школьников, разработана теоретическая модель формирования установки на здоровый образ жизни школьников в процессе внеклассной воспитательной работы, проведен анализ деятельности по формированию установки на здоровый образ жизни школьников, реализовано программное обеспечение по формированию установки на здоровый образ жизни школьников и разработаны практические рекомендации для повышения эффективности работы по формированию установки на здоровый образ жизни школьников. Обучение здоровому образу жизни должно происходить как в рамках существующих образовательных программ, при условии выделения в каждой дисциплине ценностного, познавательного, нормативного деятельностного компонентов здоровьесберегающего содержания, так и на специальных уроках биологии. Одним из вариантов воспитания здорового образа жизни у школьников в условиях образовательного учреждения является внедрение специальных междисциплинарных модульных программ. Потому что для поощрения учеников к ведению здорового образа жизни в учебном заведении была реализована специальная социокультурная программа, которая заинтересовала учеников и побудила их сохранить свое здоровье. Изучая особенности формирования мотивации к здоровому образу жизни у учеников, мы обнаружили, что в его основе лежат научные знания, рациональный распорядок дня, работа и отдых, правильное питание, лечение и профилактика, физическая активность и отсутствие вредных привычек.

**Ключевые слова:** школьники; здоровый образ жизни; образовательные учреждения, здоровая личность, здоровье, привычки, образование, знания, формирование, физическая культура

**FORMATION OF A HEALTHY LIFESTYLE IN SCHOOLCHILDREN IN AN EDUCATIONAL SCHOOL**

To optimize the further process of forming an attitude towards a healthy lifestyle among schoolchildren, we studied the features of the formation of motivation for a healthy lifestyle among schoolchildren, developed a theoretical model for the formation of an attitude towards a healthy lifestyle among schoolchildren in the process of extracurricular educational work, and analyzed the activities to form an attitude towards a healthy lifestyle among schoolchildren. software for the formation of attitudes towards a healthy lifestyle of schoolchildren has been implemented and practical recommendations have been developed to increase the efficiency of work on the formation of an attitude towards a healthy lifestyle of schoolchildren. Teaching a healthy lifestyle should take place both within the framework of existing educational programs, subject to the allocation of value-based, cognitive, normative activity components of health-saving content in each discipline, as well as in special biology lessons. One of the options for teaching and upbringing a healthy lifestyle for schoolchildren in an educational institution is the introduction of special interdisciplinary modular programs. Because to encourage students to lead a healthy lifestyle, a special socio-cultural program was implemented in the educational institution, which interested students and encouraged them to maintain their health. Studying the features of the formation of motivation for a healthy lifestyle among students, we found that it is based on scientific knowledge, a rational daily routine, work and rest, proper nutrition, treatment and prevention, physical activity and the absence of bad habits.

**Key words:** schoolchildren; healthy lifestyle; educational institutions, healthy personality, health, habits, education, knowledge, formation, physical culture

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хоҷаева Мубина Ҷалоловна* -** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Микрарайони 17, бинои 1.
***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
***Сармусоқова Гулзора Нарзинбоевна*** –Филиали муассисаи давлатии Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд, омӯзгор.
**Сведения об авторах:** ***Ходжаева Мубина Джалоловна*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доктор педагогических наук, профессор. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, здание 1.
***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.
***Сармусокова Гулзора Нарзинбоевна,*** Филиал Республиканского института повышения квалификации и переподготовки образования в Согдийской области преподаватель.

**Information about the autors:** ***Azizov Abdulatif Abdukhalimovich*** - Khujand State University named after academician B.G. Gafurov, Doctor of Pedagogy, Professor of the Department of Technology and Methods of its Teaching. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.
***Khodzhaeva Mubina Jalolovna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Doctor of Pedagogy, Professor. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, 17 Microdistrict, house 1.
***Sarmusoqova Gulzora Narzinboevna***- Branch of the Republican Institute for Advanced Studies and Retraining of Education in the Sughd Region, teacher

**УДК:371.13**

# АСОСҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАЙЁРИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ЗИМНИ БА РОҲ МОНДАНИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНА ДАР ТАЪЛИМИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

***Хидиров Ғ., Баротзода К.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Кори мустақилона фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯ ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии онҳо зиёд мегардад. Донишандӯзӣ аз донишҷӯён иҷрои кори мустақилона бо китоб ва омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд. Дар системаи мафҳумҳои дидактикаи муосир мафҳуми кори мустақилона яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Чунончи, методистони бузурги рус А.В. Усова ва З.А. Вологодская корҳои мустақилонаро ҳамчун методи

таълим маънидод намуда, қайд кардаанд, ки зимни иҷро намудани корҳои мустақилона донишҷӯён донишҳои нав гирифта, маҳорату малакаи нав пайдо мекунанд, дар онҳо хусусиятҳои мустақилият, фаъолнокӣ, боиродагӣ ва ғайраҳо инкишоф меёбанд. Ба ақидаи Б.П. Есипов, кори мустақилона тарзи корест, ки дар рафти иҷрои он омӯзгор иштирок намекунад, лекин аз рӯйи супориши ӯ дар муддати муайяншуда иҷро карда мешавад. Дар ин ҳолат хонандагон кӯшиш менамоянд, ки талаби супоришро бошуурона иҷро кунанд. Натиҷаҳои бадастоварда, бо кадом усуле ки набошад, қобилияти фикрӣ ё сарфи қувваи ҷисмонии онҳоро ошкор месозад [6, с.12].

К.У. Ушинский чунин меҳисобид, ки фикррониии мустақилонаи толибилм ҳангоми бевосита иҷро намудани кори мустақилона ба вуҷуд меояд; мустақилият дар омӯзиш диққати толибилмро зиёд мекунад ва ӯ маводро бодиққат хонда, сатҳи фикррониии ӯ фаъол мегардад ва нисбат ба кор масъулият ҳис мекунад.

Аз ин лиҳоз зимни омӯзиши дарсҳои амалии методикаи таълими биология омӯзгоронро зарур аст, ки ба донишҷӯён усулҳои ба роҳ мондани корҳои мустақилонаро зимни омӯзиши дарсҳои ботаника, зоология, анатомия ва биология омӯзонанд. Донишҷӯён дарсҳои КМДРО ва амалии худро бо истифода аз корҳои мустақилона ба роҳ монда, зимни таҷрибаомӯзии педагогӣ ба роҳ мондани корҳои мустақилона душворӣ намекашанд.  Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати машғулиятҳои мустақилона мавҷуд будани маҷмӯаи таълимӣ, аз он ҷумла васоити таълимию китобҳо ба шумор меравад.

Набудани маводи таълимӣ сифати гузаронидани машғулиятҳои мустақилонаро паст мегардонад. Бинобар ин зарур аст, ки барои пурсамар гузаронидани машғулиятҳои мустақилона бояд омӯзгорон ба хонандагон маводи ёрирасони таълимиро пешкаш намоянд. Ба маводи таълимии ёрирасон саволҳои тестӣ, ҷадвал, графику диаграммаҳо дохил мешаванд, ки ин маводҳо самаранокии машғулиятҳои мустақилонаро бо роҳбарии омӯзгор таъмин менамоянд.

Аз хонандагоне, ки супориши хонагиро иҷро намудаанд, дафтарҳои иҷрои вазифаи хонагӣ талаб карда мешаванд ва баъд аз назар гузаронидани дафтар, омӯзгор барои санҷиш аз хонанда як ё ду саволро мепурсад. Дар мавриди ҷавоби мусбат додани хонанда омӯзгор дар рӯзнома ба ӯ баҳои мусбат мегузорад.

Дар машғулиятҳои мустақилона хонандагон малакаи мустақилона аз худ намудани донишҳоро пайдо мекунанд. Кори мустақилона хонандагонро асосан ба ҷустуҷӯи донишҳои нав ва иловагӣ ҳидоят месозад [1.2.3]. Дар раванди кӯтоҳи дарс дар синф ба хонандагон маълумот саҳеҳ ва амиқи биологӣ додан ва хусусиятҳои беҳтарини шахсият ба монандӣ: эҷодкорӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, муҳаббат ба табиати худ ва ғайраро тарбия намудан хело душвор мебошад. Корҳои мустақилона дар дарс бо усулҳои гуногун ташкил карда мешаванд, ки хонандагон онро аз рӯйи супоришҳо ва бо роҳбарии муаллим иҷро мекунанд. Ташкил кардани корҳои мустақилона дар синф ба донишу таҷриба ва истеъдоди баланди омӯзгори биология вобастагии калон дорад. Зимни иҷрои корҳои мустақилона тамоми хонандагони синф ҷалб карда мешаванд. Корҳои мустақилона дар дарсҳои лабораторӣ, амалӣ ва лаҳзаҳои гуногуни дарсҳои биология бо усулҳои гуногун ташкил карда мешаванд. Ба роҳ мондани корҳои мустақилона дар синф аз фанни биология ба савияи донишу таҷриба ва истеъдоди баланди омӯзгор вобастагӣ дорад. Инчунин, зимни корҳои мустақилона синну соли хонандагон ба ҳисоб гирифта мешавад.

Омӯзгор метавонад дар дарсҳои лабораторӣ, корҳои хаттӣ, дарсҳои ҷамъбастӣ ва лаҳзаҳои гуногуни дарс бо хонандагон дар синф ё берун аз синф корҳои мустақилонаро ба роҳ монад.Омӯзгор барои мустаҳкам намудани маводи нав метавонад аз расмҳои схематикии рустаниҳо ва ҳайвонот истифода барад. Ӯ дар дарсҳои ҷамъбастӣ ва мустаҳкамкунии мавзӯъ ба ҳар як хонанда расмҳои дар варақа пешакӣ кашидаро пешкаш менамояд, ки дар он узвҳо бо рақамҳо дарҷ ёфтаанд. Хонандагон аз рӯйи рақамҳои расм номи узвҳоро ёфта, вазифаҳои онҳоро муайян мекунанд ва ба дафтарашон менависанд. Омӯзгор дафтари онҳоро санҷида, аз рӯйи натиҷаи кор ба онҳо баҳогузорӣ менамояд.  Корҳои мустақилона дар се шакл:-

фардӣ;- дукаса ва чоркаса;- гурӯҳӣ ба роҳ монда шавад.Аз ин лиҳоз, вазифаи омӯзгорони кафедраи методикаи таълими биология аз он иборат аст, ки дар дарсҳои амалӣ ба донишҷӯён роҳҳои гуногуни ба роҳ мондани корҳои мустақилонаро дар лаҳзаҳои дарс омӯзонанд, то ин ки донишҷӯён дар равиши таҷрибаомӯзии педагогӣ ва баъди хатм дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз уҳдаи кор баромада тавонанд.Дар зер ба роҳ мондани корҳои мустақилонаро дар лаҳзаҳои гуногуни дарси фанни зоология пешкаш менамоем. Дарс фаъолияти мураккабу мақсадноки муаллим ва хонандагон аст. Бинобар ин дар рафти дарсҳои зоология ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи хонандагон аҳамияти зиёди таълимӣ ва тарбиявӣ дорад [2.7.8].

Корҳои мустақилонаи хонандагонро дар рафти омӯзиши мавзӯи нав ва зимни мустаҳкамкунии дарс ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳолати якум характери тадқиқотӣ дорад. Масалан, муаллим дар бораи сохти скелети қурбоққа ва вазифаҳои вай маълумот дода, хонандагон мустақилона аз рӯйи скелети қурбоққа қисмҳои алоҳидаашро ёфта, онро бо скелети моҳӣ муқоиса мекунанд ва фарқияти онҳоро муайян намуда, расмҳои қисмҳои алоҳидаи скелетро дар дафтарашон мекашанд. Дар охир натиҷаи кори мустақилонаи хонандагон аз тарафи муаллим ҷамъбаст карда мешавад.

Бо истифодаи маводҳои табиӣ кори мустақилонаи хонандагонро дар дарс ба роҳ мондан қулай аст. Кори мустақилона аз рӯйи маводи табиӣ ҳиссиёти тадқиқотӣ, эстетикӣ ва инчунин муҳаббати хонандагонро нисбат ба табиат ва ҳайвоноти маҳалли худ афзун мегардонад [7, с.8].Баъди баёни маводи нав ба хонандагон кори мустақилона супоридан аз аҳамият холӣ нест. Супоришро 10-15 дақиқа бо тариқи фардӣ ва гурӯҳӣ гузаронидан мумкин аст. Масалан, муаллим аввал дар бораи харчанг маълумоти умумӣ дода, сипас ба хонандагон чунин супоришҳо медиҳад:

1. Сохти берунии харчангро мушоҳида намуда, онро бо кирмҳо муқоиса кунед.
2. Сохти танаи харчанг чӣ гуна аст, буғумҳои алоҳидаи онро ёбед.
3. Миқдори пойҳо ва мӯйлабҳои онро муайян кунед.
4. Узвҳои бинои ва ҳаракаткунандаи харчангро ёбед.
5. Пӯшиши танаи харчангро аз назар гузаронед.
6. Намуди берунии харчангро ба дафтаратон кашед.

Кори мустақилонаи хонандагонро баъди баёни типҳо ва синфҳои алоҳидаи ҳайвонот ташкил намудан аҳамиятнок аст. Масалан, пас аз таълими типи нармбаданҳо ба хонандагон чунин супоришҳо додан мумкин аст:

1. Гӯшмоҳии бедандонакро аз назар гузаронед.
2. Аз рӯйи гӯшмоҳӣ ва сохт ба кадом синф мансуб будани онро маълум кунед.
3. Сохти гӯшмоҳӣ чӣ гуна аст, аз рӯйи он синну соли бедандонакро муайян кунед.
4. Узвҳои ҳиссиёт ва ҳаракатро ёбед.

Муаллим барои мустаҳкам намудани маводи нав аз расмҳои схематикии ҳайвонот истифода бурда, корҳои мустақилонаро ба роҳ мемонад. Чунончи, вай ба тахтаи синф расми ҳайвони омӯхташавандаро кашида, узувҳои алоҳидаи онро бо рақамҳо ифода мекунад. Сипас, ба хонандагон супориш дода мешавад, ки ҳар кадом номи узвҳои бо рақамҳо нишон додашударо ёбанд, вазифаҳои онҳоро муайян кунанд ва ба дафтарашон нависанд. Мисол, аз рӯйи расми сохти дохилии амёба дар дарс рақамҳоро ба узвҳои дохилӣ мувофиқат карда, ба муаллим пешкаш мекунанд. Муаллим натиҷаи кори онҳоро ҷамъбаст намуда, ба онҳо баҳо мегузорад. Дар вақти омӯзиши мавзӯи «Ҳайвоноти якҳуҷайра» (дар синфи 7) бо истифодаи ҷадвал ба хонандагонкори мустақилона ташкил карда мешавад. Хонандагон ҷадвалро пур карда ба муаллим пешкаш мекунанд.

**Натиҷаи иҷроиши кори хонандагон дар муқоисаи ҳаёти содатаринҳо чунин аст:**

| Объекти омӯзиш | Амёбаи муқаррарӣ | Эвгленаи сабз | Инфузорияи патакча |
|---|---|---|---|
| **Муҳити зист** | Обҳои ширин ва шӯр | Обҳои ширин ва шӯр | Обҳои ширин ва шӯр |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Сохти бадан** | Гирд ва ҳангоми ҳаракат тағйирёбанда | Дарозрӯя ва дар тарафи пеши ба-данаш қамчинак дорад | Дарозрӯя буда, ба патаки пойафзол монандӣ дорад. Бо мӯякҳо пӯшида аст. |
| **Ҳаракат** | Бо ёрии пойҳои қалбакӣ | Бо ёрии қамчинак ҳаракат мекунад | Бо ёрии мӯякҳои сатҳи бадан |
| **Мутаассиршавӣ** | Аз таъсири мод-даҳои химиявӣ, механикӣ ва рӯшноӣ | Аз таъсири мод-даҳои химиявӣ, механикӣ ва рӯшноӣ | Аз таъсири мод-даҳои химиявӣ, механикӣ ва рӯшноӣ |

Кори мустақилонаи хонандагон дар дарс то 10 дақиқа давом карда метавонад. Вобаста ба мавзӯъ, бобҳо ё типҳои калон супоришҳои ҷадвалҳо мураккаб мешаванд. Масалан, баъди омӯхтани типи ҳайвонҳои якҳуҷайрагӣ дар таблитса номҳои ҳамаи синфҳо навишта мешаванд. Хонандагон онҳоро мустақилона муқоиса карда, ба хоначаҳои алоҳида ҷавоби хаттӣ менависанд. Муаллим метавонад кори мустақилонаи хонандагонро аз рӯйи китоби дарсӣ ва дигар адабиёти иловагӣ низ ташкил намояд. Дар китобҳои дарсии нав вобаста ба омӯзиши салоҳиятнокӣ маводҳои зиёд барои кори мустақилона мавҷуд аст. Ба муаллимон зарур аст, ки аз ин маводҳои китоби дарсӣ дар равиши дарс фаъолона истифода баранд [7.8.14].

Кори мустақилонаи хонандагон, одатан аз суҳбати муаллим оғоз шуда, бо такрор ва мустаҳкамкунии маводи омӯхташуда ба охир мерасад. Баъди баёни мавзӯи нав муаллим метавонад бобҳо ва саҳифаҳои алоҳидаи китобро барои кори мустақилона пешкаш намояд. Ин дониши гирифтаи хонандагонро мустаҳкам мекунад ва малакаи мустақилона меҳнат карданро ташаккул медиҳад.

Дар кори мустақилонаи хонандагон истифодаи саволу супоришҳо ва расмҳои схематикии китоб (сохти узвҳои дарунӣ ва берунӣ, узвҳои ҳозима, асаб, гардиши хун ва ғайра) аҳамияти зиёд дорад. Зимни омӯзиши мавзӯи «Тафовут ва монандии ҳайвонот ва рустанӣ» хонандагон фарқият ва монандии рустанию ҳайвонотро нишон дода, ҷадвалро пур мекунанд (нигаред ба ҷадвали 3).

| Рустаниҳо | Ҳайвонҳо |
|---|---|
| Монандӣ | |
| 1.Ғизогирӣ<br>2.Нафаскашӣ<br>3.Сабзиш<br>4.Афзоиш<br>5.Сохти ҳуҷайрагӣ | 1.Ғизогирӣ<br>2.Нафаскашӣ<br>3.Сабзиш<br>4.Афзоиш<br>5.Сохти ҳуҷайрагӣ |
| **Фарқият** | |
| 1.Аз моддаҳои ғайриорганикӣ ғизо мегиранд. Қобилият доранд бо ёрии хлорофилл дар равшанӣ аз гази карбонат моддаҳои органикӣ ҳосил кунанд. | 1. Аз моддаҳои органикӣ ғизо мегиранд (рустаниҳо ё ҳайвонҳои дигарро мехӯранд).<br>2.Узвҳои ҳаракат, системаи асаб ва узвҳои ҳиссиёт доранд. |

Аз рӯйи натиҷаи кори мустақилона хонандагон хулоса мебароранд, ки инфузорияи патакча нисбат ба амёба сохт ва ҷараёнҳои ҳаётии мураккаб дорад.

Баъди омӯхтани мавзӯъҳои «Типи рӯдаковокҳо, паҳнкирмҳо, лундакирмҳо ва ҳалқакирмҳо» дар дарси ҷамъбастӣ кори хаттӣ ташкил карда шуда, ба хонандагон супориш дода мешавад, ки ба саволҳои зерин ҷавоб ёфта, хусусиятҳои ҳар як типро муқоиса намуда, онро дар ҷадвал нишон диҳанд:

а) Муҳити сукунати рӯдаковонон, паҳнкирмҳо, лундакирмҳо ва ҳалқакирмҳо чӣ гуна аст?

б) Шакли бадани рӯдаковонон, паҳнкирмҳо, лундакирмҳо ва ҳалқакирмҳо чӣ гуна аст?

в) Ковокии бадани рӯдаковонон, паҳнкирмҳо, лундакирмҳо ва ҳалқакирмҳо чӣ гуна аст?

г) Системаи узвҳои рӯдаковонон, паҳнкирмҳо, лундакирмҳо ва ҳалқакирмҳо чӣ гуна аст?

Дар вақти омӯзиши мавзӯи «Ҷамъбасти ҳайвонҳои якҳуҷайра» (синфи 7) бо

хонандагон кори мустақилонаро ба тарзи кори хаттӣ ташкил кардан мумкин аст, ки онҳо тарзи ғизогирӣ, шакли бадан ва ҳаракати содатаринҳоро муқоиса намуда, дар ҷадвали зерин ҷой медиҳанд.

| Содатаринҳо | Ғизогирӣ | Берун шудани хӯроки ҳазмнашуда | Шакли бадан | Ҳаракат |
|---|---|---|---|---|
| Эвгленаи сабз | Моддаҳои ғайри органикӣ ва моддаҳои ҳалшудаи органикиро мехӯрад. | Аз ҳар қисми бадан | Нисбатан доимӣ | Бо ёрии қамчинакҳо |
| Амёбаи муқаррарӣ | Моддаҳои органикиро мехӯрад | Аз ҳар қисми бадан Аз ҳар қисми бадан | ғайри доимӣ | Бо ёрии пойҳои қалбакӣ |
| Патакча | Моддаҳои органикиро мехӯрад | Аз ҷойи муайян | доимӣ | Бо ёрии мӯякҳо |

Натиҷаи ҷадвали пуркардаи хонандагон чунин аст:

| **Тип ва намояндагони онҳо** | **Муҳити сукунат** | **Шакли бадан ва ба қисмҳо ҷудошавии онҳо** | **Мавҷудият и халтаи пӯсту мушак** | **Ковокии бадан** | **Симметрия** | **Системаи узвҳо** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Кирмҳои паҳн:** Планарияи сафед, кирми ҷигармак, кирми меъдаи гов, хук ва эхинокок | об, узвҳои ҳозима | танааш дарозрӯя, паҳн, мумкин ба қисмҳо ҷудо шуда бошад | ҳаст | нест | дутарафа | ҳозима (рӯдаи пеш ва миёна): ихроҷ асаб, ҷинсӣ. |
| **Кирмҳои гирд:** гиҷҷа, нематоти лаблабӯ, миттаи гандум | растаниҳо, хок, узвҳои ихроҷ | танааш дарозрӯя, гирди ба қисмҳо ҷудо нашуда | ҳаст | ҳаст | дутарафа | ҳозима (рӯдаи пеш, миёна ва ақиб); ихроҷ, асаб, ҷинсӣ, |
| **Кирмҳои ҳалқашакл** Кирми лойхӯрак, нереида, регнишин | хок, об | танааш дарозрӯя, гирди ба қисмҳо ҷудошуда | ҳаст | ҳаст | дутарафа | ҳозима (рӯдаи пеш, миёна ва ақиб); гардиши хун, ихроҷ, асаб, ҷинсӣ |

Баъди омӯзиши мавзӯи «Занбӯри асал. Занбӯри асалпарварӣ» хонандагон аз дониши азхудкардаашон истифода бурда, бо саволу супоришҳо ҷавоб дода, фарқияти инкишоф ва афзоиши занбӯрҳои малика, модина ва наринаро дар ҷадвал нишон медиҳанд:

1) Занбӯрҳо чӣ хел инкишоф меёбанд?

2) Фарқи инкишофи занбӯри нарина аз корӣ дар чист?

3) Хусусиятҳои сохти занбӯри нарина, корӣ ва модинаро шарҳ диҳед?

| Занбӯри асал | Аз кадом тухмҳо инкишоф меёбад | Хӯрокдиҳӣ, давраи инкишф | Хусусиятҳои сохт |
|---|---|---|---|
| Малика | Аз тухми бордор | Шир. Инкишоф 16 рӯз | Ҷуссаи калон, шиками хеле дароз. Узвҳо барои ҷамъ кардани гард, нектар ва барои иҷрои корҳои дигар инкишоф наёфтаанд |
| Занбӯри нарина | Аз тухмҳои бордорнашуда | Рӯзҳои аввал (3-4 рӯз) бо шир ва баъд бо омехтаи асалу гард. Инкишоф 24 рӯз | Болҳо хуб инкишоф ёфтаанд, шика ми дароз, чашмони калон |
| Занбӯри асали корӣ | аз тухмҳои бордор | Монанди нарзанбӯр аст. Инкишоф 2 рӯз | Андозаи тана нисбатан хурд. Чашмони калон, Чашмакҳои одӣ ҳастанд. Узвҳои ҳис нағз инкишоф ёфтаанд. Дар пойҳо чӯткача, сабатчаҳо мавҷуданд. Баданро мӯякҳо пӯшонидаанд. Сохти узвҳои даҳон мураккаб аст. |

Хонандагон зимни омӯхтани мавзӯи «Сохти берунии гамбуски саврӣ» аз коллексияи ҳашарот, препарати намноки харчанги дарёӣ, ҷадвалҳо, матну расмҳои китоби дарсӣ истифода бурда, ба саволу супоришҳо ҷавоб тайёр мекунанд:

1. Бадани гамбусак аз чанд қисм иборат аст?
2. Дар қисми сари гамбуски саврӣ кадом узвҳо мавҷуданд?
3. Гамбуски саврӣ чанд ҷуфт пой дорад?
4. Монандӣ ва фарқияти сохти берунии гамбуски саврӣ ва харчанги дарёиро р карда, дар ҷадвал нависед:

| Номи ҳайвон | Монандӣ | Фарқият |
|---|---|---|
| Харчанги дарёӣ<br><br><br><br><br>Гамбуски саврӣ | Пойҳояш ба буғумҳо тақсим шудаанд. Мӯйлабҳо, чашмонашон мураккаб, баданашон бо моддаи хитинӣ пӯшида шудааст. Рангашон ба табиати муҳит монанд буда, аҳамияти муҳофизатӣ дорад. | Харчанг сокини об, гамбуск сокини хушкӣ, харчанг 5 ҷуфт, гамбуск 3 ҷуфт пой дорад. Бадани харчанг аз ду қисм (сар-сина, шикам), бадани гамбуск аз се қисм (сар, сина, шикам) иборат аст. Харчанги дарёӣ бо ғалсама, гамбуски саврӣ бо хирной нафас мекашад. |

Зимни такрори мавзӯи «Типи буғумпойҳо» кори мустақилона ташкил мекунем, ки дар рафти он хонандагон фарқият ва монандии намояндагони типро дар шакли ҷадвали зерин ба тартиб медароранд [7.8.15].

| Супоришҳо муайян кардан | Харчанги дарёӣ | Тортанакшаклҳо | Ҳашаротҳо |
|---|---|---|---|
| 1.Қисмҳои бадан | Аз ду қисм иборат:<br>1) сари сина<br>2) шикам | Аз ду қисм иборат:<br>1) сар<br>2) шикам | Аз се қисм иборат:<br>1) сар<br>2) сина<br>3) шикам |
| 2.Миқдори пойҳо. | 5-ҷуфт | 4-ҷуфт | 3-ҷуфт |
| 3.Миқдори мӯйлабҳо | 2-то | 2-то (чангол) | 2-то |
| 4.Узви бинойӣ | 2-то чашми мураккаб кушода | 4-то чашми одӣ | 2-то чашми мураккаб |
| 5.Хусусиятҳои гардиши хун | | кушода | сарбаста |
| 6.Хусусиятҳои системаи асаб | гиреҳҳои асаб | гиреҳҳои асаб | гиреҳҳои асаб |
| 7.Хусусиятҳои аъзои нафаскашӣ | ғалсама | шуш ва хирной | нафасгирак ва хирной |

Зимни омӯзиши дарси ҷамъбастӣ оид ба типи буғумпойҳо бо хонандагон кори мустақилона ташкил карда мешавад, ки онҳо аз дониши гирифтаашон истифода бурда, аломатҳои фарққунандаи қатори синфи ҳашаротҳоро муқоиса намуда, ҷадвалро пур мекунанд.

| **Қатор** | **Шакли инкишоф** | **Миқдори бол** | **Шакли аппарати даҳонӣ** | **Шакли боли пеш** | **Баъзе намояндагони ин қатор** |
|---|---|---|---|---|---|
| Ростболҳо | нопурра | ду ҷуфт | хоянда | дар зери бол | малах, чир-чирак |
| Пулакчаболҳо ё сӯзанак | нопурра | ду ҷуфт | хоянда | туршакл | шапаракҳои баҳорӣ |
| Нимсахтболҳо | нопурра | ду ҷуфт | ниммаканда | ним зери бол | сангпуштак, клоп |
| Пулакчаболҳо (шапаракҳо) | пурра | ду ҷуфт | макканда | туршакл бо пулакча | шапалаки барги карамхӯр |
| Сахтболҳо | пурра | ду ҷуфт | хоянда | зербол | гамбуски колорадо |
| Пардаболҳо | пурра | ду ҷуфт | хояндаю лесанда | парда-шакл | занбӯри асал, орӯ |
| Дуболаҳо | пурра | якто | макандаю лесанда | пардашакл | пашша |

Дуруст пур кардани ҷадвал аз ҷониби хонандагон аз дониши амиқи онҳо оид ба ин мавзӯъ шаҳодат медиҳад. Дар дарсҳои лабораторӣ ба роҳ мондани корҳои мустақилона хело қулай мебошад. Дар ин ҳолат хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, мавзӯи кори лабораторӣ пешниҳод мегардад. Баъди анҷоми кор гурӯҳҳо натиҷаи корашонро ҷамъбаст намуда, ба омӯзгор пешниҳод менамоянд.

Масалан, кори мустақилонаро зимни омӯзиши як соат дарси лабораторӣ дар мавзӯи «Мушоҳидаҳо дар бораи сохт ва ҳаракати инфузорияи патакча» пешниҳод менамоем. Хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, онҳоро ба равиши кор вобаста менамоем.

***Таҷҳизот:*** пробирка бо шираоби инфузорияи патакчадор, заррабин бо штатив, микроскоп, қатрачакон, пахта, шишаи предметӣ ва пӯшиш.

**Рафти амалиёт:**

1. Пробиркаро ба даст гирифта, нигоҳ кунед, ки оё инфузорияи патакчаро бо чашми одӣ дидан мумкин аст ё не? Агар дида тавонед, мушоҳида кунед, ки дар кадом қисми пробирка миқдори онҳо зиёд мебошад.
2. Дар болои шишаи предметӣ аз шираоби пробиркаи инфузориядор як қатра обро чаконед. Онро тавассути заррабин ё микроскоп бинед ва шуморед, ки дар ин қатраи об чанд адад инфузория мавҷуд аст. Муайян кунед, ки шакли бадани онҳо чӣ хел аст, онҳо чӣ гуна ҳаракат мекунанд, қисми пеши бадан аз қафои бадан чӣ тафовут дорад?
3. Ба қатраи оби инфузориядор якчанд нахи пахтаро гузоред, қатраи обро бо шишаи рӯйпӯш пӯшонед ва дар мизчаи микроскоп гузошта, тавассути калонкунаки хурд нигоҳ кунед. Бо ёрии расми китоб муайян кунед, ки тавассути калонкунаки хурд кадом органоидҳои инфузорияро дидан мумкин аст.
4. Инфузорияро тавассути калонкунаки калон дар зери микроскоп нигоҳ кунед. Шишаи предметро тарзе гузоред, ки як ё якчанд инфузория дар байни нахҳои пахта монад. Мушоҳида кунед, ки кадом узвҳои инфузорияро дидан мумкин аст?
5. Ҳамаи он чиро, ки дар зери микроскоп мебинед, расм кашед ва мушоҳидаҳои худро дар дафтаратон нависед.

Инчунин, зимни омӯзиши мавзӯъҳои дарси зоология дар дарсҳо бо истифодаи тестҳо ба хонандагон корҳои мустақилона ташкил кардан мумкин аст.

1. Инфузория бо кадом роҳ афзоиши ҷинсӣ мекунад?А) копулятсия;Б) конюгатсия;В) шизогения;Г) оосиста.

2. Дар Тоҷикистон чанд намуди нематоти муфтхӯри инсон мавҷуд аст?

А) 4;
Б) 6;
В) 8;
Г) 10.
3. Рӯйпӯши бадани бандпойҳо аз чӣ иборат аст?
А) скелет;
Б) моддаи исфанҷӣ;
В) хитин;
Г) мушак.
4. Афзоиши ҷинсии гидра дар кадом фасли сол оғоз меёбад?
А) тирамоҳ;
Б) тобистон;
В) баҳор;
Г) зимистон.
5. Қатори ҳашаротҳоро ба узвҳои даҳонӣ мувофиқат кунед:
1) халандаю маканда А) қатори нонхӯрак
2) хоянда В) қатори шабушк ва кайк
3) макандаю лесанда С) қатори пулакчаболҳо
4) маканда D) қатори пардаболҳо
5) хоянда
6. Мувофиқати ҳашаротҳоро ба қаторҳо муайян намоед:
А) қатори сахтболҳо 1)Нимфалис антиопа
В) қатори пулакчаболҳо 2) саргинғелон
С) қатори пардаболҳо 3)Малах
Д) қатори ростболҳо 4) Орӯ
5) кӯрпашша

Иҷрои корҳои мустақилона дониши гирифтаи хонандагонро мустаҳкамтар, амиқтар ва саҳеҳтар карда, ҳисси кунҷковӣ, мушоҳидачигӣ ва таҳқиқии онҳоро ривоҷ медиҳад ва дар онҳо меҳнатдӯстӣ, эҷодкорӣ, ватандӯстӣ ва меҳру муҳаббат нисбат ба табиати худро тарбия менамояд. Ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона хонандагон мустақилона меҳнат кардан, таҳқиқ намудан, эҷодкорӣ ва хулоса бароварданро меомӯзанд [1.6.12].

Ташкил кардани корҳои мустақилона дар дарсҳо аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ дошта, фаъолияти синфро ба дарс зиёд намуда, бекории хонандагонро пешгирӣ менамояд. Зимни корҳои мустақилона хонандагон воситаҳои аёнии табиӣ ва тасвириро меомӯзанд, варақчаҳои дидактикиро пур мекунанд ва маводҳои дар экскурсия ҷамъовардашударо ба тартиб медароранд.

**Муқарриз: Юлдошев Ҳ.- доктори илмҳои биология, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Балакирева Э.В. Организация самостоятельной работы студентов по педагогическим дисциплинам: Учебно-методическое пособие для преподавателей высшей школы / Э.В.Балакирева, Р.У. Богданова [и др.] / –Часть I. – СПб., 2008.
2. Барномаи таълими фанни биология дар синфҳои 5-11. -Д., 2018.
3. Воронин А.С. Самостоятельная работа студентов. Учебно-методическое пособие для студентов / А.С. Воронин. – Екатеринбург, 2005.
4. Верзилин Н.М. Общая методика преподавания биологии / Н.М. Верзилин, В.М.Корсунская. - М.,1976.
5. Зубайдов У.З. Методикаи таълими биология / У.З.Зубайдов, К.А.Баротзода, А. Каримзода, М. . - Душанбе, 2020.
6. Зубайдов У.З., Алимов С.Ш. Тавсияҳои методӣ оид ба ташкили корҳои мустақилонаи беруназаудитории донишҷӯён / У.З.Зубайдов, С.Ш. Алимов. - Душанбе, 2014.
7. Маҳмадзиёев А. Зоология / А. Маҳмадзиёев. - Душанбе, 2013.
8. Маҳмадзиёев А. Роҳнамои зоология барои синфи 7 / А. Маҳмадзиёев. - Душанбе, 2019.
9. Иванова Р.Г. Самостоятельные работы по химии / Р.Г.Иванова, Т.З.Савич, И.Н. Чертков. М.: Просвещение, 1982.
10. Измайлова М.А. Организация внеаудиторной самостоятельной работы студентов. Мет. пособие / М.А. Измайлова.– М.: «Дашков и К», 2008. – 64с.

11. Рубочкин В.А. Методические рекомендации по самостоятельной работе студентов / В.А. Рубочкин. – М., 1998.
12. Умаров У.С. Кори мустақилонаи донишҷӯён бо китоб дар низоми кредитии таҳсилот / У.С. Умаров. – Душанбе, 2013.
13. Усова А.А. Самостоятельная работа учащихся по физике в средней школы / А.А.Усова, З.А. Вологодская. -М.: Просвещение1981.
14. Корсунская В.М. Уроки общей биологии / В.М. Корсунская [и др.] М.,1988.
15. Филатова Н.Ф. Уроки зоология / Н.Ф. Филатова, Л.А. . - М., 1979.

## АСОСҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАЙЁРИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ЗИМНИ БА РОҲ МОНДАНИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНА ДАР ТАЪЛИМИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

Кори мустақилона фаъолияти эҷодӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯ ба ҳисоб рафта, ҳангоми иҷрои он шавқи донишандӯзии онҳо зиёд мегардад. Донишандӯзӣ аз донишҷӯён иҷрои кори мустақилона бо китоб ва омӯхтани адабиёти илмӣ, методӣ ва оммавиро тақозо менамояд.Дар системаи мафҳумҳои дидактикаи муосир мафҳуми кори мустақилона яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Чунончи, методистони бузурги рус А.В. Усова ва З.А. Вологодская корҳои мустақилонаро ҳамчун методи таълим маънидод намуда, қайд кардаанд, ки тавассути иҷро намудани корҳои мустақилона донишҷӯён донишҳои нав гирифта, маҳорату малакаи нав пайдо мекунанд, дар онҳо хусусиятҳои мустақилият, фаъолнокӣ, боиродагӣ ва ғайраҳо инкишоф меёбанд. Ба ақидаи Б.П. Есипов, кори мустақилона тарзи корест, ки дар рафти иҷрои он омӯзгор иштирок намекунад, лекин аз рӯйи супориши ӯ дар муддати муайяншуда иҷро карда мешавад. Дар ин ҳолат хонандагон кӯшиш менамоянд, ки талаби супоришро бошуурона иҷро кунанд. Натиҷаҳои бадастоварда, бо кадом роҳе ки набошад қобилияти фикрӣ ё сарфи қувваи ҷисмонии онҳоро ошкор месозад. К.У. Ушинский чунин меҳисобид, ки фикрронии мустақилонаи толибилм ҳангоми бевосита иҷро намудани кори мустақилона ба вуҷуд меояд; мустақилият дар омӯзиш диққати толибилмро зиёд мекунад ва ӯ маводро бодиққат хонда, сатҳи фикрронии ӯ фаъол мегардад ва нисбат ба кор масъулият ҳис мекунад.

Корҳои мустақилона дар дарсҳои лабораторӣ, амалӣ ва лаҳзаҳои гуногуни дарсҳои биология бо усулҳои гуногун ташкил карда мешаванд, ки хонандагон он супоришҳоро бо роҳбарии муаллими биология иҷро мекунанд. Ба роҳ мондани корҳои мустақилона дар синф аз фанни биология ба савияи донишу таҷриба ва истеъдоди баланди омӯзгор вобастагии зиёд дорад. Зимни иҷрои корҳои мустақилона ҳамаи хонандагон ҷалб карда мешаванд. Инчунин, зимни корҳои мустақилона синну соли хонандагонро ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

**Калидвожаҳо**: хонанда, корҳои мустақилона, синф, гурӯҳҳо, зоология, дарс, ҳайвонот, методистон, содатаринҳо, кирмҳо.

## ДИДАКТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ К ВЕДЕНИЮ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ ПО МЕТОДИКЕ ПРЕПОДАВАНИЯ БИОЛОГИИ

Самостоятельная работа - это творческая и индивидуальная деятельность каждого ученика, выполнение которой повышает его интерес к учебе. Обучение требует от студентов самостоятельной работы с книгами и изучения научной, методической и популярной литературы.В системе понятий современной дидактики видное место занимает понятие самостоятельной работы. Например, русские методисты А.В. Усова, З.А. Вологодская охарактеризовали самостоятельную работу как метод обучения, отметив, что через самостоятельную работу студенты получают новые знания, приобретают новые навыки, развивают качества независимости, активности, настойчивости и так далее.По мнению Б. Есипова, самостоятельная работа - это метод работы, в которой учитель не участвует, но по его указанию она выполняется своевременно. В этом случае ученики стараются осознанно выполнять требования задания. Достигнутые результаты раскрывают их умственные способности или физические нагрузки. К.У. Ушинский считал, что самостоятельное мышление ученика возникает тогда, когда он или она непосредственно вовлечены в самостоятельную работу. Независимость в обучении увеличивает внимание ученика, он внимательно читает материал, у него активизируется уровень мышления, и он чувствует ответственность за свою работу. Самостоятельная работа на лабораторных практических занятиях и различных моментах уроков биологии организована по-разному, студенты выполняют задания под руководством учителя биологии. Организация самостоятельной работы на уроках биологии зависит от уровня знаний, опыта и высокого таланта учителя. Все студенты вовлечены в самостоятельную работу. При самостоятельной работе также важно учитывать возраст учеников.

**Ключевые слова**: студент, самостоятельная работа, класс, группы, зоология, уроки, животные, методисты, простейшие, черви.

## DIDACTIC FOUNDATIONS OF PROFESSIONAL TRAINING OF FUTURE TEACHERS FOR CONDUCTING INDEPENDENT WORK ON THE METHODOLOGY OF TEACHING BIOLOGY

Independent work is a creative and individual activity of each student, the implementation of which increases his interest in learning. Education requires students to independently work with books and study scientific, methodological and popular literature.In the system of concepts of modern didactics, the concept of independent work occupies a prominent place. For example, the great Russian methodologist A.V. Usova, Z.A. Vologodskaya described independent work as a teaching method, noting that through independent work, students acquire new

knowledge, acquire new skills, develop the qualities of independence, activity, perseverance, and so on.According to B. Esipov, independent work is a method of work in which the teacher does not participate, but according to his instructions it is carried out in a timely manner. In this case, students try to consciously fulfill the requirements of the assignment. The results achieved in any way reveal their mental abilities or physical activity.K.U. Ushinsky believed that independent thinking of a student arises when he or she is directly involved in independent work; Independence in teaching increases the student's attention, he carefully reads the material, his level of thinking is activated, and he feels responsible for his work.Independent work in laboratory classes, practical exercises and various moments of biology lessons is organized in different ways, students perform tasks under the guidance of a biology teacher. The organization of independent work in biology lessons depends on the level of knowledge, experience and high talent of the teacher. All students are involved in independent work. When working independently, it is also important to take into account the age of the students.

**Key words**: student, independent work, class, groups, zoology, lessons, animals, methodologists, protozoa, worms.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хидиров Ғолибҷон-*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 934060621**.
***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Сведения об авторах:** ***Хидиров Голибджон-*** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 934060621.**
***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доцент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Information about the author:** ***Khidirov Golibjon -*** Tajik National University, , doctoral student Ph.D. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 934060621..**.
***Barotzoda Kamoliddin Ashur*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, associate professor. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **(+992) 934-05-04-46**

**УДК: 37.013.32**

# РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САЛОҲИЯТНОКӢ ДАР ОМӮЗИШИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ

***Байдуллоев Ш.С.***
**Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М Турсунзода**

Дар марҳилаи кунунии рушди маориф, талабот ба дониш ва малакаҳои фаннӣ, ба салоҳияти иҷтимоӣ, ки маҷмӯи салоҳиятҳои асосӣ мебошад, тағйир ёфтааст. Ташаккул додани доираи васеи салоҳиятҳо тавассути ҳама фанҳои таълимӣ тавсия дода мешавад. Аммо, ҳар яке аз онҳо дар ин робита дорои иқтидори гуногуни дидактикӣ мебошанд ва хусусиятҳои ба худ хос доранд. Барои ташаккули салоҳиятҳои асосии мактаббачагон, табиатшиносӣ ҳамчун як фанни таълимӣ имкониятҳои назаррас дорад, ки дар байни онҳо, пеш аз ҳама, сатҳи баланди иҷтимоӣ ва амалии табиатшиносӣ, намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ва маърифатиро нишон додан зарур аст. Фароҳам овардани чунин шароит дар мактаби муосир кори душвор аст, зеро вақти муайяннамудаи барномаи таълимии омӯхтани табиатшиносӣ барои аз ҷониби мактаббачагон бо сифати баланд аз худ кардан муҳим аст. Стандарти давлатии таҳсилот ва зиёда аз он, барои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон зарур аст. Яке аз роҳҳои ҳалли имконпазири он татбиқи принсипи мукаммалӣ мебошад, ки истифодаи захираҳои иловагии таълимиро дар бар мегирад (васеъ намудани соҳаи таълим, истифодаи намудҳои

гуногуни фаъолияти таълимию маърифатии хонандагон, мукаммал кардани мундариҷаи маводи таълимӣ, ки ба талаботҳои таълимии хонанда ҷавобгӯ аст ва ғ.). Дар айни замон, истифодаи захираҳои иловагӣ ҳангоми татбиқи қисми тағйирёбандаи барномаи таълимии асосӣ, имконпазир аст. Бо сабаби тағйир ёфтани сохтор, мундариҷа ва ташкили раванди таълим имконпазир мегардад, ки талабот ва имкониятҳои фардии маърифатии хонандагони мактаби миёна ба назар гирифта шаванд, барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолият заруранд, шароит фароҳам оварда шавад.

Аз рӯйи ақидаи Ягодовский К.П., дар синфҳои ибтидоӣ аз ҳама шакли одитарини таълим дарси амалӣ мебошад. Дарси амалӣ мушоҳидакорӣ, хотира ва тафаккури хонандагонро мустаҳкам менамояд [15, с.27]. Аз нуқтаи назари Ягодовский К.П., агар дарси якум назариявӣ бошад, дарси дуюм ҳатман бояд амалӣ гузаронида шавад. Ӯ талаб мекард, ки машғулиятҳои лабараторӣ аз рӯйи ягон ҳодисаи табиат гузаронида шавад. Таълим, ба ақидаи Ягодовский К.П., бояд ба муҳити зиндагии хонанда алоқаманд бошад, то ин ки муаллим чизи омӯхташавандаро дар шакли табиӣ нишон дода тавонад. Мувофиқи ақидаи Ягодовский К.П., дарси табиатшиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ бояд ба ҳодисаҳои табиати гирду атроф вобаста бошад ва ин метавонад ба тафаккури зеҳнии кӯдакон ва ҳисси кунҷковии онҳо нисбат ба табиати кишвараш ҳисси шавқу завқро ба вуҷуд орад. Крупская Н.К. таъкид менамуд, ки бояд дар ҳар як мактаб кружоки «Табиатшиносӣ» амал кунад. Дар рафти таълими табиатшиносӣ бояд хонандагонро бо хосиятҳои гуногуни растаниҳо, ҳайвонот ва ҳодисаҳои дар табиат бавуқӯъомода шинос намуда, чӣ гуна омухтани онҳоро фаҳмонда диҳанд. Масалан, Крупская Н.К. аз муалимон талаб менамуд, ки ҳар як ҳодисаро дар инкишоф ( аз сода ба мураккаб) бинанд. Бинобар ин танҳо аз китоб хондану таълим додан ба мақсад мувофиқ нест. Муаллим бояд ба асосҳои методикаи тавсиякардаи Крупская Н.К. шинос шуда, ҷиҳатҳои муҳимтарини назариявӣ ва амалии онро дар таълими табиатшиносии синфҳои ибтидоӣ истифода барад. Крупская дар бораи тарбия намудани хонандагон сухан ронда ба ҳисоб гирифтани 5 чизро тавсия карда буд:

1. Барвақт сар кардани фаҳмондадиҳӣ.
2. Бо ҳар роҳ нишон додани качфаҳмиҳо оид ба табиат.
3. Эҳтиёткор будан нисбат ба воситаи истеҳсолот.
4. Дар мактаб истифода бурдани методҳои дурусти тарбия.
5. Мустаҳкам намудани кори коллективона.

Дар рафти таълими табиатшиносӣ вазифаи асосии муаллим аз инҳо иборат аст:

а) дар асоси маълумотҳои нави соҳаҳои ҷудогонаи илмҳои табиатшиносӣ тасаввуроти хонандагонро дар бораи ашё, предмету ҳодиса ва хосияти онҳо васеъ намояд;

б ) дар асоси маълумоти аниқ нишон додани қонунҳо ва шаклҳои инкишофи табиатро равшан фаҳмонад;

в) дар таълими табиатшиносӣ диққати асосиро ба тарбияи ҷаҳонбинии илмии хонанда равона кунад;

г) дар дарсҳои табиатшиносӣ қудрати инсонро ҳамчун дигаргунсозандаи табиат тасвир намояд;

ғ) хонандагонро ба омӯзиши табиат ва муҳофизати бойгариҳои он ҳавасманд гардонад [5, с.84].

Мувофиқи талаботи барномаи нави табиатшиносӣ, имрӯз дар назди муаллимони синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои зерин меистанд:

1.Муаллимон бояд барнома ва китоби дарсии табиатшиносиро нағз донанд, ба мазмуну мундариҷа ва алоқамандии он бо дигар фанҳо сарфаҳм раванд.

2. Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд дарсҳоро бештар бо тарзи салоҳиятнокӣ гузаронанд.

3. Шаклҳои гуногуни корҳои беруназсинфиро ташкил карда, гузаронда тавонанд [3, с.54].

Ҳар илми ҷудогона кӯшиш мекунад, ки пеш аз ҳама, қонунҳо ва методҳои объективии ҳамон соҳаро шарҳ диҳад. Зеро, қонунҳо барои фаҳмидани рушди объективонаи як соҳаи табиат ё ҳаёти ҷаъмиятӣ мадад расонида, дар фаъолияти амалии муаллим аҳамияти калон доранд. Қоидаҳои таълим асосан дар курси педагогика омӯхта мешаванд. Онҳо аз чанд системаҳои байни ҳам алоқаманд иборатанд ва ҳар яки он кори амалии байни муаллиму талабаро муайян мекунад. Ба қоидаҳои таълим Ягадовский асоси назариявӣ гузоштааст:

1. дастрас будани таълим;
2. пайдарҳамӣ дар таълим ва алоқамандии он бо амалияи меҳнатӣ;
3. қоидаҳои аёнӣ дар таълим;
4. фаъол будани хонандагон дар раванди таълим.

Ҳар як муаллим вазифадор аст, ки дар баробари донистани фанни худ, методикаи таълим, асосҳои психологӣ ва педагогии кори таълиму тарбия, асосҳои илмӣ, дидактикии таълими фанни худро низ бояд донад. Донистани асосҳои психологию дидактикии таълимии ин ё он фан барои муллим яроқи муҳим дар кори таълиму тарбия ба ҳисоб меравад. Алалхусус, дар синфҳои ибтидоӣ ба муаллим лозим аст, ки қонуниятҳои психологии инкишофи фикрии хонандагонро ба эътибор гирад. Аз тарафи муаллим ба ҷо овардани ин вазифа кори чандон осон нест. Барои ба ин мақсад ноил шудан, муаллим бояд аз имкониятҳои фанни тадрисшаванда худ (дар мисоли табиатшиносӣ) дуруст истифода барад [6, с.95].

Фанни табиатшиносӣ, махсусан методикаи таълимдиҳии он бо илмҳои психология ва педагогика алоқамандии зич дорад. Донистани алоқаи психология бо табиатшиносӣ ба муаллим имконият медиҳад, ки дар дарсҳо фаъолияти фикрии бачагон, қобилияти эҳсосу идрок, тафаккур, нутқ, хотираву диққат, ҳиссиёту иродаи онҳоро инкишоф диҳад. Масалан, ҳангоми баёни даҳонакӣ, корҳои амалӣ, экскурсия ба табиату истеҳсолот ва ғайра. Мо қобилияти дарккунии талабагонро дар раванди баёни даҳонакӣ, истифодаи асбобҳои аёнӣ, сохтани коллексия, тамошои расм, инкишоф дода метавонем [14, с.135]. Ин кор, дар навбати худ, дараҷаи маърифатҷӯии хонандагонро баланд мебардорад.

Раванди мақсадноки дарккунӣ ба инкишофи нутқ ва мустаҳкамшавии хотира таъсир мерасонад. Инро мо ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ, иҷрои супоришҳои амалӣ, дарсҳои такрорию экскурсионӣ мушоҳида карда метавонем, яъне мо мебинем, ки то кадом дараҷа аломатҳои хосси фарққунанда ва номи предметҳо, объектҳои табиию географӣ, номҳои шахс, рӯз, моҳ ва ғайра дар хотираи хонанда боқӣ мондааст. Дар ин ҷо муаллим бояд камбудиҳои хотираи хонандагонро муайян кунад, сабабҳои ҷудогонаи онҳоро ҷӯяд ва онҳоро ислоҳ кунад. Масалан, мегӯянд, ки «такрор - модари дониш аст». Аммо, на ҳама гуна такрор модари дониш шуда метавонад. Масалан, хонандае, ки як матнро 4 - 5 маротиба такроран мехонад, матнро аз ёд мекунад, вале ба маънои он сарфаҳм намеравад. Аз ин гуна такрори механикӣ ва рӯякӣ чизе дар хотири хонанда намемонад [7, с.167]. Мурод аз такрор он аст, ки мазмун дар хотираи хонанда дер боқӣ монад.

Инкишофи хотираи хонандагон ба кору фаъолияти педагогии муаллим ҳам вобастагии зич дорад. Дар баробари мустаҳкам кардани хотира малака ҳам такмил меёбад. Дар ин бобат машқи ислоҳи хатоҳо, баёни даҳонакии мавзӯъ аҳамияти калон дорад. Дарсҳои табиатшиносӣ дар тарбия намудани хонандагони хурдсол мақоми арзанда дорад. Ҳар як ҳиссиёти инсон ба фаъолияти ӯ вобаста аст. Амали ирода,

мақсад гузоштан, ба ҳалли он кушидан ва барои ба мақсад расидан бартараф кардани монеаҳоро дар назар дорад.

Диққат яке аз шаклҳои раванди рӯҳияи инсон буда, дар таълиму тарбия ҷойи намоёнро ишғол мекунанд. Диққат ба дараҷаи шуурнокию ҳофиза низ вобаста аст. Диққат барои аз худ кардани манбаъҳои табиатшиносӣ кумак мерасонад. Диққати фаъол ҳангоми баёни муаллим, хондани матн, таҳлили расму ҷадвал воситаҳои аёнӣ, ҳангоми экскурсия ва сайру гашт ниҳоят зарур аст. Ҳамаи ин, албата, ба фаъолияти муаллим, шавқовару пурмазмун будани дарс, диққатҷалбкунанда будани воситаҳои намоиш вобаста аст. Масалан, дар дарс ҳар сари 15 дақиқа 2- 3 дақиқа дам додани хонандагон (аз ҷумла ба чистонёбӣ машғул шудан аҷоиботеро вобаста ба дарс нақл кардан, бозиҳои шавқовар гузаронидан ва ғайра) диққати онҳоро аз нав барқарор мекунад. Дар ҳолати риоя накардани ин қоидаҳо дарс якхелаву дилгиркунанда гузашта диққати хонандагон парешон мешавад. Бояд гуфт, ки рӯҳияи бачагони 7-сола, ки ба синфи якум қабул мешаванд, як хел нест. Аз рӯйи намуди зоҳирӣ ҳам дидан мумкин, ки қади яке фарбеҳ, дигаре хароб ё миёнаҷусса, яке серҳаракат, дигаре танбал, яке кунҷков яке сергап, дигаре камгап, яке бо шавқ ба мактаб меояду дигареро маҷбур ба мактаб мебаранд. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки ҳамаи ин ҳолатҳои онҳоро ба назар гирифта, таълиму тарбияро дар ҳар як дарс чунон ба роҳ монад, ки он ба талаботи рӯҳию физиологии бача мувофиқ бошад. Дар дарсҳои табиатшиносӣ истифода бурдани ҳар гуна воситаҳои аёнии ранга (хусусан асбобҳои аёнии табиӣ) аҳамияти калон дорад. Бо ин мақсад танҳо аз материалҳои китоби хониш истифода бурдан кофӣ нест. Фонди луғавии кӯдакони 7 - сола ба 2000 калима мерасад, ки аз ин 50% ифодаи предметҳо, аз се як ҳиссааш номи амалиёт ва қариб аз даҳ як ҳиссааш ифодаи сифат ва хосияти предмету ҳодисаҳоро ташкил мекунад.

Диққати хонандагони 8 - 10 сола ҳам ноустувор буда, тадриҷан ташаккул меёбад. Шавқу ҳаваси онҳо барои донистани предмету ҳодисаҳо мунтазам меафзояд. Онҳо ҳама чизро донистан мехоҳанд, ки инро мо дар амалёти кунҷковии кӯдакони хурдсол бештар мушоҳида мекунем [13, с.345].

Онҳо таҳлил, муҳокима, хулосабарорӣ барин амалиётҳоро ёд мегиранд, чизеро дида дар бораи он нақли пурмазмун мекунанд.

Муносибати инфиродӣ ба ҳар як хонанда барои аз худ кардани маводи барнома ёрӣ мерасонад. Барои ин хусусиятҳои психологии хонандагонро бояд нағз донист. Ҳатто дар ҳар як дарс аз рӯйи шакли зоҳирӣ муайян кардан мумкин аст, ки як қисми хонандагон дар дарс бетараф буда, оромона мешинанд, гурӯҳи дигар фаъолона савол медиҳанд, барои ба саволи муаллим ҷавоб додан бесаброна даст мебардоранд. Гурӯҳи сеюми хонандагон бошад, бо корҳои дигар машғул мешаванд. Ба дарс эътибор намедиҳанд ва ҳатто халал мерасонанд. Мо аз рӯйи амалиёти хонандагон мизоҷи онҳоро (сангвиник ё холерик, меланхолик ё флегматик) муайян карда метавонем. Донистани хусусияти мизоҷу характер ва фаъолияти фикрии кӯдакони синни хурди мактабӣ меҳнати муаллимони синфҳои ибтидоиро осону самаранок мекунад [11, с.131]. Дар назди таълим талаби илмӣ меистад, ки он тадриҷан (синф ба синф) мураккаб мешавад. Дар таълими ҳамаи фанҳо зарурати ба ҳисоб гирифтани асосҳои дидактикӣ ба миён меояд. Чунончи, дар асоси нишондодҳои психологӣ аз худ кардани донишу усули механикию догматикиро намепарварад ва талаб мекунад, ки кори фикрӣ тадриҷан мурakkкаб ва ба таври

эҷодӣ ташкил карда шавад дар натиҷаи ба таври эҷодӣ ташкил кардани кори фикрӣ дар шуури хонандагон мафҳумҳои илмӣ, алоқамандии илмӣ, алоқамандии байни қонунҳои объективӣ, ки аз тарафи муаллим баён карда мешавад, боқӣ мемонад. Бо ҳамин мақсад ҳам аз воситаҳои дидактикии китоби дарсӣ, воситаҳои аёнии таълим, адабиётҳои илмӣ - оммавӣ васеъ истифода карда мешавад [2, с.254]. Дар бораи предмет, воқеа ва ҳодисаҳо тасаввуроти хонандагон бо ду роҳ ташаккул меёбад:

Якум, бо роҳи ба воситаи аъзои ҳис дарк кардани предмет ё ҳодисаҳо, масалан, муаллим ба бачаҳо предметро нишон дода, бо роҳи саволу ҷавоб диққати хонандагонро ба амалиётҳои хосси он, сохт, ҳаҷм, ранг ва ғайра ҷалб карда бо ин мақсад усули муқоисаро истифода мебарад. Масалан, муқоисаи байни дони ҷав ва гандум, ҷуворимакка, дарахтҳои бед, сафедор, зардолу, олу, шафтолу, буттаҳои анор, анҷир, садбарг, гилхок, алюминий, оҳан, мис, кабк, уқоб, акка гунҷишк ва ғайра. Ҳамин гуна муқоисаро бачагон ҳангоми корҳои амалӣ ва фаъолияти меҳнатӣ ба кор мебаранд. Аз ҷумла, ҳангоми муайян кардани хосияти моддаҳои моеъ, сахт ва ғ. Хонанда оҳану мис ва алюминийро ба даст гирифта, чандирӣ ва сахтии онҳоро муайян мекунад. Ҳангоми бо бел чаппагардон кардани замин хоки сахт ва нармро ҳис мекунад, моддаҳои органикиро месӯзонад, обро ҷӯшонда, ба буғ ва пас хунук карда, боз ба моеъ, сипас ба ях табдил медиҳад. Ҳангоми расмкашӣ кӯшиш мекунанд, ки предметҳоро ва ранги табииаш тасвир кунанд. Ҳар қадар, ки тасаввуроти аниқи хонандагон мукаммал бошад, ҳамон қадар аз худ кардани системаи донишҳои илмӣ мустаҳкамтар мегардад.

Дуюм, бо роҳи ҳосил намудани тасаввурот дар бораи чиз, ҳодиса, воқеа. Мисол, кӯдак гурбаро мебинад ва дар шуури вай образи умумии гурба (ҳаҷм, ранг, сохт ва ғайра) нақш меёбад. Лекин вазифаи дарс аз он иборат аст, ки дар бораи гурба ҳамчун ҳайвони хонагии дарранда ва аҳамияту зарари он маълумоти илмӣ медиҳад. Алоқамандии назария бо амалия шарти зарурии аз худ намудани мафҳумҳои илмӣ мебошад [4, с.321].

Муваффақияти таълим аз муносибати хонандагон нисбат ба дарсҳо ва тарзи ташкили он вобаста мебошад. Аммо, барои ташаккули фаъолияти хонанда коллективи синф, мактаб, муаллим ва аъзоёни оила таъсир мерасонанд. Ба хонандагон фаҳмонидан лозим аст, ки муваффақиятҳои илмҳои алоҳида, аз ҷумла табиатшиносӣ ва техника дар замони муосир гувоҳи он аст, ки инсон табиатро ба худ тобеъ гардонда, предмет, қонун ва ҳодисаҳои онро омӯхта, дигаргун месозад [1, с.121]. Чунончи, вазъи обу ҳаворо пешакӣ хабар медиҳанд, навъҳои наву зотҳои сермаҳсули растанию чорворо ба вуҷуд меоранд, пеши роҳи дарёҳоро мебанданд, заминҳои лабташнаро обшор мекунанд, ботлоқро мехушконанд ва ғайра. Аз ин рӯ, объектҳои табиатро аз нуқтаи назари илмӣ донистан ва муҳофизат кардан вазифаи ҳар як шахси солимақл мебошад. Илм вобаста ба талаботи ҷамъият аз таҷрибаи амалиёти меҳнатӣ ба вуҷуд омада, боз барои амалия хизмат мекунад. Бинобарин ба муаллим зарур аст, ки ҳангоми таълими табиатшиносӣ аз муваффақиятҳои амалии замони муосир мисолҳо биёрад. Масалан, фаъолияти пешқадамони соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ ва саноати маҳаллии мактабро хотиррасон кардан кифоя аст. Аз ҷумла, гуфтан мумкин аст, ки академик Нарзиқулов М. Н. зарари ширинчаҳоро муайян кардааст, аъзо - корреспонденти АИ Тоҷикистон профессор Бобо Сангинов навъҳои нави пахтаро ба вуҷуд овардааст ва дигарҳоро мисол овардан мумкин аст. Мо бояд ҳамаи ин пешравиҳоро ҳангоми таълими табиатшиносӣ ба хонандагон

фаҳмонем. Истифодаи маводҳои маҳал, дар дар дарсҳои табиатшиносӣ яке аз воситаҳои муҳими баландшавии дониши хонандагон ба шумор меравад. Зеро табиат воситаи муҳимми тарбияи илмӣ эстетикӣ, меҳнатдӯстӣ ва ватандустӣ мебошад. Бо ин мақсад ҳам дар дарс ва ҳам дар машғулиятҳои беруназсинфӣ истифодабарии сарватҳои кишвар аҳамияти калон дорад. Он шавқи табиатомӯзиро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ инкишоф ва ташаккул медиҳад, ба ҷаҳонбинии материалистонаи хонандагон заминаи мустаҳкам мегузорадзиёд мекунанд. Дар маҳал маводҳои илмӣ, бадеӣ, табиӣ кам нестанд. Масалан, тасвири табиат дар санъати тоҷик, тасвири табиат дар эҷодиёти даҳонакии халқи тоҷик, харитаи табиии Тоҷикистон, обҳои он, канданиҳои фоиданок, боигариҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон, маҳсулоти корхонаҳои он, маҳсули дасти одамони маҳаллии мо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ, ки машъалони истеҳсолот мебошанд, муваффақиятҳои нави олимони соҳаҳои алоҳидаи табиатшиносии ҷумҳурӣ гуногунии релеф, иқлим, хок, манзараҳои зебои истироҳатӣ, чашмаҳои софу шифобахш, гиёҳои худрӯю дастпарвар, ҳайвоноти ваҳшию хонагӣ ва дигарҳоро дар дарсҳои табиатшиносӣ истифода бурдан мумкин аст. Чунки, пеш аз ҳама, қисми муҳимтарини ҷаҳонбинии инсонро манзарашҳои табиию илмии олам ташкил мекунанд. Мутаассифона, як камбудии асосии мо аз он иборат аст, ки ба қобилияти ҳодисаҳои табиатро фаҳмида тавонистани хонандагони синфҳои ибтидоӣ кам эътибор медиҳем.

Бар замми ин, то ҳол доир ба фанни табиатшиносӣ китобҳои дарсии ба маҳал мувофиқ ва дастурҳои методӣ вуҷуд надоранд.

Дар талабагон шавқу ҳаваси дониста гирифтани табиати атроф барвақт пайдо мешавад. Хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ донишҳои навро бо камоли рағбат аз худ намуда, онҳоро мушоҳида мекунанд, кӯшиш менамоянд, ки худашон онҳоро тадқиқ кунанд. Онҳо бо ҳамин роҳ ба дарк намудани олам одат мекунанд. Бинобар ин, ҳар як ҳодиса, муҳити зиндагӣ ва хусусиятҳои хосси предметҳои зиндаю ғайризинда бояд дар дарс таҳлил карда шаванд. Дар чунин маврид, ба муаллим зарур аст, ки ба ҳаёти ин гуна мактаббача фаъолона дахолат намуда, ба муқобили тасаввуроти нодурусти ӯ мубориза барад [9, с.65]. Дар ҳалли ин масъала аз ҳар ҷиҳат донистани хосиятҳои предмет ва ҳодисаҳои гирду атроф ба мо ёрӣ мерасонад.

Зарурияти ин тарзи омӯзонидани табиатро ҳанӯз асосгузорони методикаи таълими табиатшиносӣ В. Ф. Зуев ва А. Я. Герд. А. П. Шимкевич, ҳисбот карда буданд. Масалан, профессор А. П. Шимкевич навишта буд, ки ҳар қадар машғулиятҳои мунтазами табиатшиносиро барвақттар сар кунем, ҳамон қадар зудтар талабагонро ба мушоҳидаҳои одитарин одат кунонда, онҳоро ба корҳои мустақилона оид ба омухтани шароити маҳалли худ сафарбар карда метавонем. Танҳо бо роҳи истифодабарии материалҳои маҳал метавонем шавқу ҳаваси талабагонро нисбат ба дарк намудани табиат бедор кунем. Ҳоло як қатор муаллимони синфҳои ибтидоӣ омӯзиши фанни табиатшиносиро бо мушоҳидаю таҷрибаҳо, корҳои амалию экскурсияҳо ва бо васеъ истифодабарии воситаҳои дигари аёнии маҳал гузаронида, талабагонро ба табиати кишвари худ шинос менамоянд. Ин муаллимони ғамхор дар вақти ба банақшагирии таълими маводҳои фанни табиатшиносӣ ва хониш шароити кишвар, боигарӣ, иқлим, релефро ба назар гирифта, барои дар маҳал гузаронидани мушоҳидаҳо, таҷрибаҳо ва корҳои амалию экскурсияҳо барномаи махсус тартиб медиҳанд [10, с.180]. Аз таҷрибаи пешқадами

муаллимаи мактаби № 53 шаҳри Душанбе, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ М. Маҳмудова мисол меорем. Муаллима ҳангоми дар бораи фаслҳои сол сухан гуфта ба талабагон фаҳмонд, ки фаслҳои сол дар ҳамаи мамлакатҳо якхела нестанд. ӯ чунин гуфт: Агар дар ҷойҳои мо фасли зимистон бошад, дар баъзе мамлакатҳои дигар тобистон аст ва агар дар ҷойи мо баҳор ояд, дар он мамлакатҳо тирамоҳ мешавад. Ин барои хонандагони хурдсол як ҳодисаи ғайричашмдошт менамояд. Чунки онҳо пеш аз ин чунин тасаввуроте надоштанд, ки гӯё дар тамоми рӯйи замин фаслҳои сол дар як вақт ба амал меомада бошанд. Ғайр аз ин, муаллима барои он, ки чӣ тавр ба вуҷуд омадани шабу рӯз ва фаслҳои солро фаҳмонад, чунин таҷриба намоиш дод. Синфро торик кард. Глобусро дар рӯи мизи намоишдиҳӣ гузошт ва аз тарафи дасти чап ба рост оҳиста - оҳиста чарх занондан гирифт. Дар ин сурат аз шуои равшании шамъи дар он тараф даргирондашуда як қисми глобус равшан мешуду қисми дигараш торик мемонд. Хонандагон диданд, ки ҷойҳои пештар торикбуда равшан шуду ҷойҳои равшан баръакс торик. Аз ин таҷриба онҳо ҳаракати замин, ба вуҷуд омадани субҳ, рӯз, шом ва шабро дониста гирифтанд. Баъ д хонандагон ба муаллима чунин саволҳо доданд: Чаро зимистон хунук ва тобистон гарм? Чаро саҳару бегоҳ хунуктару нисфи рӯз гармтар аст? Ва ғайраҳо.

Муаллима дар ҷавоб гуфт, ки шуоъҳои офтоб ба Замин як хел омада намерасанд. Аз ин ҷост, ки баъзе ҷойҳо хунук аст тобистонаш ниҳоят кӯтоҳ мебошад ва сабаби нисфи рӯз гарм шудани ҳаво ба замин рост афтидани нурҳои офтоб мебошад. Барои аз худ кардани мавод муаллим бояд ба хонандагон роҳҳои мушоҳидагузарониро фаҳмонда, ба онҳо дастури кӯтоҳ ва фаҳмо диҳад. Вақте ки хонандагон дар бораи таҷрибаю мушоҳидаи гузаронидаашон нақл мекунанд, муаллим бояд камбудиҳои хонандагонро гуфта, шавқу ҳаваси онҳоро нисбат ба ин фанни таълимӣ зиёд кунад. Барои ин муаллим бояд тайёрии ҷиддӣ бинад ва аз маводҳои ҷамъовардааш дар кори ҳаррӯзаи худ истифода барад.

**Муқарриз:*Кенҷаева З.Х.*- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Баженов Л.Б. Строение и функции естественнонаучной теории / Л.Б. Баженов. - М., 1978.
2. Вейль Г. О философии математики / Г.Вейль. - М., 1934.
3. Гершунский, Б.С. Философия образования / Б.С.Гершунский. М.: Флиннта, 1998.
4. Карнап Р. Философские основания физики / Р. Карнап. - М., 1971.
5. Крупская Н. К. Педагогические сочинения в 10 т. Т.1. Автобиографические статьи. Дореволюционные работы. -М,1957.
6. Лихачев, Б.Т. Педагогика /Б.Т. Лихачев. - М.: Юрайт, 2003.
7. Лутфуллозода М. Педагогикаи миллии халки точик /М. Лутфуллозода. - Душанбе, 2015.
8. Мамчур Е.А. Проблемы выбора теории / Е.А. . - М., 1975.
9. Меркулов И.П. Метод гипотез в истории научного познания / И.П. Меркулов. - М., 1984.
10. Методологические принципы физики. История и современность. М., 1975.
11. Пуанкаре А. О науке / А. . - М., 1983.
12. Хакинг Я. Представление и вмешательство / Я.. - М., 1998.
13. Шарифзода, Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф.Шарифзода, А.М.Миралиев. - Душанбе: Ирфон, 2012.
14. Щуркова, Н.Е. Педагогика / Н.Е. Щуркова. - М., 2004.
15. Ягодовский К.П. Методика естествознания для вспомогательной школы / К.П. Ягодовский, Л.А. Исаенко. – М., 1946.


## РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САЛОҲИЯТНОКӢ ДАР ОМӮЗИШИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш кардааст, ки роҳҳои баланд бардоштани салоҳиятнокии хонандагони мактаби миёнаро дар омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ нишон диҳад. Дар мақола роҳҳои аз худ кардани илмҳои табиатшиносӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Салоҳиятноки дар

омӯзиш ва ҳавасманд гардонидани хонандагон нақши калидӣ дорад. Ҳангоми омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ набояд ба назария зиёдтар такя кард, чунки дар ин ҳолат хонандагон дилгир мешаванд. Барои ҳавас манд кардани хонандагон бояд аз лабораторияҳо бештар истифода кард, то ки хонандагон ҳавасманд шуда, инчунин аз асли табиат огоҳӣ пайдо кунонад. Барои ҳавасманд гардонидани хонандагони мактаби миёна бояд дар онҳо ҷаҳонбиниро дар илмҳои табиатшиносӣ ташаккул дод. Дар баробари ин бояд ба таълими ин фан мутахассисоне ҷалб карда шаванд, ки ин соҳаи илмро дуруст дониста, тавонанд, кидиққати хонандагонро ба он равона созанд. Ҳар қадар хонандагон ба ин соҳа ҳавасманд шаванд, ҳамон қадар ҷомеа рушд мекунад. Ҳолатҳое зиёде дида мешавад, ки ба ин риштаи илм таваҷҷуҳ зоҳир карда намешавад. Сабаби асосии ин ҳолат дар он аст, ки шахсони таълимдиҳанда ин соҳаи илмро пурра аз худ накардаанд. Аз ин рӯ, тамоми абзорҳои ихтироъкардаи илмиро ба қувваҳои фавқуттабиӣ рабт медиҳанд, ки ин хатои маҳз мебошад.

**Калидвожаҳо:** табиатшиносӣ, илмҳои табиатшиносӣ, салоҳиятнокӣ, таълим, тарбия, хониш, хонандагон, салоҳияти иҷтимоӣ, рушди таълим.

## ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ КОМПЕТЕНТНОСТИ В ИЗУЧЕНИИ ЕСТЕСТВОЗНАНИЯ

В данной статье автор попытался показать пути повышения компетентности старшеклассников в изучении естественных наук. В статье также рассматриваются способы освоения естественных наук. Компетентность играет ключевую роль в мотивации студентов. Во многих случаях отсутствие интереса студентов к естественным наукам объясняется неспособностью обучать их должным образом. Не стоит слишком полагаться на теорию при изучении естествознания, потому что в этом случае ученикам будет скучно. Лабораторные работы следует использовать для повишения интереса студентов. Общество, которое мало внимания уделяет естественным наукам, это общество суеверно. Для мотивации старшеклассников необходимо сформировать у них правильное мировоззрение о естественных науках. При этом к преподаванию этого предмета должны привлекаться специалисты, знающие эту область науки. Чем больше студентов интересуется этой сферой, тем лучше развивается общество. Во многих случаях эта научная дисциплина игнорируется. Основная причина в том, что педагоги не до конца освоили эту область науки. Поэтому все изобретенные научные инструменты относят к сверхъестественным силам, что является ошибкой. В этом типе общества больше внимания уделяется изучению транспортных наук. Чтобы мотивировать студентов, необходимо повышать компетенции в этой области. В этом случае естественные науки формируются и развиваются.

**Ключевые слова:** естественные науки, компетентность, обучение, образование, чтение, студенты, социальная компетентность, развитие образования.

## WAYS TO IMPROVE COMPETENCE IN THE STUDY OF NATURAL SCIENCE

In this article, the author tried to show the ways to improve the competence of high school students in the study of natural sciences. The article also discusses ways of mastering the natural sciences. Competence plays a key role in motivating and motivating students. In many cases, students' lack of interest in science is a failure to teach them properly. Do not rely too much on theory when studying science, because in this case readers will be bored. Lab work should be used to engage students so they are motivated. They also learn about nature. In a society that pays little attention to natural sciences, this society is superstitious. To motivate high school students, it is necessary to form in them the correct worldview about the natural sciences. At the same time, specialists who know this area of science should be involved in teaching this subject. In this case, the readers will be interested. The more students are interested in this area, the more society develops. In many cases, this scientific discipline is ignored. The main reason for this is that teachers have not fully mastered this area of science. Therefore, all invented scientific instruments are attributed to supernatural forces, which is a mistake. In this type of society, more attention is paid to the study of transport sciences. In order to motivate students, it is necessary to improve competence in this area. In this case, natural sciences are formed and developed.

**Key words:** natural sciences, natural sciences, transport sciences, competence, teaching, education, reading, students, social competence, educational development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Байдуллоев Шайдулло Сулаймонович***- Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, унвонҷӯйи кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73. Телефон: **(+992) 985-99-50-46**

**Сведения об авторе:** ***Байдуллоев Шайдулло Сулаймонович***- Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде, соискатель кафедры общественных наук. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбад 73. Телефон: **(+992) 985-99-50-46**

**Information about the author: Baydulloev Shaydullo Sulaimonovich -** Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade, applicant for the Department of Social Sciences. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue 73. Phone: **(+992) 985-99-50-46**

УДК: 517(075.3)

# МОҲИЯТИ ОМӮЗИШИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

*Буриев Ф.К.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳалли масъалаҳо дар раванди таълими математика, чи дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳои омӯзгорӣ ва чи дар муассисаҳои олии касбӣ, нақши муҳимро мебозад. Инро ба назар гирифта, як қисми муайяни дарсро барои ҳалли масъалаҳо ҷудо менамоянд, ки ҳал кардани масъала дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, инкишофӣ ва санҷиширо иҷро менамояд. Масъалаҳои матнии математикӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим буда, омӯзиши ҳалли онҳо ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун методи амалии таълим ба ҳисоб мераванд.

Дар раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ бояд чунин масъалаҳое интихоб карда шаванд, ки ҷиҳатҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофӣ дошта бошанд ва ба донишу қобилиятҳои хонандагон мувофиқат карда тавонанд. Аз назарияи таълим маълум аст, ки вазифаҳои масъалаҳо на танҳо аз дуруст интихоб намудани маводи назариявӣ, инчунин аз омӯзиши илмии он низ иборат аст. Ба ибораи дигар, бо донишҳои мустаҳкам мусаллаҳ гардонидани ҳар як хонанда вазифаи асосии масъалаҳалкунӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ мебошад. Воқеан, ҳар як масъаларо бо мақсади муайян ва дар мавриди муайян ҳал кардан зарур аст, зеро ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки аксари омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои дидактикии масъалаҳои матниро ба эътибор намегиранд [7, с. 126-130].

Дар аксар маврид омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи методҳои куҳнашуда амал намуда, кӯшиш менамоянд, ки ҳарчи бештар масъала ҳал намоянд, то ба хонандагон дониши зиёдтар диҳанд, ки ин боиси серкор гардидани хонандагони хурдсол мегардад. Дар натиҷаи ин хонандагони синфҳои ибтидоӣ мазмун ва мақсади масъаларо дуруст дарк накарда, ба моҳияти омӯзиши математика сарфаҳм намераванд ва шавқу ҳаваси илмомӯзии онҳо коста мегардад.

Асосан омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳалли масъалаҳои матниро қисми асосии тамоми раванди таълими математика меҳисобанд. Ин аз як тараф дуруст, вале аз тарафи дигар хато мебошад. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд ҳатман масъала ҳал карда тавонанд, зеро ки дар акси ҳол онҳо наметавонанд мафҳумҳо ва қоидаҳои математикиро дуруст дарк намоянд ва дониши гирифтаи онҳо рӯякӣ мешавад. Дар раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ амиқ гардида, моҳияти амалҳо, қоидаҳо ва мафҳумҳои математикиро дарк менамоянд. Ин боис мегардад, ки дар хонандагони хурдсол қобилияти таҳлил кардан ба миён ояду робитаи байни амалҳо ва бузургиҳоро муайян намоянд. Ҳалли масъала имкон медиҳад, ки дониши хонандагони хурдсол ҳаматарафа фаҳмида шавад ва онҳоро аз донишҳои рӯякӣ халос гардонад. Аммо ҳалли масъалаҳои матнӣ набояд ба мақсади асосӣ табдил ёбад, зеро моҳияти асосии ин фаъолият дақиқ намудани дониши хонандагони хурдсол, инкишофёбии фикррони онҳо, таҳлил дар раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ ва муайян намудани роҳҳои гуногуни ҳалли он мебошад. Аз ин сабаб, ҳалли масъалаҳои матнӣ мазмуни таълимию тарбиявӣ дорад ва барои аз худ намудани курси математикаи синфҳои ибтидоӣ ёрӣ мерасонад.

Омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ аз математика мазмуни тарбиявӣ низ дорад, зеро ки ба тарбияи шахсияти хонандагони хурдсол таъсир мерасонад. Барои инкишофи шахсияти хонандагон худи фаъолияти ҳалли масъалаи матнӣ зарур буда, дар онҳо боиродагӣ, сертоқатӣ, босабрӣ ва мустақилиятро инкишоф медиҳад. Ҳалли масъалаҳои матнӣ ба инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон ёрӣ намуда, барои хулосабарории индуктивӣ ва дедуктивӣ мусоидат менамояд. Ҳалли масъалаҳои матнӣ, инчунин барои ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ бисёр сода буда,

хонандагони хурдсолро ба фикрронӣ водор месозад [9, с. 56-60].

Ҳалли масъалаи матнӣ - қисми таркибии бештари дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ масъалаҳои матниро барои аз худ кардани маводи нав ва мустаҳкам намудани донишҳои андухташуда истифода менамоянд. Ба ҳисоби миёна дар ин гуна дарсҳо қариб 30%-и вақтро барои ҳалли масъалаҳои матнӣ ҷудо менамоянд. Дар дарсҳои такрорӣ низ қисми зиёди вақт барои ҳалли масъалаҳои матнӣ сарф карда мешавад. Инчунин, дар барномаи таълимӣ соатҳои муайяни махсус барои ҳалли масъалаҳои матнӣ ҷудо карда шудааст. Ҳалли масъалаҳои матнӣ бо машғулятҳои бозиҳои шавқовар ва корҳои беруназсинфии математикӣ низ робитаи ногусастанӣ дорад. Ҳар як масъалаи матнӣ моҳиятан барои хонандагони хурдсол ҳамчун масъалаи шавқовар ба ҳисоб меравад. Асосан ин гуфтаҳо ба иҷрои корҳои беруназсинфӣ ва ташкилу гузаронидани бозиҳои шавқовар дар раванди дарс тааллуқ доранд. Дар машғулятҳое, ки корҳои гурӯҳӣ гузаронида мешаванд, мақому мароми ҳалли масъалаҳои матнӣ низ хело бузург аст. Ҳалли масъалаҳои матнӣ дар қатори омӯзиши назариявии маводҳои зарурии вазифаи хонагӣ аз математика дар синфҳои ибтидоӣ мебошад. Дар дарсҳои иловагӣ низ ба ҳалли масъалаҳои матнӣ аҳамият додан ба мақсад мувофиқ аст.

Масъалаҳои математикии матнӣ диққати хонандагонро бо он ҷалб менамоянд, ки онҳо метавонанд вобаста аз ҳодисаҳои табиат, ё ки аз гирду атрофи маҳалхое, ки истиқомат менамоянд, масъаларо шарҳ диҳанд ва пешгӯӣ намоянд. Ҳоло дар бештари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳои ҷумҳурӣ маҳфилҳои ҳалли масъалаҳои матнӣ амал менамоянд, ки дар баланд бардоштани шавқу ҳаваси илмомӯзии хонандагони хурдсол нақши асосиро мебозанд [16].

Солҳои охир баргузор гардидани олимпиадаҳо ва машғулиятҳои иловагӣ аз фанҳои таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ низ бисёр вусъат ёфтааст, ки дар онҳо дониши хонандагон тавассути ҳалли масъалаҳои матнӣ арзёбӣ карда мешавад. Ҳангоми тайёрӣ ба олимпиадаҳо хонандагони фаъол бо ин васила дониши худро боз ҳам инкишоф дода метавонанд.

Дар раванди дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ масъалаҳоро одатан барои санҷиши дониши хонандагон ва мустаҳкам намудани маводҳои аллакай омӯхташуда истифода мебаранд. Дар ин маврид аз чунин методҳо кор мегиранд: а) хонандаи ба назди тахтаи синф даъват карда шуда, масъалаи ба он пешниҳодгардидаро ҳал менамояд; б) якчанд хонанда масъалаҳои пешниҳодгардидаро дар дафтар ё тахтаи синф ҳал менамоянд; в) 10-15 дақиқа пеш аз омӯзиши маводи нав барои хонандагон кори хаттӣ пешниҳод карда мешавад.

Ин методҳо имкон медиҳанд, ки дониши хонандагон ба таври фаврӣ санҷида шуда, маъсулятнокии онҳоро нисбат ба дарс бештар гардонад. Аммо ин методҳо камбудиҳои худро низ доранд. Онҳо қисми сермаҳсули дарсро банд намуда, метавонанд вақти аз нақшаи пешбинишуда бештарро сарф намоянд ва барои омӯзиши маводи нав вақт нарасад. Ҳалли масъалаҳои матнӣ, хусусан, кори хаттӣ хонандагонро ба ҳаяҷон оварда, онҳо дурудароз наметавонанд ором гирифта ба кор машғул шаванд. Бинобар ин, пешниҳоди кори хаттӣ дар аввали дарс ба мақсад мувофиқ нест. Масъалаҳоро дар ин маврид ҳамчун воситаи ҷамъбаст ва хулосабарории маводи гузашта ва инчунин барои ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ доир ба мавзӯи омӯхташаванда истифода кардан зарур аст. Дар ин маврид диққати хонандагони хурдсол ба дарс бештар ҷалб гардида, раванди омӯзишро осон мегардонад. Масъалаҳои матние, ки дар ибтидо, пеш аз омӯзиши маводи нав ҳал карда мешаванд, набояд вазнин ва душворфаҳм бошанд. Диққати бештар бояд ба масъалаҳои матние, ки моҳияти илми математикаро шарҳ медиҳанд, равона карда шавад.

Ҳангоми омӯзиши маводи нав вобаста ба мазмун ва методи таълим масъалаҳои матнӣ метавонанд воситаи асосии омӯзиши математика гардида, онҳоро бо масъалаҳои мушаххас шарҳу эзоҳ диҳанд. Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои масъалаҳои сода; масъалаҳои содаи сирф арифметикӣ ва оид ба онҳо тартиб додани

масъалаҳои баръакс; масъалаҳои алоқамандии байни аъзоҳои амал ба натиҷаи амал; масъалаҳо оид ба якчанд воҳид зиёд ё кам кардани адад; масъалаҳои таркибӣ; ҳалли масъалаҳои дуамала оид ба амалҳои ҷамъ ва тарҳ; масъалаҳои дуамала оид ба амалҳои арифметикӣ; масъалаҳо доир ба ёфтани периметр, масоҳати фигураҳои геометрӣ ва ғайра формулаи тайёрро истифода намуда, масъалаҳои додашударо ҳал менамоянд ва дар раванди ҳалли масъала шарҳ медиҳанд [11, с. 98].

Асосан, омӯзгор ҳангоми мустаҳкам намудани маводи нав масъалаҳоро ба таври умумӣ бо тамоми синф ҳал менамояд, аммо ба таври мустақилона ҳал намудан низ имкон дорад. Душвории асосии кори мустақилона камфаъолии хонандагон ва дар вақти муайяншуда ба даст наовардани натиҷаи кор мебошад. Дар ин маврид методи дигарро низ истифода кардан мумкин аст. Баъди омӯзиши маводи нав 10-12 дақиқа пеш аз анҷоми дарс ба хонандагон якчанд масъалаи матнӣ барои вазифаи хонагӣ пешниҳод намуда, супориш дода мешавад, ки ба ҳалли онҳо дар синф шурӯъ намоянд. Омӯзгор эълон менамояд, ки дар охири дарс якчанд дафтар барои санҷиш гирифта мешаванд ва аз рӯйи ҳалли масъалаҳо баҳо гузошта мешавад. Хонандагон кӯшиш менамоянд, ки ҳарчи бештар ҳаҷми вазифаи хонагиро камтар намуда, барои корашон баҳои хуб гиранд.

Пеш аз ҳалли масъала хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд бо донишҳои назариявие мусаллаҳ бошанд, ки доир ба мавзӯи мушаххас ё боби муайян заруранд. Дар раванди дарс ё пеш аз масъалаи муайян ин донишҳоро ба таври мухтасар такрор кардан зарур аст. Ҳалли масъалаҳо асосан бо ду тарз гузаронида мешавад. Роҳи якум, яке аз хонандагонро ба тахтаи синф даъват намуда, бо ҷалби тамоми хонандагон масъаларо ҳал менамоем. Роҳи дуюм, ҳалли мустақилонаи масъалаҳо дар дафтар. Шакли якуми машғулиятро одатан ҳамон вақт истифода мебаранд, ки агар намуди нави масъалаҳо ҳал карда шавад ё омӯзгор методи нави ҳалли масъалаҳоро нишон диҳад. Шакли дуюми машғулиятро барои муайян намудани маҳорату малака ва назорати фаъолнокии хонандагон истифода мебаранд.

Ҳангоми ҳалли масъалаи матнӣ дар назди тахтаи синф масъаларо вобаста ба қобилияти хонанда пешниҳод намудан зарур аст. Ва ҷавоб ба саволеро, ки аз доираи қобилияти хонанда берун аст, интизор шудан лозим нест. Зеро дар ин маврид хонанда норохатиро ҳис намуда, боварияш ба қобилиятҳои худаш суст мегардад. Ба омӯзгор зарур аст, ки принсипи ҳалли масъалаҳои матнии нав пешниҳодшударо нишон дода, намунаи шарти масъала, тасвири нақшаҳо ва ҳисобкуниҳоро ба хонандагони хурдсол фаҳмонад. Пас аз оне ки хонандагон мафҳумҳои асосӣ, системаи воҳидҳо ва формулаҳоро ёд гирифтанд зарур аст, ки ба онҳо масъалаҳои матнии нисбатан душвортар пешниҳод карда шавад. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ дар тахтаи синф зарур аст, ки фаъолнокии ҳамаи хонандагонро ҳарчи бештар гардонем, вагарна хонандагон ба иштирокчиёни беғайрат табдил ёфта, дарс барояшон дилгиркунанда мешавад.

Барои баланд бардоштани фаъолнокии хонандагон чунин воситаҳои умумипедагогиро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст: а) гузоштани мақсади ҳалли масъалаҳои матнӣ барои ба хонандагон нишон додани муҳиммият ва зарурати маводи пешниҳодгардида. Инчунин, муҳиммияти донистани ин маводро барои омӯзиши мавзӯъҳои оянда зикр намудан зарур аст; б) истифодаи масъалаҳои матнии шавқовар - маълум аст, ки дар шабнишиниҳои шавқовари математикӣ, бозиҳои шавқовари математикӣ, ташкил ва гузаронидани корҳои берунисинфӣ аз математика, викторинаҳои математикӣ, чистонҳои математикӣ ва ғайра хонандагон бо чи қадар шавқу ҳавас масъаларо ҳал менамоянд ва фаромӯш набояд кард, ки хонандагон инҳо кӯдаконанд, бинобар ин аз ҷузъиётҳои бозӣ ва мусобиқа, хусусан, дар синфҳои ибтидоӣ истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст; в) истифодаи воситаҳои аёнӣ дар раванди дарси математика - барои он ки хонанда- гон моҳияти математикии масъалаи матниро хубтар дарк намуда, ҳангоми ҳалли он маълумотҳои иловагӣ доир ба қоида, формула ба даст оранд, моро зарур аст, ки аз воситаҳои аёнӣ, ки фаҳмиши масъаларо осон мегардонад, истифода намоем; г) аз якҷоя кардани кори мустақилона ва коллективӣ дар синфҳои ибтидоӣ - фаъолнокии фаъолияти фикрии

хонандагон баланд бардошта намешавад, агар онҳо шарти масъалаи матниро дуруст дарк нанамоянд ва ба навиштани ҳалли тайёри масъала умед банданд. Бинобар ин, ҳар як масъаларо дар муддати чанд дақиқа хонандагон мустақилона фикру таҳлил намуда, кӯшиш менамоянд, то ки ба таври инфиродӣ ҳал намоянд. Танҳо пас аз ин кӯшиш ба таври коллективӣ ҳал намудани ин масъала мумкин аст. Зеро, вақте ки хонанда дар фаҳмиши ягон чиз ба мушкилӣ дучор мешавад ва дар болои он дурудароз фикр мекунад, пас аз фаҳмидан он аз хотираш намебарояд. Ҳал кардан ё накардани масъаларо аз хонандагони алоҳида танҳо дар охири дарс дар вақти баҳогузорӣ ба назар гирифтан зарур аст; ғ) муҳим он аст, ки кадоме аз хонандагонро барои ҳалли масъала ба назди тахтаи синф даъват намудан лозим аст ва баъзеи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ барои сарфаи вақт ғайриихтиёрӣ хонандагони фаъолро ба назди тахтаи синф даъват менамоянд. Дигарон бошанд баръакс, кӯшиш менамоянд, ки бештар бо хонандагони сустхон кор намоянд. Албатта, зарур аст, ки вобаста ба ҳолат ба назди тахтаи синф ҳам хонандаи фаъол ва ҳам хонандаи сустхон даъват карда шавад. Аммо ҳангоми ҳалли масъалаҳои намуди нав ба тахтаи синф хонандаи донишаш миёнаро даъват кардан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро, ки аз қафои хонандагони фаъол хонандагони сустхон масъаларо дуруст намефаҳманд. Аз тарафи дигар, пайдо гардидани мушкилӣ дар раванди ҳалли масъала барои таҳлили ин ё он савол фоидаовар аст. Дар раванди чунин таҳлилҳои якҷоя диққати хонандагони сустхон низ ба дарс ҷалб гардида, дар якҷоягӣ фаъолият менамоянд. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои мушкил, ки дар худ якчанд савол доранд, ба тахтаи синф бо навбат якчанд хонандаро даъват намудан зарур аст. Дар охири ҳал як хонандаро барои таҳлили умумии ҳалли масъала даъват намудан лозим аст; д) тартиб додани масъала аз тарафи хонандагон - аз тарафи хонандагон тартиб додани масъалаҳои матнӣ методи фоидаовари педагогӣ мебошад. Баъзе аз омӯзгорон аз хонандагон на танҳо ислоҳ ва пурра намудани хатогиҳои рафиқонашонро талаб менамоянд, балки пешниҳоди савол ва масъалаҳои на онқадар душворро доир ба мавзӯи пешниҳодгардида ба мақсад мувофиқ медонанд. Қадами дигар аз тарафи хонандагон дар синф ё хона тартиб додани масъалаҳо барои омӯзиши формулаҳо ва қоидаҳои математикӣ мебошад. Чунин масъалаҳо бояд аз тарафи омӯзгор санҷида шуда, беҳтаринҳояшон бо тамоми синф ҳал карда шаванд. Бо супориши омӯзгор хонандагон баъд аз омӯзиши мавзӯъҳои муайян дар асоси мушоҳидаҳояшон метавонанд масъала тартиб диҳанд; е) ҳалли мустақилонаи масъалаҳо - ҳалли мустақилонаи масъалаҳо метавонад дар раванди дарси муайян гузаронида шавад. Фаъолнокии муста қилонаи хонандагон дар ин дарсҳо аз дараҷаи мушкилии масъалаҳо вобаста аст. Масъалаҳо бояд вобаста ба қобилият содда, мушкил ва шавқовар бошанд, то ба ҳар як хонанда вобаста ба қобилияташ сару кор гирифта шавад. Масалан, мо метавонем ба ҳар як хонанда вобаста ба қобилияташ дар карточкаҳо масъала пешниҳод намоем, ё ки якчанд масъаларо вобаста ба дараҷаи мушкилшавиашон пешниҳод менамоем ва хонанда масъалаеро ҳал менамояд, ки ба қобилияти ӯ мувофиқ аст. Тарзи дуюм беҳтар аст, зеро он хонандагонро ба мусобиқа водор мекунад ва ҳар як хонанда кӯшиш менамояд, то ки масъалаҳои душвортарро ҳал намуда, сазовори баҳои баландтар гардад. Дар вақти кори мустақилона хонандагон метавонанд бо саволҳои гуногун ба омӯзгор муроҷиат намуда, ҷавобҳои қонеъкунанда гиранд. Дар охири дарс методҳои гуногуни масъалаҳои матнии ҳалнамудаи хонандагони синфҳои ибтидоиро таҳлилу баррасӣ намудан зарур аст.

Барои ташкили корҳои мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз

математика як қатор дастурҳои методӣ ба нашр расидаанд. Дар ин дастурҳои методӣ қобилияти хонандагони гуногунро ба назар гирифта, масъалаҳои матнии дараҷаи душвориашон гуногун пешниҳод гардидаанд.

Корҳои хаттӣ қисми ҷудогонаи корҳои мустақилона аз математика дар синфҳои ибтидоӣ мебошанд. Хусусияти фарққунандаи онҳо – мустақилияти комили хонанда, муайян кардани дониш ва маҳорату малакаи хонандагони хурдсол мебошад. Ба ёрии омӯзгор як қатор воситаҳои ёрирасон барои санҷиши дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба нашр расидааст. Дар ин маҷмӯаҳо масъ- алаҳои гуногун доир ба мавзӯъҳои курси математикаи синфҳои ибтидоӣ ҷамъоварӣ гардидаанд. Онҳо асосан барои корҳои хаттӣ пешниҳод гардидаанд. Корҳои хаттӣ аз се мисол ва ду масъала таркиб ёфтаанд. Норасоии асосии ин кор дар он аст, ки ҳаҷми ками донишро санҷида метавонад. Дар айни ҳол корҳои санҷишӣ тавассути истифодаи тестҳо бисёр васеъ паҳн гардидаанд, ки якчанд бартариятҳо доранд: а) санҷиши ҳаҷми зиёди маводи омӯхташуда; б) сарфаи вақт ҳангоми санҷиш.

Дар амал вобаста ба маҳорату малакаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ методҳои гуногуни санҷиши донишро истифода кардан лозим аст.

Омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ дар ҳаёти хонандагони хурдсол нақши муҳимро мебозад. Масъалаҳои матние, ки мактаббачагон дар пеши худ мегузоранд ва масъалаҳое, ки омӯзгорон дар назди онҳо мегузоранд, тамоми самтҳои фаъолият ва ҳаёти хонандагонро муайян менамоянд.

Тафаккури мактаббачагон асосан аз гузориш ва ҳалли масъалаҳои матнии гуногун иборат аст. Масъалаҳои матнӣ, хусусан дар таълими математика нақши муҳимро мебозанд. Ин нақш аз як тараф бо он муайян карда мешавад, ки мақсади ниҳоии ин таълим аз тарафи хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз худ намудани ҳалли системанокии муайяни масъалаҳои матнии математикӣ иборат мебошад. Аз тарафи дигар, вай бо он муайян карда мешавад, ки фақат пурра ба мақсадҳои таълим ноил гаштан бо ёрии ҳал намудани системаи муайяни масъалаҳои матнӣ имконпазир аст. Ҳамин тавр, омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнии математика ҳамчун мақсад ва воситаи таълим дар синфҳои ибтидоӣ баромад мекунанд.

Маҳорати умумии ҳалли масъалаҳоро аз маҳорати хусусии ҳал карда тавонистани масъалаҳои матнии намуди муайян бояд фарқ кард. Маҳорат ва қобилиятҳои хусусӣ дар асоси аз тарафи хонандагон аз худ намудани донишҳои назариявӣ пайдо мешавад, ки хонандагон аз он истифода бурда истода, амал ва амалиётро иҷро менамоянд, ки онҳо ҷузъиёти тафаккур мебошанд.

Маҳорати умумии ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ бо тарзи дигар пайдо ва ташаккул меёбад. Ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар айни замон ягон дониши махсус дода намешавад, ки дар асоси онҳо ташаккули маҳорату малакаҳо имконпазир бошад. Ба ғайр аз ин, дар замони ҳозира ин маҳоратҳои умумӣ ба таври бешуурона пайдо мегардад ва чунин ҳисобида мешавад, ки ин маҳорат аз қобилиятҳо фақат ба туфайли ҳалли шумораи зиёди масъалаҳои матнии математикӣ пайдо шуда метавонанд [13, с. 79].

Ин таассурот ҳангоми гузаштан ба синфҳои болоӣ беҳтар намешаванд, чунки онҳо ба таври бешуурона дар натиҷаи иттилооти тасодуфӣ ва рефлексҳо ба амалҳои худ дар раванди ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ пайдо шуда, ташаккул меёбанд.

Донишҳои назариявӣ дар бораи масъалаҳои матнӣ ва ҳалли онҳо ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои он лозиманд, ки онҳо ҳалли масъалаҳои гуногуншакл ва гуногунмазмунро мақсаднок ва бошуурона ба амал мебароранд. Ба амал баровардани ин амалиёт фақат дар асоси муқоиса бо масъалаҳои матнии қаблан ҳалкардашуда, ба хонандагон фоидае намерасонад.

Албатта, чунин методҳоро истифода бурдан мумкин аст, аммо ҳангоми бо масъалаи ношинос вохӯрдан замон фақат бо ҷустуҷӯи масъалаи ёрирасон маҳдуд

шавад, хатогиҳо ногузир буда, аксар вақт ҳал умуман ёфта намешавад. Ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳои матнии ношиносро хонандагон бояд бошуурона бо фаҳмиши пурраи моҳияти худи масъала ва ҳалли он ба амал барорад.

Вақте ки хонандагон дар бораи моҳияти масъалаҳои матнӣ ва ҳалли онҳо дорои системаи муайяни донишҳо нестанд, диққати асосии онҳо ба он равона карда мешавад, ки ҳалли масъалаҳои матнӣ ба ҳадди имкон тезтар ёфта шавад. Ба таҳлили ниҳоӣ ба барқароркунии он, ки аз ҳалли иҷро кардашуда чӣ хел хулосаҳо баровардан мумкин аст, на вақт ва на қувва боқӣ мемонад, ки онҳо аз ҳама чизи асосӣ мебошад ва маҳз барои онҳо масъалаҳои матнӣ ҳал карда мешаванд. Ҳамаи ин чизҳо берун аз таҳти назорати омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мемонад, чунки таваҷҷуҳи онҳо ба чизи дигар ба душвориҳои техникӣ ёфтан ва иҷро кардани ҳал равона карда шудааст.

Агар хонандагон дорои системаи зарурии донишҳо буда, ҳалли масъалаҳоро дуруст ва ботартибона ҷустуҷӯ карда метавонистанд ва ҳалли масъалаҳоро аз рӯйи нақшаи муайян ба амал мебароварданд, ҳамаи ин душвориҳои техникӣ ба мадди дуюм гузашта, мақсади таълимӣ - маърифатии ҳалли масъалаҳои матнӣ дар мадди аввал қарор мегирифт. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, чӣ қадар масъала ҳал карда нашавад ҳам, вале мактаббачагон дар фаъолияти ояндаи худ бо намудҳои гуногуни масъалаҳои матнӣ дучор мешаванд. Аз ин лиҳоз, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо бояд хонандагони синфҳои ибтидоиро бо муносибати умумӣ ба ҳалли масъалаҳои матнӣ мусаллаҳ намояд.

Дар аксар мавридҳо масъалаҳои матнӣ оид ба исбот ва созиш, ки аз тарафи хонандагон иҷро карда мешаванд, нодуруст аст. Ин на аз он сабаб аст, ки хонандагон барои ҳалли онҳо базаи мувофиқ надоранд, балки аз он сабаб, ки онҳо дар бораи амалҳои ҳалли пурра ва дурусти ин гуна масъалаҳои таъминкунанда тасаввуроти кофӣ на- доранд.

Он донишҳое, ки онҳоро дар бораи масъалаҳои матнӣ ва ҳалли он бояд аз худ намоянд, кадомҳоянд?

Ин донишҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: донишҳои умумӣ дар бораи масъалаҳо ва моҳияти ҳалли онҳо ва донишҳои махсус оид ба моҳияти омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ.

Ба донишҳои дараҷаи якум тасаввуроти умумӣ дар бораи масъалаҳои матнӣ ва раванди пайдошавии онҳо аз ҳолатҳои масъалаҳои реалӣ ва абстрактӣ; дар бораи қисмҳои таркибӣ ва сохти масъала; дар бораи сохт ва марҳилаҳои раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ нисбат додан мумкин аст.

Ба донишҳои дараҷаи дуюм тасаввуротҳои умумӣ дар бораи тарҳ ва тарҳсозӣ моҳияти тарҳсозии математикӣ ва истифодаи он ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнии гуногуннамуди амалӣ, методҳои ҳалли ин гуна масъалаҳои матнӣ дохил мешаванд.

Мавриди ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди таълими мате матикаи синфҳои ибтидоӣ ин ё он намуд, пеш аз ҳама, методҳои умумии ҳалро ҷудо ва қайд намудан лозим аст: тақсимкунии масъала ба таҳтмасъалаҳо; тақсимкунии соҳаи масъала ба қисмҳо, овардани ин масъала ба намуди масъалаҳои пешҳалкардашуда ва ғайра.

Аз ҳама муҳимаш ташаккули ҳамин хел муносибати умумӣ ба ҳалли масъалаҳо матнӣ мебошад, ки масъала ҳамчун объекти барои таҳлилу таҳқиқот, ҳалли он ҳамчун созиш ва ихтирои тарзҳои ҳал дида баромада мешавад.

Гуфтан бамаврид аст, ки чунин муносибат на бепарвоёна ҳал намудани шумораи зиёди масъалаҳоро, балки ҳалли бешитоб, бодиққат ва муфассали шумораи нисбатан ками масъалаҳоро бо таҳлили минбаъдаи ҷиддии ҳал, дар он аниқ намудани методҳои умумии ҳалли масъалаҳои матнии ихтиёрии математикиро талаб менамояд. Дар айни замон аз ҳама муҳим бедоркунии неруҳои зеҳнии худи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, дар онҳо пайдо намудани шавқу ҳаваси донишомӯзӣ ва хоҳиши худтакмилдидиҳӣ мебошад.

Ҳамин тавр, солҳои охир дар педагогика ва методикаи таълими фанҳои тахассусӣ ҷустуҷӯи методу усулҳое, ки самаронокии раванди таълимро таъмин намуда, фаъолнокии хонандагони хурдсолро зиёд мегардонад, ба таври густурда

ҷараён дорад. Дар ин раванд омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ диққати махсусро барои пайдо намудани роҳу методҳои беҳтару хубтари ҳалли масъалаҳои матнӣ равона месозанд, зеро ҳалли масъалаҳои матнӣ яке аз воситаҳои ташаккули тафаккур, диққат, хотира ва малакаи кор бо воситаҳои аёнии математикӣ буда, баҳри мустақилона андухтани дониш ва маҳорату малакаи амалӣ, инчунин ба ғанӣ гардонидани фаъолияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд.

**Муқарриз:Бегимов Ҳ.Х. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С,Айнӣ**


**АДАБИЁТ**

1. Атахонов Р. Масъалаҳои сода дар синфҳои ибтидоӣ / Р. Атахонов. –Душанбе, 1986. -68 с.
2. Бантова М.А. Методика преподавания математики в начальных классах / М.А. Бантова [и др.] . - М., 1984 - 335 с.
3. Басова М.В. Педагогика и практическая психология. - Ростов-на-Дону: Феникс, 1999. - 416 с.
4. Бегимов Ҳ.Х. Маҷмӯи масъалаҳо аз математика / Ҳ.Х. Бегимов, К. Иззатуллоев, А. Пирназаров, Т.Раҷабов. –Душанбе, 2020. -295 с.
5. Бегимов Ҳ.Х. Ҳалли масъалаҳои типикӣ. (Дастури таълимӣ) / Ҳ.Х. Бегимов, Т.Б. Раҷабов, И.Д. Сайёдов. –Душанбе, 2013. – 98 с.
6. Бегимов Ҳ.Х. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. (Дастури таълимӣ) / Ҳ.Х. Бегимов, С. Рабиев, Т.Б. Раҷабов, А.М. Наҷмиддинов. Душанбе, 2020. -233 с.
7. Белошистая А.В. Обучение решению задач в начальной школе / А.В. Белошистая. - М., 2003.- 288 с.
8. Бурхонов Қ.Т. Ҳалли масъалаҳои типикӣ. (Дастури таълимӣ) / Қ.Т. Бурхонов, С.М. Рабиев, Р.Н. Султонов, Ш.А. Турдиева. –Хуҷанд: 2010. – 55 с.
9. Демидова, Т.Е. Теория и практика решения текстовых задач. Учеб. пособ. для студ. высш. пед. учеб. заведений /Т.Е. Демидова, А.П. Тонких. -М.: 2002- 288 с.
10. Зайцев, Г.Т. Теоретические основы обучения решению задач в начальных классах / Г.Т. Зайцев. - Л., 1983. - 98 с.
11. Истомина Н.Б. Методика обучения математике в начальных клас- сах: Учебное пособие для студентов средних педагогических учеб- ных заведений и факультетов начальных классов / Н.Б. Истомина. -М., 2001. -288 с.
12. Фридман Л.М. Масъалаҳои арифметикӣ ва тарзи ҳалли онҳо / Л.М. Фридман, Қ.У. Осимов. – Душанбе, 1969. -185 с.
13. Менчинская Н.А. Вопросы методики и психологии обучения арифметике в начальных классах / Н.А. Менчинская, М.И. Моро. - М., 1965.- 189 с.
14. Осимов Қ.У. Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ (Дастур барои муаллим) / Қ.У. Осимов, Л.М. Фридман. –Душанбе, 1987. -207 с.
15. Пышкало А.М. Сборник задач по математике / А.М. Пышкало, Л.П. Стойлова. -М., 1979. -208 с.
16. Фридман Л.М. Как научиться решать задачи / Л.М. Фридман. -М., 1978. -160 с.


## МОҲИЯТИ ОМӮЗИШИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ


Дар мақола асосҳои омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Курси ибтидоии математика бо системаи масъалаҳои мақсаднок интихобгардида оғоз меёбад. Дар ин ҷо масъалаҳои матнӣ нақши асосӣ доранд.Масъалаи матнӣ, иншои ягон вазъият бо забони математикӣ ва баҳодиҳии миқдори ягон компоненти ин вазъиятро талабкунанда мебошад. Масъалаи математикӣ - ин нақли алоқаманди мухтасаре мебошад, ки дар онҳо қиматҳои баъзе бузургиҳо дохил карда шуда, талаб карда мешавад, ки қиматҳои номаълуми дигар бо додашудаҳои он алоқаманд ёфта шаванд.Дилхоҳ масъалаҳои матнӣ аз қисматҳои шарт ва хулоса иборат аст. Дар шарт маълумот дар бораи объектҳо ва бузургиҳое дода мешавад, ки маълум ва номаълуми ин бузургиҳо ва алоқамандии онҳо сухан меравад.Омӯзиши ҳалли масъалаҳо ба хонандагони хурдсол яке аз методҳои асосии омӯзиши математика ба ҳисоб меравад. Раванди ҳалли масъала ҳамчун ҷараёни мураккаби аналитикию синтетикӣ зич, ба ташаккули чунин тарзҳои тафаккур ҳамчун анализ, синтез, беруноварӣ, мушаххасгардонӣ ва ғайра алоқамандӣ дорад. Дар раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ дар мактаббачагони хурдсол малака ва маҳорати моделонии объектҳои воқеӣ ташаккул меёбад.Ҳалли масъалаҳои матнӣ барои кушодани моҳияти маънои амалҳои арифметикӣ дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарси математика аҳамияти муҳим дорад. Ҳалли масъалаҳои матнӣ имконият медиҳад, ки хотираи хонандагон мустаҳкам гардида тарзҳо, роҳҳо ва методҳои математики ҳалли масъалаҳои мазкур омӯхта шаванд.



**Калидвожаҳо:** таҳсилот, таълим, тарбия, таҳлил, дониш, малака, маҳорат, шавқу ҳавас, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, математикаи синфҳои ибтидоӣ, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, масъала, навъи масъала, масъалаҳои матнӣ, ҳалли масъалаҳо, муассисаҳои таҳсилотӣ.

## СУТЬ ИЗУЧЕНИЯ ТЕКСТОВЫХ ЗАДАЧ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

В статье анализируется основная сущность решения текстовых задач в процессе обучения математике начальных классов. Элементар- ный курс математики начинается с системы целевых текстовых задач. Текстовые вопросы здесь играют большую роль. Текстовая проблема - это запись ситуации на математическом языке, которая требует оценки количества любого компонента ситуации, который определяет взаимосвязь между ее компонентами и типом этой взаимосвязи. Решение текстовой задачи - необычная работа, требующая интеллектуального труда. Для выполнения какой-либо работы, прежде всего, необходимо знать, как решать текстовые задачи и как работать разными методами.Математические текстовые задачи - это короткие сводные утверждения, которые включают значения некоторых величин и должны иметь другие неизвестные значения с их данными или с ними в связи с условием задачи.Научиться решать текстовые задачи для юных школьников - один из основных методов обучения математике. Процесс решения текстовых задач представляет собой сложный аналитический и синтети- ческий процесс и осуществляется при формировании таких способов мышления, как анализ, синтез, вывод, идентификация и так далее.Решение текстовых задач имеет большое значение в раскрытии сущности значения арифметических операций при обучении мате- матике в начальной школе. Решение текстовых задач позволяет выполнять арифметические операции, чтобы помочь школьникам закрепить различные математические методы, подходы и техники. Успешное решение таких задач учениками младших классов показывает, что в знаниях учеников младших классов происходит исключение формирования и использования духовных и интеллектуальных качеств при решении текстовых задач. Одним словом, систематическое использование методов обу- чения для решения текстовых задач в начальной школе положительно влияет на учебный процесс, повышая уровень знаний учащихся начальных классов.

**Ключевые слова:** образование, обучение, воспитание, анализ, знания, умения, интересы, младшие школьники, математика началь- ных классов, учитель начальных классов, проблема, тип задачи, текстовая задача, решение задач, образовательные учреждения.

## THE ESSENCE OF STUDYING TEXT PROBLEMS IN THE PROCESS OF LEARNING MATHEMATICS IN ELEMENTARY CLASSES

The article analyzes the main essence of solving word problems in the process of teaching mathematics in primary grades. An elementary mathe- matics course begins with a system of targeted word problems. Text questions play a big role here. A textual problem is a record of a situation in mathematical language, which requires an estimate of the amount of any component of the situation, which determines the relationship between its components and the type of this relationship. Solving a word problem is an unusual job that requires intellectual work. To do any kind of work, first of all, you need to know how to solve word problems and how to work with different methods. Mathematical text tasks are short summary statements that include the values of certain values and should have other unknown values with their data or with them due to the condition of the task. Learning to solve word problems for young schoolchildren is one of the main methods of teaching mathematics. The process of solving word problems is closely related as a complex analytical and synthetic process and is carried out in the formation of such ways of thinking as analysis, synthesis, inference, identification, and so on. The solution of word problems is of great importance in revealing the essence of the meaning of arithmetic operations in teaching mathematics in elementary school in the process of teaching mathematics. Word problem solving allows you to perform arithmetic operations to help students consolidate various mathematical methods, approaches and techniques. The successful solution of such problems by pupils of elementary grades shows that in the knowledge of pupils of elementary grades there is an exclusion of the formation and use of spiritual and intellectual qualities when solving word problems In a word, the systematic use of teaching methods for solving word problems in primary school has a positive effect on the educational process, increasing the level of knowledge of primary school students.

**Key words:** education, training, upbringing, analysis, knowledge, skills, abilities, interests, junior schoolchildren, primary school mathematics, primary school teacher, problem, problem type, word problem, problem solving, educational institutions.

**Маълумотнома дар бораи муаллиф:** ***Буриев Фирдавс Комилҷонович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **+992-904-132-606**

**Сведения об авторе:*Буриев Фирдавс Комиджонович*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, старший преподаватель кафедры методики начального образования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **+992-904-132-606.**

**Informationaboutthe authors:** ***Buriev Firdavs Komildjonovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Senior Lecturer of the Department of Primary Education Methods. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121.Phone: **+992-904-132-606**.

УДК:372.853

# МАХСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ТРАЕКТОРИЯИ ИНФИРОДИИ РУШДИ КАСБӢ ДАР РАВАНДИ ТАКМИЛИ ДОХИЛИМАКТАБИИ ИХТИСОСИ МУАЛЛИМОНИ ФИЗИКА

*Расулов С.Н.*
**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино**

Табодулоти техникӣ ва ҷамъиятӣ, ки дар ҷаҳони имрӯза рӯй медиҳанд, боиси пайдоиши форматҳои нави муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ гашта, беш аз пеш талаботи муттасил афзояндаро нисбати сатҳи ихтисосмандии кормандон ва мутахассисонро дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсон ба ҳукми қоида медароранд.

Оқибати ин равандҳо тағйироти қатъии муносибат ба ҳамаи навъҳои таҳсилот ва баланд шудани нақши иҷтимоии он аст. Дар шароити муносибатҳои тарафайни кормандон ва корфармоён, таҳрири регламенти иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ, таваҷҷуҳи хосса ба соҳаи ҳосил намудани донишҳои мубрам ва босамаре, мисли таҳсилоти иловагии касбӣ дода мешавад. Такмили ихтисос таҷдиди донишҳои назариявӣ ва амалӣ, мукаммалгардонии малакаҳои мутахассисон дар робита бо пайваста зиёд шудани талабот нисбати сатҳи ихтисосмандии онҳо мебошад. Аз курсҳои такмили ихтисос танҳо онҳое метавонанд гузаранд, ки дипломи таҳсилоти касбии миёна ё олӣ дошта бошанд [6,с.14].

Такмили ихтисоси омӯзгорони фанни физика метавонад бо мурури пайдо шудани зарурат, хоҳиши омӯзгор, мувофиқи муқаррарот оид ба такмили ихтисос гузаронида шавад. Таълим мумкин аст бе тарки кор, бо тарки кор ва дар асоси шаклҳои инфиродии таълим анҷом дода шавад. Ба муддати гузариш аз курсҳои такмили ихтисос педагог аз кор бо нигоҳ доштани музди кор озод карда мешавад. Такмили ихтисоси омӯзгорони фанни физика тавассути барномаҳо, курсҳо ва семинарҳои гуногуни зерин ба роҳ монда мешавад:

- курсҳои тӯлонӣ, ки муҳлати умумии онҳо аз 100 соат зиёд мешавад. Дар онҳо мутахассисон бо масъалаҳои мубрами бевосита бо соҳаи фаъолияти онҳо алоқаманд ошноии амиқ пайдо мекунанд. Пас аз анҷоми курс шунавандагон аз ягон шакли санҷиши донишҳои ҳосилкарда – имтиҳон ё кори хаттӣ мегузаранд;
- барномаҳои то 72-соата, ки ба гурӯҳи курсҳои кӯтоҳмуддат тааллуқ доранд. Дар онҳо маводҳое баррасӣ мегарданд, ки танҳо бо мушкилоти мубрами соҳаи маҳдуди фаъолияти мутахассисон алоқаманд мебошанд. Дар охири курс ҳамчунин имтиҳон ё реферат гирифта мешавад. Дар анҷом шунаванда сертификати такмили ихтисос мегирад;
-семинарҳои бахшида ба самти маҳдуд, ки дар онҳо таълим 72 ё 100 соат идома меёбад. Тафтиши дониш мисли дигар навъҳои курсҳо гузаронда мешавад.

Низоми дохилимактабии такмили ихтисоси муаллимони фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ ҳамчун мафҳум ба андозаи кофӣ коркард нашудааст.

Низоми дохилимактабии такмили ихтисос ин низоми ба тарзи сунъӣ созмонёфта, универсалӣ, динамикӣ, чандир ва яклухти худрушдкунанда аст, ки ба омодакунии касбии омӯзгорон аз тариқи таълим додани донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳои нав ба онҳо ва ба андозаи максималӣ ба талаботи онҳо мувофиқ равона гардида, дар фазои таълимии мактаби мушаххас амалӣ карда мешаванд [8,с.25].

Системаи дохилимактабии такмили ихтисоси муаллимони фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ аз шумораи маҳдуди ҷузъҳо иборат аст. Ҳамчун ҷузъҳои системаи дохилимактабии такмили ихтисоси муаллимони фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ инҳоро номбар кардан мумкин аст:

- дархости иҷтимоӣ оид ба омодакунии омӯзгорони самти муайян дар системаи дохилимактабии такмили ихтисос;

- омӯзгороне, ки дар системаи дохилимактабии такмили ихтисос аз курси тайёрӣ мегузаранд;

- мутахассисоне, ки ин тайёриро амалӣ мекунанд;

- раванди таълимӣ, ки ба такмили ихтисоси омӯзгорон равона мебошад;

- таъминоти барномавӣ ва методии тайёрии омӯзгорон;

- таъминоти норматива-ҳуқуқии дохилимактабии такмили ихтисос;

- таъминоти моддӣ-техникӣ, таъминоти психологӣ ва идоракунии системаи дохилимактабии такмили ихтисос.

Тайёрии омӯзгорони фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ дар системаи дохилимактабии такмили ихтисос бо такя ба ғояҳои таҳсилоти муттасили касбии педагогӣ баррасӣ мегардад:

- моҳият: ҳадафгирии рушди шахсият дар тӯли тамоми ҳаёт;

- мазмуну муҳтаво: ғанигардонии тадриҷии зарфиятҳои эҷодии шахс дар тӯли тамоми ҳаёт;

- шакл: ягонагии давраҳои шуғлмандии таҳсилӣ ва меҳнатӣ, ки ба рушди касбӣ ва инкишофи шахсии омӯзгорон нигаронида мешавад;

- ҳавасмандгардонӣ ба фаъолияти дарпешистода, дарки аҳамияти иҷтимоии он ташаккул дода мешавад;

- маҷмӯи донишҳо, маҳорату малакаҳо ташаккул дода мешавад, ки омодагии «технологӣ» ба амали салоҳиятнокро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, ҷустуҷӯи чунин шаклҳои такмили ихтисос то андозае ба ташаккулёбии салоҳиятҳои калидии омӯзгорони фанни физика мусоидат мекунад:

- аз худ кардани асосҳои фаъолияти омӯзгорӣ ва эҷодӣ (салоҳиятҳои инфиродӣ);

- аз худ кардани қобилиятҳои элементарӣ оид ба тартиб додани лоиҳаи рушди хеш, татбиқи қобилиятҳои хеш ва рефлексия (салоҳияти худсозӣ);

- аз худ кардани фаъолияти коммуникативӣ оид ба ёрӣ ба худ ва ёрии ҳамдигарӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ (салоҳияти коммуникативӣ);

- аз худ намудани малакаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ (салоҳияти ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотӣ);

- аз худ кардани усулҳои тартиб додани лоиҳаҳо ва барномаҳо (салоҳиятҳои лоиҳасозӣ ва барномарезӣ);

- салоҳиятҳо оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва ғ.

Вазифаҳои такмили ихтисоси омӯзгорони физика тавассути технологияҳои инфиродии траекторияи рушд:

- дастгирӣ ва такмили сатҳи касбии муаллимони физика дар мутобиқат бо талаботи рӯз;

- муҳайё кардани шароит барои рушди инфиродии қобилиятҳои фаъолияти касбии муаллимони физика то ба сатҳи эҳтимолан имконпазир;

- тағйир додани таъйиноти мақсадноки банақшагирӣ ва татбиқи такмили ихтисоси муаллимони физика тавассути технологияҳои инфиродии траекторияи рушд аз такмили донишҳо, маҳоратҳову малакаҳои касбӣ ва инкишофи салоҳияти касбӣ;

- фаъол намудани эҷодкории касбӣ, рӯҳи мусобиқа бо дигарон дар маҳорати омӯзгорӣ;

- фароҳам овардани дастгирии илмӣ ва методӣ барои комилан амалӣ кардани нақшаҳои инфиродии эҷодии муаллимони фанни физика;

- қонеъ гардондани талабот ба ҷустуҷӯ ва азбаркунии таҷрибаи пешқадами педагогӣ, инноватсияҳои педагогӣ ва дастовардҳои илмӣ;

- аз худ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз тарафи муаллимони фанни физика то ба сатҳи корбарии мустақилонаи озоди онҳо ба сифати ҳам воситаи муосири мубодилаи иттилоот ва ҳам воситаи босамари педагогӣ.

Созмон додани системаи яклухти такмили ихтисоси муттасили муаллимони

фанни физикаи ҷавобгӯ ба талаботи муосир, бозсозии сифатноки мазмуну муҳтавои раванди таълимӣ, шаклҳо ва усулҳои онро талаб мекунад. Дар системаи такмили ихтисоси муаллимони фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ на танҳо ташаккул додани донишҳои нав ва амиқ кардани донишҳои мавҷуд оид ба идоракунии раванди таълиму тарбия, балки инчунин донишҳо оид ба худ, маҳорати ба таври оптималӣ ба роҳ мондани муошират бо ҳамкасбон муҳим аст.

Такмили ихтисоси муаллимони фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ системаи шартҳои рушди босамари касбии салоҳиятҳои муаллимони физикаро таъмин мекунад:

- рушди томи шахсияти муаллими фанни физика;
- иштироки шахсии муаллими фанни физика дар тарҳрезии траекторияи рушди касбии хеш;
- ҳимояи иҷтимоӣ- равонии муаллими фанни физика бо ҳадафи ҳифзи солимии ӯ;
- эҷод кардани муҳити равонии мусбат;
- муттасилӣ ва вариантнокии барномаҳои таҳсилотӣ;
- ҷой доштани фаъолияти дастаҷамъӣ, инфиродӣ ва эҷодӣ дар барномаи таҳсилотӣ;
- ҳуқуқи муаллими фанни физика ба интихоб намудани варианти таълим.

Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки динамикаи рушди салоҳияти касбии муаллими фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ таъмин гардад.

Ба сифати меъёрҳои ташхисии такмили ихтисоси муаллими фанни физика бо технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ метавон инҳоро номбар кард:

- арзёбии кулли омилҳои раванди такмили ихтисос аз ҷониби муаллими фанни физика;
- тағйирот дар самтгириҳои иҷтимоӣ-касбии муаллими фанни физика;
- қаноатмандӣ аз таълим;
- дастрас будани тарзи пешниҳоди мавод;
- пурмазмунии иттилоот;
- аз худ кардани донишу малакаҳои нави амалии дар фаъолияти касбӣ зарур;
- кумак ба муаллими фанни физика дар муайянкунӣ ва рафъсозии монеаҳо дар фаъолияти касбӣ;
- таъсири иттилоотӣ-идрокӣ.

Ҳангоми гузарондани курсҳои такмили ихтисоси муаллими фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ, ду равиш ба таҳлили талабот ва манфиатҳои касбии муаллимони фанни физикаро ба эътибор бояд гирифт. Аввалан, омӯзиши қаблии фронталии онҳо дар сатҳи муассисаи таҳсилотӣ, дар рафти омодакунии курсӣ. Дар асоси он модели заминавии майдони иттилоотӣ мувофиқи қисмҳои дахлдори тайёрии касбии омӯзгор: донишҳои умуминазариявӣ, донишҳо дар соҳаи методика, донишҳои равонӣ-омӯзгорӣ ташаккул меёбанд.

Сониян, ташхиси фаврии мушкилоти касбии омӯзгор, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи амалӣ бо назардошти мавзӯоти курсҳо дучор мешаванд. Бо такя ба ин, майдони иттилоотии талаботи муаллимони фанни физика ба курсҳо, сатҳи мушкилоти касбии онҳо аниқ карда мешавад. Имконият ва талаботи таҷдиди сифатии такмили ихтисоси муаллими фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ, таҷдиди муҳтаво ва шаклҳои он:

- курсҳои кӯтоҳмуддат (таътилӣ) барои муаллимони фанни физика, ки оид ба мушкилоти умумӣ кор мебаранд;
- курсҳои мавзӯии бахшида ба масъалаҳои проблемавӣ барои муаллимони фанни физика, ки аз рӯйи мавзӯи инноватсионӣ кор мебаранд;
- таҳсили фосилавӣ;
- таҳсили инфиродӣ;

- форумҳои интернетӣ, озмунҳо;
- семинарҳои методӣ, семинар-практикумҳо;
- майдонҳои кушодаи методӣ дар заминаи мактабҳо;
- рӯзҳо, ҳафтаҳои методӣ дар мактабҳо;
- иштироки муаллимони фанни физика дар озмунҳои маҳорати касбӣ.

Шаклҳои асосии такмили ихтисоси муаллимони фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ:

**1. Гузарондани семинарҳо ва практикумҳои методӣ**

Шаклҳои аз ҳама босамари семинарҳои методӣ ва практикумҳо оид ба такмили ихтисоси муаллими фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ, ба назари мо, чунинанд:
- семинари назариявӣ;
- семинар-практикум;
- конференсияи илмӣ-амалӣ;
- даҳаи методӣ;
- рӯзҳои илм;
- фестивали методӣ;
- мозаикаи методӣ;
- мубоҳиса;
- ринги методӣ;
- бозии корӣ;
- КВН-и педагогӣ;
- ҳамлаи зеҳнӣ;
- тренинг;
- тренинги видеоӣ;
- хонишҳои педагогӣ;
- лекторий;
- намоишгоҳи касбӣ;
- ҳимояи лоиҳа;
- шӯрои педагогии мавзуӣ;
- дарси кушод.

**2. Иштирок дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ.** Аз миёни курсҳои такмили ихтисоси муаллимони фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ нақши хоссаро иштироки онҳо дар кори конференсияҳои илмӣ-амалӣ мебозад, ки функсияҳои гуногунҷанба доранд. Қабл аз ҳама, конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба дарки босамартари масъалаҳои мубрами амалияи педагогӣ аз ҷониби иштирокчиёни он мусоидат мекунанд. Мавзӯъҳои конференсияҳо таваҷҷуҳи муаллими фанни физикаро ба масъалаҳои мубрами амалияи педагогӣ бештар ҷалб мекунанд, таҳлили бетаъхири назариявии ин масъалаҳоро ба вуҷуд меорад, имкон барои ошно шудан бо чӣ тавр дарк шудани ин масъалаҳо аз тарафи ҳамкасбони дигар фароҳам меоранд. Иштироки муаллимони фанни физика дар кори конференсияҳои илмӣ-амалӣ онҳоро ба рефлексияи бошиддаттар ва босамартар оид ба масъалаҳое, ки дар ҷаласаҳои конференсия баррасӣ мешаванд, талқин мекунад.

**3. Шӯрои методӣ.** Шӯрои методӣ мақоми коллегиалии педагогии идоракунии дохилимактабӣ аст, ки ба муносибати эҷодкорона дар фаъолияти омӯзгорӣ мусоидат менамояд.

Дар раванди такмили ихтисоси муаллими фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ шӯрои методӣ консилиуми омӯзгорони касбии ботаҷриба мебошад, ки ба бахшҳои муҳимтарини раванди таълиму тарбия таъсири салоҳиятноки идоракунанда мерасонад, рушди онро таҳлил менамояд, дар ин асос машваратҳоро оид ба такмили методикаи таълиму тарбия коркард мекунад.Маркази асосие, ки кори методиро дар мактаб дар раванди такмили ихтисоси муаллими фанни физика ба воситаи технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ ҳамоҳанг месозад, шӯрои методӣ мебошад.

**4. Такмили ихтисоси муаллими фанни физика тавассути ҷалбшавии ӯ ба кори иттиҳодияҳои методӣ.** Яке аз шаклҳои кор болои такмили ихтисоси муаллими фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ кори иттиҳодияҳои методии мактабӣ мебошад. Иттиҳодияи методӣ ҷузъи сохтори мактаб буда, ба такмили таъминоти методии барномаҳои таълимӣ, рушди маҳорати касбии муаллимони фанни физика мусоидат мекунад. Он барои ба роҳ мондани ёрии байниҳамдигарӣ бо мақсади таъмини сатҳи замонавии тадрис ва боло бардоштани сифати таълими насли наврас, такмили раванди таълиму тарбия дар муассисаи таҳсилотӣ дар умум таъсис дода мешавад.

Иттиҳодияи методӣ дар сурати дар мактаб мавҷуд будани на кам аз се омӯзгоре, ки аз рӯйи як фан ё як соҳаи таълимӣ (гуманитарӣ, табиӣ-математикӣ, физикӣ-математикӣ, табиӣ-географӣ ва ғ.) кор мекунанд, ташкил карда мешавад. Ба ҳайати иттиҳодияи методӣ метавонанд муаллимони фаннҳои ба ҳам наздик дохил шаванд.

**5. Такмили ихтисоси муаллими физика дар рафти кор болои мавзӯи худомӯзӣ.** Ба хотири таъмини дастгирии методии омӯзгор дар давраи байникурсӣ ва рафънамоии душвориҳои ҷиддӣ дар роҳи азхудкунии методи нави таълим зарфиятҳои шаклҳои таълимеро, аз қабили муошрати педагогӣ ва худомӯзӣ бодиққаттар баррасӣ кардан ва ба пуррагӣ истифода бурдан мебояд.

Такмили сифати таълим ва тарбия дар мактаб мустақиман аз сатҳи тайёрии омӯзгорон вобастагӣ дорад. Баҳснопазир аст, ки сатҳи мазкур бояд дар рушди пайваста бошад ва дар ин ҳолат самараи курсҳои гуногуни такмили ихтисос, семинарҳо ва конференсияҳо бидуни худомӯзии муаллим зиёд нест. Худомӯзӣ талабот нисбати инсони эҷодкор ва масъулиятшиноси ҳар касб аст ва ин ба касбҳои дорои масъулияти баланди маънавӣ ва иҷтимоӣ, ки касби муаллимӣ низ ба онҳо тааллуқ дорад, бештар аз дигарон дахл дорад.

Худомӯзии муаллими физика шарти зарурии фаъолияти касбии муаллим мебошад. Ҷомеа ҳама вақт нисбати муаллим талаботи баландтарин пеш меовард. Барои чизеро таълим додан аз дигарон зиёд донистан лозим аст. Муаллими физика бояд на танҳо фанни худро донад ва малакаҳои татбиқи методикаи таълимро дошта бошад, балки ҳамчунин дар соҳаҳои илмии ҳамҷавор, арсаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ дониш дошта бошад, аз сиёсат, иқтисоди замон бохабар бошад ва ғ. Муаллими физика бояд пайваста омӯзад, зеро дар симои шогирдони ӯ ҳар сол марҳилаҳои замонӣ иваз мешаванд, амиқ мегарданд ва ҳатто тасаввурот дар бораи олами атроф тағйир меёбад.

Мавзӯи худомӯзӣ дар мутобиқат бо мавзӯи методии мактаб ташаккул ёфта, бо назардошти мушкилоти омӯзгорон ва махсусиятҳои манфиатҳои инфиродии онҳо ташаккул меёбад. Муҳлати кор болои мавзӯъ ба таври фардӣ муайян карда шуда, аз 2 то 5 солро ташкил дода метавонад.

**6. Тартиб додани портфолио.** Дар тарҷума аз забони италиявӣ «портфолио» маънии «папкаи аснод»-ро дорад [9,с.14]. Портфолиои муаллим усули бақайдгирӣ, ҷамъоварии маводҳоест, ки сатҳи касбии муаллим ва маҳорати ҳал намудани масъалаҳои фаъолияти касбиашро нишон медиҳанд. Портфолиои муаллим сатҳи тайёрии омӯзгор ва сатҳи фаъолнокии ӯро дар навъҳои фаъолияти таълимӣ ва берун аз он нишон медиҳад. Портфолиои электронии педагог маъхаз дар веб-пойгоҳ, сомонаи муаллим аст, ки фардият ва дастовардҳои касбии соҳиби онро инъикос мекунад [4,с.8]. Омӯзгор бояд як навъ «дафтари комёбиҳо» дошта бошад, ки дар он ҳама чизҳои ҷолиб ва лоиқе инъикоси худро меёбанд, ки дар ҳаёти ӯ рух медиҳанд. Нақши ин гуна «дафтар»-ро метавонад ҳам сомонаи муаллим ва ҳам портфолиои ӯ иҷро намояд. Таъйиноти асосии портфолио оид ба такмили ихтисоси муаллими фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ намоиш додани натиҷаҳои аз ҳама муҳимми фаъолияти амалӣ барои арзёбии салоҳияти касбии худ аст. Инҳо метавонанд лоиҳаҳои амалишуда, иштирок дар олимпиадаву озмунҳо, таҳқиқотҳои анҷомдодаи омӯзгор бошанд.

7.**Ҳамкориҳои шабакавии муаллимон.** Баланд бардоштани сатҳи ихтисосмандии кадрҳои педагогӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ дар ҳоли трансформатсияи

назаррас аст, ки асоси онро ба омӯзгорон фароҳам овардани имкони барпокунии алоқаҳои дохилӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо мақсади ёрирасонӣ ба якдигар дар такмили кори амалии худ ташкил медиҳад [1,с.19]. Ақидаҳои муосири назариявӣ доир ба шаклҳои ташкилии такмили ихтисоси муаллими фанни физикаро тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ ҷанбаҳои зерин ғанӣ гардонидаанд:

- дониш дар бораи ҳамкорӣ ҳамчун шакли муосири ташкилотии такмили ихтисос дар шароити рушди инноватсионии низоми таҳсил;
- маълумоти эмпирикӣ доир ба марҳилаҳои ташаккулёбии ҳамкориҳои шабакавӣ дар системаи такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ;
- тавсифи махсусиятҳои барномаҳои такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ дар шароити ҳамкориҳои шабакавӣ;
- асосноксозии натиҷанокии такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ дар шароити ҳамкориҳои шабакавӣ.

Мазмуну муҳтавои ҳамкориҳои шабакавӣ дар раванди такмили ихтисоси муаллими фанни физика тавассути технологияҳои траекторияи инфиродии рушди касбӣ моҳиятан мувофиқа намудани амалҳои субъектҳои шабака барои расидан ба ҳадафҳои рушди инноватсионӣ буда, дар шакли амали якҷоя, тавассути тарҳрезии муштараки методӣ, такмили ихтисоси иштирокчиёни ҳамкориҳои шабакавӣ, мубодилаи таҷриба ва натиҷаҳои рушди инноватсионӣ, хизматрасониҳои тарафайн ва таълими якдигар, экспертиза ва рефлексияи гурӯҳӣ ифода меёбад.

8.**Иштирок дар дарсҳои якдигар.** Дар рафти иштирок дар дарсҳо мушоҳидагар вазифаҳоеро ҳаллу фасл мекунад, ки мустақилона назди худ гузоштааст ё аз муаллиме супориш гирифтааст, ки дарсро мегузаронад. Ин масъалаҳо бояд ҳамоҳанг бо ҳадафҳои умумии барномаи иштирок дар дарсҳои якдигар бошанд, ки дар мактаб татбиқ мешаванд. Мавзӯи мушоҳида метавонад ҷанбаҳои гуногуни дарс бошанд:

- оғоз ва анҷом (ҳадафгузорӣ, натиҷагирӣ);
- банақшагирӣ ва ташкил (риояи нақшаи дарс, фаъолияти хонандагон ва мувофиқати он ба натиҷаҳои банақшагирифташуда, дараҷаи дарк шудани фаъолияти худ аз тарафи донишҷӯён ва ғ.);
- масъалаҳои мухталифи методикаи тадриси ин ё он мавзӯъ;
- суръати дарс;
- мазмуну муҳтавои дарс (мавзӯъро донистани муаллим, мувофиқати мазмуну муҳтаво ба сатҳи рушди хонандагон, мубрамӣ ва саҳеҳии иттилооти пешкашшаванда);
- кор бо саволҳо (муаллим чӣ гуна саволҳо медиҳад, хонандагон ба онҳо чӣ тавр вокуниш мекунанд, хонандагон кадом саволҳоро медиҳанд, муаллим ба онҳо чӣ гуна ҷавоб медиҳад);
- дараҷаи ҷалбшавии хонандагон;
- маводҳои таълимӣ ва таҷҳизоти истифодашаванда;
- сабки дарсдиҳӣ (овоз ва оҳанги гуфтори муаллим, иштиёқи ӯ, эҳтиром нисбати хонандагон ва ғ.);
- муносибати мутафовит ба хонандагон бо сатҳи гуногуни дониш ва ғайра.

Ба ин тариқ, рушди салоҳиятнокии касбии муаллими физика, болоравии худбаҳодиҳӣ ва худбоварӣ, зарфиятҳои эҷодии ӯ, ки ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ аст, мақсад ва мутаносибан, натиҷаи тарҳрезии траекторияи инфиродии рушди касбии муаллими физикаи мактаби таҳсилоти миёнаи ҳамагонӣ мебошад.

**Муқарриз:** ***Юлдошев У.Р.*- доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессори ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино**

**АДАБИЁТ**

1. Бугрова Н.С. Сетевое взаимодействие в системе повышения квалификации педагогических кадров: автореф.... н. и. пед. - Омск, 2007.

2. Вдовина С.А., Кунгурова И.М. Сущность и направления реализации индивидуальной образовательной траектории [Электронный ресурс] // Науковедение: маҷаллаи интернетӣ. -2013. -№ 6. -С. 1–8. URL: http://naukovedenie.ru/PDF/40PVN613.pdf (санаи мурочиат: 20.08.2018).
3. Гаязов А.С. Индивидуальные образовательные траектории и индивидуальный образовательный маршрут /Электроний ресурс/ Реҷаи дастрасӣ: http://www.tecl.ru/2015/09/09/iotiom/. (санаи мурочиат: 12.08.2018).
4. Голуб Г.Б. Портфолио в системе педагогической диагностики //Школьные технологии. – 2005. -№1.
5. Горбачева Г.Г. Индивидуальный образовательный маршрут как условие осуществления психолого-педагогической коррекции дошкольников с проблемами в развитии / Г.Г. Горбачева // Дошкольная педагогика. - 2008. - №4.
6. Дадобоева М.А. Педагогические условия подготовки будущих учителей к творческой деятельности в школе / М.А. Дадобоева [Текст]: дисс. …н. и. пед.– Душанбе, 2010. – 209 с.
7. МикероваГ.Ж.,ЖукА.С.Алгоритм построения индивидуальной образовательной траектории обучения //Современные наукоемкие технологии.-2016.-№11-1.-С.138-142;URL:http://www.top-technologies.ru/ru/article/view?id=36374(дата обращения:28.11.2018)
8. Митина Л.М. Профессиональное развитие и здоровье педагога: проблемы и пути решения // Вестник образования России. -2005. -№7.
9. Михайловский О.С. Портфолио учителя. Обобщение и систематизация педагогических достижений //Образование в современной школе. -2006. -№9. -С.19-23.
10. Черемных М. Н. Тьюторское сопровождение переходов от общего к профессиональному образованию //Тьюторство в открытом образовательном пространстве высшей школы: материалы Всерос. науч.-практ. конф. М.: Изд-во «Прометей» МПГУ, 2008. -С. 14-21.
11. Шакуров Р.Х. Творческий рост педагога. - М.,1995
12. Шапошникова Н.Ю. Индивидуальная профессиональная траектория студента: анализ трактовок понятия // Педагогическое образование в России. 2015. – № 5. – С.39-44.
13. Шапошникова Т.В. Реализация лингвистического профиля обучения в форме индивидуального учебного плана / Т.В.Шапошникова, Л.А. Байдурова //Управление качеством образования. - 2007. -№4. - С.82-90.

## МАХСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ТРАЕКТОРИЯИ ИНФИРОДИИ РУШДИ КАСБӢ ДАР РАВАНДИ ТАКМИЛИ ДОХИЛИМАКТАБИИ ИХТИСОСИ МУАЛЛИМОНИ ФИЗИКА

Дар мақола махсусияти истифодаи траекторияи инфиродии рушди касбӣ дар раванди такмили дохилимактабии ихтисоси муаллимони физика, инчунин шаклҳои асосии баландбардории тахассуснокии омӯзгорони фанни физика бо воситаҳои технологияҳои траекторияи фардии рушди касбӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз проблемаҳои мубрами таҳсилоти муосир рушди касбии педагог мебошад, ки дорои характери пайдарпай ва мунтаззам мебошад. Омӯзиш дар тӯли ҳаёт ва ё таълими пайдарпай ба истифодабарии иқтидори методӣ, рушди мустақилияти омӯзгорон бо ёрии фаъолияти пажӯҳишӣ мебарад. Имрӯз барои рушди касбии омӯзгорон имконияти зиёде мавҷуд аст. Бояд қариб ки ҳамаи онҳоро мавриди истифода қарор дод. Махсусан чунин имконият дар чунин самтҳо ба монанди химия, физика, ва биология хеле зиёд аст . Имрӯз омӯзгорон метавонанд мустақилона барномаи барои онҳо хоси баландбардории тахассуснокиро интихоб намуда, бо баҳисобгирии талаботи худ ба худомӯзӣ машғул шаванд Дар умум метавон гуфт, ки омӯзгорон дорои имконияти ба низом даровардан ва мувофиқгардонии фаъолияти касбии худ мебошанд. Дар мақола муаллиф инчунин муқаррар намудааст, ки дар низоми такмили тахассуси омӯзгорони фанни физика бо воситаҳои технологияҳои траекторияи фардии рушди касбӣ на танҳо ташаккул ва амиқгардонии донишҳои нав оиди идоракунии раванди тарбиявӣ-таълимӣ, инчунин донишҳо дар бораи худ, маҳорати мувофиқгардонии муошират бо ҳамкасбони худ низ муҳим арзёбӣ мегардад. .

**Калидвожаҳо**: баландбардории тахассуснокӣ; омӯзгор; технология, шаклҳо, таҳсилот, барнома, ташаккул, тахассуснокӣ, система, мутахассис, самаранокӣ.

## ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНДИВИДУАЛЬНОЙ ТРАЕКТОРИИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ В ПРОЦЕССЕ ВНУТРИШКОЛЬНОГО УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СПЕЦИАЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ ФИЗИКИ

В статье раскрываются особенности использования индивидуальной траектории профессионального развития в процессе внутришкольного повышения квалификации учителей, а также подробно рассматриваются основные формы повышения квалификации учителя физики средствами технологий индивидуальной траектории профессионального развития. Автор отмечает, что одной из актуальных проблем современного образования является профессиональное развитие педагога, обладающее непрерывным и систематическим характером. Обучение на протяжении всей жизни, или непрерывное обучение, ведет к использованию методического потенциала, к развитию самостоятельности с помощью исследовательской деятельности. На сегодняшний день для профессионального развития педагогов существует огромное количество возможностей. Необходимо пробовать использовать многие из них. Особенно эти возможности есть в таких направлениях, как химия, физика, биология. Сегодня учителя

могут сами выбирать наиболее подходящую им программу повышения квалификации, заниматься самообразованием с учетом собственных потребностей. В целом можно сказать, что у учителей есть возможность систематизировать и оптимизировать свою профессиональную деятельность. В работе автором установлено, что в системе повышения квалификации учителей физики средствами технологий индивидуальной траектории профессионального развития важно не только формирование новых и углубление имеющихся знаний об управлении учебно-воспитательным процессом, но и знания о самом себе, умения оптимально строить общение с коллегами.

**Ключевые слова**: повышение квалификации; учитель; технология, формы, образование, программа, формирование, квалификация, система, специалист, эффективность.

**FEATURES OF USING INDIVIDUAL TRAJECTORY OF PROFESSIONAL DEVELOPMENT IN THE PROCESS OF IN-SCHOOL IMPROVEMENT OF THE SPECIALTY OF PHYSICS TEACHERS**

The article reveals the features of the use of the individual trajectory of professional development in the process of intra-school professional development of teachers, and also discusses in detail the main forms of advanced training of a physics teacher by means of technologies of the individual trajectory of professional development. The author notes that one of the urgent problems of modern education is the professional development of a teacher, which has a continuous and systematic nature. Lifelong learning, or lifelong learning, leads to the use of methodological potential, to the development of independence through research activities. Today, there are a huge number of opportunities for the professional development of teachers. Many of them should be tried. Especially these opportunities exist in such areas as chemistry, physics, biology. Today, teachers can choose the most suitable advanced training program for them, engage in self-education, taking into account their own needs. In general, we can say that teachers have the opportunity to systematize and optimize their professional activities. In the work, the author found that in the system of advanced training of physics teachers by means of technologies for the individual trajectory of professional development, it is important not only to form new and deepen existing knowledge about the management of the educational process, but also knowledge about oneself, the ability to optimally build communication with colleagues.

**Key words:** professional development; teacher; technology, forms, education, programs, formation, qualifications, system, specialist, efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Расулов Сунатулло Неъматуллоевич*** – Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, омӯзгори калони кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияҳои иттилоотӣ.**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 139. E-mail: **sunat_70@mail.ru** Телефон: **(+992) 918- 86-34-59**.

**Сведения об авторе:** ***Расулов Сунатулло Неъматуллоевич*** **–** Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино, старший преподаватель кафедры медицинской и биологической физики с основами информационных технологий. **Адрес:** 734003, Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 139. E-mail: **sunat_70@mail.ru** Телефон: **(+992) 918- 86-34-59**

**Information about the author:** ***Rasulov Sunatullo Negmatulloevich*** – Avicenna Tajik State Medical University, Senior Lecturer of the Department of Medical and Biological Physics with the Basics of information technology. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 139. E-mail: **sunat_70@mail.ru**
Phone: **918-86-34-59**.

**УДК:372.851**

# ОМӮЗИШИ ФАННИ МАТЕМАТИКА ТАВАССУТИ БАРНОМАИ МОБИЛИИ «МАТЕМАТИКАИ ШАВҚОВАР» ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Маҳмудов И.М., Азизов А.А., Таирова М.М.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Сомонаҳои интернетии корхонаҳо роҳи аз ҳама самарабахши муаррифии маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоб мераванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки стандартҳо ва нақшаву барномаҳои таълимии фанҳои дақиқ ва риёзӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот ба таҷдиди назари ҷиддӣ ниёз доранд. Яъне, зарур аст, ки миқдори соатҳои таълимии фанҳои табииву риёзӣ дар давоми солҳои 2020-2040 зиёд карда шавад.

Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки бо мақсади ҳарчи зудтар ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар Паёми соли гузашта таъкид гардида буд, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар асоси он барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамиро қабул ва амалӣ намояд.

Дар баробари ин, Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти неруи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад.

Мусаллам аст, ки донишҳои математикӣ яке аз омилҳои муҳимми омода кардани мутахассиси соҳибкасб маҳсуб меёбанд. Вале ҳалли ин масъала солҳои зиёд диққати олимонро ҷалб карда бошад ҳам, то ҳол масъалаи баланд бардоштани сатҳи таълими ин фанни дақиқ бо вуҷуди таълифоти зиёди илмию методӣ, китобҳои дарсӣ ва таҳияи барномаҳои навин ба дараҷаи бояду шояд ҳалли худро наёфтааст. Аз ин нуқтаи назар, системаи методии таълими математика дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ бо назардошти вазъ ва талаботи имрӯза бояд тағйир пазирад.

Математика дар системаи муосири маориф мавқеи марказиро ишғол мекунад, зеро он ба мо имкон медиҳад, ки шаклҳои муайяни тафаккурро, ки барои омӯзиши ҷаҳони атроф заруранд, ташаккул диҳем.

Аз ин рӯ, имрӯз бояд ба ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, алалхусус усулҳои интерактивӣ дар раванди таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ диққати ҷиддӣ дода шавад. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки истифодаи усулҳои интерактивии таълим ба баланд шудани сифати таълим дар маҷмӯъ мусоидат мекунад [2, с. 95].

Усули интерактивии таълим яке аз намудҳои усулҳои таълим мебошад, ки пеш аз ҳама, ҳамкории муколамаи муаллим ва хонандаро дар бар мегирад [3, с. 364].

Усули интерактивӣ ("inter" тарафайн, "act" - амал кардан) - маънои ҳамкорӣ, дар ҳолати гуфтугӯ, муколама бо касе ё чизеро дорад. Усулҳо ва усулҳои интерактивӣ ба ҳамкории васеи хонанда на танҳо бо муаллим ва бо ҳамдигар, балки бо компютер, тахтаи интерактивӣ ва дигар воситаҳои интерактивӣ равона карда шудаанд [8, с. 25].

Усулҳои интерактивии таълим риояи қоидаҳои зеринро талаб мекунанд: ҳангоми усули "ҳуҷуми зеҳнӣ" такмил ва рушди идеяҳои пешниҳодшуда ҳавасманд карда мешавад [12, с. 76].

Воситаҳои интерактивии таълим аз инҳо иборатанд: китобҳои дарсии чопшуда ва дастурҳои чопшуда, ба мисли дастури худомӯзии зеҳнӣ; китобҳои дарсии мултимедиа; барномаҳои таълимии мултимедиа; компютер; тахтаҳои интерактивӣ (панелҳо, планшетҳо); воситаҳои телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла почтаи электронӣ, телеконференсияҳо, шабакаҳои алоқаи маҳаллӣ ва минтақавӣ, шабакаҳои мубодилаи маълумот; китобхонаҳои электронӣ [1, с. 110].

Истифодаи иттилооти компютерӣ дар синф ба муаллим имкон диҳад, ки сатҳи визуализатсияро дар таълими математика баланд бардорад; инчунин, ба баланд бардоштани маърифати таълим; ба тафтиш ва таҳлили корҳои гуногуни санҷишӣ; баланд бардоштани шавқ ва фаъолияти маърифатии гон мусоидат менамояд [4, с. 84].

Албатта, ҳар як сатҳи омӯзишро дар муассиса мақсад ва вазифаҳои таълими математика ва махсусиятҳои тахассусии он муайян менамояд. Истифодаи ин ё он технологияи иттилоотӣ дар таълими математика низ аз мақсад ва вазифаи онҳо вобаста буда, дар навбати худ, зуҳуроти шаклҳои нави онҳо боиси пайдо шудани вазифаҳои нав низ дар таълими математика мегарданд [1, с. 105].

Усулҳои асосии таълими интерактивӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

инҳоянд:

1. Вазифаи эҷодӣ, ки асос ва мундариҷаи ҳама гуна усули интерактивиро ташкил медиҳад, инчунин донишҷӯёнро нисбати таълими фанни математика ҳавасманд мегардонад.

2. Кор дар гурӯҳҳои хурд имкон медиҳад, ки малакаҳои ҳамкорӣ, муошırати байнишахсӣ амалӣ карда шаванд.

3. Ҳуҷуми зеҳнӣ - ин усул тафаккури эҷодиро дар гурӯҳ фаъол мекунад. Ҳангоми ҳуҷуми зеҳнӣ, ҷавоби ҳар як хонанда ба савол қабул карда мешавад.

4. Усули дарахти қарор - синф ба 3 ё 4 гурӯҳ бо шумораи ҳамон талабагон тақсим карда мешавад. Пас ҳар гурӯҳ бояд ин масъаларо муҳокима кунад ва дар бораи "дарахти мақсад" -и худ қайдҳо гузорад, пас гурӯҳҳо ҷойҳоро иваз мекунанд ва ғояҳои худро ба дарахти мақсади ҳамсояҳо илова мекунанд [8, с. 1261].

Дар ҳақиқат, насли наврас дар истифодаи таҷҳизотҳои электронӣ қобилиятҳои ғайриодӣ зоҳир менамоянд. Масъалаи равонакунии чунин қобилиятҳо дар таълими фанҳо масъалаест, ки ҳалли он дар амалия татбиқ намудани технологияҳои муосири иттилотиро талаб менамояд. Яъне, таҳияи таъминоти барномавии таълимӣ бояд ҳам методикаи таълим ва ҳам татбиқи технологияҳои муосири таълимиро дар бар гирад. Интихоби таҷҳизоти мобилӣ ҳамчун платформа барои сохтани барномаи таълимӣ бо маъмул будани чунин намуди таҷҳизотҳо ва шавқу рағбати калон зоҳир намудани хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба онҳо асоснок карда мешавад.

Аз сабаби он ки қариб дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ техникаи компютерӣ ҷорӣ гардидааст, ҳангоми таълим дар мактаб зарурати истифодаи бозиҳои компютерӣ ба миён меояд. Компютеркунонии истеҳсолот ва соҳаи идоракунӣ, дар навбати худ, талаб мекунад, ки ҳар як одам бо компютер кор карда тавонад. Барои ин доштани малакаи бозӣ дар компютер хеле зарур аст. Бозӣ ҳамчун воситаи омӯзиш дар раванди таълиму тарбия як қатор функсияҳоеро иҷро мекунад, ки онҳоро бо усулҳои фаҳмондадиҳӣ аз қабили “мушоҳида намо - такрор намо – дар ёд гир” амалӣ кардан мумкин аст.

Дар раванди таълим функсияҳои асосии бозиро чунин номбар намудан мумкин аст: бозӣ соҳаи ҳиссии хонандаро бой карда, ба ӯ қувваи фикрӣ ва ҳиссӣ мебахшад. Бозиҳои дидактикӣ бошанд, аз бисёр ҷиҳат назар ба дигар воситаҳои омӯзиш ба инкишофи идроки хислатҳои алоҳидаи зуҳурот ва объекти олами ашёҳо мусоидат мекунанд. Ҳангоми бозӣ хонандагон озодона аз ашёҳо (бозиҳо) истифода мебаранд, ки ин имкон медиҳад ҳиссиёти биноиву шунавоии онҳо инкишоф ёбад. Истифодаи таҷрибаи мушоҳидаи олами ашёҳо ва зуҳурот дар бозиҳои дидактикӣ ба идроки аниқ, инкишофи мушоҳидакорӣ, ки дар навбати худ асоси донишдӯстӣ мегардад, мусоидат менамояд. Дар бозиҳои дидактикӣ иштирок карда, хонандагон аз худи фаъолияти бозингарӣ (бозинамоӣ) лаззат ва завқ мебардоранд. Л.С. Виготский қайд карда буд, ки ин лаззату завқро иштирокчиёни бозӣ аз он ҳис мекунанд, ки агар бозӣ бисёр навигариҳо дошта бошад [3, с. 100].

Олимони маъруфи тоҷик Ф. Шарифзода ва А.М. Миралиев оиди бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи таълим чунин изҳори ақида кардаанд: “Бозиҳои дидактикӣ - воситаи муҳимми педагогии фаъолсозии ҷараёни таълим ба ҳисоб мераванд. Дар раванди бозиҳои дидактикӣ хонанда бояд амалиётеро иҷро намояд, ки шабеҳи он дар фаъолияти касбии мавсуф ҷой дорад”.

Ба ҳамин тартиб, аксарияти муҳаққиқон ба сифати воситаҳои нави технологияи иттилоотии таълими математика танҳо системаҳои математикии компютерӣ ва ҷадвалҳои электронӣ, инчунин воситаҳои муаррифиро номбар кардаанд. Бояд зикр кард, ки назария ва методикаи таълими математика бо истифода аз технологияҳои навтарини иттилоотӣ дар маҷмӯъ ва дар алоҳидагӣ то ҳол мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар баробари ин, таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули мафҳумҳои математикӣ, омӯзиши теоремаҳо, ҳалли масъалаҳои математика бо истифода аз ВТТ аз масъалаҳои ҳалталаб ва камомӯхташудаи соҳаи педагогика маҳсуб мeёбад, ки аз доираи таҳқиқоти олимони соҳаи педагогика берун мондааст. Бо назардошти ин омил, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими фанни математика аз масъалаҳои актуалии соҳаи педагогика маҳсуб мeёбад.

Бозиҳое, ки мо дар раванди дарсҳои математика мавриди истифода қарор медиҳем, пеш аз ҳама, барои бедор намудани шавқу завқи хонандагони хурдсол ба математика мебошад. Маълум аст, ки маҳз аз сабаби мураккаб таълим додани математика хонандагони хурдсол бештар ба фанҳои гуманитарӣ ва шеърхониву афсонагӯӣ моил гардида, дар хурдсолӣ ба математика он қадар таваҷҷуҳ зоҳир наменамоянд. Аз ин сабаб, боиси коҳиш ёфтани теъдоди хонандагон нисбат ба омӯзиши фанҳои дақиқ, аз ҷумла математика мегардад. Бозиҳое, ки мо пешниҳод менамоем, маҳз барои осон намудани роҳи ворид гардидани хонандагон ба ҷаҳони фанҳои дақиқ мебошад. Ин бозиҳо собит месозанд, ки омӯзиши математика хеле сода буда, танҳо аз хонандагон шавқу ҳавасро талаб менамояд. Бозиҳои мазкур барои рушди тафаккури метематикӣ ва дақиқназарии хонандагон заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Маълум аст, ки ҷавҳари математикаро муносибати дуруст ва мушаххаси рақамҳои маълум ва номаълум ташкил медиҳад. Ана ҳамин муносибатҳоро бо бозиҳои омӯзишӣ дар зеҳни хонандагон ҷойгир намудан, маҳорат ва малакаи касбии омӯзгорро тақозо менамояд. Аз ҷониби дигар, бозиҳои мазкур барои истироҳати хонандагон дар танаффусҳо низ муфид мебошанд [15, с. 69].

Барномаи таълимӣ бо номи «Математикаи шавқовар» дар намуди бозии таълимӣ барои хонандагон на танҳо машғулияти писандида аст, балки услуби нави таълимӣ ба ҳисоб меравад. Он на танҳо воситаи дилхушкунии хонандагон, балки барои азхудкунии барномаҳои таълимӣ ва ташаккули шахсияти хонандагон манфиатовар аст. Истифодаи бозиҳои гуногуни дар раванди таълим на танҳо ташаккулёбии шахсиро, балки сифати таълимро низ баланд менамояд. Он таассуроте, ки хонандагон дар вақти бозӣ аз худ мекунанд, дар хотираи онҳо нақш мегузорад.

Барномаи мазкур дар нуқтаи хизматрасонии Play Market ба таври ройгон дастрас аст. Онро аз ҳаволаи https://play.google.com ё бо истифода аз системаи ҷустуҷӯӣ тавассути дархости «Математикаи шавқовар» дастрас ва насб намудан мумкин аст.

Барномаи таълимии таҳияшуда барои ташкили кори мустақилонаи хонанда пешбинӣ шудааст. Пойгоҳи додаҳои ҷамъовардашуда барои ташкили кори мустақилонаи хонандагони синфҳои 1, 2, 3 ва 4 аз фанни математика мутобиқ карда шудааст. Мисолу масъалаҳои ҷамъовардашуда методикаҳои гуногуни таълимиро фарогир буда, барои машқи фаъолияти фикрии донистагирӣ, фаҳмидагирӣ ва татбиқ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ равона карда шудаанд. Барои омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ маводи дидактикӣ ба ҳисоб рафта, онҳо метавонанд барномаро

барои таълими дигар фанҳо ва ё ҷанбаҳои дигари таълими мавзӯъҳо бо роҳи иваз намудани пойгоҳи додаҳо мутобиқ намоянд ё ин ки барномаҳои дигари ба он монандро сармашқи фаъолияти омӯзгории худ гардонанд.

Барои ба ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳии хонандагон таъсири манфӣ нарасонидани истифодаи барномаи таълимӣ, он бояд вақти истифодаи барномаро ба таври худкор идора намояд. Барои ин дар барнома маҳдудияти вақти истифодабарӣ пешбинӣ шудааст. Барномаро дар муддати 30 дақиқа бефосила истифода бурдан мумкин аст. Пас аз сипарӣ гардидани ин муддат он ба таври худкор иҷрои машқи варзишӣ ё фосилаи истироҳатро муайян мекунад ва идома додани раванди бозиро бозмедорад. Ин ҳолат ба пайдо гардидани гипертония, хирашавии чашм ва умуман, асабонӣ гардидани хонандагон монеа мегардад.

Барои муайян намудани саҳми омӯзгор дар таълим, идоракунии сатҳи иштироки омӯзгор дар раванди таълим дар барнома маҳдудиятҳои иҷрои марҳилаҳои гуногуни вазифаҳо пешбинӣ шудаанд. Масалан, барои хонандагони синфи якум дастрас набудани ҳалли масъалаҳои синфи чор, ё ин ки ҷой додани масъалаҳо бо ҷавобҳои нодуруст намунаҳои чунин маҳдудиятҳо ба шумор мераванд. Ин маҳдудият барои аз байн бурдани волоияти аспекти техникӣ нисбат ба ташкилдиҳандаи шахсӣ мусоидат менамояд ва хонандаро водор менамояд, ки барои таҳлили вазъияти бамиёномада ба омӯзгор муроҷиат намояд.

Маҳдудиятҳои зикршуда имконияти идоракунии сарфаи вақт аз тарафи хонандагони синфҳои ибтидоиро фароҳам меоранд ва ҷиҳатҳои манфии истифодабарии воситаҳои муосири иттилоотиро аз байн мегибарад.

Умуман, истифодаи самараноки воситаҳои техникии таълим шароити кории ҳам омӯзгор ва ҳам хонандаро нисбатан осон менамояд. Масалан, ба таври таҷрибавӣ исбот шудааст, ки як филмоскопи одӣ 25 дақиқаи машғулият, кодоскоп бошад, 30-40% вақти барои баёни мавзӯи нав ҷудошударо сарфа менамояд. Зиёда аз ин, воситаҳои техникии таълим барои пешниҳоди маълумоти бештар, ҷалб намудани хонандагон ба корҳои эҷодӣ, бедор кардани шавқу ҳаваси онҳо ва дар маҷмӯъ, шавқовар ва самаранок гузаронидани машғулият шароит фароҳам меоваранд.

Ба ҳамин тартиб, хусусиятҳои умумии воситаҳои техникии таълим, ки ворид намудани онҳо дар раванди таълиму тарбия ба мақсад мувофиқ аст, мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Ҳамин тавр, истифодаи самаранок аз имкониятҳои воситаҳои техникӣ ҳамчун воситаи муҳимми таълим имрӯз дар ҷараёни дарс тақозои ҳаёт мебошад. Аз ин ваҷҳ, зарурати татбиқи имкониятҳои дидактикии воситаҳои техникиро дар раванди таълим олимон дар нуктаҳои зерин арзёбӣ намудаанд:

–дар мукаммалсозии маълумот;

–дар бобати имконияти бартараф кардани сарҳадҳои “вақт”ва “фазо”;

–дар дарки моҳияти инкишофи ҳодисаҳо;

–дар бобати воқеияти ҳодисаҳо;

–дар ҷодаи гуногунии усулҳои тасвир ва таъсирнокӣ.

Инак, имрӯз гуногуни асбобҳо ва воситаҳои техникии таълим, имкониятҳои мухталифи функсионалӣ ва усулҳои пешниҳоди маълумот тавассути воситаҳои техникии таълим тақозо менамоянд, ки таснифот ва воситаи техникии таълим вобаста ба хусусиятҳои зерин гурӯҳбандӣ карда шаванд:

а) аз рӯйи таъйиноти функсионалӣ воситаҳои техникии таълимро ба

воситаҳои техникии иттилоотрасон, назораткунандаи сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ, таъсисдиҳандаи машқҳои мустаҳкамкунӣ, таълимӣ ва худомӯзиву, ёрирасон гурӯҳбандӣ карда метавон. Чунки онҳо, яъне воситаҳои техникии таълим, дар раванди дарс як ва ё якчанд вазифаҳои функсионалиро ба сомон расонанд;

б) аз рӯйи принсипи корашон воситаҳои техникии таълим ба воситаҳои механикӣ, электромеханикӣ, оптикӣ, аудиотехникӣ, электронӣ ва таркибӣ тасниф карда мешаванд;

в) аз рӯйи мантиқи кор, чунин воситаҳои техникии таълимро метавон барои коркарди барномаи хаттӣ, ки аз алоқаи мутақобила вобастагӣ надорад ва барномаи шоханок, ки вобаста ба сифат ва ҳаҷми алоқаи мутақобила низоми мухталифи корро таъмин мекунад, тақсим намуд;

г) вобаста ба шакли таълим, чунин воситаҳои техникии таълимро метавон ба таври инфиродӣ, ҳангоми тадрис дар гурӯҳҳои алоҳида ва ё якчанд гурӯҳ истифода намуд;

ғ) аз рӯйи тарзи пешниҳоди маълумот воситаҳои техникии таълимро метавон ба воситаҳои овозӣ ва экрандор гурӯҳбандӣ кард. Ва бояд ёдрас шуд, ки дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ воситаҳои техникаи таълим аз рӯйи таъсирашон ба узвҳои ҳиссиёт (визуалӣ, аудио ва аудиовизуалӣ) тасниф карда шудаанд.

Бояд таъкид намуд, ки дар таҳқиқот бештар ба васоити техникии таълим диапроэкторҳо ва сабти садо эътибори бештар дода шудааст. Аммо воситаҳои техникии дигар, аз қабили диафилмҳо ва кинофилмҳо, ки имрӯз аҳамияти худро гум кардаанд, ба доираи таҳқиқот ворид карда нашудаанд. Сарфи назар аз ин, ҳоло бо вуҷуди аз байн рафтани телевизионҳои марказии таълимӣ телевизионҳои моҳвораии таълимӣ аҳамияти хосса пайдо намудаанд.

Аммо воситаҳои анъанавии таълимро, ба андешаи мо, аз рӯйи таснифоти қаблан пешниҳодшуда гурӯҳбандӣ намудан мувофиқи мақсад аст. Зеро таснифоти мазкур маҳз давраҳои инкишофи воситаҳои техникии таълимро ба таври муттасил инъикос менамояд.

Хулоса, бозиҳои математикӣ ҷолиб ва шавқангез будани математикаро ба хонандагони хурдсол собит менамоянд. Ин бозиҳо дарбаргирандаи мазмун ва мафҳумҳои мантиқӣ буда, на танҳо ба афкори математикии хонандагон таъсир мерасонанд, балки дар инкишофи ҷаҳонбинии онҳо тавассути рақамҳо низ судманд мебошанд. Амалия нишон медиҳад, ки усулҳои интерактивӣ омӯзишро дар ҳамкорӣ дар бар мегиранд, яъне хонанда ва муаллим субъектҳои таълим мебошанд. Дар ин раванд, ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим бо ҳам муносибат мекунанд, мубодилаи иттилоот мекунанд, мушкилотро якҷоя ҳал мекунанд, ҳолатҳоро намуна месозанд, рафтори худ ва амали атрофиёнро арзёбӣ мекунанд.

**Муқарриз: Исломов О.А. – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДХ ба номи Б.Ғафуров**


**АДАБИЁТ**

1. Агапов Е. М. Индивидуальная работа с учащимися на уроках математики / Учебное пособие. Е.М. Агапов. — М.: Просвещение, 1999.-300с.
2. Белошистая А.В. Методика обучения математике в начальной школе/ Курс лекций. А.В. Белошистая. -М.: Владос. - 2016. - 455 с.
3. Выготский Л.С. Социалистическая переделка человека /Учебное пособие. Л.С. Выготский. – М.: 2016.-231с.
4. Гакаев Р. А., Чатаева М. Ж. Преподавание географии в школе и ее значение как междисциплинарного учебного предмета / Учебник. Р. А. Гакаев, М.Ж. Чатаева. -М.: 2014. -159с..

5. Гусев В.А. Теория и методика обучения математике: психолого-педагогические основы / Учебное пособие. В.А. Гусев. -М.: Бином. 2015. - 456 с.
6. Денищева Л.О. Теория и методика обучения математике в школе / Учебное пособие. Л.О. Денищева, А.Е. Захарова, И. Зубарева. - М.: Бином. - 2014. - 247 с.
7. Доманова, С.Р. Методы компьютерного обучения: Педагогические аспекты освоения новых информационных технологий в образовании/ Дис. канд. пед. наук. 13 00 01 С.Р. Доманова. – Свердловск, 1990. – 386 с.
8. Жалнина Л. А. Использование активных и интерактивных методов и приемов обучения математике на различных этапах организации процесса обучения [Электронный ресурс] / Л.А. Жалнина, Концепт: электрон. журн. - 2016. - Т. 15. - С. 1261-1265. -Режим доступа: http://e-копсер /2016/96169.Йт)
9. Кочетов С.И. Комплексное методическое обеспечение учебного процесса средствами обучения/ Учебное пособие. С.И. Кочетов – М.: Высшая Школа, 1986. – 61 с.
10. Купавцев, А.В. Деятельностный аспект процесса обучения / Учебник. А.В. Купавцев. –М.: Педагогика. 2002.– 349с.
11. Муцаева Т. С. Методы интерактивного обучения на уроках математики в условиях школы нового поколения / Учебное пособие. Т.С. Муцаева. – Казань. 2015.-200с.
12. Ситникова Т. В. Приемы активизации учащихся в 5–6 классах/ Учебник для школьника. Т.В. Ситникова –М.: 1993.-224с.
13. Сластенин В.А. Педагогика: инновационная деятельность / Учебное пособие. В.А. Сластенин, Л.С. Подымова. – М.:ИЧП, Издательство Магистр, 1997.–227с.
14. Хуторской А.В. Деятельность как содержание образования / Учебное пособие. А.В. Хуторской. – М.: Народное образование. – 2003. - №8. – С. 107 – 114.
15. Шарифзода Ф., Миралиев А.М. Профессиональная и общая педагогика / Учебник. Ф. Шарифзода, А.М. Миралиев.- Душанбе: Ирфон, 2012. -563с.

## ТАШАККУЛИ ФАННИ МАТЕМАТИКА ТАВАССУТИ БАРНОМАИ МОБИЛИИ «МАТЕМАТИКАИ ШАВҚОВАР»ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Солҳои охир омӯзгорони эҷодкор дар раванди таълим бозиҳои гуногунро ба кор мебаранд. Истифодаи маҳдуди бозӣ дар раванди таълим, ба назари мо, бо тасаввуроти маъмули зерин алоқаманд аст: мактаб – муассисаи ҷиддӣ аст ва бозӣ дар он танҳо дар ҳаҷми маҳдуд ҷоиз аст: дар фосилаи байни машғулиятҳои ҷиддии таълимӣ ва меҳнатӣ. Бозӣ воситаи нисбии таъсиррасонӣ буда, дар он бача худро объекти таъсиррасонии маърифатию тарбиявии калонсолон наҳисобида, балки ӯ субъекти комилҳуқуқи фаъолият ҳисобида мешавад. Барои ҳамин ҳам дар раванди бозӣ хонандагон фаъолона иштирок намуда, худ барои бартараф кардани мушкилоти хониш кӯшиш мекунанд. Бозӣ танҳо воситаи дилхушӣ набуда, балки воситаи воридкунии хонандагон ба фаъолияти маърифатӣ маҳсуб меёбад.Хонандагони муосир созандагони фаъоли оянда буда, бар зиммаи онҳо иҷрои вазифаҳои муҳимми хусусияти умумибашаридошта гузошта шудааст, ки аз уҳдаи он танҳо талабагони озодфикру эҷодкор ва масъулиятшинос баромада метавонанд. Дар миёни воситаҳои гуногуни тайёр намудани хонандагон ба ҳаёту фаъолият дар шароитҳои мураккаб ҷойгоҳи муҳимро бозӣ ишғол мекунад. Тавассути бозӣ бачагон метавонандмиқдори зиёди вазифаҳои маърифатиро, ки ба имкониятҳои синнусолии онҳо мувофиқат доранд, ҳал карда метавонанд.Аз сабаби он, ки қариб дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ техникаи компютерӣ ҷорӣ гардидааст, ҳангоми таълим дар мактаб зарурати истифодаи бозиҳои компютерӣ ба миён меояд. Аз ҳамин рӯ, бозиҳои математикӣ ҷолиб ва шавқангез будани фанни математикаро ба хонандагони хурдсол собит менамоянд. Ин бозиҳо дарбаргирандаи мазмун ва мафҳумҳои мантиқӣ буда, на танҳо ба афкори математикии хонандагон таъсир мерасонанд, балки дар инкишофи ҷаҳонбинии онҳо низ судманд мебошанд.

**Калидвожаҳо:** математикаи шавқовар, бозӣ, бозиҳои компютерӣ, бозиҳои дидактикӣ, маҳорат ва малака, системаи ҷустуҷӯи, маводи дидактикӣ, шавқ.

## ФОРМИРОВАНИЕ МАТЕМАТИКИ ЧЕРЕЗ МОБИЛЬНУЮ ПРОГРАММУ «ИНТЕРЕСНАЯ МАТЕМАТИКА» В НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЕ, УЧЕБНО-ТЕХНИЧЕСКИЕ СРЕДСТВА В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В последние годы творческие педагоги используют в учебном процессе разные игры по разным предметам. Ограниченное использование игр в учебном процессе, на наш взгляд, связано со следующим распространенным представлением: школа - серьезное учреждение, и азартные игры в нем разрешены лишь в ограниченных количествах: в промежутке между серьезной учебной и трудовой деятельностью. Игра - относительное средство воздействия, при котором ребенок не считает себя объектом воспитательного воздействия взрослых, но считается полноценным субъектом деятельности. Поэтому в процессе игры ученики активно участвуют на занятиях и пытаются самостоятельно решать задачи. Игра - это не только средство развлечения, но и средство вовлечения учащихся в познавательную деятельность.Современные

студенты являются активными творцами будущего, и им доверяют важные задачи универсального характера, которые могут решить только творческие и ответственные школьники. Среди различных средств подготовки учащихся к жизни и деятельности в сложных условиях игра занимает важное место. Через игру дети могут решать большое количество познавательных и сложных задач, соответствующих их возрасту.В связи с тем, что компьютерные технологии внедрены практически во все области производственной деятельности, существует необходимость использования компьютерных игр в школе.Таким образом, математические игры доказывают, что математика - интересный предмет для юных школьников. Эти игры содержат логические концепции и не только влияют на математическое мышление учащихся, но также полезны для развития их мировоззрения с помощью чисел.

**Ключевые слова:** увлекательная математика, игры, компьютерные игры, дидактические игры, навыки и умения, поисковая система, дидактические материалы, интерес.

**FORMATION OF MATHEMATICS THROUGH THE MOBILE PROGRAM "INTERESTING MATHEMATICS" IN PRIMARY SCHOOL**

In recent years, creative teachers have been using different games in different subjects in the educational process. The limited use of games in the educational process, in our opinion, is associated with the following widespread idea: the school is a serious institution, and gambling in it is allowed only in limited quantities: in the interval between serious educational and work activities. Play is a relative means of influence in which the child does not consider himself an object of the educational influence of adults, but is considered a full-fledged subject of activity. Therefore, in the process of playing, students actively participate in the task of further lessons and try to independently solve reading problems. Play is not only a means of entertainment, but also a means of involving students in cognitive activity.Modern students are active creators of the future, and they are entrusted with important tasks of a universal nature, which can only be solved by free-thinking, creative and responsible schoolchildren. Among the various means of preparing students for life and activities in difficult conditions, play occupies an important place. Through play, children can solve a large number of cognitive and complex tasks that are appropriate for their age.Due to the fact that computer technologies have been introduced in almost all areas of production activity, there is a need to use computer games in school.Thus, math games prove that mathematics is an interesting and interesting subject for young schoolchildren. These games contain content and logical concepts and not only influence students' mathematical thinking, but are also useful for developing their worldview using numbers.

**Key words:** fascinating mathematics, games, computer games, didactic games, skills and abilities, search engine, didactic materials, interest.

**Маълумот дар бораи муаллифон:*Маҳмудов Исмоил Маҳмудович* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, муаллими калони кафедраи методикаи таълими технология.
**Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
***Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
***Таирова Мавлуда Муллоҷоновна* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, муаллимаи кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведения об авторах:** ***Махмудов Исмоил Махмудович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова,, старший предподаватель кафедры технологии и методики её преподавания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.
***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и методики преподавания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.
***Таирова Мавлуда Муллоджоновна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, преподаватель кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.

**Information about the authors: *Makhmudov Ismoil Ma*khmudovich -** Khujand State University named after academician B.G. Gafurov, Senior Lecturer of the Department of Technology and Methods of its Teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.
***Azizov Abdulatif Abdukhalimovich* -** Khujand State University named after academician B.G. Gafurov, Doctor of Pedagogy, Professor of the Department of Technology and Teaching Methods. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.
***Tairova Mavluda Mullodzhonovna* -** Khujand State University named after academician B.G. Gafurov, lecturer at the Department of Technology and Methods of its Teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.

УДК: 373+371 (575.3)

# ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

*Норова З.И.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар замони истиқлолияти давлатӣ, низоми муосири таълим барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва бедор намудани шавқу завқ ва ташаккули ҷаҳонбинии насли наврас мусоидат менамояд. Ин вазъият тақозо менамояд, ки насли наврас дар оянда пешрафта бошанд. Ҳоло дар соҳаи маориф гузариш ба стандартҳои нави таълимӣ ҷиҳати ташаккули ҳамаҷонибаи хонандагон идома дошта, воридсозии шаклу воситаҳои нави азхудкунии илму дониш дар ҳама зинаҳои таҳсилот ба назар мерасад. Дар шароити кунунӣ, эҳтиёҷ ба шахсоне, ки соҳибхираду дорои тафаккури баланди миллӣ ва ҷаҳонбинии васеъ ҳастанд, торафт меафзояд.

Шароити педагогӣ шароите мебошад, ки барои дар раванди таълим самарабахш ташаккул додан ва амалӣ намудани ҷаҳонбинӣ созмон дода мешавад. Шароит чизе аст, ки аз он чизи дигаре (шарту аҳдшуда) вобаста мебошад ва ҷузъи муҳимми маҷмӯи ашёҳое (чизҳо, ҳолату ҳамбастагии онҳо) мебошад, ки аз мавҷудияти он ногузирии падидаи зерин бармеояд. Аксар шароит ҳамчун чизи бегона нисбати ин падида баррасӣ мешавад.

Маҷмӯи шартҳои мушаххаси падидаи мазкур муҳити амалӣ шудани онро ба вуҷуд меорад, ки аз он фаъолияти қонунҳои табиат ва ҷомеа вобастагӣ доранд. Шарт чун яке аз категорияҳои детерминизм, дар маҷмӯъ, ҳамбастагии умумии диалектикиро ташкил медиҳад [16, с.497].

Дар таҳқиқоти худ, мо шароитҳои зерини педагогиро барои ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагони синни хурди мактабӣ муҳим мешуморем:

- ба назар гирифтани таҷрибаи ҳаётии хонандагони хурдсол дар раванди таълим;
- ҳамкории муколамавии омӯзгор ва хонанда дар раванди таълим;
- ҳамбастагии донишҳои гуманитарӣ ва табиатшиносӣ дар мундариҷаи таҳсилоти ибтидоӣ.

Истилоҳи ҷаҳонбинӣ, ҳамчун мафҳуми фалсафӣ, маҷмӯи ақидаҳои умумии роҷеъ ба воқеият, табиату ҷамъият ва мақоми инсон дар ҷомеа ва рафтору амалиёти он ба оламро ифода мекунад [13, с.3].

Яъне, ҷаҳонбинӣ дараҷаи фаҳмиши шахс, ки дар худ системаи донишҳо, ақоид, эътиқод ва идеалҳои ӯро фаро гирифта, нисбати инкишофи табиат ва ҷамъият муносибати ӯро ифода намуда, мавқеи ахлоқию эстетикиашро дар соҳаҳои гуногуни зиндагӣ муайян мекунад, дониста мешавад. Ташаккули ҷаҳонбинӣ раванди кӯтоҳмуддат набуда, дар давоми тамоми умр ҷараён мегирад. Азбаски ин ҷараён бо дигаргуниҳои мунтазам инкишофёбии умумии хонандагон вобастагӣ дорад, аз ин бобат системаи тасаввурот, маълумот ва ғояҳои муҳити олам дар марҳалаҳои гуногуни омӯзиш ва тарбияи мактабии онҳо яксон нест. Дар зинаи ибтидоии омӯзиши мактаб ба талабагон барпокунии системаи мукаммали ақидаҳо нисбати қонунияти инкишофи табиат ва ҷамъият вазифа гузошта намешавад. Аз ин рӯ, ҷаҳонбинӣ барои хонандагони синни хурди мактабӣ ҳамчун тасаввуроти кӯчак,

фаҳмиш, маълумот ва ғояҳои зайли ҷаҳонбинӣ ташаккул дода мешавад: тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи дигаргунии ҳаёти табиӣ дар фаслҳои сол; фаҳмидани одитарин алоқамандӣ ва вобастагии ҳодисаҳо дар инкишоф; тасаввурот роҷеъ ба моддӣ будани муҳити атроф ва дар инкишофи доимӣ будани он; фаҳмидани табиати мухолифатҳои таърихию иҷтимоӣ; тасаввурот дар бораи ҳаёт, меҳнат дар сохти давлатдории демократӣ; фаҳмидани нақши ҳалкунанда бозидани оммаи халқ дар таърих [3].

Дарки моҳияти раванди ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони синни хурди мактабӣ чун рушди фардияти онҳо, таъсири мутақобилаи кӯдак бо муҳити атроф ба дарки муҳим будани таҷрибаи эҳсоси фардӣ, муносибатҳо, малака ва маҳоратҳое, ки кӯдак аз хурдсолӣ то давраи ба мактаб омаданаш дошт, водор мекунад. Дар таҳқиқотҳои Б.З. Вулфов, М.А. Данилов, А.Т. Кирписник, Т.Д. Молодсова, В.Д. Шадриков ғояи нақши муҳим доштани таҷрибаи иҷтимоӣ дар ташаккулёбии кӯдак мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ш.А. Амонашвили қайд мекунад, ки комёбиҳо дар таҳсил ва рушди шахсияти кӯдак бевосита аз таҷрибаи ҳаётии кӯдакӣ вобаста мебошанд [15,с. 3].

Дар заминаи таҷрибаи ҳаёт рушди минбаъдаи шахсияти хонандагони хурдсол, аз ҷумла ташаккули ҷаҳонбинии ӯ сурат мегирад. Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани таҷрибаи ҳаёти хонандаро дар раванди таълим метавон яке аз омилҳои ташаккули ҷаҳонбинии ӯ шуморид.

Дар илми муосир, таҷрибаи ҳаёт чун “иттилооти ветагенӣ, ки ба моликияти шахс табдил ёфта, дар захираҳои хотираи дарозмуддат ҷой дорад ва дар ҳолатҳои комилан мувофиқ фаъол мегардад. Ин маҷмӯи андешаҳо, ҳиссиёт ва рафторҳоест, ки инсон дорад ва барои ӯ арзишманд мебошанд. Ин маълумот бо хотираи ақл, эҳсос ва рафтор алоқаманд аст” [11, с.10], шарҳ дода шудааст.

Таҷрибаи иҷтимоӣ қисми таркибии таҷрибаи ҳаёт мебошад. Таҷрибаи иҷтимоӣ натиҷаи фаъолияти маърифатӣ ва амалии шахс мебошад, ки дар синтез (таҷзия)-и дониш оид ба воқеияти иҷтимоӣ, таҷрибаи иҷрои усулҳои фаъолият, таҷрибаи муносибатҳои эмотсионалӣ ва таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ифода меёбад.

Дониши иҷтимоии хонандагони синни хурди мактабӣ дар сатҳи тасаввуроте мебошад, ки бо тафаккури биноӣ, мушаххасу маҷозии кӯдакони ҳамин синну сол вобаста аст [1, с.77].

Донишҳо дар бораи падидаҳои иҷтимоӣ ба хонандаҳои хурдсол дар бартараф кардани маҳдудияти таҷрибаи шахсӣ дар муносибат бо одамон кумак мекунанд ва ба ин васила, вай барои рафтор дар вазъияте, ки ҳоло набудааст, омода мешавад. Шинохти бисёр падидаҳои ҳаёти иҷтимоии одамон ва муносибатҳои иҷтимоии онҳо барои хонандагони синни хурди мактабӣ мушкил мебошад.

Азхудкунии мафҳумҳои иҷтимоӣ дар ҳамбастагии мураккаби фаъолияти зеҳнӣ, рафтори ахлоқӣ ва эҳсосот ба амал меоянд. Муассир шудани хонандаи хурдсол аз муносибати худ бо одамони атроф нақши муҳим мебозад. Л.И. Божович қайд кардааст, ки донишҳо дар рафтори кӯдак дар он сурат неруи роҳбарикунанда буда метавонанд, агар кӯдак онҳоро амиқ эҳсос намояд ва бо таҷрибаи шахсии ӯ алоқаманд бошанд. Донишҳои иҷтимоии азхуднамудаи хонанда барои ӯ чун бори гароне боқӣ мемонанд, агар онро дар таҷрибаи шахсии рафтори хеш амалӣ карда натавонад [4, с.25].

Хонандагони синни хурди мактабӣ аз рӯзи аввали ба мактаб омаданашон бояд

бисёр талаботҳои навро иҷро намоянд, ки тамоми самтҳои рафтори онҳоро танзим ва роҳнамоӣ мекунанд. Ҳангоми мактабхон шудани кӯдак, нисбат ба ӯ талаботҳои нав гузошта мешаванд ва аз тарафи дигар, фаъолияти бошууронаи ӯ тағйир меёбад. Ин сатҳи муайяни рушди мақсадноки рафтор, табдили огоҳонаи як амалро ба амали дигар пешбинӣ менамояд. Дар синни хурди мактабӣ ҳанӯз худтанзимкунии ҳақиқии иҷтимоӣ-ахлоқии татбиқи усулҳои фаъолият ва рафтор вуҷуд надоранд. Он дар асоси тамоюл ба калонсолон чун барандаи меъёр зоҳир гардида, механизмҳои равонии ӯ лаҳзавӣ мебошад. Аз ин рӯ, хонандагони хурдсол наметавонанд субъекти рафтори иҷтимоӣ-ахлоқии ҷудогона бошанд. Дар ибтидо, усулҳои фаъолият ва тартиби азхудкунии онҳоро калонсолон танзим мекунанд, аммо минбаъд усулҳои азбаркардаи фаъолият барои хонандагони хурдсол асоси рафтор ва худтанзимкунии мустақилона мегарданд.

Барои хонандаи хурдсол калонсолон чун марказе боқӣ мемонанд, ки ҳаёти ӯ дар атрофи он мегузарад. Дар замири хонандагони хурдсол талаботи иштирок дар ҳаёти калонсолон, тақлид ба ҳамаи шаклҳои мураккаби фаъолияти онҳо, муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо одамони дигар пайдо шуда, бо ин роҳ таҷрибаи муносибатҳои эҳсосии онҳо ғанӣ мегарданд, боадабтар мешаванд, эҳсос ва манфиатҳои одамони дигарро ба инобат мегиранд. Онҳо худро ҳамчун субъекти низоми муносибатҳои инсонӣ, фарде, ки дар ҳаёт мавқеи муайян дорад, эҳсос мекунанд. Онҳо худро чун узви иҷтимоии ҷомеа дарк менамоянд.

Хусусияти таҷрибаи иҷтимоии хонандагони хурдсол дар он аст, ки таассуроти эҳсосӣ дарки таъсири иҷтимоиро пешбинӣ менамоянд. Хонандаи хурдсол аз баҳодиҳии калонсолон ва муносибат бо онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, дар вазъияти муайян онҳо на худи ғояи иҷтимоӣ, балки баҳои эҳсосии калонсолони барои худ ибрат бударо қабул мекунанд [6, с.200].

Яке аз зиддиятҳои асосии ташаккули шахсияти хонандагон синни хурди мактабӣ, аз як тараф, афзудани қобилияти идоракунии рафтор ва аз тарафи дигар, ба таври бечуну чаро ба намунаҳои рафтори калонсолон ва омӯзгорон пайравӣ кардани онҳо зоҳир мешавад.

Манбаи дигаре, ки дар ҷараёни таълим сабаби ба муваффақият ноил шудани хонандагони синни хурди мактабӣ мегарад, пайравӣ кардани онҳо мебошанд. Масалан, хонандагон бо хоҳиши омӯзгор мафҳумҳоро такрор мекунанд, матнҳоро ифоданок мехонанд ва масъалаҳоро ҳал карда, мисол меоваранд. Хонандагон на танҳо ба тарзи баён, муҳокимаронӣ ва сару либоси омӯзгор, балки ба тарзи хушнависии ӯ низ пайравӣ мекунанд. Яъне, онҳо тавассути пайравӣ кардан соҳиби дониш, маҳорат, рушди ҷаҳонбинӣ ва малакаҳои кори таълимӣ мегарданд.

Таҷрибаи муносибатҳои эмотсионалӣ дар раванди таъсири гуногуни мутақобилаи кӯдак бо дигарон аз худ карда мешавад. Дар ибтидо, хонандагони хурдсол як тамоюли мусбии эмотсионалӣ доранд, ки бояд аз ҷониби калонсолон дастгирӣ ёбанд, то онҳоро ба мавқеи нави иҷтимоӣ раҳнамоӣ кунанд. Фарзанди инсон тавассути мушоҳидаҳо, таҷрибаи ҷамъиятии калонсолонро омӯхта, ба онҳо ҳамкорӣ карда, соҳиби донишу таҷрибаи муайян мегардад [10, с.70]. Маҳз таҷрибаи мусбии муносибатҳои эмотсионалӣ аз бисёр ҷиҳат барои бо одамон барқарор кардани муносибати хуб, аз худ кардани воқеияти иҷтимоӣ тавассути ба даст овардани дониш, малака ва таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ кафолат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки чизи нав дар таҷрибаи иҷтимоии кӯдак дар замоне ба вуҷуд меояд, ки на истифодаи бевоситаи ашё ва қоидаҳои шинос лозим мешавад, балки мутобиқ кардани онҳо дар вазъияти баамаломада талаб карда мешавад. Муҳим он аст, ки натиҷаи эҷодкорӣ барои худи кӯдак чун кашфиёт қабул гардида, бо ин таҷрибаи фаъолияти эҷодии вай ташаккул меёбад. Хонандагони хурдсол дар раванди фаъолияти эҷодӣ гӯё меъёрҳои муқарраршударо “мешикананд” ва барои таҷрибаи худ, эҳсос ва вокунишҳояшон комилан боз мешаванд. Онҳо худро ҳамчун ташкилотчии рафтори худ, барои худбаҳодиҳӣ ҳуқуқ доштан ва имконияти шахси озод буданро дарк менамоянд. Ҳамин тариқ, хонандагон дар эҷодиёт ҳамчун субъекти фаъолият, субъекти маърифат ва субъекти таассурот амал мекунанд [10, с.18].

Аҳамияти эҷодкории хонандаро дар таҷрибаи иҷтимоии ӯ ба назар гирифта, наметавон сарфи назар кард, ки таҷрибаи иҷтимоӣ стереотипҳо (қолабҳои шахшуда) низ дорад. Аслан, стереотипҳо баръакси эҷодкорӣ мебошанд. Бо гузашти вақт ва синну сол дар хонанда стереотипҳо зиёд мешаванд ва ӯ ҳассосияташро нисбат ба мушкилот кам мекунад. Аммо, арзишҳои иҷтимоии ҷомеа, ки ҳамчун меъёрҳо, қоидаҳо, арзёбиҳо ва анъанаҳо мавҷуданд, дар зеҳни кӯдак дар шакли қолабҳо боқӣ мемонанд. Таъсири онҳо ба фаъолияти хонандагони хурдсол дар ҳолатҳои мушаххас эҳсос намешавад. Амиқу дақиқ будани тафаккури кӯдакон, ҳукм, баҳодиҳӣ ва вокуниши онҳо ба ин ё он воқеаҳоро сарфи назар аз таҷрибаи анъанавии ҳаёт дар оила ва ё дастурҳои иҷтимоӣ дар мактаб нишон медиҳад. Таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ дар синну соли ибтидоии мактабӣ зуд ташаккул намеёбад, чунки аз барои ӯ аз доираи таҷрибаи андухтааш баромадан душвор аст.

Бояд ба назар гирифт, ки хусусияти таҷрибаи иҷтимоӣ на танҳо аз омилҳои иҷтимоӣ, муҳити атроф, шаклҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ мебошад, ки ба кӯдак нигаронида шудаанд, балки аз мавқеи кӯдак дар ҳаёт, муносибати ӯ ба воқеият, сатҳи фаъолнокии иҷтимоии вай, дарки олами ботинӣ ва ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ нисбат ба худаш вобаста мебошад. Ин имкон медиҳад, ки таҷрибаи иҷтимоиро интиқолдиҳандаи субъективияти хонандагони хурдсол дар раванди иҷтимоишавӣ ва тарбия ҳисобем [11,с. 3].

Таҷрибаи ҳаёти хонандагони хурдсол мавқеи фардии кӯдакро бо муносибати мутақобилаи онҳо бо олам муайян мекунад. Аз як тараф, хонанда донишҳои иҷтимоӣ, ғояҳо, тасаввурот, стереотипҳо ва таҷрибаи таассуроти эҳсосиро истифода бурда, созмон додани муносибатҳои муколамавиро дар муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ ва табиӣ меомӯзад, таҳаммулпазир будан, эҳтиромро ба одамон эҳсос ва андешаҳои онҳоро ифода менамояд. Аз тарафи дигар, бо истифода аз таҷрибаи андухта, малакаю маҳоратҳо ва фаъолити эҷодӣ хонандагони хурдсол “Ман”-и худро дар муносибат бо муҳит дарк мекунанд, онро дар асоси образи олами худ, бо тарзи худ амалӣ менамоянд ва ба вазъияти хусусияти ҳаётӣ дошта фардӣ муносибат мекунанд.

Хусусияти таҷрибаи ҳаётии хонандагони хурдсол аз рӯйи синну сол муайян карда мешавад: эҳсосоти озод, эътимод ба калонсолон, рушди функсияҳои таҳлилӣ-таҷзиявӣ, баланд шудани сатҳи назорати тафаккур аз болои рафтор, таҳкими механизмҳои равандҳои иродавӣ, дарки мавқеи иҷтимоии худи хонанда, ба вуҷуд омадани мақоми ботинии шахсият ва рушди инъикоси воқеият алоқаманд мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки синни хурдӣ мактабӣ яке аз зинаҳои муҳимми донишҳосилкунӣ ва тарбия ба шумор рафта, ибтидои омӯзиш ва таълим кӯдаконро

соҳиби донишу маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ гардонидан маҳз дар ҳамин сунну сол ба амал баровarда мешавад. Равоншиносон, аз ҷумла Г.С. Абрамова, Н.С. Лейтес, О.С. Богданова, В.В. Давидов, А.А. Моблинская, И.Ф. Хариамов, Д.Б. Элконин, П.М. Якобсон таъкид мекунанд, ки кӯдакӣ давраи нотакрорӣ барои рушд имкондиҳанда мебошад. Бо синну сол на танҳо имкониятҳо меафзоянд, балки маҳдудият ва ҳатто аз даст додани баъзе хусусияти арзишманди равонии кӯдак ба назар мерасад. Н.С. Лейтес дар таҳқиқоти худ вобаста бо суръати тез аз бар намудани фаҳму дарки синни хурди мактабиро муайян намуда, ба чунин натиҷа расидааст: "Синни хурди мактабӣ – зинаи азбаркунӣ ва васеъ намудани сатҳи дониш ва зинаи суръати тези омӯзиш мебошад. Барои иҷрои бомуваффақияти ин вазифаи муҳим хусусиятҳои хосси кӯдакон мусоидат мекунанд; ба таъсири обрӯи калонсолон боварии зиёд доштан, хушзеҳнӣ ва қобилияти баланди дарккунӣ, диққатнокӣ ва майлу ҳаваси беандоза ба бозӣ ва ғайра" [9, с.44].

Кӯдакони синни хурди мактабӣ бо сустии нисбӣ, тобоварии паст ва зуд хасташавии системаи асаб фарқ мекунанд. Тадқиқоти махсус нишон медиҳанд, ки сустии синнусолӣ (вақте ки таъсири хурд аксуламали шадидро ба вуҷуд меорад) на танҳо камбудӣ, балки зуҳури мусбатест, ки дар вай муассиршавӣ, таассурот ва дарки шавқангезро имкон медиҳад. Бо гузашти солҳо, системаи асаб дар кӯдакони гуногун дар сатҳҳои мухталиф қавитар мегардад ва ҳамзамон, ҳассосияти бевоситаи онҳо коҳиш меёбад.

Муносибат ба олам дар ин синну сол субъективӣ-непрагматикист. Ин дар сифатҳои сирф инсонии кӯдакон зоҳир мешавад. Аксар онҳо меҳрубон буда, ба олами атроф бо муҳаббат муносибат мекунанд, ба онҳо эҳсоси инсонпарварӣ, шафқату раҳм ва кумак кардан хос мебошад. Дар синни хурди мактабӣ муносибатҳо, асосҳои ҷаҳонбинии барои кӯдак қобили қабул шакл мегиранд. Дар ин давра, иҷтимоигардонии кӯдак оғоз ёфта, ташаккули маҳорати иҷрои нақшҳои гуногун, рушди арзишдиҳӣ ва афкори интиқодӣ амалӣ мешаванд.

Дар ин давра фикррони кӯдакон, асосан хусусияти эҳсосӣ, образнок дорад, зеҳн дар ҳолати камфаъол аст. Аммо, кӯдакон мантиқан мулоҳиза карда метавонанд. Таҳқиқотҳои Л.С. Виготский, В.В. Давидов, С.Л. Рубенштейн, Д.Б. Элконин нишон медиҳанд, ки рушди тафаккур ва шуури кӯдакон дар синну соли хурди мактабӣ ба самти ба тартиб овардан ва ҳамбастагии мафҳумҳо, ки дар натиҷаи он доираи васеътари мафҳумҳо ба вуҷуд меоянд, равона карда мешаванд. Онҳо ба боз ҳам афзудани падидаҳои аз ҷиҳати объективӣ алоқаманд, ки системаи ягонаи томро ташкил медиҳанд, мусоидат мекунанд. Бидуни он ва берун аз он, ин падидаҳо метавонанд танҳо мавзӯи таҳқиқи эмперикӣ бошанд. Дар синни 6-9-солагӣ тафаккур ва нутқи абстрактӣ босуръат рушд карда, қобилияти дарк ва ҷудо кардани хусусияти фанҳои омӯхташаванда ва падидаҳо ташаккул меёбанд.

Дар синни хурди мактабӣ дар ҳаёти кӯдак тағйироти муҳим рух медиҳад: вай малакаҳои муайянкуниро дар олами ботинии худ аз худ мекунад, ки муҳимтарин шарти ташаккули ҷаҳонбинии кӯдак мебошад. Ин дар қобилияти таҳлили хусусияти амалҳои онҳо ва омӯзиши минбаъда зоҳир мегардад. Агар, кӯдаки синни томактабӣ дар аксарияти ҳолатҳо ба таҷрибаи шахсии худ такя кунад, хонандаи синни хурди мактабӣ ба намунаҳои фаъолияти умумифарҳангӣ, ки аз муносибат бо калонсолон ба даст овардааст, тамоюл дорад.

Дар оғози синни мактабӣ сатҳи нави худогоҳӣ-мавқеи ботинӣ ба вуҷуд меояд. Тавлиди мавқеи ботинӣ дар ҳаёти кӯдак як гардиши муҳиммест, ки рушди мустақилонаю фардии ӯро муайян мекунад. Далели ташаккули чунин мавқеи ботинӣ дар он ифода меёбад, ки дар тафаккури кӯдак системаи меъёрҳои ахлоқие пайдо мешавад, ки ӯ онро ҳамеша риоя кардан мехоҳад.

Давраи навбатии ташаккули шахсият бо дарки мақоми худ дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ дар хонандаи 6-9-солагӣ оғоз шудани муносибати эҷодӣ ба воқеият алоқаманд аст. Ташаккули озоди равандҳои равонӣ, нақшаи амалҳои ботинӣ ва инъикоси рафтори шахсӣ, ки дар 9- солагӣ талаботи кӯдакро барои эътирофи хеш аз тарафи одамони дигар, ба тақвияти системаи муносибатҳо бо онҳо, фаъолияти нави дорои аҳамияти иҷтимоидошта мусоидат менамояд, ба вуҷуд меояд.

Дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандаи хурдсол нақши асосиро мураббӣ мебозад, ки дар системаи муносибатҳои тарбиявӣ на танҳо чун ташкилотчӣ ва роҳнамои фаъолияти хонандагон, балки ҳамчун шахсияти ҷаҳонбинии васеъдошта, бо арзишҳои муайяни ахлоқӣ, ки бевосита ба тафаккур, эҳсос ва рафтори хонанда таъсиргузор аст, намоён мешавад.

Тасаввуроти синергетикӣ ба дарки ҷаҳонбинӣ на ҳамчун томияти аз берун эҷодшуда, балки аз ботин офаридашуда менигарад. Дар фаъолияти педагогӣ омӯзгор ба хонанда намунаҳои тайёри фарҳанги ахлоқию маънавиро надода, балки дар ҳамкорӣ бо вай ташаккул медиҳад. Ҷустуҷуйи муштараки арзишҳо, меъёрҳо ва қонунҳои зиндагӣ, таҳқиқи онҳо дар намудҳои мушаххаси фаъолият, дар муошират мазмуни раванди ташаккули ҷаҳонбинии хонандаи хурдсолро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳамкории муколамавии муаллим ва хонанда аз ҷониби мо ҳамчун шарти ташаккули ҷаҳонбинии вай дар раванди таълим баррасӣ мешавад. Муҳаққиқон В.П.Бездухов ва А.В.Бездухов чунин қайд мекунанд: “Фазои муносибатҳои мутақобила дар заминаи гуманизатсия (инсонпарварӣ)-и маориф марказе нест, ки муаллим ва кӯдак дар он вомехӯранд; дар он олами озоди таъсири ҳамдигарӣ мавҷуд аст, ки бо саъю майли якҷоя ҷаҳони худро месозанд” [4, с.67].

Ба маънои васеи методологӣ таъсири мутақобила беш аз фаъолияти муштараки анъанавии одамон аст. Таъсири мутақобила дар шарҳи фалсафӣ як шакли мавҷудият ва ҳаракати материя мебошад. Ҳаракат на танҳо ҳаракати механикии ашё дар фазо, балки ҳама гуна таъсири мутақобила, ҳамчунин тағйирот, “табдилёбӣ” ба ҳолати объектҳое, ки дар натиҷаи ин таъсир ба вуҷуд омадаанд, мебошад [9, с.10].

Хонандагони хурдсол бояд ҳамкории конструктивиро бо одамони атроф, олам ва худ омӯзанд. Такмили ин раванд дар тамоми ҳаёт идома меёбад. Аммо, марҳалаи таҳсил, даврае, ки кӯдак бо ҳамсолони худ ва калонсолон муносибати махсус пайдо мекунад, хеле муҳим мебошад. Барои хонандагони мактаб соҳаи зерини “касбӣ”-и фаъолият: таълим, омӯзиши асосӣ мешавад. Дар ин вазъият ҳамбастагӣ механизми муайянкунанда мегардад.

Дар психология ва сотсиология таъсири мутақобила ҳамчун фаъолияти муштарак ҳисобида мешавад, ки системаи муташаккилонаи фаъолияти одамони ба ҳам таъсиргузор ба таҳдиди объектҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ нигаронида шудааст [15, с.367].

Аксари равоншиносон ва омӯзгорон ҳамкориро ҳамчун як шакли таъсири байниҳамдигарии одамон меҳисобанд. Дар доираи он, ин таъсир асосан дар сатҳи субъект мегузарад. Ин чунин маъно дорад, ки ҳар фарде, ки ба раванди фаъолият

ҷалб шудааст, объекти ғайрифаъоли таъсири педагогӣ набуда, балки иштирокчии фаъол ва шарики комилҳуқуқи вазъи таълиму тарбия мебошад.

Баробарии мавқеи иштирокчиёни раванди таълим дар шаклҳои муколамавии омӯзиш амалӣ мешавад.

Таваҷҷуҳ ба диалог (муколама) дар илми психологӣ-педагогии муосир бо дарки мазмун ва дониши инсон дар бораи худ ва олами атроф алоқаманд мебошад. Ба ақидаи Г.Я. Бун, "олами инсонӣ муколамавист. Худи раванди ташаккули инсон, моҳияти он аз муколама иборат аст. Касе, ки муколамаро меомӯзад, инсонро меомӯзад" [5, с.16].

Равоншинос С.В. Тарасов ишора мекунад, ки яке аз принсипҳои асосии ташкили раванди таълим барои ташаккули оптималии ҷаҳонбинии хонанда "муколамавӣ будани таълим ва тарбия" асосист, бар замми он, "муколама на танҳо воситаи таълим, балки мазмуни он мебошад, ки ба аз худ кардани шаклҳои муколамавии шинохти олам аз тарафи хонандагон мусоидат мекунад". Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки "муколамавӣ будани муошират яке аз шартҳои муҳимми татбиқи имконияти воқеии дарк ва фаҳмиши мактаббачагон оид ба муҳити атроф, рушди зеҳнӣ-маънавӣ ва мавзӯи амалии омӯзиши он мебошад. Маънои муколама дар он ифода меёбад, ки имконоти мавҷудияти субъективӣ ва объективӣ ҳастиро пеш аз вуқӯъ инъикос мекунад. Муколама на танҳо имконияти мавҷудиятро инъикос мекунад, он дар иртибот бо зарурияти дарк ва татбиқи онҳо ба вуҷуд омада, мукаммал мешавад" [15, с.16-17].

Муколамаи як хонандаи хурдсол бо муҳити таълим дар тафаккури кӯдак дар муҳити фардикунонӣ мегузарад ва шинохти атроф аз рӯйи меъёри "худӣ" ва " бегона" сурат мегирад. Дар муҳити "худӣ" хонандаи хурдсол худро бехатар эҳсос мекунад, зеро дар он муносибатҳои самимӣ ва боэътимод имконпазиранд. Муносибати муколамавии хонандаи хурдсол ва муҳити фазоӣ воситаи ҳамоҳангсозии муносибатҳо дар системаи "хонанда-муҳит" мебошад. Дар ин ҳолат, фардияти кӯдак барои муаррифии худ дар шароити муҳити педагогӣ имкон медиҳад. Моҳияти шахс дар муколамаи озод ошкор мешавад. Ҳастӣ муколамаи байни инсон ва олам буда, ҳаёти ӯ дар муколама бо одами дигар мегузарад. Муколама ҳамчун принсипи таълим имкон медиҳад, ки дар фазои педагогӣ ягонагии объект бо субъект, воқеият ва имконият, индивидуалӣ ва иҷтимоӣ, ҷузъ ва кул, оқилона ва эҳсосӣ, ҷисмонӣ ва равонӣ таъмин бошад. Муколама чун унсури хосси мундариҷаи таълим таҷрибаи аз худ кардани фарҳанг тавассути эҳсоси мазмуни таъсири мутақобила бо ин фарҳанг, бо табиат, бо инсонро ифода менамояд. Муколама таҷрибаи барқарор кардани муносибатҳоест, ки ба ғанӣ сохтани ҳамдигарӣ, худинкишофдиҳӣ, худидоракунӣ, таҷрибаи ташаккули ҷаҳонбинии шахсият мусоидат мекунад.

Муколама ҳамчун усули шинохт ва воситаи таълим дар он сурат ба вуҷуд меояд, ки агар "шахси дигар ба сифати объект дода мешавад ва нисбати худ муносибатро ҳамчун субъект бедор намуда, дар навбати худ, барои ӯ объект чун субъект эътироф мегардад" [13, с.377].

Ҳадафи муколамаи таълимӣ ташкили мутақобилаи муколамавие мебошад, ки дар он омӯзгор ва хонанда имкони намои ҷаҳонбинии худро пайдо мекунад. Дар муколамаи мутақобила дониш, таҷрибаи ҳаётӣ, арзишҳо, усулҳои дарки олам, ҷаҳонбинии омӯзгор ба хонанда дода мешавад. Дар навбати худ, хонанда дар раванди таълим фардияти худро нишон дода, ба ҷаҳонбинии омӯзгор таъсир

мерасонад. Шахсияти омӯзгор ва шахсияти хонанда бо ҳам иртибот доранд, аз ин рӯ, зуҳури субъективияти омӯзгор ва хонанда дар раванди муколамаи мутақобила ногузир аст. Хонанда бояд на танҳо усулҳои маъмули фаъолиятро омӯзад, балки мутобиқ шуда, қобилияти пешниҳоди чизҳои навро доштa бошад, таҷрибаашро ғанитар намояд. Худамаликунӣ дар ин ҳолат маънои онро дорад, ки кӯдак худро ба дигарон муаррифӣ карда, ҳамчун шахсияти хос боқӣ мемонад.

Муносибати муколамавии омӯзгор ва хонанда дар раванди таълим ҳамчун шарти ташаккули ҷаҳонбинии хонандаи хурдсол баррасӣ мешавад. Таъкид шудани ин шарт дар заминаи мафҳуми фалсафии муколама чун "асоси ҷустуҷӯйи ҳақиқат дар миёни мардум" асоснок гардидааст. Татбиқи муносибати мутақобилаи муколамавӣ дар раванди таълим ба бартараф кардани ҳама гуна зуҳуроти бегонапарастӣ, канораҷӯйии эгоистии хонандагон нисбат ба олам ва донишҳо дар бораи он мусоидат мекунад. Муколама ба хонандаи хурдсол имкон медиҳад, ки иштироки шахсии худро ба ҳамаи он чизе, ки дар раванди таълим, дар муҳити воқеӣ рух медиҳад, дарк намояд [11, с.165].

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон қайд намуда буданд, ки омӯзгор дар меҳвари асосии маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, усули таълим ва дигар паҳлуҳои фаъолияти шахсии омӯзгор вобастагии зич дорад [7, с.258-259]. Ин суханҳо мо омӯзгоронро бори дигар вазифадор менамояд, ки нисбати таълиму тарбия ва ташаккул ва ҷаҳонбинии насли наврас боз ҳам бомасъулияттар бошем, зеро ҳадафи муҳимми низоми маориф тарбияи шахсияти фаъол ва созанда мебошад.

Муаллим дар системаи муносибатҳои тарбиявӣ ҳамчун ташкилотчӣ, роҳбари фаъолияти хонандагон ва ҳамзамон чун шахсият бо ҷаҳонбинӣ, арзишҳо хусусияти маънавӣ ба ташаккули эҳсос ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсир мерасонад [12, с.208]. Ниҳоятан метавон гуфт, ки самаранок ба роҳ мондани раванди таълим аз ҷониби мо омӯзгорон имконият фароҳам меоварад, ки донишу тафаккур ва ҷаҳонбинии хонандагони синни хурди мактабӣ рушд намуда, онҳо ҳамқадами замон бошанд.

**Муқарриз:** ***Ашурова Шаҳло-***
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алмазов, Б.Д. Психологическая совместность с детьми / Б.Д. Алмазов. –Свердловск, 1991, – 124 с.
2. Амонашвили Ш.А., Размышления о гуманной педагогике / Ш.А. Амонашвили. – Москва, 1995. – 496с
3. Асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ ва моҳияти он [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://allinweb.ru/pedagogika/39577/
4. Божович, Л.И. Избранные психологические труды: Проблемы формирования личности / Л.И. Божович. – Москва, 1995. – 212 с.
5. Буш, Г.Я. Диалогика и творчество / Г.Я. Буш. – Рига, 1985, – 318 с.
6. Дусавицкий, А.К. Развития личности в учебной деятельности / А.К. Дусавицкий. – Харьков, 1996. – 208 с.
7. Зафар, Ш.С. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон / Ш.С. Зафар. – Душанбе: ЧДММ "Констраст", 2019. – 464. с
8. Кудаева И.А., Освоение социального опыта младшими школьниками в образовательном процессе: автореф. дис... канд. пед. наук. 13.00.01 / И.А. Кудаева. – Саранск, 2004. – 18 с.
9. Лейтес Н.С. Умственные способности и возраст / Н.С. Лейтес. – М.: Педагогика, 1972. – 280 с.

10. Мустафоқулов, Т., М. Нарзуллоева. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ / Т. Мустафоқулов. – Кӯлоб, – 360 с.
11. Норова, З.И. Роль учебных предметов в формировании научного мировоззрения школьников / З.И. Норова // Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2019. – №1/3 (65). – С.164-166.
12. Норова, З.И. Теоретические аспекты формирования мировосприятия учащихся начальных классов / З.И. Норова // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № ¼ (49). – С.207-209.
13. Рубинштейн, С.Л. Проблемы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. – Москва, 1973. – 424 с.
14. Содиқов А.У. Ҷаҳонбинӣ ва ахлоқ аз назари мутафаккирони тоҷик / А.У. Содиқов. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 240 с.
15. Тарасов, С.В. Теоретико – методологические основы становления мировосприятия школьников в условиях современной социокультурной среды: афтореф. дис... пед. наук 13.00.01 / С.В. Тарасова. – Санкт-Петербург. 2001. – 24 с.
16. Фролова И.Т. Философский словарь / И.Т. Фролова. 5-е изд. – Москва, 1986. – 497с.

## ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Дар мақолаи мазкур таҳқиқоти мо шароити педагогии раванди ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони синни хурди мактабӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Шароити педагогӣ он шароите мебошад, ки дар раванди таълим огоҳона ба вуҷуд оварда мешавад ва барои самарабахш ташкил ва амалӣ шудани ин раванди зарурӣ мусоидат менамояд. Дар таҳқиқи худ мо шароитҳои зерини ташаккули ҷаҳонбинии хонандаи хуррдсолро муҳим меҳисобем:-ба назар гирифтани таҷрибаи ҳаётии хонандаи хурдсол дар раванди таълим;-ҳамкории муколамавии муаллим ва хонандаи синни хурди мактабӣ дар раванди таълим;-ҳамгироии донишҳои гуманитарӣ ва табиӣ дар мундариҷаи таълими мактаби ибтидоӣ.Дар илми муосир таҷрибаи ҳаёт ҳамчун "маълумоти витагеннӣ тавсиф мешавад, ки ба моликияти шахс табдил ёфта, дар хазинаи дарозмуддати хотира ҷой дорад ва дар ҳолати омодабошу амалӣ гардидан дар вазъиятҳои монанд қарор дорад. Ин маҷрои андешаҳо, ҳиссиёт, рафтор ва амалҳои азсаргузаронидаи инсон мебошад, ки барои вай арзиши хос дорад. Ин маълумот бо хотира, эҳсос ва рафтор алоқаманд мебошад". Дар навбати худ, хонанда дар раванди таълим фардияти худро нишон дода, метавонад ба ҷаҳонбинии муаллим таъсир расонад. Шахсияти муаллим ва шахсияти хонанда якдигарро пурра мекунанд. Барои ҳамин ҳам, ташаккули муносибатҳои мутақобилаи муколамавӣ ба зуҳури фардияти муаллим ва хонанда вобаста аст. Хонанда бояд на танҳо усулҳои маъмули фаъолиятро омӯзад, мутобиқ бошад, балки қобилияти ворид кардани навигарӣ ва пурра кардани таҷрибаро низ дошта бошад. Худтатбиқкунӣ дар ҳолати мазкур онро ифода менамояд, ки кӯдак бо вуҷуди худро бо дигарон монанд кардан, шахсияти хос мемонад.

**Калидвожаҳо:** ташаккул, ҷаҳонфаҳмӣ, раванди таълим, инкишофёбӣ, кӯдак, омӯзгор, шакл, муколама.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ МИРОВОЗЗРЕНИЯ ЮНЫХ ШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

Предметом нашего исследования являются педагогические условия процесса формирования мировосприятия младшего школьника. Педагогические условия - это те условия, которые сознательно создаются в учебном процессе и которые должны обеспечить наиболее эффективное формирование и протекание нужного процесса.В исследовании мы выделяем следующие педагогические условия формирования мировосприятия младшего школьника:учет жизненного опыта младшего школьника в образовательном процессе;диалогическое взаимодействие учителя и младшего школьника в образовательном процессе;интеграция гуманитарного и естественнонаучного знания в содержании образования начальной школы.В современной науке жизненный опыт трактуется как «витагенная информация, ставшая достоянием личности, отложенная в резервах долговременной памяти и находящаяся в состоянии постоянной готовности к актуализации в адекватных ситуациях. Это сплав мыслей, чувств, поступков, прожитых человеком и имеющих для него самодостаточную ценность. Эта информация связана с памятью разума, чувств и поведения». В свою очередь ученик, проявляя свою индивидуальность в процессе обучения, способен влиять на мировосприятие учителя. Личность учителя и личность ученика взаимообусловливают друг друга, поэтому с организацией диалогического взаимодействия неразрывно связано проявление субъектности учителя и учащегося. Ученик должен не только освоить известные способы деятельности, быть адаптивным, но и обладать способностью вносить новое, обогащать опыт. Самореализация в данном случае означает, что ребенок, идентифицируя себя с другими, остается самим собой.

**Ключевые слова:** формирования, мировосприятие, образовательный процесс, школа, развитие, ребёнок, учитель, форма, диалог.

**THE PEDAGOGICAL CONDITIONS FOR FORMING THE FORMATION OF THE VORDIVER OF YOUNG SCHOOLHILDER IN THE LEARNING PROCESS**

The subject of our research is the pedagogical conditions of the process of forming the worldview of a younger student. Pedagogical conditions are those conditions that are deliberately created in the educational process and which should ensure the most effective formation and course of the necessary process. In the study, we highlight the following pedagogical conditions for the formation of the worldview of a younger student:- taking into account the life experience of a younger student in the educational process;- dialogical interaction between a teacher and a younger student in the educational process;- integration of humanitarian and natural science knowledge in the content of primary school education.In modern science, life experience is interpreted as "vitagenic information that has become the property of the individual, deposited in the reserves of long-term memory and is in a state of constant readiness for actualization in adequate situations. It is a fusion of thoughts, feelings, actions that a person has lived through and which have self-sufficient value for him. This information is associated with the memory of mind, feelings and behavior " In turn, the student, showing his individuality in the learning process, is able to influence the teacher's worldview. The personality of the teacher and the personality of the student mutually condition each other, therefore, the manifestation of the subjectivity of the teacher and the student is inextricably linked with the organization of dialogical interaction. The student must not only master the known methods of activity, be adaptive, but also have the ability to introduce new things, to enrich the experience. Self-realization in this case means that the child, identifying himself with others, remains himself.

**Key words:** Formation, worldviews, the educational process, school, development, child, teacher, form, dialog.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Норова Зарина Исломовна*** **-** унвонҷӯйи кафедраи методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 904020262**.E-mail: **norova-z-1981@mail.ru**

**Сведения об авторе**: ***Норова Зарина Исломовна*** – соискатель кафедры методики обучения начальных классов Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, ул. Айни 67.Телефон: **(+992) 904020262**.E-mail: **norova-z-1981@mail.ru**

**Information about the author:** ***Norova Zarina Islomovna*** - Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, applicant for the Department of Primary Education Methods. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, st. Aini 67. Phone: **(+992) 904020262**.E-mail: **norova-z-1981@mail.ru**

**УДК:379.51**

# ОМӮЗИШИ ИЛМИИ ТАРБИЯИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ВА ЗАМИНАИ ҲУҚУҚИИ ОН ДАР МАКТАБҲОИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Абдураҳмонов Ғолибҷон***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар замони муосир дар санадҳои меъёрии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ рушди иҷтимоии кишвар мафҳуми «фарҳанги саломатӣ»-ро ҳамчун як ҳадаф дар барномаҳои таълимӣ ва тандурустӣ барои мактаббачагон фаъолона истифода мебаранд. Дар ин маврид ҳамин таҳлили фарҳанги саломатӣ ҳамчун ҷузъи ҷисмонии бароҳ андозии ҷанбаи иҷтимоӣ- психологӣ ва маънавӣ-ахлоқии ин консепсия низ ба эътибор гирифта мешавад.Аз ин рӯ дар баробари мавриди баррасӣ қарор додани рушди ҷисмонии шахс, дараҷаи гирифтор шуданаш ба ин ё он бемориӣ, ё халосӣ аз беморӣ тавассути варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, меъёрҳои саломатии рӯҳӣ низ баррасӣ мешаванд. Дар ин росто воқеият тақозо менамояд, ки як системаи мукаммали арзёбии сатҳи саломатии инсон, ки тамоми ҷузъҳои онро фаро мегирад, роҳандозӣ гардад. Ҳамзамон, кори ҳамаҷонибаи табибон, физиологҳо, психологҳо, ҷомеашиносон ва омӯзгорон барои системаи ҳамаҷониба ва мақсадноки ташаккули фарҳанги саломатии мактаббачагон зарур аст. Гузашта аз ин, маълумот дар бораи саломатӣ,

ки шахс дар марҳилаҳои гуногуни рушди синну сол дар оила, мактаб, беморхона ба даст меорад, мураттаб ва систематикӣ бояд бошад.

Равиши ҳамгирой ва байниидоравӣ дар ҳалли мушкилоти саломатӣ яке аз масъалаҳои меҳварии саломатии насли наврас мебошад.Мавриди зикр аст, ки тартиботу ташвиқот дар ҷомеа, маъмулан, мардумро бештар ба табобат талқин намуда, оид ба пешгирии бемориҳо камтар сухан мекунад. Дар ин маврид ба роҳҳои бартараф кардани омилҳои хавф, қобилияти бадан барои муқовимат ба оқибатҳои манфӣ диққати зарурӣ дода намешавад. Ба ташаккули афкори ҷомеа дар бораи солимӣ, ташаккули ҳамаҷонибаи ҳам ҷисмонӣ ва ҳам маънавии шахсият таваҷҷуҳ камтар ба назар мерасад. Дар ин самт, асосан онҳое корбарӣ менамоянд, ки барои саломатии беморон манфиат доранд. Дар ин маврид вазифаи мактаб аз он иборат аст, ки хонандагонро ба ҳаёти мустақилона пурра омода созад. Дар ин маврид 40 омилҳои ҳавасмандкунии хонандагон ба тарзи ҳаёти солим, ташаккули фарҳанги ягонаи тиббӣ нақши муҳим доранд. Акнун замоне расидааст, ки оид ба масъалаи таъсири мактаб ба саломатии хонандагон, тавсеаи қобилияти бачаҳо барои ташкили сифати баланди таълиму тарбияи фарзанд таваҷҷуҳ намоем.

Ҳалли дуруст ва босаводонаи ин масъала дар ҳама сатҳҳо, аз меъёрҳои барномавӣ то дарси муаллим, ба ташкили фарҳанги солимии мактабхонон оварда мерасонад. Мавриди зикр аст, ки проблемаи ташаккули фарҳанги саломатӣ дар педагогикаи ҷаҳонӣ солҳои дароз мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, дар ин самт олимони хориҷӣ, аз қабили Я.А.Коменский, И.Г.Песталосси, Ф.В.Дистервег, К. Сухомлинский [10] ва дигарон бештар кор кардаанд. Аз ҷумла, оид ба ҷанбаҳои фалсафӣ, сотсиологӣ ва психологии тарбияи ҷисмонӣ ва руҳии насли наврас олимон Л.И. Божович, И.И. Болдирев, Л.М. Зюбин, М.А. Алемаскин, А.И. Кочетов, И.Д. Зверев, В.П. Котляков, И.С. Кон, И.Ф.Свадковский, Н.К.Смирнов, Д.В. Колесов, дар мавриди ҷанбаҳои тиббии фарҳанги саломатӣ муҳаққиқон И.В. Стрелчук, Н.Я. Копит, П.И. Сидоров, Н.М. Амосов, Ю.П. Лиситсин, Д.В. Колесов, Е.И. Чазов [1, с.5] тадқиқот бурдаанд.Ҳамчунон ки дар боло зикр ёфт, чузъи муҳимтарини фарҳанги саломатӣ тарбияи мунтазами ҷисмонӣ ва варзиш мебошад, ки дар як қатор таҳқиқот онҳо як намуди махсуси фаъолият ҳисобида мешаванд, ки ба тарбияи сифатҳои беҳтарини ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва руҳӣ, ки бо ташаккули худи шахс вобастаанд, нигаронида шудаанд. Ин нуқта дар асарҳои олимон В.В. Белуросова, И.Н. Решетен, П.А. Рудик, Р.Г. Харабуга, А.С. Пуни, Н.А.Худадов, Г.П. Богданов, Б.Т. Лихачев, Ю.И. Зотов ва ғайра инъикос ёфтааст. Як қатор олимон, аз ҷумла Н.Н. Визитей, Б.И. Новиков, В.И. Столяров, В.С.Балсевич [1,с. 5] дар асарҳои худ моҳияти тарбияи ҷисмониро ҳамчун хислати шахсият маънидод карда, дар системаи тарбияи ҷисмонӣ механизмҳои ташаккули фарҳанги солимро таъкид мекунанд. Дар солҳои охир, бисёр корҳо пайдо шуданд, ки моҳият ва мазмуни тарбияи арзишии хонандагони мактабро ифода мекунанд. Аз ҷумла, олимони маъруф И.И. Брехман, Е.Н. Вайнер, В.В. Колбанов, Л.Г. Татарникова [1, с.5] ва дигарон ин масъаларо аз проблемами маркази тарбияи хонандагон аз назари варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ медонанд.

Дар доираи назария ва методологияи тарбияи ҷисмонӣ, мафҳуми фаъолияти ҷисмонӣ (В.К. Балсевич [1, с.5]), ғояҳо дар бораи мундариҷа, воситаҳо ва усулҳои таълим дар тарбияи ҷисмонӣ (Б.А. Ашмарин, Л.П. Матвеев, Р.Х. Яруллин [1, с.5] ва дигарон), назарияи тарбияи ҷисмонӣ (М.Я. Виленский, В.М. Выдрин, В.И. Столяров [1, 5]), ғояҳо барои ҳамгиро кардани тарбияи ҷисмонӣ ва маънавии шахс (Р.К.

Бикмухаметов [4], Ф.Г. Газизов [6]) баррасӣ ёфтаанд. Тарбияи дурусти наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимми сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатии мамлакат маҳсуб меёбад. Дар ин ҷода қабули ҳуҷҷату санадҳои муҳим аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" (соли 2013) [11], "Консепсияи мактаби миллии Тоҷикистон" (соли 1995) [7], "Низомномаи намунавии муассисаи таълимии олии касбии (мактаби олӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1996) [9], Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2006) [8, с.11], Қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" (2011) [12] дар тарбияи наврасону ҷавонон гардидмуҳим арзёбӣ мегардад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таълиму тарбия ҳамчун ба маҳсули хираду дониш ва маърифати инсон эътибор дода, ба эҳёи анъанаҳои тарбиявиву таълимии гузаштагони соҳибназари миллати тоҷик эътибори хосса зоҳир менамоянд.

Масъалаи тарбияи ахлоқии ҷомеа дар бунёди ҷомеаи тинҷу осуда, ки дар фазои ҳамдигарфаҳмиву сулҳу салоҳ сурат мегирад, ҳамеша дар мадди назари Ҳукумату давлат ва афроди дилсӯзи ҷомеа қарор дорад.

Мавриди зикр аст, ки дар вазъияти ҷаҳонишавӣ дифои анъана ва суннатҳо деринаи муносибати инсонӣ, ки дар таърихи миллати мо ба қаъри асрҳо реша рондааст, ори осон нест. Дар ин радиф дастовардҳои ахлоқии ҷомеаро низ ҳимоя кардан, аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Дар ин раванд мо бояд фаромӯш накунем, ки мо мардуми Шарқ дину мазҳаб дорем, арзишҳои миллӣ ва динии мо давоми ҳазорсолаҳо ба ҷаҳониён одобу ахлоқи ҳасана, рафтори нек ва тарбияи инсониро дар пояи баланд тахти шиори «инсон азизу мукаррам» таълим дода меоянд. Аз ин рӯ, дар мавриди таълиму тарбия мо таҷрибаи ғанӣ ва мероси гаронбаҳо дорем, ки он метавонад имконияти васеъро дар ислоҳи ҷомеа махсусан ахлоқи ҷавонон фароҳам оварад. Ба ибораи дигар, мо имрӯз ҳаққи маънавӣ дорем, ки дар мавзӯи тарбия сухан мегӯем, дар ислоҳи ҷомеа ҳиссаи худро гузорем ва роҳҳои ҳалли мушкилиҳои тарбияро ба мардуми худ пешниҳод кунем. Аслан, инсон дар ҳамаи замон қатъи назар аз миллат, дин ва мақоми зист ба насиҳат, раҳнамоӣ ва тарбия муҳтоҷ аст. Аз ҷониби дигар, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар назди ҷомеа масъулият дорад, ки ба ҷомеа махсусан дар тарбияи мардум саҳми худро гузорад, зеро инсони ватандӯст бояд эҳсос намояд, ки бо костани ахлоқи мардум ҷомеъа зарар мебинад.

Тарбия чист? Ва роҳу усулҳои тарбия кадом аст ва ҳангоми тарбия чиҳоро бояд ба назар гирифт? Кӯдаке, ки ба дунё меояд, поку беолоиш аст ва рушду такомул ва ояндаи ӯ аз нафароне, ки ӯро тарбият мекунанд, сахт вобаста аст. Дар ҳадис омадааст: «Куллу мавлудин юладу ало фитрах...», яъне «тамоми фарзандони дунё як хел таваллуд мешаванд», дар давоми ҳадис гуфта шудааст, ки падару модар бо кадом роҳ тарбия кунанд, бо ҳамон роҳ меравад.Тарбияи инсонро метавон ба марҳилаҳо қисмат кард, ки ҳар яке аз он марҳила дорои хусусиятҳои хосси худ мебошад. Марҳилаи якум марҳилаи кӯдакӣ мебошад, ки асоси ҳаёти ояндаи ҳамон инсон мешавад [1,с. 144]. Дар ин марҳила, ки аз рӯзи мавлуд то чаҳорсолагии кӯдакро дар бар мегирад ва марҳилаи ташаккулёбии фикрӣ унвон дорад, бояд волидайн ба қадри имкон бо суханҳои ибратомӯзи кӯдакона ҳадафмандона сухан гӯянд, дар назди кӯдак рафтору кирдори беадабона накунанд, кӯшиш намоянд, ки фарзанди онҳо бештар аз

манзараҳои дилнишин, фазои орому осуда баҳраманд гардад. Мавриди зикр аст, ки кӯдакони имрӯза аз кӯдакони 15-20 сол қабл фарқи зиёд доранд ва аз назари фаросат, ақлу ҳуш ва маърифат пеш рафтаанд. Чунончи, муносибати кӯдакони 3-4 сола бо телефони мобилӣ, компютер, телевизор ва ғайра. Ин маънии онро дорад, ки кӯдакон ниҳоят барвақт аз дастовардҳои техникаи замонавӣ огоҳ, мешаванд ва онҳоро наметавон бо навигариҳои ҷузъӣ ба ҳайрат оварем. Пас, вазифаи аввалиндараҷаи мо ин аст, ки онҳо аз хурдӣ дар мавриди истифода аз ин гуна дастгоҳҳои техникӣ ба зиёдаравӣ роҳ надиҳанд. Ҳангоми истифода бояд назорат кунем, ки кӯдакон бо маводҳое сару кор дошта бошанд, ки онҳо дар доираи ахлоқи ҳамида бошанд. Ба ибораи дигар, бояд аз васоити видеомобилӣ чунон истифода барем, ки дар фикри кӯдак накукорӣ ва хубиро эҷод намояд.

Марҳилаи дувум, аз чаҳорсолагӣ то ҳафтсолагии фарзандро дар бар мегирад, ки парвариши равонӣ ва таълими одобу ахлоқ дар масъалаҳои одоби таомхӯрӣ, одоби либоспӯшӣ, муомила бо бародарону хоҳарон, эҳтироми калонсолон, тозагию озодагӣ, одоби сухангӯӣ, одоби роҳравӣ ва ғайра вазифаи асосии ҳаррӯзаи падару модар мебошад. Дар ин давра назорати фарзанд пайваста бояд сурат гирад, зеро маҳз дар ин марҳила кӯдак ташаккул меёбад ва давраи наврасиаш оғоз меёбад ва ба як маънӣ шаклгирии ӯ ҳамчун шахсият сар мешавад [2, с.188]. Махсусан, насиҳат ба фарзанд, баёни афсонаву ҳикояҳои тарбиявӣ, зикр кардани фарқи некиву бадӣ, инсони хуб ва бад ва монанди инҳо ниҳоят зарур аст. Боиси таассуф аст, ки дар ин марҳила баъзе аз падару модарон фарзандро ба хотири тарбияи дуруст ҷазои ҷисмонӣ медиҳанд. Ин усули тарбия тамоман нодуруст буда, ба наврас таъсири бад мерасонад ва ӯро метавонад оянда ба инсони сангдил, ҷангҷӯ ва душвортарбия табдил диҳад.

Марҳилаи севум аз ҳафтсолагӣ то 17-солагӣ мебошад, ки аз марҳилаҳо ҳалкунанда ва муҳим мебошад. Дар ин давра мактаб, муаллим, китоб бояд дар меҳвари тарбия қарор гирад. Алоқаи оила бо мактаб дар масъалаи тарбия ва таълим нақши бориз дорад. Волидайн бо муаллимон дар алоқа буда, дар мактаб муаллимон бояд таълиму тарбияро дуруст ба роҳ монад волидайн дар хона кори муаллимро тақвият бахшанд. Муҳимтарин вазифаи волидайн дар ин давра одат кунонидани фарзанд ба хондани китоб аст. Фарзанде, ки ба китобхонӣ одат мекунад, метавонад дар зиндагӣ мустақил фикр ва соҳиби ақлу фаросати комил гардад. Ҳамчунин, одат кунонидани фарзандон барои машғул будан ба кори манфиатбахш муҳим аст. Ба ғайр аз дарс ширкат дар маҳфилҳои адабиву фарҳангӣ ва ҳунариву варзишӣ ниҳоят зарур аст. Дар ин давра дифои фарзандон аз таъсироти воқеа ва ҳодисаҳои берун аз доираи ахлоқ ниҳоят зарур аст [5,с. 28].

Марҳилаи чаҳорум аз 17-солагӣ то 25-солагӣ аст, ки дар ин синну соли ҷавонӣ интихоби роҳи донишгоҳ ё роҳи касбу ҳунар бояд тибқи хоҳиши худи ӯ ва ҳидояти волидайн роҳандозӣ карда шавад. Агар дар синни 17-солагӣ то 25-солагӣ ҷавон бекор монад, ӯ ба он одат мекунад ва тамоми ҳаёт бепарво мешавад ва дар ҳаёт мавқеъ ёфтанаш мушкил мешавад. Аз ин рӯ машғулият асоси зиндагии ҷавон бояд бошад. Дар ин давра аксаран ҳаёти мустақилонаро ҷавонон пешаи худ мекунанд, соҳиби оила, фарзанд шуда, масъулияти тарбияро ба дӯши худ мегиранд. Оид ба хусусиятҳои марҳилаҳои тарбияи фарзанд метавон дар заминаи осори илмиву мазҳабӣ, адабиву таърихӣ санадҳои муфидеро баён кард. Дар ин маврид мероси

гаронбаҳои гузаштагони соҳибназар ва донишманди мо ҳамчун сарчашмаи бебаҳо метавонад ба тариқи густурда ба кор ояд.

Имрӯз дар партави сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба инкишоф ва рушди бемайлони тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун омили тарғиби ҳаёти солим ва яке аз омилҳои меҳварии таҳкими дӯстиву рафоқат эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Дар ҳамаи самтҳо варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ мутобиқ бо пешрафти замон дар Тоҷикистон инкишоф меёбад. Танҳо дар мавриди як навъи варзиш давидан метавон қайд кард, ки дар ҷумҳурӣ аз соли 2006 ҳар сол Рӯзи дави миллӣ ва аз соли 2010 дар Рӯзи пойтахт ниммарафони байналмилалӣ доир мешавад, ки инҳамчун чорабинии калон дар қаламрави кишвар сокинони зиёдро фаро мегирад.

Мутобиқи ахбороти оморӣ, дар ҷумҳурӣ беш аз 1,5 млн нафар наврасону ҷавонон ба варзиш машғуланд ва варзиш дар мамлакатамон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумат ба ҳисоб меравад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели 2012 таҳти 825 «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» [13] асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини фаъолиятро дар соҳаи тарбияи чисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва танзим менамояд. Соли 1992 Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки он узви Кумитаи байналмилалии олимпӣ мебошад. Дар мавриди дастовардҳои варзишгарон метавон мисолҳои зиёде овард, вале манзури мо баррасии “Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021” аст, ки 27 майи соли 2017 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст. Рӯйи кор омадани ин барнома худ гувоҳи он аст, ки давлату Ҳукумат ба масъалаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ эътибори ҷиддӣ дода, дар заминаи он баробари таъмини солимии ҷомеа рукнҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатро қавӣ хоҳад кард. Зеро инсони солим ҷомеаи солим ва ҷомеаи солим давлати нерумандро бунёд мекунад. Аз ҷониби дигар, ин барнома талаботи замон буда, ҷомеа ба дигаргунии муносибат ба саломатии ӯ, тарбияи ҷисмонӣ ниёз дорад. Воқеан, танҳо барномаи мушаххас ва доимамалкунандаи давлатӣ метавонад ҳадафҳои олии дар ин самт доштаи Ҳукумату мардумро амалӣ созад. Дар барнома омадааст: “Барнома дурнамо, самтҳои асосии фаъолият, афзалияту вазифаҳо ва тартиби амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро муайян ва ҷанбаҳои асосии тарбияи ҷисмонии аҳолиро дар бар гирифта, инчунин ҷиҳати ҳалли масъалаҳои омодагии захираҳои варзишӣ ва омода намудани варзишгарон барои иштирок дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат менамояд” [3]. Нуқтаи муҳиме, ки дар Барнома зикр ёфтааст, рушди инфрасохтор ва хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таҳким ва рушди заминаи моддию техникӣ барои шуғли аҳолӣ бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, пойгоҳи варзишӣ барои таъмини ҷараёни босифати маишӣ - таълимӣ дар муассисаҳои варзишии наврасону бачагон, мактаб - интернатҳои варзишӣ барои кӯдакони лаёқатманд мебошад [3]. Дар ин самт аллакай дар қаламрави кишвар корҳои муҳимми бунёдӣ анҷом пазируфта истодаанд ва заминаи рушди варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ таъмин мегардад. Ривоҷ додани ин самт аз амалҳои аввалиндараҷа буда, махсусан мутобиқи меъёрҳои замон бунёд шудани он айни матлаб мебошад. Яке аз ҳадафҳои қабули барномаи мазкур ташвиқу таблиғи тарзи ҳаёти солим буда, дар замони муосир он аҳамияти аввалиндараҷа пайдо

кардааст. Имрӯз воситаҳои замонавие рӯйи кор омадаанд, ки дар ин самт н хидмат намоянд. Ҳадафи дигари барнома инкишоф ва таҳкими дӯстӣ ва ҳамкориҳо миёни на танҳо варзишгарон, балки инсонхо ва кишварҳо ба ҳисоб меравад [3]. Яъне, варзиш метавонад ба иртиботи қавии мардуми кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон бо мамлакатҳои олам заминаи мустаҳкам гузорад ва он ҳамзамон дар пешрафти иқтисодиёт таъсир намояд. Махсусан дар сурати омодакунии бештари варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ ин имконият васеъ ва ҳадафманд хоҳад шуд.

Имрӯз зиёда аз 1381 иншооти варзишӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ сохта шуда, 1059 иншооти варзишӣ таъмиру таҷдид ва ба истифода дода шудаанд, ки барои рушди инфрастохтори соҳа нақши муҳимро мебозанд. Ҳадафи дигари барнома баланд бардоштани сатҳу савияи касбии мураббиён ва устодони соҳаи варзиш мебошад. Мутобиқи маълумоти оморӣ, имрӯз бештар 15,7 фоизи ҳайати мураббиёни муассисаҳои варзишии ҷумҳурӣ бе маълумоти соҳавӣ фаъолият мебаранд. Мусаллам аст, ки барнома дар ин самт дурнамои худро дошта, дар ислоҳи он нақш муассир мегузорад. Ҳалли ин масъала имкон медиҳад, ки дар мавриди омодасозии дастаҳои мунтахаби маҳалҳо ва ҷумҳурӣ, ки ба онҳо мутахассисони баландихтисос намерасад, қадами ҷиддӣ гузошта шавад. Барнома ба як масъалаи дигари ҷиддӣ, ки мутассифона дар ҷараёни тамрини варзишгарони тоҷик ба назар намерасад, таъминоти тиббӣ ва формакологӣ, инчунин бамеъёрдарории истеъмоли ғизо, истироҳат, барқарорсозӣ ва омодагии равонӣ (психологӣ) эътибор ҷиддӣ додааст [3]. Ин агар яке аз рукнҳои асосии муваффақият дар соҳа бошад, масъалаи барқарор намудани равоншиносони варзишӣ, беҳтар кардани хизматрасонии тиббии варзишӣ рукни дигари он мебошад. Барқарор кардани маркази диспансери тиббии варзишии ҷумҳуриявӣ яке аз ҳадафҳои асосии барнома мебошад, ки он барои дар сатҳи нав муаррифӣ кардани вазъи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ имконият хоҳад дод.

“Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар боби ҳадаф ва вазифаҳо номгӯйи чораҷӯиро, аз қабили ташкил ва рушди инфрасохтори соҳаи варзишии ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ, таъмини оммавияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ташкили клубҳо ва бахшҳои варзишӣ дар низоми мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф, табдил додани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ҳаракати оммавӣ ва як қисми муҳимми ҳаёти аҳолӣ, боз ҳам баланд бардоштани самаранокии низоми тарбияи ҷисмонӣ байни аҳолӣ, такмили минбаъдаи сифати омодагардонии кадрҳо, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси онҳо, такмили низоми чорабиниҳои варзишии интихобӣ барои мукаммал гардонидани дастаҳои мунтахаб аз рӯйи намудҳои варзиш, роҳандозӣ намудани раванди мутобиқ ба талаботи муосири омодакунии тими мунтахаб аз рӯйи намудҳои варзиш ба мусобиқаҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, такмили низоми чорабиниҳои варзишии интихобӣ барои мукаммал гардонидани дастаҳои мунтахаб аз рӯйи намудҳои варзиш, роҳандозӣ намудани раванди мутобиқ ба талаботи муосири омодакунии тими мунтахаб аз рӯйи намудҳои варзиш ба мусобиқаҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, таъмини соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо маводи илмию методӣ ва дар заминаи илми муосири варзиш ба роҳ мондани азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мураббиёни мактабҳои варзишӣ, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таъмин бо

лавозимоти варзишӣ ва ба роҳ мондани назорати тиббӣ ва таъмини хизматрасонии тиббӣ ба шахсоне, ки бо варзиши касбӣ машғул ҳастанд, густариш ва таҳкими робитаҳои байналмилалӣ ва мукаммалгардонии низоми тайёр намудани варзишгарони касбӣ бо мақсади иштирок дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла бозиҳои олимпӣ, бештар намудани чорабиниҳои варзишӣ байни бонувону кӯдакон, ташкили чорабиниҳои варзишӣ барои маъюбон ва шахсони дороӣ имконияташон маҳдуд, бо мақсади иҷрои вазифаҳои барнома ва таъмини оммавияти варзиш ба таври васеъ ташвиқ намудани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тавассути воситаҳои ахбори омма ва ғайра номбар шудаанд, ки ҳамагӣ дар пешрафти варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ муҳим мебошанд.

Дар заминаи барнома чорабиниҳои амалисозии барномаи маҷмӯи рутбаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2017-2021 тартиб дода шудааст, ки он имкон медиҳад, ки зина ба зина вазифаҳои дарпешистода ҳалли худро ёбанд. Амал кардан аз рӯйи нақшаи мазкур барои муассисаҳои варзишӣ, кафедраҳо ва ҳар як шахси ба варзиш алоқаманд ҳатмӣ буда, дар партави он амал кардан моро ба дастовардҳои баланд наздик мекунад. Ҳамин тариқ, Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 яке аз сарчашмаҳои фаъолияти варзишгарон ва масъулини соҳаи тарбияи ҷисмонӣ буда, татбиқ кардани он аз ҳиммат, кордонӣ, дилсузӣ ва ихтисосмандии мо вобаста аст.

**Муқарриз:** ***Хоҷамберидиев Ч.Т.*- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Азитова Г.Ш. Воспитание культуры здоровья у школьников в условиях сельской школе. Дисс. канд. пед. наук. Казань, 2006. – С. 212.
2. Амонашвили Ш.А. Педагогика здоровья / Ш.А.Амонашвили, А. Г.Алексин. – М: Педагогика, 1990. – 288 с.
3. 3.“Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021. – Душанбе, 2017.
4. Бикмухаметов Р.К. Проектироваиие интеграции физического u духовного воспитания студентов педагогических учебных заведений / Р.К.Бикмухаметов. – Казань: Изд-во Казанск. Ун-та, 2000. – 238 с.
5. Бурханов А.И. Роль школы в формировании здоровья детей и подростков/ А.И. Бурханов, Н.В. Барышева, Т.А. Муценко. – Самара, 1996. – 88 с.
6. Газизов О.Г. Валеологическое воспитание будущих педагогов средствами зимних видов спорта: Автореф. дис., канд. лед. иаук / Ф.Г.Газизов. – Казань, 2003. – 24 с.
7. Консепсияи мактаби миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 1995. -24 с.
8. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2006, Душанбе. - 15 с.
9. Низомномаи намунавии муассисаи таълимии олии касбии (мактаби олӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1996.
10. Сухомлинский В.А. Павлышская средняя школа: Обобщение опыта учеб. воспит. работы в сельской сред. школе / В.А.Сухомлинский. – М.: Просвещение, 1979. – 396 с.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. – Душанбе, 2013. – 56 с.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”. – Душанбе, 2011.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш». – Душанбе, 2012.
14. Шамолов А.А. Аҳвол, осор ва афкори Имоми Аъзам. – Душанбе: Дониш, 2009.


## ОМӮЗИШИ ИЛМИИ ТАРБИЯИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ВА ЗАМИНАИ ҲУҚУҚИИ ОН ДАР МАКТАБҲОИ МИЁНАИ УМУМӢ


Мақола ба баррасии омӯзиши илмии тарбияи тарзи ҳаёти солим ва заминаи ҳуқуқии он дар мактабҳои миёнаи умумӣ бахшида шудааст.Дар замони муосир дар санадҳои меъёрии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ рушди

иҷтимоии кишвар мафҳуми «фарҳанги саломатӣ»-ро ҳамчун як ҳадаф дар барномаҳои таълимӣ ва тандурустӣ барои мактаббачагон фаъолона истифода мебаранд. Дар ин маврид ҳамин таҳлили фарҳанги саломатӣ ҳамчун ҷузъи ҷисмонии бароҳ андозии ҷанбаи иҷтимоӣ- психологӣ ва маънавӣ-ахлоқии ин консепсия низ ба эътибор гирифта мешавад.Аз ин рӯ дар баробари мавриди баррасӣ қарор додани рушди ҷисмонии шахс, дараҷаи гирифтор шуданаш ба ин ё он бемории, ё халосӣ аз беморӣ тавассути варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, меъёрҳои саломатии рӯҳӣ низ баррасӣ мешаванд. Дар ин росто воқеият тақозо менамояд, ки як системаи мукаммали арзёбии сатҳи саломатии инсон, ки тамоми ҷузъҳои онро фаро мегирад, роҳандозӣ гардад. Ҳамзамон, кори ҳамаҷонибаи табибон, физиологҳо, психологҳо, ҷомеашиносон ва омӯзгорон барои системаи ҳамаҷониба ва мақсадноки ташаккули фарҳанги саломатии мактаббачагон зарур аст.

**Калидвожаҳо:** тарбияи тарзи ҳаёти солим, омӯзиши илмӣ, маълумот дар бораи саломатӣ, таъсири мактаб ба саломатии хонандагон, тавсеаи қобилияти бачаҳо, таълиму тарбияи фарзанд.

## НАУЧНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ВОСПИТАНИЯ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ И ЕГО ПРАВОВАЯ ОСНОВА В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛАХ

Статья посвящена научному исследованию воспитания здорового образа жизни и его правовой основе в средних общеобразовательных школах. В современный период в нормативных документах Министерства образования и науки и Министерства здравоохранения и социальной защиты населения очень активно используется понятие “культура здоровья”, как одна из целей в учебных и оздоровительных программах для школьников. Берется во внимание анализ культуры здоровья как физический компонент реализации социально-психологических и морально – нравственных аспектов данной концепции. Поэтому наравне с рассмотрением физического развития личности, степени его предрасположенности к тем или иным заболеваниям или его оздоровления посредством занятий спортом или физическим воспитанием от болезней должны приниматься во внимание нормы его психического здоровья. В данном направлении действительность диктует, что нужно разработать совершенную систему оценивания человеческого здоровья, который будет охватывать все его элементы. Также очень важна совместная деятельность врачей, физиологов, психологов, социологов и учителей для формирования системы культуры здоровья школьников.

**Ключевые слова:** воспитание здорового образа жизни, научное исследование, сведения о состоянии здровья, влияние школы на здоровье учеников, развитие способностей учеников, воспитание и обучение детей.

## SCIENTIFIC RESEARCH OF HEALTHY LIFESTYLE EDUCATION AND ITS LEGAL BASIS IN SECONDARY EDUCATIONAL SCHOOLS

The article is devoted to the scientific research of upbringing of a healthy lifestyle and its legal basis in secondary schools. In the modern period, in the regulatory documents of the Ministry of Education and Science and the Ministry of Health and Social Protection of the Population, the concept of “health culture” is very actively used as one of the goals in educational and health programs for schoolchildren. The analysis of the culture of health is taken into account as a physical component of the implementation of the socio-psychological and moral-ethical aspects of this concept. Therefore, along with the consideration of the physical development of a person, the degree of his predisposition to certain diseases or his recovery through sports or physical education from diseases, the norms of his mental health should be taken into account. In this direction, reality dictates that it is necessary to develop a perfect system for assessing human health, which will cover all its elements. The joint activity of doctors, physiologists, psychologists, sociologists and teachers is also very important for the formation of a system of schoolchildren's health culture.

**Key words:** education of a healthy lifestyle, scientific research, information about the state of health, the impact of the school on the health of students, development of students' abilities, education and training of children.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдураҳмонов Ғолибҷон Зафарович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, мудири кафедраи варзиш ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонии факултети тарбияи ҷисмонӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1

**Сведения об авторе:** ***Абдурахмонов Голибджон Зафарович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, заведующий кафедрой спорта и методики преподавания физической культуры факультета физического воспитания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.

**Information about the author:** ***Abdurakhmonov Golibjon Zafarovich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Head of the Department of Sports and Methods of Teaching Physical Culture of the Faculty of Physical Education**. Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.

УДК:371.3

# МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР МАКТАБҲОИ МИЁНА

***Саидзода И.М., Ҳайётов Қ.Э.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ташкилнамоии раванди дарсҳо дар мактаб яке аз масъалаҳои муҳим ва аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки шаклҳои асоситарини ташкил намудани корҳои таълимӣ-тарбиявӣ бо хонандагон аз рӯйи ҳама намуди фанҳо дарс мебошад. Дар дилхоҳ муассисаи таълимӣ дарс асоси системаи таълимиро ташкил медиҳад. Хусусиятҳои асоситарини раванди дарсҳо инҳо шуда метавонанд:

- ✓ ҷадвали дарсии мушаххас оид ба фанҳои дарсӣ;
- ✓ фаҳмондадиҳии муҳтавои мавзӯъҳо ва муҳиммияти онҳо;
- ✓ баён намудани мундариҷаи мавзӯи баррасишаванда;
- ✓ ташкил намудани машваратҳои гурӯҳӣ ҷиҳати мустаҳкамсозии мавзӯи баёншуда;
- ✓ санҷиши мунтазами дониши хонандагон;
- ✓ корҳои инфиродӣ бо хонандагони сустхон ва ғайра [4, с.6].

Оид ба ташкили раванди таълим ва баргузории дарсҳо аз фанни технологияи иттилоотӣ бояд ҳаминро қайд намуд, ки раванди дарс аз ин фан мафҳумҳои асосии мавзӯи тадрисшаванда, супоришҳои вазифаи хонагӣ, тарзи лабораторӣи дарсҳо, тестҳо, васоити электронӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки дарсҳои технологияи иттилоотиро бе машғулиятҳои амалию лабораторӣ, синфхонаҳои компютерию тахтаҳои электронӣ ва барномаҳои татбиқӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Аз ин лиҳоз, истифода намудан аз синфхонаҳои компютерӣ дар раванди таълим ва ҷустуҷӯйи шаклҳои нави салоҳиятнок ҷиҳати ташкили усулҳои нави таълим дар асоси технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи устоди фаннии ТИ мебошад. Истифодаи салоҳиятноки ТИК метавонад раванди дарсро дигаргун сохта, қобилияти азхуднамоии мавзӯъҳои дарсиро ба таври назаррас тағйир диҳад. Инчунин бояд қайд намуд, ки ҷустуҷӯйи шаклҳои нави таълимӣ ҳам ба баландбардории савияи дониши устодону хонандагон таъсири мусбӣ мерасонад [6].

Яке аз масъалаҳои асоситарин дар ташкил намудани дарс таснифоти намудҳои дарс ба ҳисоб меравад, ки он бо истифода аз меъёрҳои гуногунсохт амалӣ мешавад. Хусусияти асоситарини раванди дарс, яке аз ҳадафҳоии дидактикии он мебошад, ки омӯзгор бояд ба он диққати ҷиддӣ диҳад. Аз ҷиҳати дидактикӣ намудҳои зерини дарсҳоро фарқ кардан мумкин аст:

- ✓ дарс оиди табодули иттилоотҳои навин;
- ✓ дарсҳои омӯзишӣ ҷиҳати рушд ва мустаҳкам намудани донишу малака;
- ✓ дарсҳои санҷишӣ ҷиҳати фаҳмидани дониш, маҳорат ва малака [4, с.13].

Дар раванди дарсҳои ТИ омӯзгор бояд ҳамаҷониба дониши хонандагонро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ сайқал диҳад. Дар бисёр ҳолатҳо,

омӯзгор ё ҷиҳати назариявӣ ва ё амалиро ба инобат мегирад, ки он ба манфиати кор нахоҳад буд. Бояд дар раванди дарси ТИ хонанда ҳамаҷониба дониш омӯзад.

Дар раванди дарсҳои ТИ дар мактабҳои миёна барои дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ, бо се мақсади асосӣ синфхонаҳои компютерӣ истифода мешаванд: намоиш, корҳои лабораторӣ ва корҳои амалӣ.

*Намоиш.* Бо истифода аз тахтаҳои электронӣ ва видеопроекторҳои намоишдиҳанда, омӯзгор унсурҳои гуногуни мавзӯи омӯзиширо нишон медиҳад. Барои иҷрои ин кор омӯзгор дар назди тахтаи электронӣ фаъолият мекунад ва хонандагон амалҳои ӯро мушоҳида намуда, дар компютерҳои худ такрор мекунанд. Баяд қайд намуд, ки дар баъзе мавридҳо барномаҳои махсуси компютерие вуҷуд доранд, ки тавассути онҳо омӯзгор имконият дорад ба компютерҳои хонандагон мавзӯи дарсиро ба таври мушаххас фиристонад ва хонандагон аз рӯйи он мустақилона кор кунанд [4].

*Корҳои лабораторӣ.* Бароҳмонии корҳои лабораторӣ яке аз масъалаҳои асоситарин ва муҳим дар раванди дарсҳои ТИ ба ҳисоб меравад. Барои ин, ҳамаи хонандагон дар ҷойҳои кории худ бо истифода аз нармафзори махсуси ба онҳо пешниҳодшуда кор мекунанд. Яке аз ҳадафҳои асоситарини дарсҳои лабораторӣ азхуднамоии маводҳои дарсӣ ва мустаҳкамкунии онҳо мебошад. Дар раванди дарсҳои лабораторӣ нақши омӯзгор аз назорати хонандагон тавассути барномаҳои махсус бо ёрии шабакаи локалӣ ва ё глобалӣ иборат аст [13].

*Корҳои амалӣ ва семинарӣ.* Дар раванди дарсҳои амалӣ ва семинарҳо асосан хонандагон барои азхуднамоии мавзӯъ кори мустақилонаи инфиродӣ мегиранд. Кори мустақилона метавонад як супориши беруназсинфӣ ҳам бошад ва ё супориши инфиродии махсус оид ба ягон мавзӯъ. Бояд қайд намуд, ки чунин супоришҳо дар баланд бардоштани дониш ва малакаи хонандагон нақши созгореро мебозанд. Барои ин, худи хонандагон қарор медиҳанд, то лаҳзаҳои истифодабарии компютерро худашон муайян намоянд, вақти бо китоб кор кардан ва аз қайдҳои дафтар истифода намуданро муайян созанд. Дар ин раванд вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ӯ бояд дар раванди дарсҳои амалию семинарӣ пешрафти дониши хонандагонро мушоҳида намуда, ба онҳо кумак расонад [12].

Технологияҳои навини таълими компютерӣ, ки яке аз воситаҳои интерактивии педагогӣ мебошанд, функсияҳои кории омӯзгорро куллан тағйир додаанд. Бояд қайд намуд, ки нақши пешбарандаи омӯзгор дар шароити омӯзиши компютерӣ дар ҳама ҳолатҳо лозимӣ буда, дар пешрафти донишомӯзии хонандагон заминагузор аст.

Компютерҳое, ки бо нармафзорҳои хуб муҷаҳҳаз шудаанд, ба омӯзгор кумак расонида, услуби кори ӯнро такмил медиҳанд.

*Методикаи таҳияи лоиҳаҳо дар дарси ТИ.* Аз сабаби он ки дар раванди дарсҳои ТИ дар бисёр мавридҳо хонандагон бо ягон лоиҳаҳо кор мекунанд, омӯзгор вазифадор аст, то методикаи таҳия намудани лоиҳаҳоро ба хонандагон омӯзонад. Лоиҳа яке аз самтҳои муҳимми ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо ба ҳисоб меравад. Дар робита ба таълими технологияи иттилоотӣ ҳам дар марҳилаи синни мактабӣ ва ҳам дар марҳилаи донишгоҳӣ мо бо лоиҳаҳо ҳама вақт сару кор дорем. Аз ин лиҳоз омӯзгор бояд методикаи таҳияи лоиҳаҳоро ба муҳассилин нишон диҳад, ки инҳоянд:

1. Ба хонандагон доираи васеи лоиҳаҳо дар вобастагӣ ба мавзӯи дарсӣ пешниҳод карда шаванд. Инчунин, хонандагон бояд имконияти интихоби воқеии

масъаларо дарк кунанд. Лоиҳаҳо метавонанд ҳам ба таври инфиродӣ ва ҳам гурӯҳӣ пешниҳод карда шаванд.

2. Аз сабаби он ки хонандагон методи кор бо лоиҳаро намедонанд, ба онҳо бояд дастурҳои махсус оиди кор бо лоиҳаҳо пешниҳод карда шаванд. Барои ин, омӯзгор бояд қобилияти фардии хонандагонро ба назар гирифта, лоиҳаи мувофиқ пешниҳод намояд.

3. Барои хонандагон, натиҷаи бадастовардаашонро дар кадом шакле набошад, бояд хуб арзёбӣ намоем, то дар таҳияи лоиҳаи минбаъда фаъолнокиро бештар намоянд. Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати арзёбии нодуруст, ба қобилияти равонии хонанда таъсири манфӣ расонида, ӯро аз фаъолиятҳои минбаъдаи эҷодӣ дур месозем.

4. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки пеш аз ҳама, мо бояд барои дар амал татбиқ намудани лоиҳаҳои хонандагон шароити мусоид фароҳам оварем. То хонандагон имконият пайдо намоянд, ки муваффақиятҳо ва ё нокомиҳои худро байни ҳам муҳокима намоянд.

5. Омӯзгор вазифадор аст, ки ба хонандагон оиди лоиҳаи сохташудаашон тавсияҳо дода, барои рушд додани он дар фаъолияти минбаъдаашон вазифагузорӣ намояд [4, с.6].

Аз нуқтаи назари методӣ, агар омӯзгор ҳама вақт аз хонандагон натиҷаҳои супоришҳои додашударо талаб нанамояд, ин дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин ба паст гаштани савияи дониши онҳо оварда мерасонад. Бояд қайд намуд, ки натиҷаи лоиҳаҳои пешниҳодшуда ҳам, бояд сари вақт муҳокимаю арзёбӣ карда шаванд.

Ҳангоми тадриси дарси технологияи иттилоотӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ташкил намудани системаи васоити таълимӣ аст. Ба системаи васоити таълимӣ китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимӣ-методӣ, компютерҳо ва таъминоти барномавии онҳо дохил мешаванд. Ин раванд ба омӯзгор имконият медиҳад, ки ҳадафҳои дар назди худ гузоштаро дар вобастагӣ ба мавзӯи дарсӣ ба даст орад. Ҷузъҳои системаи васоитҳои таълимиро метавонем дар намуди расми 1 шарҳ диҳем.




**Расми 1. Ҷузъҳои системаи васоити таълимӣ**

Синфхонаи компютерӣ. Синфхонаи компютерӣ як воҳиди таълимӣ дар мактаб мебошад, ки бо маҷмӯи технологияҳои таълимӣ, компютерҳо, таҷҳизоти таълимӣ, дастгоҳҳо барои гузаронидани дарсҳои назариявию амалӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Синфхонаи компютериро метавонем барои ташкил намудани семинарҳо, клубҳои компютерӣ, озмунҳо барои хонандагон ва дигар шаклҳои корҳои беруназсинфӣ низ истифода намоем. Дар синфхонаи компютерӣ компютерҳо бояд тарзе ҷойгир карда шаванд, ки ба хонандагон на он қадар зараррасон бошанд. Синфхонаи компютерӣ бояд ҳамчун муҳити равонӣ, гигиенӣ ба таври стандартӣ тарҳрезӣ карда шавад [4].

Бо пешравии техника ва технологияи навин, сатҳи истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва нармафзорҳо дар соҳаи маориф тадриҷан меафзояд. Бояд қайд намуд, ки мо метавонем барои дилхоҳ фанҳои таълимӣ доираи васеи барномаҳои компютериро таҳия намуда, онҳоро ба таври амалӣ истифода намоем. Нармафзорҳои татбиқии компютерҳоро барои мақсадҳои зерин истифода мебаранд:

- ✓ ҳамчун воситаи ёрирасони таълимӣ барои омӯзиши фанҳои тадрисшаванда;
- ✓ бо мақсади ташаккул додани пояҳои фарҳанги иттилоотӣ дар байни хонандагон, рушди малакаи онҳо дар раванди корҳои амалӣ дар компютер ва барномаҳои муосири татбиқӣ;
- ✓ ташкил намудани шабакаҳои иттилоотӣ;
- ✓ худкорсозии ҳуҷҷатгузориҳо, пешбурди корҳо дар муассисаҳои таълимӣ ва системаи маориф;
- ✓ барои гузаронидани корҳои таълимӣ-илмӣ дар заминаи технологияҳои муосири компютерӣ ва воситаҳои чандрасонаӣ;
- ✓ назорати худкори фаъолиятҳои таълимӣ, ба монанди санҷишҳо, чорякиҳо, имтиҳонҳо ва ғайра [13].

Барои самаранок ва хуб ба роҳ мондани дарсҳои ТИ, ба ғайр аз таҷҳизотҳои техникии компютер дар синфхонаи компютерӣ дигар аёниятҳо ҳам бояд мавҷуд бошанд (расми 2).




**Расми 2. Аёниятҳои синфхонаи компютерӣ**

Тибқи меъёрҳои муқарраршуда, ҳангоми истифодаи синфхонаҳои компютерӣ риояи қатъии қоидаҳои санитарӣ ва гигенӣ талаб карда мешавад.

Ҳар як омӯзгор ва ё хонандае, ки дар синфхонаи компютерӣ фаъолият мекунад, бояд меъёри муайяни кор бо компютерро донад.

Тибқи баъзе баҳодиҳиҳо, фаъолияти корӣ дар синфхонаҳои компютерӣ дар як рӯз на бештар аз 4-6 соат муқаррар карда шудааст. Ғайр аз ин, барои кам намудани сарбориҳо барои солимии фаъолияткунандагон, дар давоми рӯзи корӣ танаффусҳои танзимшаванда ҷорӣ карда мешаванд [4].

Дар китоби "Методикаи таълими информатика" Кужелева Г.А. вақти муқарраршударо ҳангоми кор дар синфхонаи компютерӣ ба синну сол чунин вобаста намудааст:

- ✓ барои хонандагони синфиҳои ибтидоӣ 10-15 дақиқа;
- ✓ барои хонандагони синфҳои 6 – 9, 20-25 дақиқа;
- ✓ барои хонандагони синфҳои болоӣ, яъне 10-11 дар соати аввали дарсҳо 30 дақиқа, дар соатҳои дуюм 20 дақиқа [4].

Бояд қайд намуд, ки баъд аз машғулиятҳои дарсӣ дар синфхонаҳои компютерӣ, машқҳои ҷисмонӣ гузаронида мешавад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки раванди дарси технологияи иттилоотиро бе истифода аз компютер тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Тадқиқотҳои олимона соҳа нишон медиҳанд, ки дар синфҳои ибтидоӣ тавассути тасвирҳои иттилоотӣ ва рӯнамоҳо фаҳмиши кӯдаконро нисбати дастгоҳи компютерӣ зиёд кардан имконпазир аст.

Барои хонандагони синфҳои 5-8 бошад, мо метавонем лоиҳаҳои хурди эҷодиро оиди мавзӯъҳои мушаххас пешниҳод намоем. Масалан, ба расмиятдарории китобҳо, таҳияи муқоваи рефератҳо ва ғайра дар муҳаррири матнии MS Word [3, с.6].

Ба хонандагони синфҳои болоӣ, яъне 9-11 лоиҳаҳои ҷиддитарро пешниҳод намудан мумкин аст. Чунки онҳо аллакай қобилияти кор бо лоиҳаҳоро доранд. Масалан, кор бо лоиҳаҳои видеоӣ, графикӣ, матнӣ ва ғайра. Филмҳое, ки хонандагон бо онҳо кор мекунанд: аниматсионӣ, мустанад, таълимӣ ва ё бадеӣ бошанд [4, с.5].

Дар раванди дарсҳои ТИ ғайр аз усулҳои анъанавӣ боз аз якчанд усулҳои дигарро ҳам истифода намудан мумкин аст, масалан, усули ғайрифаъол. Ин усул як шакли ҳамкории хонанда бо омӯзгор буда, дар он омӯзгор ба хонандагон пурсишҳо, корҳои мустақилонаи назоратӣ, тестҳо ва ғайра гузаронида, аз нуқтаи назари технологияҳои муосири педагогӣ ба самаранокии кори хонанда баҳо медиҳад. Аз ин лиҳоз, дар баъзе ҳолатҳо усули ғайрифаъол имкон медиҳад хонанда ба ҳадафҳои дар наздаш гузоштаашуда расад, масъалаҳоро мустақилона ҳал намуда, лоиҳаҳои навро худаш эҷод намояд. Усули ғайрифаъол дар мактаби миёна ба усулҳое шабоҳат дорад, ки дар донишкада ва донишгоҳҳо устодон истифода мебаранд.

Ҳангоми роҳандозии усули ғайрифаъол яке аз ҳадафҳои асосӣ дар ҷараёни таълим ҳавасманд гардонидани хонандагон буда, онҳоро водор месозад, то дар ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли лоиҳаҳои нав фаъолона баҳодиҳӣ намоянд. Барои ин, ҷиҳати ҳалли қазияи масъалаҳои додашуда хонандагон, бояд ҳамаҷониба омода бошад.

Аз таҳлилҳо ва гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки дар айни замон, омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ бояд доимо дар ҷустуҷӯйи метод ва усулҳои навтарини таълимӣ бошад, чунки технологияи иттилоотӣ рӯз аз рӯз бо суръати кайҳонӣ рушд

мекунад ва ин моро водор месозад, то аз навовариҳои он доимо бохабар шуда, ба хонандагон иттилооти наватаринро пешниҳод намоем.Дар раванди дарсҳои ТИ новобаста аз оне, ки омӯзгор кадом усулро истифода мебарад, ӯ вазифадор аст методи мувофиқро интихоб намояд, то хонандагон маводи дарсиро дуруст омӯзанд.Дар таълими дарсҳои технологияи иттилоотӣ аз усулҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Ин усулҳо барои ҳар як синну сол мувофиқ гардонида шудаанд ва мо метавонем усули заруриро интихоб намоем.

Агар устод дар раванди дарсҳо технологияҳои компютериро самаранок истифода намояд, ин ба салоҳиятнокии дониши хонандагон таъсири мусбат расонида, савияи дониши онҳоро баланд мебардорад.

**Муқарриз: *Мирзоев Азиз* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бочкин А.И. Методика преподавания информатики. Учеб. пособие / А.И. Бочкин– Минск: Вышэйш. Шк., 1998.
2. Ершов А.П.Школьная информатика (концепции, состояние, перспективы) /Ершов А.П., Звенигородский Г.А. – Новосибирск, 1999.
3. Заварыкин В.М. Методика преподавания информатики и вычислительной техники /Заварыкин В.М., В.Г. Житомирский, М.П. Лапчик. -М.: Минпрос, 1999.
4. Кужелева Г.А. Методика преподавания информатики. Учеб. пособие / Г.А. Кужелева. –Илекс, 2013. -С.30.
5. Кузнецов А.А. Основные направления совершенствования методической подготовки учителей информатики в педвузах / А.А. Кузнецов // ИНФО. – 1997. -№6.
6. Қосимов И.Л. Сифати таълим ва вобастагии он ба ҷадвали дарсӣ, амсилаи математикии раванди занги дарсҳо / Қосимов И.Л // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. -Душанбе, 2017. -№1/1. -С. 71-78.
7. Лапчик М.П. Методика преподавания информатики. Учеб. пособие / Лапчик М.П. Академия. -2003 .
8. Лихачев Б.Т. Педагогика (Курс лекций)/ Б.Т. Лихачев // Учеб. пособие для ст. пед. учеб. заведений. – М.: Просвещение,1992.
9. Переверзев Л.Б. Полюбить машины, помогающие учиться: Образовательная философия Сеймура Пейперта/ Л.Б.Переверзев // Информатика и образование. -1995. -№ 5, 6.
10. Полат Е.С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования / Е.С. Полат, М.Ю. Бухаркина, М.В. Моисеева, А.Е. Петров //Учеб. пособие для студентов пед. вузов и системы повышен. квалифицир. пед. кадров, - М.: Академия, 2000.
11. Пронина С.Е. ЛОГО в школьном курсе информатики/ С.Е Пронина // Информатика и образование. - 1995. -№ 5.
12. Саидов И.М. Методикаи омӯзиши компютерии бемории сил дар навъи занҷири Марков / Саидов И.М. Ҷалилов Х.М., Каримов У.// Пайёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши технологияи таълим. №4(33)., ISSN 2222-9809., - Душанбе, 2019. -С. 93-100.
13. Саидов И.М. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ / И.М. Саидов // Паёми пажуишгоҳи рушди маориф. -Душанбе, 2020. -№1,(29). -С. 161-166.
14. Саидов И.М. Таҳияи амсилаи компютерӣ барои ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ бо усулҳои ададӣ ва муқоисаи байни ин методҳо/ И.М. Саидов, Н.М.Наимов // Паёми пажуишгоҳи рушди маориф. -2020. -№3,(31). -С. 212-218.
15. Семакин И.Г. Информатика. Базовый курс. 7-9 классы / И.Г.Семакин и др.- 2-е изд., испр. и доп. -М.: БИНОМ. Лаборатория знаний, 2004.
16. Скаткина М.Н. Дидактика средней школы // Некоторые проблемы современной дидактики / М.Н. . - М.: Просвещение, 1977.
17. Угринович Н.Д. Информатика. Базовый курс: Учебник для 8 класса / Н.Д. Угринович. -М.: БИНОМ. Лаборатория знаний, 2004. - 205 с.


## МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР МАКТАБҲОИ МИЁНА

Дар мақолаи мазкур усулҳо ва методикаи ташкил намудани дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои миёна мавриди тадқиқ ва омӯзиш қарор гирифтаанд. Ташкилнамоии раванди дарсҳо дар мактаб яке аз масъалаҳои муҳим ва аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки шаклҳои асоситарини ташкил намудани корҳои таълимӣ-тарбиявӣ бо хонандагон дарс мебошад. Аз таҳлилҳо

бармеояд, ки дар айни замон, омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ, бояд доимо дар ҷустуҷӯйи усулҳои навтарини таълимӣ бошад. Чунки технологияҳои иттилоотӣ рӯз аз рӯз бо суръати кайҳонӣ рушд мекунанд ва ин моро водор месозад, то аз навовариҳои он доимо бохабар шуда, ба хонандагон иттилооти навтаринро пешниҳод намоем. Дар раванди дарсҳои технологияҳои иттилоотӣ омӯзгор вазифадор аст, ки усули мувофиқро интихоб намояд. Дар мақола методикаи ташкил намудани дарсҳои амалию лабораторӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва вазифаи омӯзгор дар раванди дарсҳои технологияи иттилоотӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамин тариқ, дар таълими дарсҳои технологияи иттилоотӣ аз усулҳои гуногуни зиёде истифода бурдан мумкин аст. Ин усулҳо барои синну соли хонандагон мувофиқ гардонида шудаанд ва мо метавонем методи беҳтаринро ҳангоми тадрис интихоб намоем, ки ин ба салоҳиятнокии хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

**Калидвожаҳо**: дарс, салоҳиятнокӣ, омӯзгор, хонанда, усул, компютер, технология, методика, нармафзор, иттилоот.

## МЕТОДИКА ОРГАНИЗАЦИИ УРОКОВ ПО ИНФОРМАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛАХ

В данной статье изучаются методы и приемы построения занятий по информационным технологиям в общеобразовательных школах. Организация школьного процесса - один из важнейших и приоритетных вопросов. Следует отметить, что основной формой организация воспитательной работы с обучаюшимися по всем дисциплинам является занятие. Анализ показывает, что в настоящее время преподавание предмета информационных технологий должно находиться в постоянном поиске новейших методов и приемов обучения. Потому что информационные технологии развиваются с космической скоростью день ото дня, и это заставляет нас быть в курсе их инноваций и предоставлять читателям самую свежую информацию. В процессе преподавания уроков по информационным технологиям, независимо от метода, используемого учителем, он обязан выбрать подходящий способ, чтобы учащиеся правильно усвоили материал. В разработанной статье исследуются методы организоации практических и лабораторных занятий, разработки проектов и роль учителя в процессе занятий по информационным технологиям. Таким образом, из вышеизложенного видно, что для преподавания уроков по информационным технологиям можно использовать множество различных методов. Эти методы адаптированы к возрасту учеников, и мы можем выбрать лучший способ при проведении уроков, что положительно повлияет на компетентность знаний учеников.

**Ключевые слова:** урок, компетентность, учитель, ученик, метод, компьютер, технология, методика, программное обеспечение, информация.

## METHODOLOGY FOR ORGANIZING INFORMATION TECHNOLOGY LESSONS IN SECONDARY SCHOOLS

This article examines the methods and techniques of organizing information technology classes in secondary schools.The organization of the school process is one of the most important and priority issues. It should be noted that the main form of organizing educational work with students in all disciplines is occupation.The analysis shows that at present the teaching of the subject of information technology should be in a constant search for the latest teaching methods and techniques. Because information technology is developing at a cosmic speed day by day, and this makes us keep abreast of their innovations and provide readers with the latest information.In the process of teaching information technology lessons, regardless of the method used by the teacher, he must choose the appropriate way so that the students learn the material correctly.The developed article examines the methods of organizing practical and laboratory classes, developing projects and the role of the teacher in the process of training in information technology.Thus, it can be seen from the above that many different methods can be used to teach information technology lessons. These methods are adapted to the age of the students, and we can choose the best way when teaching the lessons, which will positively affect the competence of the students' knowledge.

**Key words:** lesson, competence, teacher, student, method, computer, technology, methodology, software, information.

**Маълумот оид ба муаллифон:** ***Саидзода Исроил Маҳмад(Саидов Исроил Маҳмадович)*** – н.и.-т., дотсенти кафедраи информатика. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904485555**, E-mail: **isroil-84@list.ru.**

***Ҳайётов Қурбоналӣ Эмомуддинович*** – Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, омӯзгори калони кафедраи информатика. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,ноҳияи Рашт,кӯчаи Э.Муҳиддинов, 63. Телефон: **(+992) 988983394**, E-mail: **rasht_94-94@mail.ru**.

**Сведения об авторах:** ***Саидзода Исроил Махмад (Саидов Исроил Махмадович)*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат технических наук, доцент кафедры информатики. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон:**904485555**, E-mail: **isroil-84@list.ru.**
***Хайётов Курбонали Эмомудинович***- Таджикский педагогический институт в Раштском районе, старший

преподаватель кафедры информатики. **Адрес:** Республика Таджикистан, Раштский район, улица Э.Мухиддинова, 63. Телефон**: (+992) 988983394**, E-mail: **rasht_94-94@mail.ru**.

**Information about authors:** ***Saidzoda Isroil Mahmad (Saidov Isroil Mahmadovich*)** - Tajik National University, Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Informatics. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **904485555**, E-mail: **isroil-84@list.ru.**
***Hayotov Kurbonali Emomudinovich*** - Tajik Pedagogical Institute in Rasht region, senior lecturer at the Department of Informatics. **Address:** Republic of Tajikistan, Rasht district, E. Mukhiddinov street, 63. Phone: **(+992) 988983394**, E-mail: **rasht_94-94@mail.ru.**

**УДК:377.44**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ КОМПЮТЕРӢ

***Гулов Д.Б., Ҳофизов А.М., Маҷидов Ҳомид***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои истеҳсолот, хизматрасонӣ, фарҳанг ва навсозии таъминоти техникии онҳо ташаккули дониш, малака ва малакаҳои мувофиқи касбиро тақозо мекунад. Технологияҳои нави иттилоотӣ дар робита бо таҳсилот як ташкилоти нави таълим бо истифодаи воситаҳои муосири технологӣ мебошад, пеш аз ҳама, ин технологияҳои компютерӣ мебошанд. Технологияҳои компютерӣ ба мундариҷа ва усулҳои таълим таъсири назаррас мерасонанд, иштирокчиёни раванди таълимро бо васоили нави техникии таълим таъмин менамоянд. Азхудкунии дониши зарурӣ дар муҳлати муқарраршудаи таълим, ташаккули қобилияти мустақилона аз худ намудани дастовардҳои нави илм ва техника бидуни такмил додани усулҳо ва воситаҳои мавҷудаи таълим барои самаранокии меҳнати омӯзгорон ва донишҷӯён ғайриимкон аст.

Такмили усулҳо ва воситаҳои таълим дар асоси дастовардҳои технологияҳои нави иттилоотӣ имконпазир мегардад.

***<u>Маълумотдиҳии таҳсилот</u>*** - раванди таъмин намудани соҳаи маориф бо назария ва амалияи таҳия ва истифодаи технологияҳои муосири нави иттилоотӣ (ТНИ), ки ба татбиқи ҳадафҳои психологӣ ва педагогии таълим ва тарбия нигаронида шудаанд, яке аз самтҳои муҳимми раванди иттилооткунонии ҷомеаи муосир мебошад.

Имкониятҳои технологияҳои муосири нави иттилоотӣ дар соҳаи маориф аз бисёр ҷиҳатҳо зоҳир шуда, имкониятҳои асосии зеринро фароҳам меоранд:

- такмил додани методология ва стратегияи аз нав дида баромадани мундариҷаи таълим, тағйирот дар таълими фанҳои анъанавӣ;
- баланд бардоштани самаранокии таълими инфиродӣ ва фарқкунии он, ташкили шаклҳои нави ҳамкорӣ дар раванди таълим ва тағйирёбии мундариҷа ва хусусияти фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯ;
- мукаммалкунии раванди таълим, банақшагирии он, ташкил, назорат ва навсозии механизмҳои идоракунӣ дар системаи маориф.

Раванди таълим он чизеро пешниҳод менамояд, ки бояд донишҷӯ онро омӯзад ва он ба ташаккули дониш, малака ва маҳорати наве, ки онро маҳдуд менамояд, равона карда мешавад. Таълим нисбат ба омӯзиш аз он фарқ мекунад, ки он дар натиҷаи азхудкунии донишҳо, маҳсул ва тафаккури эҷодии донишҷӯ нисбат ба омӯзиши он инкишоф меёбад. Дар асоси ин донишҳо, дарки ҳамаҷонибаи ҷаҳони муосир ва арзишҳои бисёрҷанбаи тафаккури донишҷӯ ба даст меояд. Ҳангоми гузариш ба рушди қобилияти инсон дар асоси истифодаи технологияҳои нави муосир ва неруи бартаридоштаи фарҳанги зеҳнии шахс, дар он нақши таълим мунтазам меафзояд. Маориф метавонад захираҳои азимро барои рушду такомули шахс ва инчунин барои пешрафти илм боз кунад [2, с. 2-8].

Дастовардҳои нав дар соҳаи технология ва илми педагогика заминаи рушди технологияҳои муосири таълимро фароҳам меоранд ва дар навбати худ донишҳои

назариявӣ ва амалиро дар бар мегиранд, ки он ба қобилияти ҳаракат дар фазои иттилоотӣ, истифодаи имкониятҳои технологияҳои нави иттилоотӣ нигаронида шудаанд. Бо мафҳуми технологияи омӯзишӣ маънои татбиқи мундариҷаи барномаҳои таълимии пешбинишуда маънои шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои таълим мебошад, ки ноил шудан ба ҳадафҳои таълимро таъмин мекунад [3, с. 156].

Технологияи муосири таълим мунтазам тарҳрезӣ, татбиқ, баҳодиҳӣ, амалисозӣ ва арзёбии минбаъдаи раванди таълим мебошад. Таълими муосир мафҳуми «технологияи таълим»-ро чунин шарҳ медиҳад: «усули мунтазам банақшагирӣ, татбиқ, баҳодиҳии тамоми раванди таълим ва азхудкунии дониш бо роҳи ба назар гирифтани захираҳои инсонӣ ва техникӣ ва ҳамкории байни онҳо барои ноил шудан ба шакли самарабахши таълим» [4, с.85-86]. Технологияи таълим категорияи системавӣ мебошад ва аз сохтори зерин иборат аст:- ҳадафҳои таълим ва натиҷаҳои ташхиси муайяншаванда; - мундариҷаи таълим; - воситаҳои ташхис ва мониторинги вазъи натиҷаҳои таълим; - усулҳои таълим; - ташкили раванди таълим; - воситаҳои таълимӣ; - таълимгирандагон; - муаллим; - натиҷаи фаъолият (аз ҷумла сатҳи бадастомадаи маълумоти умумӣ ва тайёрии касбӣ) [6, с.35].

Зери мафҳуми технологияҳои иттилоотии таълим ҳамчун мафҳуми илмӣ, сохтор, фаъолият ва идоракунии системаи маориф, усулҳо ва воситаҳои иттилоотикунонӣ, ки бо муайян кардани шаклҳо ва воситаҳои нави ҳадаф гузоштан, муаррифии дониш ва малакаҳо дар мундариҷаи курсҳои омӯзишӣ, такмили усулҳо ва ташкили таълим асос ёфтааст, инчунин истифодаи воситаҳои нави таълим дар асоси технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ фаҳмида мешавад [7].

Шарҳи васеътари ин истилоҳро М.И.Жалдак чунин додааст: "Технологияи иттилоотӣ ҳамчун маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои техникии ҷамъоварӣ, ташкил, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ва пешниҳоди иттилоот фаҳмида мешавад, ки дониши одамонро васеъ ва қобилияти онҳоро барои идоракунии равандҳои техникӣ ва иҷтимоӣ инкишоф медиҳад" [8].

Тибқи гуфтаи В.А.Извозчиков, Технологияҳои нави иттилоотӣ дар таълим (ТНИТ) методология ва технологияи раванди таълим бо истифода аз навтарин воситаҳои таълимии электронӣ ва пеш аз ҳама, компютерҳо мебошанд. Моҳияти татбиқи аслии ТНИТ технологияҳои таълими компютерӣ мебошад [9, с.33-34].

Э.Н.Машбитс бошад технологияҳои таълими компютериро ҳамчун маҷмӯи муайяни барномаҳои таълимӣ ва намудҳои гуногуни он муайян мекунад: аз содатарин барномаҳои таъминкунандаи назорати дониш то системаҳои таълим дар асоси зеҳни сунъӣ. Технологияҳои таълими компютерӣ аз системаи таълим ва истифодаи нармафзор (барнома-программа)-и компютерӣ барои мақсадҳои таълимӣ иборатанд. Системаи таълим (**Instruction System**), системаи интеллектуалие мебошад, ки вазифаи идоракунии таълимро амалӣ мекунад ва дар баъзе соҳаҳои фаннӣ бо истифода аз барномаи таълимӣ ва эҳтимолан барномаҳои ёрирасон дастгирӣ менамояд.

Таъминоти барномавӣ (ТБ) барои мақсадҳои таълимӣ воситаест, ки соҳаи муайяни предметиро инъикос мекунад, то андозае технологияи омӯзиши онро татбиқ мекунад, шароити татбиқи намудҳои гуногуни фаъолияти таълимиро фароҳам меорад. Таъминоти барномавӣ ТБ барои мақсадҳои таълимӣ барои истифода дар раванди таълим, дар омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи маориф, бо мақсади ташаккул додани шахсияти донишҷӯ, пурзӯр намудани раванди таълим пешбинӣ шудааст. Истифодаи ТБ барои мақсадҳои таълимӣ ба он равона карда шудааст:

- ҳалли масъалаҳои муайяни таълимӣ, ки омӯзиш ва ё ҳалли мушкилоти таълим ба воситаи ТБ талаб карда мешавад;
- баъзе фаъолиятҳои таълимӣ, ки ба воситаи объектҳои системаи нармафзори объектнигаронидашудаи ТБ иҷро карда мешаванд;
- дар баъзе мавзӯъҳо аз унсурҳои технологияи таълим истифода намуда, барои омӯзиш аз таъминоти барномавии соҳавӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Дар раванди омӯзиш нармафзорҳои таълимӣ чунин истифода мешаванд:

- o ҳамчун барномаҳои алоҳида, як қисми дарс ё тамоми дарсро ва ё якчанд дарсро таъмин менамоянд;
- o ҳамчун бастаи барномаҳо мавзӯъ, фасл ё курси омӯзиширо бо ёрии компютер таъмин мекунанд;
- o барномаҳои курси амалиро таъмин мекунанд;
- o ҳамчун компоненти ҷузъи «курси компютерӣ» шарҳ дода мешаванд [10].

Технологияи таълими компютерӣ **(computerized teaching technology)**, ки ҳамчун мафҳуми маҷмӯи воситаҳои донишҳои компютерӣ ва усулҳои ба танзим даровардани истифодаи онҳо дар таълим муайян карда шудааст, хусусиятҳои зеринро дар бар мегирад***:***

- o истифодаи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим;
- o фарогирии ҳамаҷонибаи раванди таълим;
- o мавҷудияти таъминоти техникӣ, барномавӣ, ташкилӣ, таълимӣ ва методӣ;
- o такрори унсурҳои технология бо мақсади тақсим ва истифодаи оммавӣ;
- o мутобиқшавӣ ба шароитҳои гуногун;
- o самаранокии баланди дидактикӣ ва иқтисодӣ;
- o ҳамгироии таълим бо истеҳсолот амалия ва илм дар асоси принсипҳои нави ҳамкории онҳо ва таъмини такмили ихтисоси мутахассисон.

***Ҷорӣ намудани технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим имкон медиҳад:***

- o қисман гузаронидани раванди таълим ҳангоми тадриси як фанни муайян, ба компютер (маводи лексионӣ, машқҳои амалӣ, назорати азхудкунии мавод);
- o донишҷӯёнро аз раванди ҷустуҷӯи маводҳо ва хариди китобҳо озод кардан;
- o бо дарназардошти навгониҳо дар мавзӯи мушаххас, аз ҷумла тавассути Интернет, сари вақт маводҳои назариявиро таҳрир кардан;
- o такмил додани методикаи пешниҳоди мавод дар асоси таҳлили натиҷаҳои санҷиши тестии донишҷӯён аз рӯйи ҳар як мавзӯъ;
- o бигузор донишҷӯён маводи дарси назариявиро дар хона омӯзанд.

*Истифодаи технологияҳои компютериро бо се роҳи зерин амалӣ кардан мумкин аст:*

- ➢ Роҳи якум, ҳамчун технологияи "воридшаванда"- истифодаи омӯзиши компютер дар мавзӯъҳои муайян, бахшҳо ва вазифаҳои муайяни фаннӣ.
- ➢ Роҳи дувум, ҳамчун муайянкунандаи қисмати асосӣ- истифодаи технологияҳои навин ба ҳисоб меравад.
- ➢ Роҳи савум - ҳамчун монотехнология, яъне идоракунии раванди таълим, аз ҷумла ҳамаи намудҳои ташхис ва назорат ба истифодаи компютер такя мекунанд [10].

Дар заминаи технологияи таълими компютерӣ **муҳити дидактикии компютерӣ** (МДК) ташаккул меёбад, ки унсурҳои он самтҳои методологӣ-назариявӣ ва методӣ, дастгоҳӣ ва таъминоти барномавӣ мебошанд. Намунаи муҳити дидактикии компютерӣ дар нақшаи 1 нишон дода шудааст.

Дар таҳлили систематикии таълим дар муҳити дидактикии компютерӣ унсурҳои системаи таълимӣ ба ду категория тақсим карда мешаванд: субъектҳое, ки дар ҳамкории онҳо ҳадаф ба даст оварда мешавад, ки ба хотири он система вуҷуд дорад ва объектҳое, ки ҳангоми ҳамкорӣ бо онҳо субъектҳо вазифаҳои шахсиро дарк мекунанд. Субъектҳои системаи педагогӣ ҳангоми таҳсил дар МДК донишҷӯён, муаллимон, таҳиягарони нармафзори методӣ ва барномавӣ мебошанд. Объектҳо воситаҳои таълимӣ, методҳо, заминаи моддӣ ва соҳаи фарҳанг, фазои иттилоотӣ, пешрафти техникӣ, соҳаи идоракунии раванди педагогӣ мебошанд, яъне объектҳо иттилооте мебошанд, ки бо омӯзиш ва тағйирёбии шуури субъектҳо дар раванди фаъолияти таълимӣ ба хислатҳои шахсият - ҷаҳонбинӣ, системаи арзишҳо ва маъно, эътиқод, ғоя, дониш, малака табдил меёбанд. Равандҳои дидактикӣ, ҳамчун роҳҳои ҳалли масъалаҳои раванди педагогӣ, робитаҳои унсурҳои система мебошанд, ки дар муҳити дидактикии компютерӣ татбиқ карда мешаванд. Муҳити атроф ҳама чизеро дар бар мегирад, ки барои ҳамкории субъектҳои раванди таълим шароити мусоид

фароҳам меоранд: методӣ, дастгоҳӣ, таъминоти барномавии раванди таълим. Вақте ки сухан дар бораи МДК меравад, тахмин меравад, ки донишҷӯ ва муаллим ба системаҳои компютерӣ, барномаҳои компютерӣ алоқаи зич дорад. Дар МДК компютер ҳам воситаи коркарди иттилоот ва ҳам василаи иртибот ва воситаи навсозии дониш мебошад.

**Нақшаи 1. Намунаи муҳити дидактикии компютерӣ**




Ҳамзамон, ин таҷҳизот инчунин воситаи гузаронидани таҷрибаҳо, таҳрезӣ ва татбиқи худидоракунӣ мебошад. Омӯзиш дар методикаи дидактикии компютерӣ як кори мураккаби зеҳни инсон ҳам дар шакли расмӣ ва ҳам дар шакли мантиқӣ моделҳои математикӣ дар асоси сохтори мантиқӣ, моделҳо ва масъалҳои фаннӣ дар асоси дарк ва кор бо объектҳо сохта мешавад. Дар ин ҷо ба мо зарур аст, ки ба таври эмотсионалӣ дар таҳияи иттилооти нав, усулҳои нави амалишаванда, шаклҳои нави миёнаравии эҷодкоронаро татбиқ намоем.

Имрӯзҳо масъалаҳои ташаккули омодагии омӯзгор ба ташкили таълими рушд ва ташаккули малакаҳои донишҷӯён барои таҳсил дар муҳити дидактикии компютерӣ актуалӣ мебошанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки барои амалӣ намудани принсипи оптимизатсия ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ маҷмӯи таъминоти барномавӣ (асбобҳои компютерӣ) коркард шавад.

**Самаранокӣ** мафҳумест, ки муносибати байни захираҳо ва хароҷотҳои истеҳсолотро тавсиф мекунад, яъне натиҷаи истеҳсолот, тавре ки дар таҳқиқоти иқтисодӣ маъмулан қабул карда мешавад, фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, ду ҷиҳати самаранокӣ мавҷуд аст, ки аз ҷиҳати самаранокии технологӣ (техникӣ) ва иқтисодӣ ифода ёфтаанд [12, с.54].

Самаранокии иқтисодӣ ва технологӣ бо таҳқиқи роҳҳои ба натиҷа табдил додани хароҷот таҳлил карда мешавад. Ин усулҳо дар соҳаи иқтисодӣ мафҳуми функсияи истеҳсолиро, ки истеҳсоли ҳаҷми максималии маҳсулот бо истифода аз маҷмӯи муайяни захираҳоро дар назар дорад, муайян менамоянд. Аммо, функсияи истеҳсолии таълим то имрӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Ин, бешубҳа, ба мураккабии таҳлили чунин як намуди истеҳсолот, ба монанди таълим иртибот дорад, зеро натиҷаи таълим аз бисёр тағйирёбандаҳо вобаста аст, ки табиатан ба таври назаррас фарқ мекунанд. Дар байни онҳо тағйирёбандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки бо таъсири оила, муҳити иҷтимоии донишҷӯ, омилҳои рӯҳию равонӣ ва ҳавасмандии

донишҷӯён ва ғайра алоқаманданд, мавқеи муҳимро ишғол мекунанд ва таъсири ин тағйирёбандаҳо ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аксар вақт таъсири ин омилҳои марбут барои таҳсил ва хароҷоти ин муассисаҳоро кам мекунад.

Мушкилот дар таҳияи функсияи истеҳсолӣ барои таҳсилот, мушкилоти бунёдие мебошад, ки ҳангоми чен кардани натиҷаи фаъолияти таълимӣ ба миён меоянд, аз бисёр омилҳое, ки таҳлилашон душвор аст, вобастаанд. Баъзе муҳаққиқон дурустии татбиқи мафҳуми функсияи истеҳсолиро ба таълим, зери шубҳа мегузоранд.

Ҳангоми таҳлили самаранокии раванди таълим пешниҳод карда шуд, ки самаранокии беруна ва дохилии таълим, ки бо омӯзиши натиҷаи таълим дар самтҳои гуногун алоқаманданд, фарқ карда шаванд. Барои арзёбии натиҷаи таълим аз нуқтаи назари таҷассумгари ду системаи ҳадафҳо - ҳадафҳои тамоми ҷомеа, ки он тавассути маблағгузории таҳсилот ба даст меояд ва ҳадафҳои низоми таълимӣ, ки ду система мафҳуми самаранокӣ - беруна ва дохилӣ доранд, ҷорӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, арзёбии самаранокии раванди таълим танҳо дар ягон усули ченкунии самаранокии он ба талабот ҷавобгӯ буда наметавонад. Ҳар кадоме аз усулҳое, ки аз ибтидои солҳои 60 –уми асри гузашта таҳия шудаанд, илова кардани онро ҳам бо усулҳои дигари ченкунии ададии самаранокии таҳсилот ва ҳам баҳодиҳии сифатии ин самарабахширо тақозо мекунад, ки он бояд дар шароити васеи иҷтимоию сиёсии рушди маориф амалӣ карда шавад [13].

Самтҳои истифодаи технологияҳои компютериро барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим дида мебароем.

- Технологияҳои компютерӣ ҳамчун предмети омӯзиш (маҷмӯӣ бастаҳо барои таҳқиқоти илмӣ, автоматизатсияи тарроҳӣ, моделсозии математикӣ, пойгоҳи додаҳо, манбаи маълумотҳо, системаҳои экспертӣ ва коркардкунандагони матнӣ ва ғайра) ба шумор меравад.
- Технологияҳои компютерӣ ҳамчун воситаи таълим дар ҳамаи ихтисосҳо (системаҳои тақлидӣ, системаҳои ҳисоббарории таҳлилӣ, барномаҳои таълимӣ ва ғайра) истифода бурда мешаванд.
- Технологияҳои компютерӣ ҳамчун воситаи мониторинги сифати таҳсилот (пойгоҳи додаҳои модулҳои фанҳои таълимӣ бо вазифаҳои мақсадноки сифати таълим ва супоришҳои тестӣ, системаҳои автоматикунонидашудаи сифат дар асоси стандартҳои давлатӣ, системаҳои автоматикунонидашудаи сифат дар асоси стандартҳои иловагии донишгоҳ ё гурӯҳи донишгоҳҳо, системаҳои ҳисоб ва таҳлили нишондиҳандаҳои сифат, системаҳо барои ҳисоб кардани рейтинги донишҷӯён (факултетҳо, донишгоҳҳо) ва дигар системаҳо) арзёбӣ мегардад.
- Технологияҳои компютерӣ воситаи идоракунии сифати таҳсилот (таҳлилкунандагони раванди таълим, банақшагирандагони раванди таълим, пешгӯии системаҳои сифати таҳсилот, системаҳои мониторинги технологияҳои таълим, системаҳои банақшагирии сифати таҳсилот ва дигар системаҳо) ба шумор мераванд.
- Робитаҳои телекоммуникатсионии муҳити берунаро муқаррар менамоянд.

**Дастгирии фаъолияти тадқиқотҳои илмии технологияи компютерӣ:**

- ҳамкории иттилоотӣ бо муҳити берунии илмӣ;
- бастаҳои барномаҳои илмӣ;
- системаи автоматикунонии тадқиқоти илмӣ.

**Технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ ҳамчун натиҷаи технологияи компютерӣ:**

- системаи маълумотҳои тақсимшуда ва дастрасии фосилавӣ ба иттилоот;
- системаҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ;
- шабакаи компютерии байнидонишгоҳӣ;
- технологияҳои мултимедиявӣ;
- системаҳои моделсозии математикӣ;
- суперкомпютерҳо бо протсессорҳои параллелӣ;
- таълими фосилавӣ;
- системаҳои автоматикунонии таҳқиқоти илмӣ;
- системаҳои автоматикунонии тарҳрезӣ;

- маҷмӯи дастурҳои таълимию методӣ оид ба информатикаи амалӣ ҳамчун як фанни дуюми махсус.

Омиле, ба монанди гузариш ба моделҳои нави таълим низ метавонад самаранокии раванди таълимро афзоиш диҳад. Технологияҳои нави компютерӣ имкон доданд, ки дар донишгоҳҳо технологияҳо ва моделҳои гуногуни таълимӣ истифода шаванд:

- модели фанҳои таълимие, ки ҳамгироӣ кардани фанҳои мухталифро ба барномаи ягонаи таълимӣ, ҳамгироии стандартҳои давлатӣ ва талаботҳои муштариён пешбинӣ менамояд;
- модели таълими байнисоҳавӣ (проблемавӣ), ки омӯзишро дар раванди кор дар лоиҳа, корҳои илмӣ ё таҳқиқотӣ пешбинӣ мекунад;
- модели таҷрибавии омӯзиш аз рӯйи вазифаҳои иҷрошуда дар соҳаҳои технология, дар соҳаҳои фаъолиятҳои касбӣ, фаъолияти истеҳсолӣ, фаъолияти бозор, фаъолияти молиявӣ, коркарди иттилоот ва тайёркунии кадрҳо;
- модели омӯзиш;
- модели тамоюл дар бозори меҳнат [13].

**Муқарриз:** ***Мирзоев Азиз*** **– доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Матвеева М.А. Компьютерные технологии в профессиональной подготовке учащихся // Компьютерные учебные программы. -М., 2000. - С 52-61.
2. Кинелев В.Г. Контуры системы образования XXI века / В.Г. Кинелев // Информатика и образование. - 2000. -№5. - С. 2-8.
3. Второй Международный конгресс ЮНЕСКО "Образование и информатика" "Политика в области образования и НИТ". Национальный доклад РФ на II Международном конгрессе ЮНЕСКО "Образование и информатика"// Информатика и образование., -1996. -№5 - С. 156.
4. Филатов О.К. Основные направления информатизации современных технологий обучения // Информатика и образование. -1999. - №2. - С.85-86.
5. Сазонова Л.И. Компьютерная технология обучения / Л.И. Сазонова // Материалы Всероссийской научно-практической конференции. - Хабаровск, 2000. - 213с.
6. Химия: Программа и планы семинарских занятий. - Ставрополь: Изд. СГУ, 1998. - 35с.
7. Брановский Ю.С. Методическая система обучения предметам в области информатики студентов нефизико-математических специальностей в структуре многоуровневого педагогического образования: Диссертация на соискание уч. степ, доктора пед. наук: 13.00.02. - М., 1996. - 378с.
8. Жалдак М.И. Методическое изучение основ информатики и вычислительной техники в педагогическом ВУЗЕ. Учебное пособие / М.И. Жалдак. - Киев: КГПИ Межвузовское полиграфическое предприятие. -1986. -75с.
9. Извозчиков В.А. Слово об информации / В.А. Извозчиков // Наука и школа, 2000. -№1. - ст:33-34.
10. Селевко Г.К. Педагогические технологии на основе эффективности управления и организации учебного процесса (из Интернет: https://studfile.net/preview/5765122/page:19/ ).
11. Коротков А.М. Компьютерное обучение: система и среда / А.М. Коротков // Информатика и образование. -2000. -№2. - С. 156.
12. Управление современным образованием: социальные и экономические аспекты.- А.Н.Тихонов, А.Е.Абрамешин, Т.П.Воронина, А.Д.Иванников, О.П.Молчанова; под ред. А.Н.Тихонова. - М.; Вита- Пресс, 1998. - 256с.
13. http://www.informika.ru/windows/centre/ivanovo/nuzdin.html
14. Яковлева Т.А. Технология компьютерного моделирования / Т.А. Яковлева // Информатика и образование. -1997. -№ 5. - 39с.
15. Сазонова Л.И. Компьютерная технология обучения / Л.И. Сазонова // Материалы Всероссийской научно-практической конференции. - Хабаровск, 2000. - 213с.


## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ КОМПЮТЕРӢ


Дар мақола асосҳои педагогии таҳияи барномаҳои компютерӣ, тарзу роҳҳои таъминоти барномавӣ барои баланд бардоштани сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳисилотӣ олии касбӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, имкониятҳои ҷорӣ намудани технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим баҳри баланд бардоштани сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ ва методи омӯзиши дидактикии барномаҳои компютерӣ нишон дода нд Ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ба воситаи технологияи иттилоотӣ як қатор имкониятҳоро ба даст меорем. Ҳамчунин, дар мақола омадааст, ки бо татбиқи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим методи дидактикии фанҳои табиатшиносӣ баланд бардошта мешавад. Методикаи дидактикии компютерӣ асосан ба қобилияти зеҳнии донишҷӯ ва зич алоқаманд аст. Дар методикаи дидактикии компютерӣ, компютер воситаи коркарди иттилоот, василаи иртибот ва воситаи навсозии дониш мебошад. Омӯзиш дар методикаи дидактикии компютерӣ як кори мураккаби зеҳни инсон ҳам дар шакли расмӣ ва ҳам дар

шакли мантиқӣ мебошад. Моделҳои математикӣ дар асоси сохтори мантиқӣ, моделҳо ва масъалҳои фаннӣ дар асоси дарк ва кор бо объектҳо сохта мешаванд. Имрӯзҳо масъалаҳои ташаккули омодагии омӯзгор барои ташкили раванди таълим ва рушду такомули малакаҳои донишҷӯён барои таҳсил дар муҳити дидактикии компютерӣ мубрам маҳсуб меёбанд. Дар ин ҷо ба мо зарур аст, ки усулҳои нав шаклҳои нави ҳамкории эҷодкоронаро татбиқ намоем.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, компютер, иттилоот, таъминоти барномавӣ, барнома, барноманависӣ, дидактикаи компютерӣ, объект, технологияи иттилоотӣ, табиатшиносӣ, омӯзиш.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗРАБОТКИ КОМПЬЮТЕРНЫХ ПРОГРАММ

В статье представлены педагогические основы разработки компьютерных программ и пути повышения качества преподавания науки в высшей школе. Также есть возможности для внедрения компьютерных технологий в учебный процесс для повышения качества преподавания науки и методики дидактического изучения компьютерных программ. Есть ряд возможностей в изучении естественных наук с помощью информационных технологий. В статье также говорится, что внедрение информационных технологий в учебный процесс повысит дидактический метод науки. Компьютерные дидактические методы в основном связаны с интеллектуальными способностями ученика и учителя с компьютерными системами, компьютерными программами. В компьютерных дидактических методах компьютер является средством обработки информации, средством коммуникации и средством обновления знаний. Обучение компьютерным дидактическим методам - сложная работа человеческого разума, как в формальной, так и в логической форме, математические модели строятся на основе структуры логики, моделей и предметных задач на основе восприятия и работы с объектами. Сегодня актуальны вопросы формирования педагогической подготовки для организации развивающего обучения и формирования у студентов умений и навыков для обучения в компьютерной дидактической среде. Здесь нам необходимо эмоционально применить в разработке новую информацию, новые методы реализации, новые формы творческого посредничества.

**Ключевые слова:** информационно-коммуникационные технологии, компьютер, информация, программное обеспечение, программное обеспечение, программирование, компьютерная дидактика, объект информационных технологий, естественные науки, обучение.

## PEDAGOGICAL BASIS FOR DEVELOPING COMPUTER PROGRAMS

The article presents the pedagogical foundations of the development of computer programs and ways to improve the quality of teaching science in higher education. There are also opportunities for introducing computer technologies into the educational process to improve the quality of teaching science and methods of didactic study of computer programs. There are a number of opportunities to study natural sciences using information technology. The article also states that the introduction of information technology into the educational process will enhance the didactic method of science. Computer didactic methods are mainly related to the intellectual abilities of the student and teacher with computer systems, computer programs. In computer didactic methods, the computer is a means of information processing, a means of communication and a means of updating knowledge. Teaching computer didactic methods is a complex work of the human mind, both in formal and logical form, mathematical models are built on the basis of the structure of logic, models and subject tasks based on perception and work with objects. Today, the issues of the formation of pedagogical training for the organization of developmental education and the formation of students' abilities and skills for teaching in a computer didactic environment are relevant. Here we need to emotionally apply in the development of new information, new methods of implementation, new forms of creative mediation.

**Keywords:** information and communication technologies, computer, information, software, software, programming, computer didactics, information technology object, natural sciences, teaching.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Гулов Далер Ботурхонович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯйи кафедраи илмҳои компютерӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 988.27.27.26.** E-mail: **gulov-1988@bk.ru**

***Хафизов Алишер Мадазимович*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, сардори Маркази тестикунонӣ, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.

***Маҷидов Хамид*** **–** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор. **Суроға**:734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½. Телефон **(+992) 904.59.40.41.**
E-mail: **homidmajidov@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Гулов Далер Ботурхонович*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, соискатель кафедры компьютерных наук. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафаров 16. Телефон: **(+992) 988.27.27.26.** E-mail: **gulov-1988@bk.ru**

***Хофизов Алишер Мадазимович*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, начальник центра тестирования, ассистент кафедры компьютерных наук. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16.

***Маджидов Хамид*** – Таджикский государственный университет коммерции, доктор технических наук профессор. **Адрес:**734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Дехоти 1/2,
Телефон **(+992) 904.59.40.41.** E-mail: **homidmajidov@mail.ru**

**Information about the authors*: Gulov Dale Boturkhonovich*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant Department of Computer Science. **Address:** 735360, Republic of Tadzhiksitan, Kulyab, S. Safarov Street 16. Phone: **(+992) 988.27.27.26.** E-mail: **gulov-1988@bk.ru**
***Khofizov Alisher Madazimovich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, head of the testing center, assistant of the Department of Computer Science. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16.
***Majidov Khamid*** – Doctor of Technical Sciences, Professor of the Department of Higher Mathematics and Memory of Science Tajik University of Commerce. Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street Dehoti 1/2, Phone **(+992) 904.59.40.41.** E-mail: **homidmajidov@mail.ru**

**УДК: 510.6 (072)**

# АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ ШАРТИ ҲАҶМНОКӢДАР РАФТИ ҲАЛЛИ СИСТЕМАИ МУОДИЛАҲО ВА БАЪЗЕ ФОРМУЛАҲОИ АЙНИЯТАН ҲАҚ ОИД БА МАҶМӮЪҲО

***Собиров А.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Сарсухан**. Муодилаҳо, намудҳо ва ҳалли онҳо дар алгебраи мактабӣ, ҳам дар мактаби олӣ мақсад ва ҳаҷми бонуфузи таълими математикаро ташкил медиҳанд.

Дар таҳлили математикӣ бошад, ба ғайр аз муодилаҳои алгебравӣ боз назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегралӣ омӯхта мешавад ва онҳо боз ду назарияи илмии ба худ хосро дар бар гирифта, қонуниятҳои ҳалли худро доранд.

Мафҳуми муодила ва ҳалли он дар назарияи маҷмӯҳо низ ҷой дошта, дар мақолаи мазкур машғули ҳалли системаи якномаълума мешавем, ки ҳалли онҳо мувофиқи шарти ҳаҷмнокӣ оид ба маҷмӯҳо ба воситаи таҳлилҳои нозуки мантиқӣ ва тафтиши ҳал дастрас мегардад. Ҷустуҷӯи ҳал, чи дар назарияи муодилаҳо, чи дар масъалаҳои кору коргузорӣ, рӯзгор, таълим, тарбия, истеҳсолот, иқтисодиёт, савдо, сохтмон, муносибатҳои шахсӣ, тандурустӣ, сарҳад, давлатдорӣ ва идоракунии мақсаду мароми зиндагиро ташкил мекунад, ки барои амалӣ шудани таҳлили мантиқи вобастагиҳои параметрӣ, ба монанди омӯхтани передикатҳои математикию мантиқӣ зарур аст. Ғайр аз ин, дар мақолаи мазкур шашто тавтологияҳо оид ба муносибати мантиқии байни маҷмӯъҳо ба таври алгорифмӣ исбот карда шудааст. Барои ҳамин ҳам муҳокимаҳои боло барои тамоми донишҷӯён, устодон ва тадқиқотчиён кумаки илмӣ, методӣ, таълимӣ, мантиқӣ, педагогӣ, психологӣ ва амалӣ мерасонанд [1].

## Ҳалли системаи муодилаҳо оид ба маҷмӯъҳо ба воситаи шарти ҳаҷмнокӣ

**Мисоли 1, [7]**. Системаи муодилаҳо бо шарти $B \subseteq A \subseteq C$ ҳал карда шавад:

$$\begin{cases} \boldsymbol{A \cap X = B} \\ \boldsymbol{A \cup X = C}. \end{cases}$$

Ҳал. Аз муодилаи $\boldsymbol{A \cap X = B}$ мувофиқи шарти ҳаҷмнокӣ ҳосил мешавад $\boldsymbol{B \subseteq X}$ ва $\boldsymbol{A \cap X \subseteq B}$, пас аз он ба ҳарду қисми ифодаи дуюм маҷмӯи $\boldsymbol{\bar{A}}$ – ро ҳамроҳ намуда, табдил медиҳем:

$$\bar{A} \cup (A \cap X) \subseteq \bar{A} \cup B.$$
$$(\bar{A} \cup A) \cap (\bar{A} \cup X) \subseteq \bar{A} \cup B.$$
$$U \cap (\bar{A} \cup X) \subseteq \bar{A} \cup B.$$
$$\bar{A} \cup X \subseteq \bar{A} \cup B.$$

$$X \subseteq \bar{A} \cup B.$$

$B \subseteq X \subseteq \bar{A} \cup B.$ (1)

Акнун аз муодилаи $\boldsymbol{A \cup X = C}$, ҳосил мешавад $\boldsymbol{X \subseteq C}$ ва $\boldsymbol{C \subseteq A \cup X}$.

Ҳарду тарафи ифодаи дуюмро бо $\boldsymbol{\bar{A}}$ бурида дода, табдил медиҳем:

$$\boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C} \subseteq \boldsymbol{\bar{A}} \cap (\boldsymbol{A} \cup \boldsymbol{X})$$
$$\boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C} \subseteq \emptyset \cup (\boldsymbol{\bar{A}} \cap \boldsymbol{X})$$
$$\boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C} \subseteq \boldsymbol{\bar{A}} \cap \boldsymbol{X}$$
$$\boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C} \subseteq \boldsymbol{X}$$

$\boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C} \subseteq \boldsymbol{X} \subseteq \mathrm{C}.$ (2)

Аз формулаҳои (1) ва (2) барои маҷмӯи номаълуми $\boldsymbol{X}$ ҳосил мешавад: $\boldsymbol{B} \cup (\boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C}) \subseteq \boldsymbol{X} \subseteq (\boldsymbol{\bar{A}} \cup \boldsymbol{B}) \cap \boldsymbol{C}$,

ки $(\boldsymbol{\bar{A}} \cup \boldsymbol{B}) \cap \boldsymbol{C} = (\boldsymbol{\bar{A}} \cap \boldsymbol{C}) \cup (\boldsymbol{B} \cap \mathrm{C}) = (\boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C}) \cup \boldsymbol{B}$ аст ва мувофиқи шарти масъала баробарии $\boldsymbol{B} \cap \mathrm{C} = \boldsymbol{B}$ ва пас аз он ифодаи

$B \cup (\bar{A} \cap C) \subseteq X \subseteq (\bar{A} \cap C) \cup B$ ҳосил мешавад.

Аз ин ҷо мувофиқи шарти ҳаҷмнокӣ ҳалли системаи додашуда ба намуди:

$\boldsymbol{X} = \boldsymbol{B} \cup (\boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C})$ ё $\boldsymbol{X} = \boldsymbol{B} \cup (\mathrm{C} \backslash \boldsymbol{A})$ ҳосил мешавад.

Санҷиш: 1.

$$\boldsymbol{A \cap X = A \cap \left(B \cup (\bar{A} \cap C)\right) = AB \cup A(\bar{A} \cap C) = AB \cup \emptyset = AB = B},$$

ки аз шарти масъала $\boldsymbol{B \subseteq A}$ ба ҳисоб гирифта, муносибати

$\boldsymbol{A \cap B = B}$ ҳосил шудааст.

2. $\boldsymbol{A \cup X = A \cup [B \cup (\bar{A} \cap C)] = (A \cup B \cup \bar{A}) \cap (A \cup B \cup C)} =$

$\boldsymbol{U} \cap (\boldsymbol{A} \cup \boldsymbol{B} \cup \mathrm{C}) = \boldsymbol{A \cup B \cup C = C}$, ки дар ин ҷо шарти система

$\boldsymbol{B \subseteq A \subseteq C}$ ба ҳисоб гирифта шудааст.

**Мисоли 2, [7]**. Системаи муодилаҳоро бо шарти $B \subseteq A \subseteq C$ ҳал кунед:

$$\begin{cases} A \backslash \boldsymbol{X} = \boldsymbol{B} \\ \boldsymbol{A \cup X = C}. \end{cases}$$

Ҳал. Аз муодилаи дуюм ҳосил мекунем: $\boldsymbol{X} \subseteq \mathrm{C}$ ва $\mathrm{C} \subseteq \boldsymbol{A \cup X}$.

Акнун ҳарду тарафи қисми дуюмро бо $\boldsymbol{\bar{A}}$ бурида дода, табдил медиҳем:

$$\boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C} \subseteq \boldsymbol{\bar{A}} \cap (\boldsymbol{A \cup X}),$$

$\boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C} \subseteq \emptyset \cup (\boldsymbol{\bar{A} \cap X}), \boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C} \subseteq \boldsymbol{\bar{A} \cap X}, \boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C} \subseteq \boldsymbol{X}, \boldsymbol{\bar{A}} \cap \mathrm{C} \subseteq \boldsymbol{X} \subseteq \mathrm{C}.$ **(3)**

Акнун аз муодилаи якум, $\boldsymbol{A \backslash X = B}$, мувофиқи таърифи фарқи маҷмӯъҳо баробарии $\boldsymbol{A \cap \bar{X} = B}$ ҳосил намуда, пуркунандаи онро тартиб медиҳем: $\overline{\boldsymbol{A \cap \bar{X}}} = \boldsymbol{\bar{B}}$, ки мувофиқи формулаи де Морган, баробарии $\boldsymbol{\bar{A} \cup X = \bar{B}}$ ҳосил мешавад. Аз ин ҷо мувофиқи шарти ҳаҷмнокии маҷмӯъҳо ҳосил мекунем $\boldsymbol{X \subseteq \bar{B}}$ ва $\boldsymbol{\bar{B} \subseteq \bar{A} \cup X}$. Ҳарду тарафи қисми дуюмро бо $\boldsymbol{A}$ бурида медиҳем: $\boldsymbol{A \cap \bar{B} \subseteq A \cap (\bar{A} \cup X)}$.

$\boldsymbol{A \cap \bar{B}} \subseteq \emptyset \cup (\boldsymbol{A \cap X}), \boldsymbol{A \cap \bar{B} \subseteq X}, \boldsymbol{A \cap \bar{B} \subseteq X \subseteq \bar{B}}.$ (4)

Аз формулаҳои (3) ва (4), ҳосил мекунем: $(\boldsymbol{\bar{A} \cap C}) \cup (\boldsymbol{A \cap \bar{B}}) \subseteq \boldsymbol{X} \subseteq \boldsymbol{C \cap \bar{B}}$.

$\boldsymbol{U \cap (\bar{A} \cup \bar{B}) \cap (C \cup A) \cap (C \cup \bar{B}) \subseteq X \subseteq C \cap \bar{B}}.$ (5)

Дар формулаи (5) муносибати $\boldsymbol{A \cup \bar{A} = U}$ – маҷмӯи универсалӣ ба ҳисоб гирифта шудааст.

Аз шарти система $\boldsymbol{B \subseteq A} \subseteq \mathrm{C}$, муносибатҳои $\boldsymbol{\bar{B} \supseteq \bar{A} \supseteq \bar{C}}$ ва пас аз он

баробариҳои $\left.\begin{matrix} \boldsymbol{\bar{A} \cup \bar{B} = \bar{B}} \\ \boldsymbol{C \cup A = C} \end{matrix}\right\}$ (6)

ҳосил мешавад.

Баробариҳои (6) ва шартҳои $\boldsymbol{B \subseteq A} \subseteq \mathrm{C}$ – ро дар формулаи (5) ба ҳисоб гирифта, барои $\boldsymbol{X}$ ҳосил мекунем: $\boldsymbol{\bar{B} \cap C \cap (C \cup \bar{B}) \subseteq X \subseteq C \cap \bar{B}}$.

$\boldsymbol{(\bar{B} \cap C \cap C) \cup (\bar{B} \cap C \cap \bar{B}) \subseteq X \subseteq C\bar{B}, \bar{B}C \subseteq X \subseteq C\bar{B}, X = \bar{B}C}.$

Аз ин ҷо ҷавоб $\boldsymbol{X} = \overline{\boldsymbol{B}} \cap \boldsymbol{C}$ мешавад.

Санҷиш: а). $\boldsymbol{A} \cup \overline{\boldsymbol{B}}\boldsymbol{C} = \boldsymbol{C}, (\boldsymbol{A} \cup \overline{\boldsymbol{B}})(\boldsymbol{A} \cup \boldsymbol{C}) = \boldsymbol{C}, (\boldsymbol{A} \cup \overline{\boldsymbol{B}})\boldsymbol{C} = \boldsymbol{C}$, он гоҳ $\boldsymbol{A} \cup \overline{\boldsymbol{B}} = \boldsymbol{U}, \boldsymbol{U} = \boldsymbol{A} \cup \overline{\boldsymbol{A}} \subseteq \boldsymbol{A} \cup \overline{\boldsymbol{B}} = \boldsymbol{U}, \boldsymbol{U} \subseteq \boldsymbol{A} \cup \overline{\boldsymbol{B}} = \boldsymbol{U}$**,** барои ҳамин ҳам $\boldsymbol{C} = \boldsymbol{C}$ мешавад.

б). Муодилаи $\boldsymbol{A}\backslash\boldsymbol{X} = \boldsymbol{B}$ – ро ба намуди $\boldsymbol{A} \cap \overline{\boldsymbol{X}} = \boldsymbol{B}$ навишта, қимати

$\boldsymbol{X} -$ ро мегузорем $\boldsymbol{A} \cap (\overline{\overline{\boldsymbol{B}} \cap \boldsymbol{C}}) = \boldsymbol{B}$ ,

$\mathbf{A} \cap (\mathbf{B} \cup \bar{\mathbf{C}}) = \mathbf{B}, (\mathbf{A} \cap \mathbf{B}) \cup (\mathbf{A} \cap \bar{\mathbf{C}}) = \mathbf{B}$ ва мувофиқи шарти

$\boldsymbol{B} \subseteq \boldsymbol{A} \subseteq \boldsymbol{C}, \boldsymbol{A} \cap \boldsymbol{B} = \boldsymbol{B}$ мешавад. Инро ба ҳисоб гирифта, $\boldsymbol{B} \cup (\boldsymbol{A} \cap \overline{\boldsymbol{C}}) = \boldsymbol{B}$ ҳосил мешавад, ки дар ин ҷо $\boldsymbol{A} \cap \overline{\boldsymbol{C}} = \{\forall \boldsymbol{X}, \boldsymbol{X} \in \boldsymbol{A} \wedge \boldsymbol{x} \in \overline{\boldsymbol{C}}\} =$

$= \{\forall \boldsymbol{X}, \boldsymbol{X} \in \boldsymbol{A} \subseteq \boldsymbol{C} \wedge \boldsymbol{X} \in \overline{\boldsymbol{C}}\} = \{\forall \boldsymbol{X}, \boldsymbol{X} \in \boldsymbol{C} \wedge \boldsymbol{X} \in \overline{\boldsymbol{C}}\} = \boldsymbol{C} \cap \overline{\boldsymbol{C}} = \emptyset$**,** барои ҳамин ҳам айнияти $\boldsymbol{B} = \boldsymbol{B}$ ҳосил мешавад.

Ғайр аз ин, муносибатҳои $\boldsymbol{B} \subseteq \boldsymbol{A} \subseteq \boldsymbol{C}$ ва $\overline{\boldsymbol{B}} \supseteq \overline{\boldsymbol{A}} \supseteq \overline{\boldsymbol{C}}$ – ро ба ҳисоб гирифта, ба воситаи диаграммаи Венн баробарии $\boldsymbol{A} \cap \overline{\boldsymbol{C}} = \emptyset$ иҷро мешавад.

Бояд гуфт, ки формулаҳои тавтологӣ оид ба мулоҳизаҳо ва предикатҳо бо кванторҳо дар вақти исботи тасдиқи ҷумлаҳои хулосабарорӣ оид ба маҷмӯъҳо васеъ истифода бурда мешаванд.

**Мисоли 3, [7]**. Системаи муодилаҳоро бо шартҳои додашудаи $B \subseteq A$, ва $A \cap C = \emptyset$: ҳал намоед:

$$\begin{cases} A \setminus X = B \\ X \setminus A = C. \end{cases}$$

**Ҳал:** Аз муодилаи якуми система баробарии $A \cap \bar{X} = B$ ҳосил мешавад ва аз он муносибатҳои воридшавии зеринро навишта метавонем.

$B \subseteq A \cap \bar{X}$ и $B \subseteq \bar{X}$. Акнун ба ҳарду тарафи баробари маҷмӯи $\bar{A}$ -ро ҳамроҳ мекунем. $\bar{A} \cup A\bar{X} = B \cup \bar{A}$, мувофиқи хосияти дистрибутивӣ табдил медиҳем.

$$(\bar{A} \cup A)(\bar{A} \cup \bar{X}) = B \cup \bar{A}, U(\bar{A} \cup \bar{X}) = B \cup \bar{A}, \bar{A} \cup \bar{X} = B \cup \bar{A}$$

$B \subseteq \bar{X} \subseteq B \cup \bar{A}, \overline{B \cup \bar{A}} \subseteq \bar{\bar{X}} \subseteq \bar{B}, \bar{B}A \subseteq X \subseteq \bar{B}$. (7)

Аз муодилаи дуюми система баробарӣ ва муносибатҳои зерин ҳосил мешавад: $X \cap \bar{A} = C$,

$C \subseteq X \cap \bar{A}, C \subseteq X$ и $C \subseteq \bar{A}$. Ба ҳарду тарафи баробарӣ маҷмӯи $A$-ро ҳамроҳ мекунем ва табдилдиҳӣ мегузаронем:

$$(X \cap \bar{A}) \cup A = C \cup A, (X \cup A) \cap (\bar{A} \cup A) = C \cup A, (X \cup A) \cap U = C \cup A,$$

$X \cup A = C \cup A, C \subseteq X \subseteq A \cup C$. (8)

Аз муносибатҳои (7) ва (8) барои X воридшавии зеринро ҳосил мекунем:

$A\bar{B} \cup C \subseteq X \subseteq \bar{B}(A \cup C)$ (9)

$A\bar{B} \cup C \subseteq X \subseteq A\bar{B} \cup \bar{B}C$. (10)

Аъзоҳои воридшавиро бо $C$ буриш медиҳем:

$CA\bar{B} \cup CC \subseteq CX \subseteq CA\bar{B} \cup C\bar{B}C$. Шарти система $AC = \emptyset$: $-$ро истифода мебарем

$C \subseteq CX \subseteq \bar{B}C, C \subseteq \bar{B}C, C \subseteq \bar{B}$ и $C = C$, барои њамин њам $\bar{B}C = C$.

Ва инро ба формулаи (10) мегузорем:

$$A\bar{B} \cup C \subseteq X \subseteq A\bar{B} \cup C.$$

Барои ҳамин ҳам мувофиқи шарти ҳаҷмнокӣ ҳосил мекунем:

$X = A\bar{B} \cup C$, яъне ҷавоб: $X = (A\backslash B) \cup C$.

Месанҷем: а) $A\backslash X = A \cap \bar{X} = A \cap \overline{(A\bar{B} \cup C)} = A \cap (\bar{A} \cup B)\bar{C} = A\bar{A}\bar{C} \cup AB\bar{C} =$

$= O \cup B\bar{C} = B\bar{C} = B$.

Мувофиқи диаграммаи Венн ҳам баробарии охирин дуруст аст.




Расми 1.

Мувофиқи ин расм $B\bar{C} = B$ мешавад.

б) $X\backslash A = X \cap \bar{A} = (A\bar{B} \cup C)\bar{A} = A\bar{A}\bar{B} \cup C\bar{A} = \emptyset \cup C\bar{A} = C\bar{A} = C$.

Баробарии охирин мувофиқи шарти система ва диаграммаи Венн дуруст аст.




$\bar{A}C = C$. Расми 2.

**Мисоли 4, [2], [7].** Системаи муодилаҳоро ба шартҳои $B \subseteq A \subseteq C$. ҳал кунед:

$$\begin{cases} A \backslash X = B \\ A \cup X = C \end{cases}$$

Ҳал. Аз $A\backslash X = B \Rightarrow A \cap \bar{X} = B \Rightarrow \overline{A \cap \bar{X}} = \bar{B}$

$$\begin{cases} \bar{A} \cup X = \bar{B} \\ A \cup X = C \end{cases}$$

Буриши тарафҳои мувофиқро тартиб дода, табдилдиҳӣ мегузаронем:

$$(\bar{A} \cup X) \cap (A \cup X) = \bar{B} \cap C$$

$$(\bar{A} \cap A) \cup \bar{A}X \cup AX \cup XX = \bar{B} \cap C$$

$$X(\bar{A} \ \cup A) \cup X = C \cap \bar{B}$$

$$XU \cup X = C \cap \bar{B}$$

$$X \cup X = C \cap \bar{B}$$

$X = C \cap \bar{B} = C\backslash B$

Ҷавоб: $X = C\backslash B$.

Месанҷем:

а). $A\backslash X = B$

б). $A \cup X = C$ $A \cup (\mathrm{C} \cap \bar{B}) = C$ $(A \cup \mathrm{C}) \cap (A \cup \bar{B}) = C$

где $A \cup \mathrm{C} = C$ $C \cap (A \cup \bar{B}) = C$ $C \cap U = C$ $C = C$

$$A \cap \bar{X} = B\ A \cap \overline{\bar{C} \cap \bar{B}}$$
$$= B\ A \cap (\bar{C} \cup B)$$
$$= B\ A\bar{C} \cup AB$$
$$= B\ A\bar{C} \cup B$$
$$= B\ \emptyset \cup B = B\ B$$
$$= B$$




Расми 3.

$$B \subseteq A \subseteq C, A \cup \bar{B} = U$$

**Мисол 5, [3], [7]**. Исбот намоед, ки системаи муодилаҳои

$$\begin{cases} A \cap X = \emptyset \\ B \cap \bar{X} = \emptyset \end{cases}$$

фақат ва фақат дар ҳолати $B \subseteq \bar{A}$ будан ҳал дорад. Ғайр аз ин, ҳалли система дилхоҳ маҷмӯи $X$ бо риояи шарти $B \subseteq X \subseteq \bar{A}$ мешавад.

Ҳал. Аз $B \cap \bar{X} = \emptyset$ ҳосил мекунем $B \nsubseteq \bar{X}$,

он гоҳ $B \subseteq X$ мешавад.

| | |
|---|---|
| $B \subseteq X$ | Айнан ҳамин тавр аз $A \cap X = \emptyset$ |
| $A \subseteq \bar{X}$ | $A \nsubseteq X$ |
| $A \cap B \subseteq X \cap \bar{X}$ | $A \subseteq \bar{X}$ |
| $\overline{A \cap B \subseteq \emptyset}$ | $\bar{A} \supseteq X$, |
| $A \cap B = \emptyset$ | $B \subseteq X \subseteq \bar{A}$, $X$-маҷмӯи дилхоҳ, яъне |
| $B \nsubseteq A$ | $B \subseteq \bar{A}$ шарти зарурии ҷой доштани ҳалли системаи додашуда аст. |
| $B \subseteq \bar{A}$ | |

Чи тавре ки дидем, системаи муодилаҳо оид ба маҷмӯъҳо бо методи алгебравӣ ҳал карда намешаванд. Яъне, алгоритми ҳалли ин гуна системаи муодилаҳо оид ба маҷмӯъҳо мавҷуд нест. Ҳама системаи муодилаҳо оид ба маҷмӯҳо ба воситаи муҳокимаҳои мантиқии алоҳида ҳал карда мешаванд.

Ҳамин тавр, назарияи маҷмӯҳо ва масъалаҳо оид ба маҷмӯҳо татбиқи васеи худро дар худи математика ва дигар илмҳои табиӣ доранд, ки барои ҳалли онҳо муҳокимаҳои мантиқии хеле нозук лозиманд.

Дар ҳалли масъалаҳои зиндагӣ, хусусан дар соҳаи тиб, истеҳсолот, соҳаи маориф, соҳаи ҳифз, дар санъат, дар шартномаи роҳбарони корхонаҳо, савдо ва муносибатҳои меъёрӣ ҷой доранд. Аммо баъзан дар минтақаҳои зикршуда ҳамин хел масъалаҳо дучор мегарданд, ки барои ҳалли онҳо муносибати махсуси мантиқӣ ва алалхусус кумаки техникӣ ё сиёсию давлатӣ лозим мешавад.

**3. Исботи баъзе муносибатҳои тавтологӣ бо маҷмуъҳо**

**Теоремаи 1, [4], [5] , [7]**. Барои дилхоҳ маҷмӯъҳои *A, B* ва *C*, бо шарти ҳаҷмноки формулаи тавтологии зерин ҷой дорад:

$A \cup B \subseteq C \Leftrightarrow (A \subseteq C) \wedge (B \subseteq C)$.

Исботи шарти зарурӣ. Мувофиқи таърифи якҷояшавӣ, зермаҷмӯъ ва хосиятҳои амалҳои мантиқӣ ҳосил мекунем:

$$(A \cup B \subseteq C) = [\forall x, (X \in A \cup B) \Rightarrow (X \in C)] = [\forall X, (X \in A \vee X \in B) \Rightarrow (X \in C)] =$$
$$= [\forall X, (\overline{X \in A \vee X \in B}) \vee (X \in C)] = [\forall X, (\overline{X \in A} \wedge \overline{X \in B}) \vee (X \in C)] =$$
$$= [\forall X, (\overline{X \in A} \vee X \in C) \wedge (\overline{X \in B} \vee X \in C)] =$$
$$= [\forall X, (X \in A) \Rightarrow (X \in C)) \wedge ((X \in B) \Rightarrow (X \in C))] = (A \subseteq C) \wedge (B \subseteq C).$$

Гузориши чаппаи ин муҳокимаронӣ исботи шарти кифоягиро медиҳад. Барои ҳамин ҳам мувофиқи теорема дар бораи тавтология, формулаи таҳлилшаванда тавтологияро ташкил медиҳад.

Ғайр аз ин, тавтологияи мазкурро боз ба воситаи методи табдилдиҳӣ исбот мекунем: $A \cup B \subseteq C \Leftrightarrow (A \subseteq C) \wedge (B \subseteq C)$.

а). Аввал импликатсияи тарафи ростро исбот мекунем:

$$A \cup B \subseteq C \Rightarrow (A \subseteq C) \wedge (B \subseteq C) \equiv$$
$$\equiv (\forall x, x \in A \cup B \Rightarrow x \in c) \Rightarrow [(\forall x, x \in A \Rightarrow x \in c) \wedge (\forall x, x \in B \Rightarrow x \in c)] \equiv$$
$$\equiv \left(\forall x, \overline{x \in A \vee x \in B} \vee x \in c\right) \Rightarrow \left[\left(\forall x, \overline{x \in A} \vee x \in c\right) \wedge \left(\forall x, \overline{x \in B} \vee x \in c\right)\right] \equiv$$
$$\equiv (\overline{p \vee q} \vee r) \Rightarrow (\overline{p} \vee r) \wedge (\overline{q} \vee r) \equiv (p \vee q) \wedge \overline{r} \vee [(\overline{p} \vee r) \wedge (\overline{q} \vee r)] \equiv$$
$$\equiv (p \vee q \vee \overline{p} \vee r)(p \vee q \vee \overline{q} \vee r)(\overline{r} \vee \overline{p} \vee r)(\overline{r} \vee \overline{q} \vee r) \equiv 1 \wedge 1 \wedge 1 \equiv 1.$$

б). Айнан ҳамин тавр айниятан ҳақ будани импликатсияи тарафи чапро нишон додан мумкин аст. Барои ҳамин ҳам формулаи додашуда тавтология аст.

**Теоремаи 2, [6], [7]**. Барои дилхоҳ маҷмӯҳои $A$, $B$ ва $C$, формулаи $(A \cap B \subseteq C) \Leftrightarrow (A \subseteq \overline{B} \cup C)$ тавтология аст.

Исботи шарти зарурӣ.

$$(A \cap B \subseteq C) \equiv [\forall X, (X \in A \cap B) \Rightarrow (X \in C)] = [\forall X, (\overline{X \in A \cap B}) \vee X \in C] \equiv$$
$$\equiv [\forall X, (\overline{X \in A \wedge X \in B}) \vee (X \in C)] \equiv [\forall X, (\overline{X \in A} \vee \overline{X \in B}) \vee (X \in C)] \equiv$$
$$\equiv [\forall X, (\overline{X \in A} \vee \overline{X \in B}) \vee (X \in C)] \equiv [\forall X, (\overline{X \in A}) \vee (X \in \overline{B} \cup C)] \equiv$$
$$\equiv [\forall X, (X \in A) \Rightarrow (X \in (\overline{B} \cup C))] \equiv A \subseteq (\overline{B} \cup C).$$

Аз ин ҷо ба монанди муҳокимаи исботи теоремаи 1, тавтология шудани формулаи боло ҳосил мешавад.

**Теоремаи 3, [7], [8], [9]**. Барои дилхоҳ маҷмӯҳои $A$ ва $B$ формулаи тавтологии зерин ҷой дорад: $[(A \setminus B) \cup B = A] \Leftrightarrow (B \subseteq A)$.

Исбот. Мувофиқи шарти $B \subseteq A$ ҳосил мекунем:

$$(A \setminus B) \cup B = (A \cap \overline{B}) \cup B = (A \cup B) \cap (\overline{B} \cup B) = (A \cup B) \cap U = A \cup B = A.$$

Агар шарти $(A \setminus B) \cup B = A$ – ро ба ҳисоб гирем, он гоҳ мувофиқи таърифи якҷояшавии маҷмӯъҳо муносибатҳои $(A \setminus B) \subseteq A$ ва $B \subseteq A$ иҷро мешаванд. Импликатсияи дутарафа дуруст будааст, барои ҳамин ҳам формулаи додашуда тавтология аст.

**Теоремаи 4, [7],[10].** Барои дилхоҳ маҷмӯъҳои $A$, $B$ ва $C$, формулаи тавтологии зерин ҷой дорад: $(A \subseteq B) \Rightarrow (AC \subseteq BC)$, ки дар ин ҷо зарби маҷмӯъҳо буриши маҷмӯъҳоро нишон медиҳад.

Исбот. Мувофиқи таърифи зермаҷмӯъ табдил медиҳем:

$$[(A \subseteq B) \Rightarrow (AC \subseteq BC)] = (\forall X, X \in A \Rightarrow X \in B) \Rightarrow (\forall X, X \in AC \Rightarrow X \in BC) \equiv$$

акнун аз формулаи баробарқувваи мантиқии $p \Longrightarrow q \equiv \overline{p} \vee q$ ва формулаи де Морган истифода мебарем:

$$\equiv (\forall X, \overline{X \in A} \vee X \in B) \Rightarrow (\forall X, X \in A \wedge X \in C \Rightarrow \forall X, X \in B \wedge X \in C) \equiv$$
$$\equiv (\forall X, X \in A \wedge X \in \overline{B}) \vee (\forall X, X \in \overline{A} \vee X \in \overline{C}) \vee (\forall X, X \in B \wedge X \in C) \equiv$$

акнун мувофиқи қонуни набудани ҳолати сеюм $P \vee \overline{P} \equiv 1$, ҳосил мекунем:

$$\equiv [(\forall x, (x \in A \vee x \in \bar{A}) \wedge (\forall x, x \in \bar{B} \vee x \in \bar{A})] \vee \left[\left( \forall x, x \in \overline{C} \vee x \in B\right) \wedge \left(\forall x \in \overline{C} \vee x \in C= \right.\right.$$

$$= \left(\forall x, x \in \bar{B} \vee x \in A \vee x \in \overline{C} \vee x \in B\right) \equiv 1$$

Ин ҳам як исботи нави тавтологияи додашуда аст.

**Теоремаи 5, [7], [11].** Барои дилхоҳ маҷмӯъҳои *A, B* ва *C,* формулаи тавтологии зерин ҷой дорад: $(A \subseteq B) \Rightarrow (C \mid B) \subseteq (C \mid A)$.

Исбот ба монанди исботи теоремаи 4 гузаронида мешавад.

$$(A \subseteq B) \Rightarrow (C \mid B) \subseteq (C \mid A) \equiv$$

$$\equiv (\forall X, X \in A \Rightarrow X \in B) \Rightarrow (\forall X, X \in (C \backslash B) \Rightarrow \forall X, X \in (C \backslash A)) \equiv$$

$$\equiv (\overline{\forall X, X \in A} \vee X \in B) \Rightarrow (\forall X, \overline{X \in C\overline{B} \Rightarrow} \forall X, X \in C\overline{A}) \equiv$$

$$\equiv \left(\forall X, \overline{X \in \overline{A} \vee X \in B}\right) \vee \left(\forall X, \overline{X \in C \wedge X \in \overline{B}}\right) \vee \left(\forall X, X \in C \wedge X \in \overline{A}\right) \equiv$$

$\equiv \left(\forall X, X \in A \wedge X \in \overline{B}\right) \vee \left(\forall X, X \in \overline{C} \vee X \in B\right) \vee \left(\forall X, X \in C \wedge X \in \overline{A}\right) \equiv$ баъди гузориш ва табдилдиҳӣ бо қонунҳои дистрибутивӣ ва $P \vee \overline{P} \equiv 1$ ҳосил мекунем: $\equiv (p \wedge \overline{q}) \vee (\overline{r} \vee q) \vee (r \wedge \overline{p}) \equiv 1$

**Теоремаи 6, [7], [12], [13].** Барои дилхоҳ маҷмӯъҳои *A* ва *B,* бо шарти ҳаҷмнокӣ формулаи тавтологии зерин ҷой дорад: $A \subseteq B \Leftrightarrow \overline{B} \subseteq \overline{A}$.

Исбот. Аввал импликатсияи ростро табдил медиҳем:

$$(A \subseteq B) \Rightarrow (\overline{B} \subseteq \overline{A}) \equiv (\forall x, x \in A \Rightarrow x \in B) \Rightarrow (\forall X, X \in \overline{B} \Rightarrow X \in \overline{A}) \equiv$$

акнун ифодаҳои предикатиро ба воситаи ҳарфҳои мулоҳизагӣ ишора мекунем: $(x \in A) = p, (x \in B) = q$

$$\equiv (p \Rightarrow q) \Rightarrow (\overline{q} \Rightarrow \overline{p}) \equiv (\overline{p} \vee q) \Rightarrow (\overline{\overline{q}} \vee \overline{p}) \equiv (p \wedge \overline{q}) \vee (q \vee \overline{p}) \equiv$$

$$\equiv (p \vee q \vee \overline{p}) \wedge (\overline{q} \vee q \vee \overline{p}) \equiv 1 \wedge 1 \equiv 1.$$

Айнан ҳамин тавр ҳақ шудани импликатсияи тарафи чапи формулаи додашуда ҳосил мешавад. Барои ҳамин ҳам мувофиқи теорема дар бораи тавтология формулаи мазкур тавтология мешавад.

Исботи ҳар кадом теорема нозукии ба худ хос дошта, ба воситаи табдилдиҳиҳои мувофиқи мантиқӣ иҷро шудаанд, ки боз ҳам шогирдон бо илми исбот будани мантиқи математикӣ дучор мешаванд. Ғайр аз ин, ба шарти теоремаҳои 1-6 ва раванди исботи гуногуни мантиқии онҳо шогирдон, донишҷӯён, бакалавр, магистрантон ва тадқиқотчиён таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар кори таълиму тарбия ва илмиашон истифода бурда метавонанд [14].

**Хулоса.** Ҳалли системаи муодилаҳои якномаълума бо маҷмӯъҳо бо шартҳои маълум, барои донишҷӯён ва тадқиқотчиён ҳам шоёни диққати илмӣ, амалӣ ва методӣ мебошад. Воқеан, дар ин ҷо барои ҳалли системаи муодилаҳо методи қолабӣ (стандартӣ), яъне алгоритми ҳал ҷой надорад. Барои ҳамин ҳам омӯзандагон дар ҷустуҷӯи методҳои ҳалли хосса бояд шаванд, зеро онҳо бо методҳои маъмулии ҳалли системаи муодилаҳои алгебравӣ кор кардаанд. Ҳамин тавр, ҷавонон, донишҷӯён ва тадқиқотчиён шоҳиди он мешаванд, ки агар дар рӯзгор ҳам масъалаҳои ғайриодатӣ дучор шаванд, пас бо роҳҳои мантиқӣ имконият, шарт ва шароитҳоро ба ҳисоб гирифта, аз пайи ҳалли онҳо шудан лозим аст. Баъзан ба кас масъалаҳое вомехӯранд, ки роҳи ҳалли онро аз дигар кас пурсида намешавад, яъне танҳо бояд худаш ҳал кунад. Барои ин захираи ақлӣ ва тафаккури мантиқӣ ёрӣ мерасонад [15].

Қисми дуюми мақола, яъне исботи алгебравии тавтологияҳо бо маҷмӯъҳо ҳам дар соҳаи мантиқи математикӣ ва назарияи маҷмӯъҳо ташаббуси илмӣ, эҷодӣ ва амалии калон аст, ки диққати тадқиқотчиён ва методистонро ба худ ҷалб менамояд

ва аз фарогир будани мантиқи математикӣ дарак медиҳад. Ҳамин тавр, формулаҳои айниятан ҳақ (тавтологияҳо) метавонанд дар ҳар соҳаи илм ва фаъолияти корӣ ёрирасон ва инкишофдиҳанда бошанд.

**Муқарриз:** ***Нугмонов Мансур*** **– доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Болтаев, М. Мантиқ. Китоби дарсӣ / М. Болтаев.- Душанбе: Маориф 1992.- 239с.
2. Глухов, М.М. Математическая логика. Дискретные функции. Теория алгоритмов. Учебное пособие, 1-е изд. / М.М. Глухов, А.Б. Шишков. - СПб.: Лань, 2012. - 416 с.
3. Гудстейн, Р.Л. Математическая логика / Р.Л. Гудстейн . - М.: ЛИБРОКОМ, 2010. -160с. 4. Игошин, В.И. Математическая логика: Учебное пособие / В.И. Игошин. - М.: ИНФРА-М, 2012.
5. Идиатулин, В.С. Математическая логика. Курс лекций. Задачник-практикум и решения: Учебное пособие. 4-е изд. / В.С. Идиатулин. - СПб.: Лань П, 2016.- 288 с.
6. Колмогоров, А.Н. Математическая логика: Дополнительные главы / А.Н. Колмогоров, А.Г. Драгалин. - М.: УРСС, 2016.-240с.
7. Лавров И.А., Максимова Л.Л. Задачи по теории множеств математической логики и теории алгоритмов. Москва 1975, 240 с.
8. Лихтарников, Л.М. Математическая логика. Курс лекций. Задачник-практикум и решения. 3-е изд., испр / Л.М. Лихтарников, Т.Г. Сукачева. - СПб.: Лань, 2008. - 288 с.
9. Осипов А.В., Лекции по высшей математике. Санкт-Петербург Москва-Краснодар 2014, 310 с.
10. Собиров А. Ш. Нормальные формы. Вестник Таджикского националного университета.- Серия естественных наук / А.Ш. Собиров. : Душанбе 2020, №2. – С.79-89.
11. Столяр, А.А. Педагогика математики / А. А. Столяр.- Минск.: 1986.- 414с.
12. Столяр, А.А. Логическое введение в математику / А. А. Столяр.- Минск.: 1971.- 224с.
13. Триумфгородских, М.В. Дискретная математика и математическая логика для информатиков,экономистов и менеджеров / М.В. Триумфгородских. - М.: Диалог-МИФИ,2011.- 180с.
14. . Шапорев, С.Д. Математическая логика. Курс лекций и практических занятий. / С.Д. Шапорев. - СПб.: BHV, 2005. - 416 с.
15. Шапорев С.Д. Дискретная математика. -Санкт-Петербург, 2009. - 396 с.


## АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ ШАРТИ ҲАҶМНОКӢ ДАР РАФТИ ҲАЛЛИ СИСТЕМАИ МУОДИЛАҲО ВА БАЪЗЕ ФОРМУЛАҲОИ АЙНИЯТАН ҲАҚ ОИД БА МАҶМӮЪҲО


Мантиқ, нутқ, забон, зеҳн, ақл, тафаккур, муқоиса, андеша, дониш ва дигар хислатҳо танҳо ба инсони солим тааллуқ доранд ва риояю истифодаи онҳо инсонро ба комёбиҳо, хусусан ба афзудани неъматҳои моддӣ, хотирҷамъӣ ва дарозумрӣ сазовор мегардонад. Шаклҳои гуногуни ҳал ва исбот дар ҳама соҳаҳои таълимӣ, илмӣ, корӣ, савдо, системаи аграрӣ, аъзоёни ҷамъиятро хусусан ҳифзи саломатӣ ва тадқиқотҳои ҳуқуқӣ, маҳорат ва ҷаҳонбинии васеъ ва зиндагиро пурфайз менамояд. Моҳияти мақолаи мазкур, тасдиқи суханҳои боло мебошад, ки дар он муҳокимаҳои илмӣ, амалӣ, методӣ, таълимӣ ва психологӣ ба таври устувор бо ҷаҳонбинии хоссаи математикӣ дарҷ гардидаанд. Дар рафти ҳалли системаи муодилаҳо бо маҷмӯъҳо, гарчи шарти ҳаҷмнокӣ бисёр истифода шудааст, вале методи ҳалли ҳар кадомашон аз якдигар фарқ мекунад. Тарзи исботи тавтологияҳо оид ба маҷмӯъҳо бошад, бо методи табдилдиҳӣ, яъне ба алгорифми муайян итоат мекунад. Ба ягон алгорифм овардани ҳисобкунӣ, ба ягон қонуни мантиқӣ ва тартиби илмии додашуда риоя кардан аст. Дар он соҳае, ки қонуну қоидаҳо риоя карда мешаванд, дар он ҷо якдигарфаҳмӣ, хурсандӣ, хушбахтӣ ва тараққиёт ҳаст.



**Калидвожаҳо:** шаклҳои гуногуни ҳал ва исбот, ҳалли системаи муодилаҳо, тарзи исботи тавтологияҳо, методи табдилдиҳӣ, алгорифми муайян.


## МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОБУЧЕНИЯ ПРИНЦИПУ ОБЪЕМНОСТИ В ПРОЦЕССЕ РЕШЕНИЯ СИСТЕМЫ УРАВНЕНИЙ И НЕКОТОРЫХ ТОЖДЕСТВЕННО ИСТИННЫХ ФОРМУЛ НАД МНОЖЕСТВАМИ


Логика, речь, язык, интеллект, разум, рассуждение, сравнение, мышление, знания и другие качества принадлежат только здоровому человеку, и их соблюдение и использование расширяет кругозор человека, ведёт к успеху, особенно приумножению материального благосостояния, душевного спокойствия и долголетия. Различные формы решений и доказательств во всех областях обучения, науки, работы, бизнеса, в аграрной системе, особенно в области здравоохранения и юридических исследований, расширяют навыки и мировоззрение всех граждан и обогащают их жизнь. Суть данной статьи - подтверждение изложенного выше утверждения, в котором отражены научные, практические, методические, образовательные и

психологические обоснования с уникальным математическим мировоззрением. В процессе решения систем уравнений над множествами хотя и широко используется условие объемности, но методы решения отличаются друг от друга. Метод доказательства тавтологических формул над множествами с помощью преобразования отвечает определенному алгоритму. Довести вычисление к некоторому алгоритму-значит, следовать некоему логическому закону и порядку данной науки. Где соблюдается закон и порядок, там имеет место взаимопонимание, радость, счастье и прогресс.

**Ключевые слова:** различные формы решений и доказательств, решение системы уранений, метод доказательства тавтологических формул, определенный алгорифм.

**METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF TEACHING THE PRINCIPLE OF VOLUME IN THE PROCESS OF SOLVING A SYSTEM OF EQUATIONS AND SOME IDENTICALLY TRUE FORMULAS OVER SETS**

Logic, speech, language, intellect, reason, reasoning, comparison, thinking, knowledge and other qualities belong only to a healthy person, and their observance and use expands a person's horizons, leads to success, especially increasing material well-being, peace of mind and longevity. Various forms of decisions and evidence in all areas of education, science, work, business, in the agricultural system, especially in the field of health care and legal research, expand the skills and worldview of all citizens and enrich their lives. The essence of this article is a confirmation of the above statement, which reflects the scientific, practical, methodological, educational and psychological rationale with a unique mathematical worldview. In the process of solving systems of equations with sets, although the volumetric condition is widely used, the solution methods differ from each other. The method of proving tautological formulas over sets using a transformation corresponds to a specific algorithm. To bring a computation to a certain algorithm means to follow a certain logical law and order of the given science. Where law and order are respected, there is mutual understanding, joy, happiness and progress.

**Key words:** various forms of solutions and proofs, solution of the uranium system, method of proving tautological formulas, a certain algorithm.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Собиров Абдусабур Шукурович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент. **Суроға:** 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**:+992907388038**,E-mail:**abdusabur-sobi@mail.r**u

**Сведения об авторе*:*** ***Собиров Абдусабур Шукурович*** - Таджикский национальный университет, кандидат физико - математических наук, доцент. Телефон:+**992907388038**,E-mail**:abdusabur-sobi@mail.ru**, **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author: Sobirov Abdusabur Shukurovich** - Tajik National University, candidate of physical and mathematical sciences, associate professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **+ 992907388038**, E-mail: **abdusabur-sobi@mail.ru**

**УДК: 372.862**

# ТЕХНОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ “ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР САНЪАТИ КАНДАКОРӢ”

***Бубиев М.Ч., Алламуродов Б.Н., Султонова Г.И.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,**
**Коллеҷи политехникии ноҳияи Данғара**

Аввалин ва қадимтарин нақши ороишӣ дар рӯйи чӯб кандакорӣ кардашуда мебошад. Инчунин, ҳайкали чӯбини басо зебои раққосае ёфт шудааст, аз намунаи беҳтарини санъати кандакорист. Кандакорӣ дар чӯб яке аз ҳунарҳои қадимтарини намуди санъати ороишӣ буда, дар меъморӣ (ороиши биноҳо), истеҳсоли ашёву анҷоми рӯзгор ва ғайра истифода бурда мешавад. Кандакорӣ яке аз намудҳои беҳтарини мероси ниёгон буда, одамон ба он аз давраҳои қадим шавқу рағбати зиёд доштанд [1, с.4].

Одамон ҳанӯз дар замонҳои пешин дар назди устодони кордон, касбу ҳунарҳои миллиро омӯхта, ин таҷрибаро то айёми мо идома додаанд. Кандакорӣ дар чӯбу гаҷ, сикказанӣ дар фулузот, тахтафилиз, наққошӣ, гилкорӣ, бофандагӣ, бӯрёбофӣ,

тӯрбофӣ, сабадбофӣ низ ҳунарҳои қадимаи миллии мо маҳсуб мешаванд.Бофтаи маснуот аз масолеҳи сабзанда-навдаву шоҳаҳои буттаву ниҳол аз давраҳои қадим боқӣ мондааст. Ҳангоми бозёфтҳои археологӣ дар тобути Тутанхамон (Мисри қадим) ду мизи бофташуда дарёфт кардаанд, ки то замони мо расида ва сифати худро гум накардаанд. Дар ҳудуди кишвари мо устоҳои чирадасте кору фаъолият доранд, ки ин ҳунари волоро бори дигар эҳё намудаанд. Бозёфтҳо собит сохтанд, ки ҳунари бофтагарӣ дар сарзамини мо таърихи тӯлонӣ дошта, ниёгонамон дар замонҳои дур аз навдаҳои дарахтон ашёи рӯзгор меофариданд. Ҳоло намунаи онро дар Суғду Хатлон, Бадахшон ва водии Ҳисор дидан мумкин аст [8, с.100].

Он замон санъати кандакории чӯб низ дар сатҳи хеле баланд арзёбӣ мегардид. Аз ҷумла, маҳалҳои аҳолинишини Афросиёб ва Панҷакент рақамҳои кандакоридашуда - раққосон, ҳайвоноти гуногун ва мавҷудоти мифологӣ, ҳокими дар тахт нишаста, муборизи ароба ёфт шуданд. Муҷассамаи беназири раққоса бо маҳорат ва завқи баланд сохта шудааст. Кандакор ҳаракати раққоса, либосҳо ва ҷавоҳироти ӯро бо дақиқтаринтарин ҷузъиёт нишон додааст [6].

Кандакорӣ, навъи санъати ороишиву пардозкорӣ, ки таввссути кандану буридани чӯб, филизот, гаҷ, устухон ва гил иҷро мешавад. Кандакориро барои зинат додани ашёи рӯзгор, ҷузъҳои меъморӣ ва ҳайкалтарошӣ ба кор мебаранд. Кандакорӣ, қадимтарин ва маъмултарин навъи санъати ороишиву амалии тоҷикон буда, анвои гуногун дорад: кандакории барҷастаи муқарнасӣ, барҷастаи нисбатан ҳамвор, умқӣ, ангорд, дутарафа (тӯршакл, панҷара, аррашуда) ва рӯйбаст.

Кандакориро рӯйи чӯби мақбараи Исмоили Сомонӣ (асри 10), мақбараи Чашмаи Айюб (асрҳои 14–17, Бухоро), рафҳои мақбараи Қуссам ибни Аббос (Самарқанд), айвони мақбараи деҳаи Чоркӯҳи Исфара, меҳроби Искандар (асри 10, ноҳияи Айнӣ), мақбараи Шайх Муслиҳуддин (асрҳои 14–15, Хуҷанд), мақбараи Сайфиддини Бохарзӣ (асри 14), дари Гӯри Мир (асри 15, Самарқанд) ва ғайра нақшҳои ҳандасӣ ва табиӣ дидан мумкин аст.Аз байни ҳунарҳои анъанавии Машриқзамин кандакории гаҷ аз ҳама мавқеи муҳимро ишғол мекард. Асарҳои эҷодкардаи устоҳои Осиёи Миёна бо композитсия ва тарзи иҷрои кор доимо фарқ намуда меистанд. Муҷассамаҳои меъморие, ки то имрӯз боқӣ мондаанд, ба монанди мақбараи Исмоили Сомонӣ дар Бухоро, масҷиди Шайх Муслиҳиддин дар Хуҷанд бо санъати ороишӣ худ машҳуранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Парлумони мамлакат солҳои 2019-2021-ро, Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон карданд, зеро беш аз 73 фоизи аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Чуноне ки Сарвари давлат иброз намуданд, барои бунёди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ва омода намудани даҳҳо ва садҳо ҳазор ҳунармандони соҳибкасб ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ 1 сол басанда нест. Ба ҳамин хотир, барои рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки мардуми тоҷик тӯли асрҳои зиёд дар рушду нумӯи илму фарҳанг ва ҳунари башарӣ саҳми арзанда гузоштааст. Ҳунарҳои мардумии мо бешумор буда, мо бояд онҳоро омӯзем ва тарғибу ташвиқ намоем. Зеро ҳунарҳои мардумӣ инъикосгари миллати тоҷик дар байни миллатҳои дигар мебошанд.

Ҳар як дарахт дар атрофи худ иқлими махсус бунёд мекунад, ки дар натиҷаи

алоқамандии он ба дунёи растаниҳо ва ҳайвонот инкишоф меёбад. Барои сохтани иншоот ва маснуоти аз чӯбу тахта фақат аз дарахтони бавоярасида ва ҷинси мувофиқ, ки синну соли онҳо 80 то 120 сол мебошад, истифода карда мешавад. Буридани дарахти бавоярасидаро мутахассиси соҳаи хоҷагии ҷангал "Таксатор" иҷозат медиҳанд. Калимаи "таксия" олмонӣ буда, маънои баҳодиҳӣ ба дарахтони бавоярасида мебошад. Ҳамаи масолеҳи аз чӯб ҳосилшуда, ки ҳолати табиии худро нигоҳ доштаанд, чӯбу тахта номида мешаванд. Аз ғӯлачӯб девори иморатҳои чӯбин, маснуоти гуногуни сохтораш чӯбин ва чӯбу тахта ҳосил карда мешаванд. Дарозии чӯбро бо тасмаметр чен мекунанд. Қутр ва дарозии ғӯларо муайян намуда, ҳаҷми он бо $м^3$ ҳисоб карда мешавад [7, с.21-22].




***Расми 1. Асбобҳо барои чен кардани диаметри чӯбҳо***

Кандакории ҳандасӣ аз комбинатсияҳои (мувофиқа кардан) гуногуни якчанд унсури асосӣ иборат аст, ки тавассути исканаҳои уребшакл ва нимдоира иҷро карда мешавад. Одитарин унсурҳои кандакории ҳандасӣ чоки дуқираи шаклҳои рост ва ё каҷест, ки бару чуқурии гуногундошта ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми такрор кардани чоки рости ба таври амудӣ ва таҳти кунҷ қарор гирифта, нақшу нигор пайдо мешавад, ки бо номи зинача ёд мешавад.



**Расми 2. Таҷҳизоти муосири кандакорӣ**

Чокҳои сеқира (секунҷа), ки аз рӯйи шакл, андоза ва тарзи иҷроишашон гуногунанд, аз ҳама бештар дар кандакории ҳандасӣ маъруфият пайдо кардаанд. Секунҷаҳои амиқ дар асос метавонанд баробартараф бошанд. Бандубасти ин секунҷаҳо нақшаҳои гуногуншакл, аз қабили ромб, печдор, морпеч, занҷира ва шаклҳои мухталифи ҷилодорро ба вуҷуд меоранд. Секунҷаҳои амиқ дар сатҳи масолеҳ низ метавонанад аз рӯйи шакл, андоза ва амиқӣ гуногун бошанд.

Ин гуна секунҷаҳоро дар кандакории мардумӣ бурҷак меноманд. Аз онҳо нақшаҳои шадда, гарда ва ғайра тайёр карда мешаванд. Бандубасти кунҷҳо ва секунҷаҳои амиқи шолуда шаклҳои нав ба навро ба вуҷуд меоранд. Ҳамчунин, секунҷаҳоро бо кандани чуқурчаҳои қираҳои тахминан якхела дошта, иҷро кардан мумкин аст. Аз ин хел кандани чокҳои сеқира расмҳои хушнамуд пайдо мешаванд.

Дар кандакории ҳандасӣ унсурҳои калонтар, яъне чокҳои чорқирадори гуногуншакл, аз қабили шаклҳои мураббаъ (квадратӣ), росткунҷа, ромбӣ истифода бурда мешаванд. Масалан, дастгоҳи муосири ширкатҳои хориҷӣ, дорои чунин функсияҳо мебошад.




***Расми 3. Таҷҳизоти кандакорӣ дар корхонаҳои коркарди чӯб***

Бо унсурҳои кандакории ҳандасӣ буридаҳо, чуқурчаҳои ҳалқамонанд дохил мешаванд, ки ба воситаи теғи уребшакл ва ё исканаи нимдоира ба иҷро расонда мешаванд. Иҷрои чокҳои сеқири каҷхата мушкилтарин унсури ҳандасӣ ба ҳисоб меравад. Аз шаклҳои унсурҳои ҳандасӣ истифода бурда, силсилаи нақшаҳои беохирро сохтан мумкин аст. Вале сифати ороиши кандакорӣ на танҳо аз рӯйи расмҳо ва бандибасту онҳо, балки ҳамчунин аз рӯйи сифати иҷрои кандакории он муайян карда мешавад.

Секунҷаҳо дар дигар унсурҳои кандакории ҳандасӣ мувофиқи имконият аз рӯйи қабати дарахт, яъне ба сӯйи сабзиши табиӣ ва инкишофи торҳои он бояд бурида шавад. Ҳангоми кандакорӣ аз рӯйи қабат теғи кандакор торҳоро дар ҷойи буриш ҳамвор мекунад ва ба боло суфта ва дурахшон мешавад. Баръакс, ҳангоми кандакорӣ ба муқобили қабати дарахт тарҳи дарахт канда ва боло бардошта мешавад ва дар натиҷа болои он носуфта ва хира мегардад.

Кандакорӣ дар рӯйи чӯби зефун осон, зуд ва хеле дақиқона иҷро карда мешавад. Барои машққунӣ масолеҳи тахтачаҳои андозаи 250-100мм$^2$-ро истифода мебаранд. Тахтача бояд ба таври дақиқ тарошида ҳамвор карда шавад (ҳатман мувофиқи ҷадвали секунҷа). Канори он бо дароизиаш бояд, ба таври амудӣ қарор дошта бошад. Сатҳи болои тахта бо ранда ва ё ҷафсранда тоза карда шавад.

Барои нишонагузории кандакориҳои ҳандасӣ маъмулан фақат хатҳои асосии нақша кашида мешаванд, ҷузъиётҳои майдааш бошад, мувофиқи нақша аз рӯйи дид чен карда шуда, ба воситаи исканаи уребшакл ба иҷро расонда мешаванд. Тарзҳои нишонагузории кандакориҳои ҳандасӣ ҳам барои масолеҳ мукаммал ва ҳам барои ҷузъҳои алоҳидаи он якхела аст.

Нишонагузорӣ бояд тавассути қалами сахт аз кашидани хатҳое, ки нақшаҳо аз ҳудуди он берун намебароянд, озод шавад. Хатҳо ба дарозии канори масолеҳ мувозӣ (хатҳои ҳамдигарро набуранда) бо ҳаракати даст ба сӯйи худ кашида мешаванд. Дар ин ҳолат бо ангушти калон, ишорати қаламро бо ангушти миёна ба канори масолеҳ такя намудан лозим аст.Хатҳои ба дарозии канори масолеҳ амудӣ, хатҳои таҳти кунҷи рост ҳамдигарро буранда ба ёрии секунҷаи дуредгарӣ, хатҳои таҳти кунҷҳои гуногун бо дарозии канора бо ёрии асбоби ченкунии кунҷҳои 45-135$^0$ дараҷагӣ ва асбоби ҷафскунанда кашида мешаванд. Пас аз кашидани хатҳои ҳудудии нақша фазои дохилӣ ба унсурҳои ҳандасии нақша: аввал чун қоида ба унсурҳои мураббаъ ва ё росткунҷаҳо ва баъдан ба секунҷаҳо тақсим карда мешаванд.

Хатҳоро ба қисмҳо ё ба воситаи хаткашак ё паргор тақсимкунанда ҷудо мекунанд. Тақсимкунии ҷузъиётҳои майда аз рӯйи худ сурат мегирад. Барои намуна дар таҳти кашидани баъзе нақшаҳо нишон дода шудааст. Ҳангоми нишонагузории морпечвор дар аввал ду хатти мувозӣ, ки ҳудуди барии тасмаи нақшаро муайян месозад, кашида мешавад. Сипас хатти мобайнӣ кашида мешавад. Баъдан аз ин росткунҷаҳо ва дар онҳо секунҷаҳо кашида мешавад.

Дар вақти нишонагузории нақшаҳо бо унсури кунҷҳо ва секунҷаҳои кашидашуда як тарафашро ба ду тақсим карда, хатти мувозӣ бо хатти дигар кашида мешаванд. Пораи ҳосилшударо боз ба ду қисм ҷудо намуда, хатҳои мувозии дигар кашида мешаванд. Ба ҳамин тартиб тарафи дигари секунҷа низ нишона гузошта мешавад.



***Расми 4. Таҷҳизоти кандакории сабтӣ.***

Барои ҳосил кардани ситораи 5-гӯша бо ёрии паргор доираро ба 5-қисм тақсим мекунанд. Нуқтаҳои ҳосилшударо бо ёрии паргор бо хатҳои моил ба ҳам пайваст кунем, ситораи тарафи рост пайдо мешавад. Ҳангоми нишонагузории нақши асосӣ росткунҷаи дохилӣ кашида мешавад. Тасмачаи канора ва нақши асосиро ба росткунҷаҳо, ки дар дохилашон хатҳои бурҷӣ (диагоналӣ) кашида мешаванд.

Секунҷаҳои ҳосилшударо метавон бо кашидани хатҳои амудиву уфуқӣ ба воситаи нуқтаҳои буриши бурҷҳо боз ба секунҷаҳои хурдтар ҷудо кард. Нишонагузории дақиқу мураттабонаи расмҳо ва ин расмҳо баъди бо ёрии асбобҳои нақшакашӣ (паргор, хаткашак) санҷидани бандубасти умумӣ ва қисм ба қисми ин расмҳо яке аз шартҳои асосии иҷрои сифати кандакории геометрӣ ба шумор меравад.



Дар замони муосир ба хотири эҳёи ҳунарҳои миллӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, корхонаҳо, коргоҳҳои ҳунармандон ташкил карда мешаванд. Ин марказҳои ҳунармандӣ таҳти роҳнамоии устоҳои машҳуру боистеъдод фаъолият мебаранд.Ҳунарҳои дастӣ дар инсон завқи бадеиро ташаккул дода, тахаммулу тозакориро тарбия менамояд ва дунёи ботинии шахсро ғанӣ мегардонад. Дар замони мо ҳунарҳое, ки замоне фаромӯш шуда буданд, эҳё гардида, арзиши маҳсулоти дастӣ нисбат ба молҳои оммавӣ меафзояд.



***Расми 6. Кандакорӣ дар гаҳвора ва сандуқ***

Ҳунарҳои халқӣ беҳтарин ва холистарин анвои санъат буда, ҳамеша ба ҳаёти инсон алоқамананд. Онҳо ҳисси зебоипарастии халқро таҷассум мекунанд. Гузашта аз ин, на фақат эҷоди асарҳои санъат, балки дастгирии ҳунармандони халқ, ки эҷодкорони зебоӣ ҳастанд, нишони камолот ва олиҳимматӣ мебошад. Ҳамаи фаъолияти эҷодӣ, иҷрои ҳалли вазифаҳои муайянро дар бар мегирад ва он на танҳо аз рӯйи фаҳмиш, балки аз фаъолияти равонӣ, меҳнатӣ, хулосаҳои нав аз дониш, маҳорату малакаҳои мавҷуда, ба даст оварда мешавад. Меҳнат яке аз воситаи муҳимми рушди психологӣ, тарбияи маърифатӣ ва ахлоқии ҳар як фард ба шумор меравад [9].

Чунонки В. Гюго иброз медорад: "Айни ҳол оянда, ба ду намуди одамон тааллуқ дорад: одами бофикр ва марди меҳнатӣ. Дар асл, ҳардуи онҳо як нафарро ташкил медиҳанд, зеро фикр кардан маънои меҳнатро дорад” [13, с.78]. Дар Тоҷикистон ҳунари кандакорӣ, яке аз касбҳои муҳимми меъморӣ ба ҳисоб рафта, бо нақшу нигорҳои кадакорӣ иншоотҳои фарҳангӣ ва миллӣ ороиш дода мешаванд. Бо кандакорӣ дар зарфҳои хотиравӣ, ҷиҳози хона, тасвир дар санг, ёдгориҳои меъморӣ ва таъмири биноҳо оро дода мешаванд [12]. Татбиқи дастовардҳои илмию амалӣ, идомаи анъанаҳои миллӣ, назардошти урфу одатҳо, омӯзиши таъсири равияҳои гуногуни санъат ба тарзи ороиши маснуот, вазъи тарбияи меҳнатӣ ва ҳунаромӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии олии кишвар беҳбудиро мехоҳад.

Санъати ороишӣ, ки бо зиндагии мо робитаи зич дорад, тариқи офаридани ашёи гуногун ва ороиши меъморӣ амалӣ мешавад. Дар намунаҳои санъати ороишӣ нақшу нигор дар шакли холис вуҷуд дошта наметавонад, он таҷассуми ҳамбастагии зебоӣ ва фоидаву зарурат мебошад. Инкишофи ҳунарҳои меъморӣ, кулолгарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, колинбофӣ ва кашидадӯзӣ ба рушди наққошӣ низ мусоидат кардааст. Намунаҳои нодири нақшу нигоре, ки бостоншиносон дар Тирмиз, Панҷакенти қадима ва дигар маҳалҳо дарёфтаанд, бозгӯи фарҳанги бою рангини гузаштагони мо ҳастанд. Наққошони тоҷик беҳтарин анъанаҳои ҳунармандони гузаштаро идома дода, санъати нақшофариро такмил додаанд. Имрӯз анъанаҳои ҳунари наққошӣ ҳангоми бунёду ороиши биноҳои фарҳангию маърифатӣ (тарабхона, чойхона, масҷид, қасри фарҳанг ва ғ.) корбаст мешаванд [4].

Чунин талоши устоҳои варзида буданд, ки дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат якчанд иншоотҳои бузурги аҳамияти миллӣ дошта қомат афрохтаанд. Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар сохтмони ин маҷмааҳо ҳунарҳои кандакорӣ симои биноҳоро боз ҳам зеботар намуданд.

Дар шаҳри Душанбе маҷмааи Кохи Наврӯз бо усули меъмории миллӣ соли 2015 сохта шудааст. Маҷмаа аз 5 ошёна иборат буда, наздики 40 ҳазор метри мураббаъ кори дастии ҳунармандони тоҷик мебошад. Ҳамчунин, 15 айвончаҳои хурду калони тобистона, фавворахои ранга ба бино шукӯҳу шаҳомат мебахшанд 11 толори маҷмаа

бо ҳунарҳои миллии тоҷикӣ, аз қабили гаҷкорӣ аз шишаҳои ранга, сақфҳои рангубор, чӯбкорӣ, сангтарошӣ оро дода шудааст.



**Расми 7. Симои беруна ва дарунаи маҷмааи Кохи Наврӯз**

Кушодашавии чойхонаи “Хуррамшаҳр” 19 марти соли 2010 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Э. Раҳмон ва президенти Ҷумҳурии Туркманистон Қ. Бердимухаммедов ва роҳбарияту коргарони ширкати сохтмонӣ ифтитоҳ гардид. Чойхонаи “Хуррамшаҳр” яке аз калонтарин чойхонаҳои Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад.

Дар сохтмони иншоот, кандакорӣ ва ороиши сутунҳои чойхона устоҳои номдори ватанӣ заҳмати зиёде кашидаанд. Онҳо кӯшиш намуданд, ки ҳунари волои худро аз нақшу нигори ниёгони миллати мо бо кандакорӣ дар чӯб тасвир намоянд [15].



**Расми 8. Чойхонаи “Хуррамшаҳр”**

**Нақшаи дарси амалӣ доир ба мавзӯи "Буриши чӯб ва навъҳои кандакорӣ"**

Наққошиҳои геометрӣ яке аз усулҳои содатарин ва қадима буда, ҳангоми буридан ба шумо танҳо як корди нӯгаш каҷи сохтмонӣ лозим аст. Одатан, чунин буришро барои ороиш додани тахтаҳои сатҳи ҳамвор дошта ва лавозимоти дохилӣ истифода мебаранд. Нӯгҳои қаҷи асбоб чунин афзалият доранд, ки онро дар буриши чӯб бештар истифода мебаранд ва аз ҳисоби шаклҳои гуногуни наққошӣ, онро геометрӣ меноманд. Мавриди буриши дурусти чӯб нақшу нигори зеборо тасвир намудан мумкин аст.

**Мақсади дарс:** Баланд бардоштани савияи дониши технологӣ ва истифодаи самараноки асбобҳои буриш дар кандакорӣ. Шинос намудани хонандагон бо шаклҳои гуногуни буриш.

**Вазифаҳо:**

- Омӯхтан ва омода намудани нақшу нигор аз чӯб.
- Шинос намудани хонандагон бо техникаи бехатарӣ.
- Омӯзиши буриш ва наққошиҳои гуногун.

**Асбоб ва лавозимоти истифодашаванда:** маводҳои тақсимотӣ; компютер; проектори мултимедӣ; захира барои кандакорӣ; асбобҳои буриш; корди каҷнӯл;искана

**Раванди машғулият: 1.***Қисми ташкилӣ*

- Пурсиши хонандагон
- Кадом намуди буришро медонед?
- Кадом намуди дарахтонро медонед?
- Ягон асбоби дуредгариро номбар намоед?

**Баёни мавзӯи нав:**Антиқаи наққошии геометрӣ дар замонҳои қадим на танҳо хусусияти ороишӣ, балки рамзӣ низ буд. Одитарин буриши геометрӣ дуқиррагӣ маҳсуб мегардид. Чунин ороишҳо бо андозаҳои гуногун, рост ва моил фарқ мекард.




***Расми 9. Наққошии геометрӣ***

Чоки серӯя ё чоки одӣ, аз ҷумла дар буриши геометрӣ зиёд истифода мешавад. Онҳо бо хусусиятҳои буриши наққошӣ аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунанд.



***Расми 10. Чоки серӯя ва одӣ***

Кордро бо мушт гирифта, ангушти калонро каме ба гардани корд фишор меорем. Ба корд чунон таъсир намоед, ки кунҷи хамиш 45-60$^0$ ба тарафи рост то 3 мм зиёд набошад.

Лаҳзаи буриши тахтаи ҳамвор дар охирҳои буриш фишорро ба корд кам менамоем. Сипас ду тарафи чӯбро дар самтҳои муқобил буриш намуда, қисмҳои боло ва поёнро чок мекунем. Пас аз азхудкунии малакаҳои буриши чӯб, хонандагонро бо шаклҳои мураккаби буриш шинос менамоянд. Ба монанди буриши контурӣ, ҳандасаӣ, кор бо искана, теша, корди сохтмонӣ, таҷҳизотҳои кандакории дастӣ ва ғайра. Кандакорӣ дар рӯйи миз, таваҷҷуҳи хонандагонро ба раванди кор торафт бештар мекунад. Дар ҷараёни кор, тафаккури хонандагон ташаккул ёфта, ба онҳо имкон медиҳад, ки минбаъд аз маҳсулотҳои гуногуни чӯбин, нақшу нигорҳои нав эҷод намоянд [2].Омӯзгор бояд дар охири машғулият, маводҳоеро, ки хонандагон аз чӯб омода намуданд, аз назар гузаронад. Дар анҷоми дарс тавсия дода мешавад, ки кори амалӣ натиҷагирӣ шуда, болои мизи корӣ тоза карда шавад [14].Ҳангоми таълими корҳои амалӣ бо дарахт, дар хонандагон малакаҳои сохтан ташаккул меёбанд. Дар ҷараёни сохтани асбобҳои одӣ аз дарахт, вазифаҳои тарбиявӣ низ омӯхта мешаванд. Аз ҷумла, эмин нигоҳ доштани дарахтон дар табиат. Хонандагон бо майлу рағбат машғулиятҳоро оғоз мекунанд, агар ба онҳо оиди таҷрибаҳои

устоҳои варзида, мутахассисони соҳаи сохтмонӣ, таҷҳизотҳои зарурии кандакорӣ ва асбобҳои дастрас маълумотҳои бештар диҳем [3, с.13].

Чӯбҳоро барои корҳои кандакорӣ аз моҳи октябр то моҳи январ коркард ва захира намудан муфид аст. Зеро рехтани об ё шарбати танаи дарахтон қатъ гардида, хавфи зарар ба шохаҳои он кам мегардад. Тахтаҳоеро, ки барои кандакорӣ пешбинӣ шудаанд, дар гармии 8-10⁰С хушк намуда, назорат мекунанд, ки ковок ва ноҳамвор нашаванд.Чӯб бояд, дар ҳуҷраи махсуси таълимӣ коркард шавад. Ҳуҷра бо ихроҷи ҳаво, таъминоти об, мизи корӣ ва таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз бошад. Асбоҳои нӯгтези кориро баъд аз анҷоми машғулият, дар қуттиҳои муҳофизатӣ ҷойгир намудан лозим аст [10].Самаранокии системаи рушди эҷодӣ дар машғулиятҳои технология мустақиман аз ҳолати заминаҳои моддӣ ва техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста аст. Шаклҳои гуногуни санъати ороишӣ, аз ҷумла кандакорӣ, истифодаи он дар раванди таълими технология, ба самаранокии таълими меҳнат, тарбияи эстетикӣ, завқи маърифатӣ ва ба ташаккули касбии хонанда таъсири мусбат мерасонад [5].

**Муқарриз: *Сатторов А.Э.* – доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**


1. Азизов А. Касбу ҳунари ниёгон (кандакорӣ ва чӯб). Воситаи таълимӣ/ А.Азизов., С.Раҳимов. – Хуҷанд: Саҳбо, 2001. –25с.
2. Гайфуллин И. Х. Возрождение народных ремесел (художественная резьба по дереву). https://nsportal.ru/shkola/tekhnologiya/library/2017/10/14/proekt-vozrozhdenie-narodnyh-promyslov-hudozhestvennaya-rezba (дата обращения: 28.03.2021г.)
3. Гульянц Э.К. Учить детей мастерить. Методическое пособие / Э.К.Гулянц. –Москва: Просвещение,1984г. –159с.
4. Дадобоева М. Н. Нақши анъанаҳои миллӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ [Манбаи электронӣ]. *URL:https://*www.komron.info (санаи истифодабарӣ: 14.03.2021)
5. Дикинов Х.М. Возрождение народных промыслов и ремесел (декоративно-прикладное творчество) как средство эстетическою и профессионального становления личности (на примере системы дополнительного образования Кабардино-Балкарии): автореф. дис... канд. педагог. наук: 13.00.01 / Х.М.Дикинов. –Москва, 1997. –22 с.
6. Искусство Средней Азии в раннем средневековье [электронный ресурс] *URL: https://*www.testhistory.ru (санаи истифодабарӣ: 1.03.2021)
7. Исломов С. Касбу ҳунар (Технология). Китоби дарсӣ барои синфи 6 (барои писарон) /С.Исломов., С.Раҳимов., А.Азизов. –Душанбе: Нашриёти "ФАРАС", 2005. –140 с.
8. Исломов С. Технология (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 7. /С.Исломов., С.Раҳимов., А.Азизов. –Душанбе: Маориф, 2015. –128 с.
9. Ломакина Т. Некоторые вопросы перспективы развития профессионального образования // Педагогика. –2006. –№10-11-12.
10. Лукащук Г. И. Возрождение ремёсел. Резьба по дереву. https://infourok.ru/issledovatelskaya-rabota-po-tehnologii-na-temu-vozrozhdenie-remesel-rezba-po-derevu-323629.html (дата обращения: 29.03.2021г.)
11. Селиверстов В.А. Что должен знать и уметь учитель технологии. //В.А.Селиверстов, журнал "Школа и производство". -2004. –№3.
12. Таджикские ремесла - Декоративная резьба [электронный ресурс] *URL:*https://comunicom.ru/kultura/14-remesla-tadzhikov
(дата обращения: 30.03.2021)
13. Тураева С.В. Зарубежная литература: Пособие по факультативному курсу для учащихся 8-10 классов/ Под ред. С.В. Тураева. - Москва: Просвещение, 1984г. –320 с.
14. Хлестов С.В. Рабочая программа творческого объединения «резьба по дереву» 2013-2014 учебный год [электронный ресурс] *URL: https://*www.kopilkaurokov.ru (дата обращения: 17.03.2021)
15. https://www.life.ansor.info.khuramshahr. (санаи истифодабарӣ: 17.03.2021)

## ТЕХНОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮИ "ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ДАР САНЪАТИ КАНДАКОРӢ"

Дар мақола оиди таърихи пайдоиши ҳунари кандакорӣ ва нақши он дар нақшу нигори биноҳо ва иншоотҳои фарҳангию фароғатӣ маълумоти муфассал гирд оварда шудааст. Қайд гардидааст, ки кандакорӣ яке аз ҳунарҳои беҳтарини мероси ниёгон буда, маҳз эълон гардидани солҳои 2019-2021" Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", касбҳои фарҳангии қадимаи миллати тоҷикро боз аз нав эҳё намудааст. Аз ҷумла, оид ба хизматҳои шоёни устоҳои чирадаст, санъати ороишӣ, меъморӣ, самараи маҳсули меҳнати онҳо дар маҷмааҳои таърихӣ, мисолҳои мушаххас оварда шудаанд. Намунаи асбобҳои дастӣ ва таҷҳизотҳои муосири кандакорӣ дар раванди таълими технология пешкаш карда шудааст, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар ҷараёни машғулиятҳои дарсӣ, аз он самаранок истифода намуда метавонанд. Тарзи кор бо чӯб, вақти ҷамъоварӣ, усулҳои омода намудан ва нигоҳдории масолеҳи чӯбӣ дар шароити муқаррарӣ, дуруст истифода намудани асбобҳои кандакорӣ, риояи техникаи бехатарӣ мавриди иҷрои кор, бо далелҳои машаххас ва расмҳои рангин фаҳмонида шудаанд. Боварӣ дорем, ки чунин маълумотҳо барои эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, бахусус ҳунари кандакорӣ, байни ҷавонони касбомӯз таконе хоҳад бахшид.

**Калидвожаҳо**: ҳунарҳои мардумӣ, методикаи таълими технология, наққошиҳои геометрӣ, буриши чӯб, ороиш, кандакорӣ, фаъолият, маҳорату малакаи касбӣ, сохтан, меҳнат.

## ТЕХНОЛОГИЯ ИЗУЧЕНИЯ ТЕМЫ "ВОЗРОЖДЕНИЕ НАРОДНОГО РЕМЕСЛА В РЕЗНОМ ИСКУССТВЕ"

В статье собрана подробная информация об истории и происхождения резного искусство и его роли в росписи зданий, культурно-развлекательных учреждениях. Было отмечено, что резьба является одним из лучших наследий народных ремёсел, и именно 2019-2020 объявлены годами развития сельского хозяйства, туризма и народного промысла, и когда просиходит возраждение культурных профессий древней таджикской нации. В том числе прославленные мастерство по резьбе, роспись и архитектура, эффективность их пременения в исторических архитектурных комплексах. Представлены образцы ручных инструментов и современного оборудования по резьбе, которые будут эффективно использованы в процессе занятий учителями общеобразовательных учреждений. Как работать с древесиной, время сбора, методы подготовки и содержания древесинных материалов в нормальных условиях, использование резного оборудования, соблюдение техники безопасности при работе, доказаны и обоснованы в цветных картинок. Мы считаем, что такая информация приведет к возрождению народных ремесел и резной профессии, станет толчком среди молодежи.

**Ключевые слова:** народные ремёсла, методика обучения технологии, геометрические роспись, резьба по дереву, дизайн, резьба, деятельность, мастерство и профессиональные навыки, мастерить, развитие просвещения, труд.

## TECHNOLOGY STUDYING THE TOPIC "REVIVAL OF THE FOLK CRAFT IN CARVINGS"

The article contains detailed information about the history and origin of carved art and its role in the painting of buildings, cultural and entertainment institutions. It was noted that the carving is one of the best legacy of folk crafts, and it was 2019-2020 who declared the years of the development of agriculture, tourism and national folk, and when the area of cultural professions of the ancient Tajik nation appears. Including glorified thread skills, painting and architecture, the effectiveness of their premented in historical architectural complexes. Samples of manual tools and modern carving equipment are presented, which will be effectively used in the process of educational teachers of general education institutions. How to work with a stick, the time of collection, methods of preparation and maintaining caring tools in normal conditions, the use of carved equipment, evangelizes the evidence of the score and colored pictures. We believe that such information will give a lot of to the revival of folk crafts, and carved artism, among vocational youth.

**Key words:** folk crafts, technology teaching technique, geometric painting, wood carving, design, carving, activity, mastery and professional skills, mastery, enlightenment development, labor.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Бубиев Мумин Чоршанбиевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи методикаи таълими физика. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ, 67. E-mail: **fakultet.fizikabk.ru.** Телефон: **(+992) 000-10-23-10**

***Алламуродов Боймуҳаммад Носирович*** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи методикаи таълими технология. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ, 67. E-mail: **b.allamurodov83@mail.ru** Телефон: **(+992) 905-03-51-23**

***Султонова Гулдаста Имомалиевна*** **-** Коллеҷи политехникии ноҳияи Данғара, омӯзгор. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи И.Шарифӣ, 56. E-mail: **aziza-2022@bk.ru.** Телефон: **(+992)**

**884-08-84-08**

**Сведения об авторах:** ***Бубиев Мумин Чоршанбиевич* –** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания физики. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица С.Айни, 67. E-mail: **fakultet.fizikabk.ru.** Телефон: **(+992) 000-10-23-10**
***Алламуродов Боймухаммад Носирович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат педагогических наук,, заведующий кафедрой методики преподавания технологии. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица С.Айни, 67. E-mail: **b.allamurodov83@mail.ru** Телефон: **(+992) 905-03-51-23**
***Султонова Гулдаста Имомалиевна* –** Дангаринский политехнический колледж, преподаватель. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица И.Шарифи, 56. E-mail: **aziza-2022@bk.ru.** Телефон: **(+992) 884-08-84-08**

**Information about the authors: Bubiev Mumin Chorshanbievich -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Physics Teaching Methods. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, S. Aini street, 67. E-mail: **fakultet.fizikabk.ru.** Phone: **(+992) 000-10-23-10**
**Allamurodov Boimuhammad Nosirovich -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, candidate of pedagogical sciences, head of the department of technology teaching methods. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, S. Aini street, 67. E-mail: **b.allamurodov83@mail.ru** Phone: **(+992) 905-03-51-23**
**Sultonova Guldasta Imomalievna -** Dangara Polytechnic College, teacher. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, I. Sharifi street, 56. E-mail: **aziza-2022@bk.ru.** Phone: **(+992) 884-08-84-08**

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ
## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ


***Негматова Ш.Р.*** Некоторые вопросы безопасности Центральной Азии в свете захвата талибами власти в Афганистане………… **5**

***Гуломов Т.М.*** Утверждение новой ценностной парадигмы в социально-религиозной жизни народов Центральной Азии………… **12**

***Волков И.В.***Историографический обзор исследования цивилизационной политики царской России в Средней Азии………… **21**

***Олимов М.А., Шерматов Г.А.*** Боевые действия 20-й таджикской Ордена Ленина Краснознамённой горно-кавалерийской дивизии на фронтах Великой Отечественной войны в 1941-1942 гг. **29**

***Муминова Х.А.*** Роль Народной артистки Таджикистана Барно Исхаковой в исполнительской культуре ''Шашмакома''………… **42**

***Негматова Ш.Р.***Республика Таджикистан в международных отношениях цар: векторы внешней политики………… **48**

***Ҳамза Камол*** Ахбори нодир роҷеъ ба ҳокими муғулии Мовароуннаҳр – Тармаширин дар «Сафарнома»-и Ибни Баттута............ **56**

***Эраҷи Меликиён*** Аҳмади Дониш ва ҷойгоҳи ӯ дар рушди ҳунари хушнависӣ............ **63**

***Олимов М.А., Абдуллоев Ҷ.Т.*** Ташаккул ва дурнамои ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар оғози асри XXI (солҳои 2001-2016)............ **68**

***Абдуллоев М.Х., Холмуродова М.Б.*** Аз таърихи таъсиси ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ..... **79**

***Қурбонова Зарина*** Ташаббусҳои ҷумҳурии тоҷикистон дар мубориза алайҳи терроризм ва экстремизм............ **89**

***Болтуев С. М.*** Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар **96**


## ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


***Халуторных О.Н., Максимова М.В.*** Социальная утопия как инструмент аттрактивного менеджмента: философский аспект………… **103**

***Каримов А.А.*** Андешаҳо оид ба аҳволи иҷтимоию сиёсӣ ва динию фалсафии тоҷикон дар асрҳои X-XII............ **111**

***Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ*** Фалсафаи иҷтимоии Қутбиддини Шерозӣ............ **122**

***Субҳонов С.И.*** Сарчашмаҳои таърихии омӯзиши мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад……………. **131**

*Мирбобоева Т.Х.* Роҷеъ ба таносуби омилҳои қонуниятҳои иҷтимоӣ ва намуди биологӣ дар ташаккулёбии ҷомеаи муосир………… **137**

***Саидова С. Н.*** Муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ ............ **143**


## ПЕДАГОГИКА


***Гусейнова Т.В***. О развитии лингводидактической теории и обучении русскому языку как иностранному в Таджикистане………… **153**

***Якубова Я.Н.*** Дистанционное образование как важнейшая подсистема воспитания и образования в современном мире………… **161**

***Абдуллоева Т.М.***Совершенствование профессиональной письменной речи студентов - таджиков **170**

***Маликова М.Н.*** Личностно-профессиональное развитие как необходимая константа творческого компонента деятельности педагога………… **178**

***Самадова И.Н., Диловаршозода Злашам*** Реализация принципа интегрированного обучения русскому языку и литературе в лингвокультурном преподавании русского языка………… **185**

***Абдуллаева А. У.,Таирова М. М.*** Развитие дизайн – образования в профессиональной подготовке будущих дизайнеров в вузе………… **194**

***Латипова П.А.*** Организация самостоятельной работы студентов при дистанционном обучении……… **200**

***Собиров Р.Р.***Комплексность учебно-воспитательного процесса воспитания свободы совести школьников средних общеобразовательных школ республики Таджикистан………… **208**

***Асророва Н.Ч.*** Статус игровой деятельности при формировании коммуникативной компетентности учащихся………… **214**

***Нугмонов М., Назаров А.П, Маҳмадмуродова Ф.А.*** Масъалаҳои умумии робитаи математика бо фанҳои табиӣ дар раванди таълим............ **221**

***Хоҷаева М.Ҷ., Азизов А.А., Сармусоқова Г.*** Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ………… **230**

***Хидиров Ғ., Баротзода К.А.*** Асосҳои дидактикии тайёрии касбии омӯзгорони оянда зимни ба роҳ мондани корҳои мустақилона дар таълими методикаи таълими биология............ **236**

***Байдуллоев Ш.С.*** Роҳҳои баланд бардоштани салоҳиятнокӣ дар омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ.... **245**

***Буриев Ф.К.***Моҳияти омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ............ **253**

***Расулов С.Н.*** Махсусиятҳои истифодаи траекторияи инфиродии рушди касбӣ дар раванди такмили дохилимактабии ихтисоси муаллимони физика…………………………………………… ***261***
***Маҳмудов И.М., Азизов А.А., Таирова М.М.*** Омӯзиши фанни математика тавассути барномаи мобилии «математикаи шавқовар» дар синфҳои ибтидоӣ................................................................ ***268***
***Норова З.И.*** Шароити педагогии ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим..................................................................................................................... ***276***
***Абдураҳмонов Ғолибҷон*** Омӯзиши илмии тарбияи тарзи ҳаёти солим ва заминаи ҳуқуқии он дар мактабҳои миёнаи умумӣ................................................................................................................ ***285***
***Саидзода И.М., Ҳайётов Қ.Э.*** Методикаи ташкили дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои миёна............................................................................................................................................. ***293***
***Гулов Д.Б., Ҳофизов А.М., Маҷидов Ҳомид*** Асосҳои педагогии таҳияи барномаҳои компютерӣ…… ***300***
***Собиров А.Ш.*** Асосҳои методии таълими шарти ҳаҷмнокӣ дар рафти ҳалли системаи муодилаҳо ва баъзе формулаҳои айниятан ҳақ оид ба маҷмӯъҳо....................................................................... ***307***
***Бубиев М.Ч., Алламуродов Б.Н., Султонова Г.И.*** Технологияи омӯзиши мавзӯи “Эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар санъати кандакорӣ”.......................................................................................... ***315***

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ:

1. Риоя намудани «Этикаи чопи мақола дар маҷаллаҳои илмии ДМТ»;
2. таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 мм;
3. ҳаҷми мақола: формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 15 саҳифа ва на беш аз 30 саҳифа;
4. индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
5. номи мақола;
6. насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падари муаллиф(он);
7. номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)и мақола кору фаъолият менамояд;
8. матни асосии мақола (на камтар аз 10 саҳифа; схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
9. рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 15 номгӯ адабиёти илмӣ. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад;
10. таваҷҷуҳи муаллиф(он) дар мақола ба таҳқиқоти қаблии доир ба мавзӯи мақола, ки дар маҷаллаи «Паёми ДМТ» ба нашр расидааст;
11. тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр (аз 150 то 200 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ;
12. дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
13. аризаи муаллиф(он) ба редаксия оид ба асолати мақола ва ризоияти чоп;
14. мақолаи аспирант/докторанти Ph.D/ унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ/мушовири илмӣ қабул карда мешавад;
15. мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад/доктори илм қабул карда мешавад;
16. маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
17. нишон додани манбаи иқтибос дар қавси чаҳоркунҷа [ ];
18. рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
19. маълумотномаи антиплагиати мақолаи бо забонҳои русӣ ва ё англисӣ таҳияшуда талаб карда мешавад.
20. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририяи силисиламаҷаллаҳои илмии ДМТ дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

## ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ:

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;
2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
6. Фамилия И.О. автора(ов)
7. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
8. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
9. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
10. Ссылка на предыдущие публикации научных журналов Таджикского национального университета по теме исследования приветствуется.
11. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме от 150 до 200 слов, ключевые слова 7-10 терминов;
12. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
13. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;
14. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;
15. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
16. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский);
17. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;
18. Нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки и перевести их оглавление/название на русском и английском языках;
19. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).
20. Статьи, поступающие в редакцию журнала, рассматриваются редколлегией журналов в течение 30 дней.

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 6 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2021. №3**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 41,625 усл. п.л. 8
Подписано в печать 28.05.2021 г. Заказ №2020/30-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе,